ШОДӢ РАҶАБЗОД

# ДАСТИ БОЛО

(Ҳикояҳо)

ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2022

барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

**ТДУ 891.550-3**
**ТКБ 84 тоҷик 7-4**
**Р - 47**

**Муҳаррир: Абдурауф Муродӣ**

Шодӣ Раҷабзод. Дасти боло / ҳикояҳо; – Душанбе: Ирфон, 2022, 264 саҳ.

Ҳикояҳои дар ин китоб гирдовардаи адиби хушсалиқа Шодӣ Раҷабзод мазмуну мухтавои рангину муассир ва хотирмон доранд. Ин ҳикояҳо мавзуъҳои гуногунро фаро мегиранд, вале мавзуъҳои ҷовидониву ифтихории адабиёт – ватандориву ватандӯстӣ, одаму одамгарӣ, некиву накукорӣ ва тарғиби хисоли ҳамида дар меҳвари онҳо қарор гирифтаанд.

Ҳикоя жанри мақбулу писандидаи адабиёт аст ва ҳаводорони зиёд дорад. Умед аст, ки ҳикояҳои китоби «Дасти боло» мақбули доираи васеи хонандагон ва боиси болидатабъии онҳо хоҳанд шуд.

**ISBN 978-99985-65-31-9**

**© Шодӣ Раҷабзод, 2022**
**© Ирфон, 2022**



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ПЕШГУФТОР

Ҷаҳон қафасест, ки инсони гирифтор дар он бояд порааш созаду бигрезад, гуфтаанд. Аммо инсон барои раҳоӣ аз ин қафас кам кӯшидааст ва гузашта аз ин, кору пайкораш аз он мегӯяд, ки бофтаҳои ин қафасро рӯзафзун тангтару тангтар мекардааст. Ва адабиёт дар муқобил исён кардаву даст дар гиребони осмон задаву барои тарҳи нав андохтан дар ҷаҳон Гилгамишу Прометейу Рустамҳоро даст ба кор кардааст. Ва кӯшидааст, дар канори ин ҷаҳони анбошта аз ҷабру ситаму дарду алам, ҷаҳони биногашта аз адолату ҳақиқатро бисозад ва инсони озоду сарбаланд дар онро бистояд. Ва ҳамин ҷаҳони ба муроди дили мо сохтаи адабиёт ночорамон мекунад, ки пайваста рӯ ба китоб орему китоб хонем. Ва ҳар кадоми мо китобҳое дорем, ки бо гузашти вақт пазмон мешавему борбор мехонем, зеро дунёе, ки дар ин китобҳо тасвир шудааст, моро хушоянд асту шодамон месозад ва оне чанд ин дунёи хашини занандаву газандаро аз миён мебардорад. Ва ин гуна адабиёт, ки номаш "адабиёти асил" асту бино ба гуфти нависандаи бузург Максим Горкий, одилона бузург! номида шудааст, ҳеҷ гоҳ ҳодисаву воқеаҳои ҳаёти ҷомеъаро васфу мадҳ накардааст.

Шодӣ Раҷабзод нависандаест, ки аз ҳамин пайроҳа меравад, рисолати адабиёту масъулияти адибро ҳамеша дар ёд дорад ва ҷаҳони кӯчаки худро месозад. Ва инро низ медонад, ки бе мутолиаи фароху дониши жарф даст ёфтан ба ин кор ғайримумкин аст. Ҳангоми суҳбат бо ӯ зуд дармеёбед,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net мурочиат кунед

адабиёти ҷаҳонро зиёд хондааст, ба чашми таҳқиқ хондааст, паёмҳои ошкору ниҳонеро дар хондаҳояш дарёфтааст, андешаву афкори муаллифро фаҳмидааст ва чизҳоеро дидааст, ки ақли даррок метавонад бубинаду дарёбад. Ва мавзуи гуфтугӯи ӯ ҳамешаву дар ҳама ҷо аз адабиёт аст.

Шодӣ Раҷабзод аз камшумор нависандагонест, ки асосан ҳикоя менависад ва дар ин ҷода комёбу муваффақ низ ҳаст. Комёб будани ӯ дар иншои ҳикояро ман дар парҳез аз тасвири беобуранги ҷараёни ҳодисот ва таваҷҷуҳ ба ботини инсону кӯшиши раҳ бурдан ба фарозу фурудҳои рӯҳиву равонии қаҳрамон дар пайванд ба рухдодҳо мебинам. Барои дастёбӣ ба ин мақсад ӯ қаҳрамонашро дар гирдоби пешафтодҳои душвору ногаҳонӣ меандозад ва дар ин фазову ҳаво ӯро ба мушоҳида мегирад, ниҳоду бунёдашро зерурӯ месозад ва фитрату сиришташро ба хонанда менамоёнад. Ва падидаи муҳим дар навиштаҳои Шодӣ Раҷабзод хушбинии ӯ ба зиндагӣ аст. Дар мавридҳое ҳатто, ки хонанда бовар мекунад, саранҷоми кор чандон хуб нест, муаллиф қаҳрамонашро дар ниҳоят бо роҳе аз нобудӣ мераҳонад ё воқеаро ба хубӣ меанҷомонад. Пессимизм дар офаридаҳои Шодӣ Раҷабзод кам ба назар мерасад. Дар пайванд ба ин гуфта бештари ҳикояҳои ҳамин маҷмуаро шоҳид меорам, ки хонанда инак дар даст дорад.

Чизи дигаре, ки гуфтанашро шарт медонам, забони навиштаҳои Шодӣ Раҷабзод аст. Забон, ба назари ман, рукни асосии асари бадеӣ мебошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Шодӣ Раҷабзод инро хуб медонад ва кӯшиши ӯ барои такмил додану ғаниву зебо сохтани забони нигоштаҳояш аз ҳикоя то ҳикоя эҳсос мешавад. Як вежагии забони ӯ истифодаи огоҳона ва бамаврид аз вожаву таркибҳои зебо дар забони зиндаи халқ мебошад, ки ба навиштаҳои ӯ рангу бӯи хос медиҳад. Дигар доварӣ ба ин китобро ба хонанда вомегузорем.

**Юнус Юсуфӣ,**
**нависанда**



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ШАБИ СИВУ ЯКУМ

- Биё, биё, бачем, чаро аз пушти тиреза поида-поида нигоҳ мекунию яке кучҷое ғайб мезанӣ? Ё шарм мекунӣ, ё ки маро тарсондан мехоҳӣ? Биё, биё, аз дар бидаро, охир, ин хона хонаи туст. Як моҳ зиёд шуд, ки озорам медиҳию диламро хун мекунӣ. Пайдо мешавию ғайб мезанӣ. Ин ҳавлию хона бо ту зеб дошт. Ҳар кучҷо, ки аз пайи коре ё зарурате баромада мерафтӣ, умед доштам, ки бегоҳ ё шомгоҳон орому бе ғавғо аз дар даромада меоӣ. Бубин, бе ту дигар дарахтони ҳота ба арвоҳ монанд шудаанд. Шаб нохостаю ногаҳонӣ овозатро мешунавам, ҳадаҳа дари хонаро кушода берун мебароям. Садоят мекунам.

- Манучеҳр, бачем! - мегӯям, - Биё, биё, пешам, диламро ғарқоби хун накун. Чашмонам обрав шудаву пеши поямро дуруст намебинам. Аммо ҷойи овози ширину марғуби ту садои чуғзи бехосиятро аз сари шохи чанори пири поёни ҳавлӣ мешунавам. Чу садои марг аст, ё ба ҳақиқат, овои марг аст? Ва дарахтони ҳота гӯё ба ҳаракат медароянд, чу одамон дар пиндору хаёлам коҳилона қадам мезананд. Арвоҳ ворӣ. Ё рӯҳи саргардони туанд, бачем?! Аммо… аммо ман наметарсам…

Зан, ки синнаш ба таки шаст расидааст, ҳар шаб яке аз хоб бедор мешавад, сарашро дудаста дошта, оҳи бадарде мекашад, ғайриихтиёр бархоста ба тиреза наздик мешавад ва чунонки ҳамин ҳоло сару сурати писараш равшан пеши чашмонаш ҳувайдо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гардида бошад, бо изтиробу нигаронӣ ва ташвишҳое беинтиҳо ба гуфтугӯю гилагузорӣ шуруъ мекунад. Ҳине ки суханони андуҳрезаш ба поён мерасанд, мегиряд, ибтидо пасту ношунаво, пас-он баланд-баланду муассир. «Эҳ, савдоӣ шудаӣ, оча, - хобаш парешон, духтараш, ки пас аз марги шавҳараш дар хонаи падар зиндагӣ ба сар мебарад, низ бо каҳолат ва дили нохоҳам бармехезад аз ҷогаҳи хоб ва ба модараш наздик мешавад. – Худатро чаро ин қадар азоб медиҳӣ? Медонам, медонам, ки марги фарзанд, боз ин ки писари шаҳ ворӣ базебу қадбаландат барои ту осон нест. Эҳ, хости Худо! Вале ин нолаву фиғон ва зери лаб пичир-пичиру ғур-ғуркуниҳо то кай давом меёбад? То кай? Шукр кун, оча, ки бародари дигарамон ҳаст. Ҷомаи домодиро дар қади ӯ дида, армон мешиканӣ. Медонам, дардат зӯр. Аммо чӣ чора. Аз дасти мо, бандаҳои хокӣ, чӣ меояд? Рӯзона ба сӯйи осмон нигариста, менолию ҳасрат мекунӣ. Оё аз боло, аз осмон ҷавобе ба тасаллои дилат шунидаӣ? Осмон хомӯш аст, хомӯши хомӯш. Намедонам чаро аз осмон домангир шудаем? Шабҳо бошад, ба назарат шабаҳи Манучеҳри додарам менамояд. Мегӯиву мегӯӣ, баъд берун мебароӣ. Фарёд мезанӣ. Оҳ, оҳ, ин чӣ сару савдост, ба Худо, намедонам, намедонам. Бас аст, оча. Тавба кун, ба худ ой, сари зиндаро ба гӯр бурда намешавад, охир…»

«Сари зиндаро ба гӯр бурда намешавад. Медонам, медонам …



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Аммо ман шабҳо Манучеҳрро мебинам, меояд, аз пушти тиреза ба даруни хона нигоҳ мекунад. Ҳо, ҳо, овозашро мешунавам.

Ҳо, ҳо, овозатро мешунавам, бачем. Дилам ба кафидан наздик мешавад. берун мебароям. Шамол мевазад, шамоли ҳардамхаёл. Аз кадом мавзею макони дуру ноошно меояд. Ба шохаҳои дарахтон мепечад. Ман нафаси баргҳои шохаҳои дарахтонро мешунавам. Оҳ мекашанд баргҳо. Ба ман бигӯ, бачем: чӣ ҳасрат доранд баргҳо? Чаро ту пинҳон мешавӣ? Ё маро мебинию ба дарахт мубаддал мешавӣ?

Ҷанори қадбаланди оча!

Решагардон шудию афтодӣ рӯйи замин. Шохаҳоят шикаст.

Медонӣ, ҳар рӯз як бор ба хонаи шаҳият медароям. Ба тахти шаҳии туи бебахт чашм медӯзам. Ду сандуқи калони пурнақшу нигор канори хонаат истода. Ду сандуқи пури молу манол. Либосҳои арӯс, бахту тахти туву ҳамсарат. Зору ҳайрон мондаанд. Охир, чӣ тавр ман девона нашавам? Ё девона шудаам? Ақли худро барвақт бохтаам? Оҳ... воҳ... даҳ сари сол дар Расия будӣ. Ҷон коҳондӣ, мардикори русҳо будӣ. Мерафтию меомадӣ. 19 - сола будӣ, бо гузашти даҳ сол ба 29 даромадӣ. Мегуфтам, ки хонадорат мекунам. Ҳиҷ зӯрамон намерасид. Хонаҳомон куҳнаю фарсуда буданд. Раҳматӣ падарат як умр дар ба дари мардуми деҳ мардикорӣ мекарду бо азобу машаққат ҳамин ду кулбаро сохт. Чӣ кунем, ки дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

пешониямон аз азал Холиқи якто камбағалию нодориро навишта будааст. Эҳ, ҳушам ба куҷо рафт? Ҳа, ҳа, мехостем, ки саратро ҷуфт кунем, Манучеҳри оча. Корҳоят хуб буданд. Пули нағз мефиристодӣ. Гуфтам, ки бачем, синну солат ба ҷое расидааст, вақт аст, то зан диҳемат. Гуфтӣ, ки не, ҳоло ба зангирӣ дер намешавад. Хонаҳои нави замонавӣ сохтан лозим. Одамон ин кулбаи ҳақиронаи моро дида, ба ҳоламон механданд. Аввал хонаю дари зебову мунаққаш месозам, баъд аз пайи зангирӣ мешавам. Ҷонатро дар азоб мондӣ. Усто шуда будӣ. Битони хона рехтӣ, деворҳоро бо хишти пухта бардоштӣ. Дар байни ду сол хонаро сохта тайёр кардӣ. Дар панҷаҳои ҳунаррезат ҷонам, бачам. Ба хок бурдӣ дастони зебоятро. Пул надоштем, ки ҷиҳози арӯсро бихарем. Гуфтӣ, ки боз ба Расия меравам, оча. Ду соли дигар заҳмат кашида, пул роҳӣ кардӣ. Молу манол ва ҷиҳози арӯсро харида, дар сандуқҳо ҷой кардем.

***

Он фасли хазон Манучеҳр хурсанду болида баргашт аз Русия ва тасмим гирифт, ки ниҳоят суре барпо хоҳад кард ва зан хоҳад гирифт. Модар ҳамроҳи тағояш рафтанд ба хонаи Сайидои шофир. Хостгорӣ. Сайидо духтаре дошт, ки низ солаш рафтаю касе ба ӯ харидор набаромада. Розӣ шуд Сайидо, посухи мусбат дод ҳамсари Сайидо. Рӯймол даронданд, аз қавле. Фотеҳа карданд Шабнамро ба Манучеҳр.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Молу колои тӯй, маводи ғизоиро мехарему тӯйро сар мекунем, - гуфт як субҳ модар ва бо шавқи бепоён ба Манучеҳр бингарист. Ба рӯйи Манучеҳр сурхӣ давид. Шармиду хиҷолат кашид.

- Кош, отаат зинда мебуду тӯйи шаҳиятро дида, орзую армон мешикаст,-оҳ кашид модар ва афзуд:- Азоб кашида, дар як рӯзи гарми тобистон ин олами равшанро падруд гуфт. Ҳамон субҳи муаттар Шамси Ҷаббор ба хонаамон омад ва падаратро розӣ кунонд, ки алафи дар адир будаи ӯро бидаравад. Аммо бемор буд падарат.

«Поям намекашад, - гуфт вай, - мазаам нест. Табъам хира, қувват надорам.»

«Ҳаққи коратро пешакӣ медиҳам»,-дилпур кард падаратро Шамси Ҷаббор ва пули хизматашро пешаш гузошт. Соли вазнине буд. Орд надоштем. Нон набуд. Гуруснагӣ…

Ва бо дили нохоҳам доси русиро гирифта, сӯйи адир раҳсипор гардид падарат. Бо пойи худаш рафту …

Нисфирӯзӣ ҳамдеҳагон сар-сари даст бардошта, ҷасадашро ба хона оварданд. Дар рӯйи хона мехобид. Оҳиста-оҳиста варам кард. Гуфтанд, ки ҳашараи заҳрогине (шояд каждум ё ғунда бошад) газидааст ӯро. Фолбинӣ мекарданд мардум. Хайр… дар насибааш будааст, бачем. Баъди сари падарат азобҳое кашидам, ки нагӯ. Калонатон кардам. Ба ҳамааш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

шукр. Шукр, шукр. Ана ту, Манучеҳри оча, марди хонадон ҳастӣ. Умедам ба ту. Ку, тӯйро сар кунем.

Вале тӯй ба зудӣ баргузор нашуд. Гап-гапи чоҳу чоҳканӣ сар шуд.

Оча, оча! Худо бигирад ҳамон чоҳу чоҳканира. Олам дигар шуду мардум бе оби нӯшиданӣ монданд. Ҷанг корашро кард. Қубурҳои об, ки ба хонаҳои мардум гузаронида шуда буданд, қисме вайрон ва қисмашро одамон ба яғмо бурданд. Фурӯхтанду пул карданд. Тӯйро сар мекунем гуфтеду Манучеҳр ҳамроҳи дӯсти айёми мактабиаш Фарҳод ба чоҳканӣ дар хонаҳои ҳамдеҳагон шуруъ карданд. Борҳо ба ӯ гуфтию таъкид кардӣ, ки дигар вақти чоҳканӣ нест, бачем. Вақт мегузарад. Тӯйро сар кардан даркор. Кори хайрро чаро қафо партоем? Хосияти хуб надорад. Манучеҳр механдиду мегуфт, ки парво накун, оча. Чоҳро бе пул намеканем-ку! Пул магар зарар дорад? Аз чӣ бошад, шитобзада менамуд. Чоҳи хонаи фалонӣ нимкола мондааст, чоҳи хонаи бисмадонӣ об надорад. Мӯзаҳои резинӣ дар по, бели дастакӯтоҳ ва зоғнӯлеро гирифта мебаромаду мерафт ҳамроҳи Фарҳод чоҳканӣ ва қарибиҳои шом бармегашт. Имрӯзу пагоҳ-имрӯзу пагоҳ гуфт, ки як моҳ пушти сар шуд. Ёд дорӣ, оча, дигар сабру тоқатро аз даст дода, шикояту шиква пеши тағоям бурдем. Тағоям, оташи ғазабаш афрӯхта гардида, шомгоҳе ба Манучеҳр насиҳат кард. Овозаш баланд гардида, «дигар бас аст, чоҳканӣ. Аз пагоҳ аз пайи тӯй



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мешавем. Пагоҳ-фардо зимистон медарояду барф мезанад. Гапи ман тамом. Ҷаҳламро набиёр» - гӯён баромаду рафт. Аммо... марг гӯё аз паси Манучеҳр пойида мегаштааст.

Оҳ, оҳ, охир ғофилгир кард додарҷони ба ҷон баробарамро.

***

Субҳ ширчои гармро нӯши ҷон карда, мӯзаҳои резинӣ ба по, бели дастакӯтоҳу зоғнӯлро гирифта, Манучеҳр аз хона баромаданӣ шуд. Модар аз хоби шаб дидааш меандешид. Бедимоғ буд.

- Куҷо меравӣ? - гуфт ранҷидахотир ба Манучеҳр. - Охир, насиҳати тағоят чӣ шуд? Боз ин ки ... шаб падаратро дар хоб дидам.

- Падарамро дар хоб дидӣ? - ҳайрон шуд Манучеҳр ва лаҳзае андешаманд ба пеши пояш нигарист. - Чӣ гуфт падарам?

- Ҳеҷ чиз, - ҷавоб дод модар ва лаб газид. – Лекин...

- Чӣ «лекин»?

Маъюсу ошуфта буд ва нигоҳаш ранҷур.

- Хайр, хоб-да, оча. Зиқ нашав.

Манучеҳр гоме чанд гузошту баргашту ба модараш нигарист ва хандон – хандон гуфт:

- Ҳамин рӯз чоҳи хонаи холаи Саймоҳро канда тамом мекунем. Худо хоҳад, бо ҳамин ба чоҳканӣ нуқта мегузорем. Фардо дар тараддуди тӯй мешавем. Чӣ гуфтӣ, очаҷон?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Вай ба ҷавоби модараш мунтазир нашуда, бошитоб роҳ ҷонибы хонаи Саймоҳ гирифт.

***

«Эҳ, оча. Аҷал як моҳ Манучеҳрро дунболагирӣ кард. Манучеҳр мисли падарам бо пойи худаш рафту қарибиҳои намози аср ӯро саркашол бардошта оварданд. Либосҳояш-куртаву шимаш олудаи хоку лою об, дар як пояш мӯзаю як пойи дигараш луч. Даҳону бинияш хуншор. Чашмонаш, чашмони софаш боз буданду нигоҳаш ҳайратомез. Фарҳоди дӯсташ, пайкараш дарақ-дарақ меларзид, аслан ҳарфе ба лаб оварда наметавонист. Пурсидем, ки чӣ воқеа рӯй дода?

- Ман … ман дар боло будам, Манучеҳр дар поён, дар даруни чоҳ. Замини сахте буд. 15 метр кандем, - Фарҳод монанди ваҳшатзадагон гоҳе хомӯш монда, ба издиҳоми мардум нигаҳ медӯхт.

- Баъд чӣ шуд? - суол дод касе аз ҳозирбудагон.

- Баъд… баъд… ман сатилро дароз карда будам, ки хоки кандаи Манучеҳрро ба боло кашида барорам. Ногоҳ… садои гурумбас зада, ламидани хок баланд шуд. Чангу ғубор андаруни чоҳ паҳн шуд. Ҳарчанд фарёд кардам, дигар овози Манучеҳрро нашунидам. Бандро боло кашиданӣ шудам, аммо банд намеҷунбид. Хам шуда, ба поён нигаристам, дар чоҳи пурхок, касеву чизе наменамуд. Ин фалокат ногаҳонӣ рӯй дод. Аз дасти ман дигар чӣ ҳам меомад?!. Ана,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

баъд ину он дарро кӯфта, мардумро ба ёрӣ чеғ задам…

Одамон гӯё модарамро тасалло медода бошанд, ки аз ҳар даҳон садо мебаромад:

- Чӣ кор карда метавонӣ, насиб будааст, насиб.

- Ҳо, Худованд ҳар чизеро, ки ҳангоми дар батни модар будан дар саҳфаи пешонияат навишта бошад, онро надида илоҷ надорӣ.

- Аз қазову қадар ҷойи гурез нест.

- Шукри Аллоҳро ба ҷо овардан шарт аст.

- Замине, ки чоҳ кандаанд, хеле сахту шӯх будаасту… дар поён қабати нарму мулоим баромадааст. Ҳамон қабат ламидаву Манучеҳрро пахш кардааст.

- Ҳайфи ҷавонмард. Аз дунё чизе надида меравад.

- О, э бача, ҷиҳози тӯяш тайёр буд. Рӯзҳои наздик бояд хонадор мешуд.

- Ҳайф, ҳайф…

***

«Биё, биё, бачем. Чаро аз пушти тиреза поида-поида нигоҳ мекунию яке ғайб мезанӣ? Дигар зиқ намешавам. Апаат Фотима маро насиҳат мекунаду тасалло медиҳад. Хаёли дилаш, ки яхи синаам об мешуда бошад. Оҳ-воҳ, бачаи нохӯрдаю нопӯшидаи оча. Охир, аламам бисёр аст. Аз фалаки бераҳм домангирам. Ҷонат доим дар панҷаи азоб буд. Аз Расия меомадию дар деҳа ба мардум дасти ёрӣ дароз мекардӣ. Дар мачит ҳашар буд. Қарибиҳои чошт



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

хабар оварданд, ки Манучеҳри бачаат аз болои чинори солманди мачит ғалтидаву ҳолаш вазнин аст. Саркану покан (оламу одам пеши чашмонам сиёҳ буду замину осмон дар пиндорам давр мезаду давр мезад) ба мачит расидам. Аз таги шохаву навдаҳои ғафсу бузурги чанор ҷисматро кашон-кашон берун оварданд ҳамдеҳагон. Як дасту поят шикаставу аз даҳону бинията хун заҳида, дандонҳоят низ шикаста буданд. Гуфтам, ки кайҳо мурғи рӯҳ колбадатро тарк кардааст. Гиристам. Лекин… зинда мондӣ. Бори дигар дар хонаи кампири Мастура барқ задат. Симҳои барқашро соз мекардӣ. Ҷон аз дасту пойҳоям баромад, сӯйи хонаи Мастура давидам. Дар пешайвони хонаи кампир, рӯйи як қабат кӯрпача беҳуш мехобидӣ. Пеши худ гуфтам, ки аниқ мурдааст. Духтур бурдемат. Не, насибаат пур нашуда будааст, ки зинда мондӣ. Манучеҳри қадбаланду ростинаи оча! Неке дар хонаи Саймоҳ беиродагӣ кардӣ, бачем. Ин хел беҷасорату беирода набудию… намедонам, ки …

О, ту худатро зинда дар гӯр кардӣ. Рафтию дар гӯр даромадӣ. Вай чоҳ набуд, гӯр буд, гӯр. Эҳ, бачем, бачем. Як умр аҷал аз қафоят поида-поида мегашт. Охир дарёбат кард, ҷоятро ёфт. Ман ҳам меравам аз думболат, меравам ба ҳамон гӯр медароям. Дигар дар рӯйи замин зиндагӣ кардан (бе ту), Офтобу Моҳро назора намудан (бе ту), аз ҳавои тоза нафас кашидан (бе ту) барои ман ҳаром аст, бачем. Ту дар қаъри



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

замин, дар хонаи зулмат хобу... ман роҳату баҳузур дар рӯйи замин гардам? Равшаниро чӣ кунам? Меравам, меравам, инак.

...Зан дарро оҳистаю беовоз кушода, калӯшҳояшро ба по карда, қадам заду қадам зад. Аз дарвозаи кабудфоми оҳанин (ин дарвозаи баланду бошаҳоматро низ Манучеҳр харида буд) баромаду ҳамчунон кӯтали назди хонаашро сарнишеб шуд.

«Меравам ба қабристон. Ба хонаи қабрат медароям, Манучеҳри ҷон. Наход, танҳо бихобӣ? Не-е, танҳо намемонамат. Сари зиндаро охир ба гӯр мебарам. Ҳо, ҳо...

***

«Шаб баногоҳ аз хоб бедор шудам. Дидам, ки ҷогаҳи модарам холист. Ҷонҳавл ҷастаму берун баромадам. Дар ягон гӯшаю канори ҳавлӣ набуд модарам. Баҳромро бедор кардам. Дукаса ба кӯчаи деҳа баромада, аз пайи ҷустуҷӯи модарам шудем. Медонӣ, тағо, на дар роҳи калон ёфтемаш, на дар кӯчаю паскӯчаҳо. Шаби дароз гаштему гаштем. Субҳдам ба назди мазори деҳа расидем. Дар сари гӯри Манучеҳр шабаҳе чу арвоҳ рост меистод. Модарам буд. Бо азоби зиёд фиребу тақал карда, ба хона овардемаш. Тағо, тағоҷон, ягон роҳи наҷотро ёфтан даркор. Модарамро аз даст медиҳем. Тағо, тағо...»

- Намедонам, намедонам. Чӣ кор кунам? - пушти сар хорид мард ва ба Фотима суоломез нигарист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Дар сарам як фикр омадааст, тағо,-гуфт Фотима ва ба умед ба тағояш нигарист. – Меравем ба хонаи Сайидои шофир.

- Хонаи Сайидо? Барои чӣ? - тааҷҷуб кард тағояш.

- Меравему духтарашро ба Баҳроми додарам хостгорӣ мекунем. Хайр, кори шудагӣ шуд, мегӯем. Насибу қисмат ҳамин будааст. Молу маноле, ки барои тӯйи арӯсии Манучеҳр харида будем, рахаш нашикаста дар сандуқ хоб аст. Мегирему мебарем. Никоҳ карда, духтарашонро ба хонаамон меорем. Ба Сайидову занаш мефаҳмонем.

- Чиро мефаҳмонӣ? - ҳамчунон ҳайратзада пурсид тағояш.

- Мефаҳмонем, ки модарам нобуд мешавад. Аллакай савдоӣ шудааст. Он тарафашро боз кӣ медонад?

Мард дафъатан пушти сар хорида, ба дарёи андешаю хаёл ғарқ гардид.

- Намедонам, намедонам, - пичиррос зад вай. Ва гоме чанд ниҳода, ба уфуқи дур нигарист.

- Хайр, як таваккал мекунам. Намедонам, ки Сайидову занаш ба ин кор розӣ мешуда бошанд?

***

- Э,э, чува ранги дару тирезаҳо сурханд? Бигирен, сафедшон кунен. Дар назарам ранги хун ворӣ метобанд. Ман аз ин ранг дилгирам. Либосҳои хунолуди бачем пеши назарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Оча, ранги дару тирезаҳо сурх нестанд-ку? Ё ба назарат намудааст?

- Суп-сурханд дару тирезаҳо. Аз дару тирезаҳо хун мешорад. Бигирен, сафедшон кунен. Безорам шудам аз ин ранг…

Баҳромро фармудам, ки ба хотири суханони модарам дару тирезаҳоро, ки аслан ранги осмонӣ доштанд, сафед кунад (бардурӯғ, албатта!). Хаёли модарам парешон буд. Ба тағоям гуфтам, ки агар дер кунем, вай аниқ девона дар пуштаву саҳро мешавад.

Ҳамроҳи тағоям рафтем ба хонаи Сайидои шофир. Аҳволи модарамро ба пуррагӣ фаҳмондем. Аз чӣ бошад, хомӯшии Сайидову ҳамсараш афкори тарснокеро дар мағзам ба зуҳур овард. Буғз гулӯямро фушурда, андуҳе бекарона ба деворҳои қалбам панҷа зад. Беихтиёр гиристам. Оби чашмонам дарё шуд.

Барои Манучеҳри ғӯрамарг гиристам.

Барои ҳоли зори модарам гиристам.

Барои рӯзи вазнине, ки ба сарамон омадааст, гиристам.

- Гиря накун, духтарам, - оҳанги тасалло дошт суханони Сайидо. Вай андешаманд ва бо розу рамзе, ки бароям номаълум буд, ба занаш нигарист.

- Мо ҳам одамем. Дар сина дили инсонӣ дорем. Як фикр мекунем. Ку дили Шабнамро фаҳмем. Зану шавҳар ба хонае, ки Шабнам он ҷо буд, даромаданду дар чашм ба ҳам задан бозпас аз поғундаҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

пешайвон фуромада, наздамон омаданд. Сайидо кӯтоҳ, вале қатъӣ гуфт:

- Равед, ҷиҳози арӯсро омода кунед. Ҳамин рӯз никоҳ мекунем Шабнамро бо Баҳром. Кори савоб аст…

***

Бе шӯру валвала, тантанаю ҳангомаю овоза арӯсро ба хонаи шаҳ оварданд. Дар хонае, ки Манучеҳр бояд шаҳди висол мечашид, чодари арӯсӣ заданд. Баҳром ҷо гирифт дар бари арӯс. Арӯс пироҳани нафиси арӯсӣ дар тан, дастҳо дар меҳвари сина ба хидмат омода буд. Модари Манучеҳр ба ин манзара бингариста, ҳайрон-ҳайрон аз арӯс чашм намеканд. Дастархон мегустурд, чой меовард арӯс.

- Оча, - гуфт Фотима рӯ ба модар оварда, - келин фаровардем. Сари Баҳромро ҷуфт кардем. Фаҳмидӣ? Дигар зиқ нашав, ҳазён нагӯ. Бароҳат хоб рав шабҳо. Сӣ шаб шуд, ки азоби бедорхобӣ мекашӣ. Баҳромро ба ҷойи Манучеҳр ҳисоб кун.

- Майлаш, майлаш, - аз ҷо бархоста ба назди арӯсу шаҳ омад модар ва:

- Дар қадду қомати базебтон садқа, бачаҳом, - гуфта аз рухсораҳои арӯсу шаҳ бӯсид.

- Ба ҷойи Манучеҳр бошӣ, Баҳромҷон. Зиндагитон шаҳду шакар гардад.

***

Имшаб яке аз он шабҳое буд, ки зан орому осуда ва бароҳат сар ба болин гузошта мехобид. Садои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мураттабу муназзами нафаскашии вай ба гӯши Фотима чун навои форам мерасид.

«Хоб рав, хоб рав, оча. Нав ба шаст даромадӣ. Сутуну муттакои дили моӣ. Намехоҳем туро осон аз даст бидиҳем. Шукр, шукр, ки аз ҳамаи ин дарду ғам раҳоӣ ёфтем. Ҳазор мартаба шукр».

…Пас аз сипарӣ гардидани нуҳ моҳ ҳамсари Баҳром тифле ба дунё овард. Писарча. Ва номашро Манучеҳр гузоштанд.

Бибӣ набераашро як лаҳза ҳам аз оғӯши худ раҳо намекард ва мебӯсидашу шукрона мегуфт:

- Нусхаи амакии Манучеҳраш. Манучеҳри бачам зинда аст. Дар чашмои рахшонаш садқа…»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## САРНАВИШТИ ДУ ТАН

Он бегоҳ вай, ҷавонмарди тақрибан 30-35-сола, ки дар донишгоҳ кор мекард, аз ҳаррӯза дида барвақттар савори автобуси зардфоми тамғаи «Икарус» аз шаҳр ба деҳа баргашт. Вақте буд миёни асру шом. Поёнтари ҳавлии худ аз автобус фуромадан замон овози пурдарду ҷонхарошро шунид. Фиғону нолаи саге буд, ки мустақиман ба мағз мерасид, эҳсосро ангезиш медод, торҳои асабро ба ларза меовард, ба аъзои бадан паҳн мешуд ва дилро мефишурду рӯҳро афсудаву асири ҳузни лобаён месохт. Ҷавонмард бе ҳеҷ андешаву тардид пай бурд, ки ин нолаи ҷонгудози саги сафеди ӯст, ки аз ҷӣ бошад, торафт, ба андозаи ба хонааш наздик шудани вай ҷонгудозонаву ҳасратзотар мегардид ва хонаи гӯшро ба қомат меовард.

Борони нарме меборид, чу тораҳои симин қатраҳои он ба сари рӯ расидаву хаёлу хотираро парешон месохт. Насиме аз дуриҳо, шояд аз худи дараҳои кӯҳӣ вазидаву то ба ин макон расида, бӯйи атромезу махмуркунандаи гулу гиёҳони ваҳширо меовард, ки аз роҳи димоғ ба нафас меомехт, ҷонро роҳату кайфият мебахшид. Ҷавонмард аз ин атри насими нохоста аз куҷо ба пайдо омада, мазза карда, ба ҳирс ҳаворо амиқтар ба дарун кашид. Аммо...

Фиғону ғиреви саг косаи сарашро пур кардаву боридани боронаки афсонавию афсунгар ва бӯйи атри гулу гиёҳони кӯҳӣ ва насими навозишгарро, ки бӯса ба чашму лабу рухсораҳо мезад, ба тамом пахшу маҳв сохта, ӯро ба олами садоҳои бимовару



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

таҳлукаангез тела дод. Вориди ҳавлӣ гардида, ҷавонмард мутаваҷҷеҳи нолаи пурдарди саг шуд, ки аз ҷониби ҳезумхона меомад.

Не, ин нолаи саги безабон не, балки фиғону гиряи монанд ба навҳаи одамӣ буд, ки то ба дили гардун мерасид, синаро сӯрох-сӯроху дилу ҷигарро об мекард. Ҳоло аз вазъи саг хабардор нашуда, нохоста нафас дар гулӯи ҷавонмард гиреҳ зад, ғаме аз хонаи дил вуҷудашро ба сӯзиш оварда, дар сурати қатраҳои ашк чашмонашро пур кард.

«Мисли инсон мегиряд, месӯзад, ҷон меканад. Чӣ балое ба сари саг омада, ки ингуна бо фиғони худ оламро зеру рӯ карда. Дарде домангираш шуда. Маълум, ки дар вартаи фаност.» Мустақиман гоме чанд ба сӯйи ҳезумхона гузошт. Ҳамсараш маъюсу абругирифта ва хотирпарешон шохҷорӯб дар даст аз сӯйи ҳезумхона меомад.

- Чӣ воқеа рӯй дода? – пурсид аз зан ва овозаш хастаю пасту гирифта баромад. -Саги зираку донои хонадон чаро менолад?

Зан лаби рӯймоли гулдори рангбохтаашро зери дандон гирифтаву нигоҳашро гурезонд:

- Ба саг марги муш додаанд, беинсофҳо.

- Чӣ, ту чӣ мегӯӣ? – ғазаб кард ҷавонмард ва бо оҳанги дареғ сар ҷунбонд:

- Охир, ин саг мӯреро озор намедод. Кадом нокаси фурӯмоя ба ин амали зишт даст зада?

- Вақтҳои охир…

- Чӣ, «вақтҳои охир?»

- Ман инро ба ту нагуфта будам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Хайр?

- Мурғҳои ҳамсояи дасти чапамон аз мӯрӣ ба ҳавлиамон даромада, на зироат монданду на раҳрави тоза. Сагамон, саги боақлу баҳушамон мурғҳоро пешандоз карда, то хонаи ҳамсоя мебурд. Эҳ, дилам гувоҳӣ медод, ки як рӯз не, як рӯз фалокате сар мезанад. Ана…

Баъд зан ба нақлаш идома дода, афзуд, ки қарибиҳои пешин саг сархаму беқарор аз поёни ҳавлӣ пайдо шуд. Пакару парешон ва паст - паст нолишкунон зери дарахти чормағз омада ғелид. Вазъашро ба дурустӣ пайхас накарданд. Як вақт нолаи баланд – баландаш ба гӯш расид.

- Завқу хушҳолии ҳаррӯзааш аз байн рафта, рӯйи ғарами ҳезумҳо ҷо гирифта, якзайл фиғон мекашад, - оҳ кашид зан. - Аз пешин то ин дам бадард меноладу менолад. Маълум, маълум, ки дилу ҷигараш сӯхта, ҷонаш ба ҳалқаш омадааст.

- Ноодамҳо, золимон, бадгуҳарҳо, - пичиррос зад ҷавонмард ва ба ҳезумхона сар даровард.

Саг, ки пашми баданаш сафеди бирешимранг буд, дар ковокии ҳезумҳо ғунча шуда мехобид, аъзои пайкараш дарақ-дарақ меларзид. Мегирист, бо садои баланд, одамвор мегирист. Дарди беамон панҷа бар ҷонаш зада, сӯзиши тавонкоҳ афсурдаву хурду нотавонаш карда буд. Дигар аз хуррамию нишот чизе намонда буд дар чашмони саг, ки Пахмоқ ном монда будандаш, баръакси ин ҳама, тӯфони дард дар оинаи дидагони саг мавҷ мезад, ба ин чашмон, ки олам – олам дардро дар худ ғунҷонда буд, нигаристан амали



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

саҳлу осон набуд. Аз чашмони Пахмоқ сиришки талхи алам ба ду бари рӯяш ҷорӣ шуда, вай дигар пайкарашро ҷунбонда наметавонист. Як махлуқи безабон бо дарди кушандаи дерёз дар байни Замину Кайҳони беохир гир афтода, ҷон меканд. Дард воқеан зӯр буд, нолаи саг фазои ҳезумхонаро пур карда, тадриҷан ба берун, рӯйи ҳавлию хонаҳои ҳамсоягон нуфуз карда, то хеле роҳ густариш меёфт.

- Хез, Пахмоқ, хез аз ҷоят, - ба саг наздик шуда нарму мулоиму навозишкорона хитоб кард ҷавонмард. – Мард шав, ба дард тан надеҳ. Охир, ту як лаҳза орому қарор надоштӣ. Аз ин канори ҳавлӣ то он канораш медавидаю ҳаллос мезадӣ, мепаридию меҷаҳидӣ. Се сол дар як чашм задан гузашт. Калонакак шудӣ. Мунису ҳамнафасу ғамшарики хонадон будӣ. Ба ҳеҷ кас озор намерасондӣ. Одамонро, чи хурду чи бузург, дӯст медоштӣ. Ҳама мегуфтанд: чӣ саги меҳрубону софдил аст. Ҳузури ҷони соҳибаш. Аммо... ҳайҳот.

Саг гӯё намехост нолишу оҷизии ӯро соҳибаш дар панҷаи дарди маргзо бубинад, ки як он хомӯшӣ ихтиёр кард, сар ба қафаси сина кашид. Нигоҳи чашмонашро гурезонд. Вале оё дардро, боз ин ки захрero, ки хунро фосиду дилу ҷигарро батадриҷ хӯрдаву сӯрох мекунад, метавон осон пинҳон кард?

«Инсон бадбахт аст, - пажвок зад ҷавонмард бо ғазабу танаффури ошкоро, - аз азал ҷойгоҳи бузургеро Худованд насибаш кард – биҳишт. Аммо фармони Худойро набурд ва дар банди нафсу худхоҳӣ ба ҷазо гирифтор шуду дар замин афтоду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

овора. Инак, як умр хоҳони он аст, ки дар он дунё боз биҳишт насибаш гардад. Бо ҳамин сангдилию бераҳмӣ, бо ҳамин кинаю адоват, бо ҳамин ҳисори рӯини қалби пурғилу ғаш?!

Садқаи биҳишту меҳрубонию авфи Худованд шавад».

Ҷавонмард инони сабру таҳаммул аз даст дода, сари дастархон дилу бедилон нишаст. Ҷуз як пиёла чой чизе ба даҳон набурд. Овози саг қиёмате барпо карда, басо имдодталабона ба гӯш мерасид. Аҳли хонадон хомӯшу сокит, банди хаёлҳои сангини худ буданд. Вазъи воқеан ҷонгудову навмедзо ҳукмрон буд.

- Ба саг даррав ҷурғот нахӯрондед? - гиреҳ дар абрувон пурсид ҷавонмард аз ҳамсараш. - Охир, мегӯянд, ки агар заҳре фурӯ бурда бошад, чи одам, чи ҳайвон, ҳар чи зудтар ба ҳалқаш ҷурғот ё зардоби дӯғ бирезанд, садди роҳи фалокат мешавад. Модарам (Худо раҳматаш кунад!) ҳамин хел мегуфт.

- Не, ҳеҷ коре анҷом надодем, - оҳ кашид зан. - Даступохӯрда шудам, баъд гуфтам, ки шояд ҳамааш мегузарад. Чӣ донам, ки заҳри ҳалоҳилро фурӯ бурдааст.

Ҳамсари ҷавонмард чин дар абру, ғаму ҳасрат дар хонаи чашмон, хомӯш монд лаҳзае ва ба мард дубора рӯ овард:

- Дигар ҷойи фикру андешаи зиёд ва оҳу афсӯс нест. Сагамон лаҳзаҳои охирини ҳаёташро пушти сар мекунад. Ин ҳам насибу хости Худованд. Аз умри Пахмоқ вақти каме мондааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Лаҳзаҳои охирини ҳаёт, умри кам», пичиррос зад мард ва гӯё ҷигарбандаш дар ҳоли ҷон ба Ҷаббор супурдан бошад, ба сӯйи ҳезумхона қадам зад.

Саги вай аслан аз сагҳои таърифию машҳур, ки сифоташ нуқли суҳбати мардум дар маъракаю дар ҷодаҳои деҳ бошад, набуд. Аз паси касе аккосзанон намедавид, барои туъмае, пораи устухоне ҷонашро ба лаб оварда, хира шуда, банди ҳирсу озу ниёз ва тамаъ гардан намеёзонд. Вале мардуми деҳ бе ин ҳама мешинохтанд Пахмоқро. Медонистанд, ки вай сагчаи меҳрубони ҷавонмард аст, ба хусус, вақте ки пагоҳиҳо ҷавонмард озими шаҳр мешуд, аз қафои вай то роҳи калони мошингард тохтаю бозӣ карда, гӯшҳояшро ба таври аҷибе ҷунбонда мерафт, ба таври худ гусел мекард соҳибашро. Ва то он даме ки ҷавонмард ба кадом мошине савор намешуд, саг дар бараш меистод. Ҳамин ки мошин ҳаракат карда, дар хамгашти роҳ аз назар нопадид мешуд, умедаш канда шуда, Пахмоқ оҳиста-оҳиста ба сӯйи хонаи соҳибаш бармегашт. Инак, ҷонаш дар қабзаи шадиди дард аз сӯзиши дилу ҷигар сало мезанад:

«Эй одамон, ин чӣ коре буд, ки дар ҳаққи ман раво дидед?»

Нолаю ғиреви саг ҳамчунон баланду баланд шуда, мегуфтӣ, боми осмонро меларзонд. Аммо осмон хомӯшу сокит буд. Ҷавонмард муддате назди ғарами ҳезумҳо, ки саг ҳамоно он ҷо наҳва мекашид, рост истода, гӯё нафасҳои вопасини сагро мешумурда бошад, дандон ба дандон монда, саъй мекард, то оби дидагонашро касе набинад. «Мо, инсонҳо,чӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

офаридаем? Охир, чаро ба ҷони махлуқе аз худ пасттар ҷабр мекунем? Бигузор, ки саге не, мурғе бошад, ё гунҷишке, ё мӯри нотавоне. Оё тавоноию нерумандии мо танҳо баҳри он аст, ки ин махлуқотро бо бераҳмии махсус ба ҷон кандани пуразоб гирифтор кунем? Соҳибамалу вазифадорем ё тақводори порсо, ки ба хотири гузоридани панҷ вақт намоз сӯйи масҷид мешитобем. Кӣ, ки набошем… Э, хок бар сарат Инсон!!» Ҷавонмард ин гуна андеша меронд ва ноилоҷу ночор қафо гашт. Баъдтар, ҳини сар ба зери кӯрпа кашидану хоб кардан низ овози имдодхоҳонаи саг аз дару деворҳо гузашта, ба мағзи ҷавонмард хутур карда, хонаи қалбашро лабрези дарду ғами тавонкоҳ намуд.

«Ё Худои меҳрубон, кай ин азоб ба охир мерасад? Кай?» - зери лаб гуфт ҷавонмард ва аз ҷогаҳ бархоста, сарашро дудаста дошта, назди тиреза омад. Ба соат нигарист, ки нуҳ шуда буд.

Аммо дар ин лаҳза ҷавонмард хабар надошт, ки…

***

Дар қисмати болои деҳ, дар хонадоне аз хонадони ҳамдеҳагон нолаю ғиреве паҳн шуда, дилро обу ҷигарро алмосвор пора-пора мекард. Ин фарёду фиғони писаре буд, ки ҳамроҳи бибиаш зиндагӣ мекард. Писарак дар синфи шашум мехонд, шӯху беқарор буд, гоҳо бо ҳазлҳои худ мавриди таъзиру танбеҳи омӯзгорон қарор мегирифт. Падараш пирмарди 70 – сола ва бародаронаш тоҷир буданд ва зиндагии нишотангезу хуррамонае доштанд. Бо ин ки дар деҳ соҳиби хонаю ҳавлии боҳашамате буданд, дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

шаҳри калон низ, дар қабати чаҳоруми бинои назди бозор, ки доиман шулуғу сарғавғо буд, хонаеро, ки дорои панҷ ҳуҷра буд, дар ихтиёр доштанд. Пирмард соҳиби сарвату мошини сабукрав буд, пирона фароғат мекард, нияти ба ҷо овардани маросими ҳаҷро дар сар мепарварид. Вай одате дошт, ки ҳамроҳи зану писари бузургаш (писари дувумӣ дар Русия ба тиҷорат машғул буд) аксар ҳангом, хусусан, айёми зимистону баҳорон рӯзашро дар шаҳр, дар ҳуҷраҳои гарму барҳаво мегузаронд ва ҳафтае як -ду маротиба ба деҳа омада, аз вазъи гову мол ва хонаю ҳавлӣ хабар мегирифт. Баъд аз ин, гӯё яке ба ёдаш писари хурдӣ ва модари пираш мерасид. Ва ба таври муқаррар ба писараш таъкид мекард:

- Гову молро нағз нигоҳубин кун. Агар ему алафашон кам монд, даррав бигӯ. Лекин…

- Аз ҳоли саломатии бибият ҳам бохабар бош, - мегуфт маънидорона. - Вай пири барҷомонда аст, ба болои ин беморӣ обу адояш кардааст. Мебинӣ, ки доим месулфаду месулфад. Ҳамин ки шабу нимшаб аҳволаш бад шуд, зуд телефон кун ба мо. Ту бачаи бафаҳму донои, ҳа-а…

Ҳарчанд пиразани умрдидаи гулбоғи ҳаёташ рӯ ба хазон оварда, ҳар дафъа аз писараш илтиҷо мекард, ки «дар деҳа, дар хона одами калон буданаш зарур асту ҳамроҳи занат бо мо бимон, шаҳру хонаҳои замонавӣ ба ҷавонҳо мезебад», пирмард даст афшондаю аз пиразан рӯ тофта ғур – ғур мекард:

- Мо дар шаҳр абадӣ намеистем – ку! - Ана, ҳар ҳафта хабаратон мегирам. Ҳама шароитатон сад, чор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ишкелатон бутун. Фарҳод писари боақлу тезҳуш аст, дилам аз вай пур. Ҳамин ки гармиҳо фаро расид, боз бармегардем ба деҳа. Чун пештара. Аз ин якравию пофишории писар модар дилшикастаю маъюс гардида, худ ба худ ҳасрат мекард:

«Ба ӯ гову мол бошаду халос. Кай парвои модар дорад. Ба роҳату фароғат дар хонаҳои шаҳр машғул шуда, оламу одамро фаромӯш кардааст. Оби гарму хунук муҳайё, душу ташноб дар пешаш. Берун набарой, хунукиро ҳис накунӣ. Эҳ…»

Инак, зимистон рафту баҳори сабзқабо омад. Фарҳод, набераи пиразан, дар як рӯзи гарму нарми офтобӣ дар даст ҷузвдон ва мурғобии ваҳшии калоне, ки ранги сиёҳи моил ба кабуди баланд дошт, дар оғӯш, бо лабону чашмони хандон аз дар даромад, сару рӯяш гилолуду мӯйсараш тар, либосҳои мактабиаш ғаҷду ғиҷим, мегуфтӣ, ки аз дабистон не, аз саҳро омадааст. Бибӣ тааҷҷубзада ба набера нигарист. Пойи хаёлаш ба мазрааи гумону шубҳа расид.

- Боз ин чӣ нағма? – пурсид пиразан хавотиромез аз Фарҳод, чашм аз пайкару мурғобии дасташ наканда.

- Э, ба ин чизҳо аҳамият нате, - бепарво ҷузвдонро каноре гузошта гуфт набера ва афзуд:

- Чанд вақт боз дар найзори назди мактаб, ки аз давраҳои фермаи колхоз боқӣ мондааст, аз кадом макони дуре мурғобиҳо пайдо шуданд. Се мурғобии зебо дар оби даруни найзор мегарданд. Гоҳ - гоҳ шино карда, ба канор мебароянд. Бачаҳо, маълимо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷамъ мешаванд. Аз тамошои мурғобиҳои даштӣ сер намешаванд.

- Хайр, баъд ту чӣ кор кардӣ? – ранҷишомез даст афшонд пиразан.

- Хестию…

- Ман бо ҳамсинфонам шарт кардам, ки ҳамин мурғобиҳоро ба даст меорам, - мурғобии дасташро навозишкунон посух дод Фарҳод.

- Чанд рӯз сангшап кардам. Лаънатиҳо тез - тез шино карда, ба даруни найзор даромада, ғайб мезананд. Имрӯз қарор додам, ки либосҳоямро бароварда, шино карда, аз думболашон сур мекунам.

«Наметавонӣ, - бовар накарданд ҳамсинфонам. - Мурғобиҳо дар ҷойҳои чуқуртар пинҳон мешаванд. Дошта наметавонӣ.»

«Мебинем, - гуфтам ва либосҳоямро аз тан кашида, чашми муаллимону директорро хато карда, ба даруни ҳавзи чиркин даромадам. Шино карда, думболи мурғобиҳоро гирифтам. Ду мурғобии чаққон даруни қамишҳо даромада пинҳон шуданд, лекин яктааш,ки бетаҷриба менамуд, ин тараф шино карду он тараф, акнун ба найзор даромаданӣ шуд, ки ман ҳам худро ба даруни қамишҳо задам.

Қамишҳоро шикаставу пахш карда, дарун - даруни об аз қафои мурғобии рамида давидаму давидам. Оқибат ба болои мурғобӣ ҳаво додам худро ва бо тамоми қувва зераш кардам. Дигар илоҷи ҷаҳидаву ҳаллос зада, халос кардани худро наёфт мурғобӣ ва бо чашмони ҳаросон, ларзону тарсон ба тақдир тан дод. Аз об баромадаму либосҳоямро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

чаппа – роста пӯшида, мурғобӣ дар оғӯшам сӯйи хона давидам. Ҷон бибиҷон, гуноҳ карда бошам, аз гуноҳам гузар. Баъд ин ки, ба падарам дар ин бора хабар нате. Майлаш?

- Эҳ, бо ин рафторҳоят ягон балора ба сарамон меорӣ, - оҳ кашид пиразан. - Худо паноҳ диҳад. Хайр, дасту рӯта шӯю омада чою хӯроката хӯр. Баъд говҳоро обу алаф те.

Пиразан аз ҷо бархост, то ки барои набераи шӯху беқарораш дастархон кушояд.

- Мурғобиро дар куҷо ҷо мекунӣ? – пурсид кунҷковона ва миёнашро доштa, ғур-ғур кард:

- Дар оби наҳр сараш диҳӣ, хоҳ-нохоҳ мегурезад. Мурғобии хонагӣ дигар аст, ин мурғобии даштӣ бошад. Э, ба Худо корҳои афандира мекунӣ.

Набера банди хаёл, «ягон фикр мекунам, бибиҷон» гуфт. Хӯрокро хӯрда, шитобзада берун баромад. Қарибиҳои намози аср пайдо шуд вай ва ба бибияш пайғом расонд, ки ҳамроҳи ҷӯраҳояш ҳавзи калоне канда, ба он об сар додааст.

- Мурғобиро омӯхта карда, ягон ҳафта пас ба ҳавз сар медиҳам, - қаноатманд фаҳмонд ба бибӣ. Ана, баъд, шино карданаша тамошо карда, лаззат мебарем.

- Боз чӣ кор кардӣ? - пурсид ҳамон хаёломезу хафаманд пиразан. - Гову мола обу алаф додӣ? Падарат ҳамин ки аз шаҳр рӯзи шанбе баргардад, ҳадаҳа тарафи оғил медавад. Феъли падарта медонӣ: «Чаро гов хароб шудааст?, «Гӯсоларо дуруст алаф намедиҳен?», «Буққаҳо бе ем мондаанд, чӣ бало?»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гуфта, буғзи дилаша ба сарамон мекафонад. Ту бошӣ, аз паси ташвишу даводавҳои бемаънният овора шуда мегардӣ.

- Ана ҳолӣ рафта обу алафу еми молҳоро медиҳам, - беқарору саросема посух дод набера ва баромад аз дар. Аз дар баромадан ҳамон буду шомгоҳон пакару парешону ошуфта баргаштани писарак ҳамон. Дар оинаи дидагонаш ғубори яъсу шикастадилӣ лона монда буд. Аз он хушҳолию масаррат ва нишоту кайфияте, ки то ин дам дар чеҳрааш амиқ таҷассум ёфта буд, асаре намонда, ранг бохтаву зуд-зуд нафас кашида, бо чашми ҳайрат ба бибӣ менигарист. Бибӣ намози шомро хонда, инак пайи оростани дастархону овардани хӯрок буд. Вай ба чашмони ғамандуди набераaш мутаваҷҷеҳ шуда, ранҷиданашро аз кирдору рафторҳои ӯ пинҳон надошт.

- Мегардию мегардӣ, ас як ҷо наменишинӣ, орому қарор надорӣ. - Вақти баҳор, баъд аз шом баҳудаю беҳуда гаштан хубӣ надорад. Ҳини алафҷумбиш аст. Алафҷумбиша медонӣ? Аз куҷо медонӣ? Ҳар гуна ҷондору ҷину сиёҳӣ дар ин фасли сабзидану рӯидан ба ҳаракат медароянд, ба одам зиён мерасонанд. Ва ба посухи набера мунтазир нашуда, рост ба чашмонаш нигарист:

- Дар куҷо будӣ то индама?

- Гову молҳоро алафу ем додам, баъд…

- Баъд боз давидӣ ба кӯча, ба майдони мактаб?

- Не, бибиҷон, - қадре хаставу беҳол паси сар хорид Фаридун. - Таххонаро муш зер кардааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Халтаҳои чормағза хойидаву сӯрох карда, чормағзора ба кучҷое кашондиян. Ана, доруи марги муша ба мағзи чанд чормағз қатӣ карда, дар сӯрохиҳо гузоштам. Мушҳои лаънатиро несту нобуд мекунем, бибиҷон.

Бибӣ косаи шӯрборо рӯи дастархон гузошт, аммо чизе ба хаёлаш расид, ки мушаввашу парешон гардид. Абри ғаме ногаҳонӣ осмони дилашро фаро гирифт.

«Мабодо бепарвоӣ карда, дасти ношуста худаш чормағз шикаста, хӯрда бошад? Эҳ, бачаи бесар, туро ки оқсақол кардааст, ки ба доруи марги муш чаққа шавӣ? Авзояш беҷо, ғамгин метобад. Худоҷон, дар пушту паноҳи исматат нигоҳ дорӣ.»

Пиразан ингуна андеша дошт ва чашм аз набера намеканд. Баъди он ки Фарҳод шӯрборо дилу бедилон хӯрда, пиёлаи чойе нӯшид, пиразан аз ӯ пурсид:

- Чият шуда, ғамгин метобӣ, табъат хира. Шӯхию беқарорият куҷо шуд?

- Ҳеҷ гап нест, бибиҷон, - гуфт Фарҳод ва хамёза кашид:

- Хоб рафтан мехоҳам, хоб.

- Э, бачаи бесари бибӣ, рӯзи дароз мегардию медавӣ. Чиба дам намегирӣ, як лаҳзаяк хоб намеравӣ? Худо дар пушту паноҳаш нигаҳбонат боша, набераи беқарори бибӣ.

Баъди он ки Фарҳод дар ҷогаҳ дароз кашида, хоб рафтан хост, якбораву нохоста ҳис кард, ки шикамаш ба сӯзиш медароянд, зеру рӯ мешавад, дар ноҳияи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

атрофи нофаш дард тадриҷан шиддат мегирад. Вай аввал ба ин вазъ он қадар аҳамият надод, аммо сӯзиши дилу ҷигараш боло гирифта, гӯё мағзи қаланфурро майда карда, болои меъдааш пошида бошанд, ҷонаш дар панҷаи азоб, сабру таҳаммул аз даст дода, нимхез шуд аз ҷойхоб. Якбора дилаш коса заду шӯрид, обе беранг даври даҳонаш ба пайдо омад. Паридаву давида аз хона берун шуд ва аз зинаҳои сементӣ даршаст фаромада, назди ҳаёт, ки гулҳои мулавван қатор назаррабоӣ мекарданд, сар хам кард. Ҳарчанд зӯр зад, чизе аз даҳонаш берун наомад. Оби беранги дар даҳонаш ҷамъшударо туф карда, ошуфтаву бедимоғ дафъатан зинаҳоро боло шуда ба хона даромад. Ва аммо...

Дарди ҷонгудоз дар хаёлу пиндори писарак торафт неру пайдо карда, чу ҳашараи заҳрогин ба ҷумла узви вай неш зада, ҳолаш вазнин ва сараш ба дард даромада, дубора эҳсоси нохуше дар мағзаш ангезае ба зуҳур овард. Аз ҷӣ бошад, шикамашро сӯзиши амиқ фаро гирифта, ба назараш чунин мерасид, ки кадом бераҳми ваҳшисират ба дилу ҷигараш сӯзан мезанаду сӯзан мезанад, баъд ба ҷойҳои сӯзанзадаи захмин намак мепошад. Деви дард сар ба деворҳои дилу ҷигар мезад, хун дар рагҳо туғён мекард, ин деви бало забон дароз карда, шираи ҷони писаракро мемакиду қувваю тавони ӯро оҳиста-оҳиста фурӯ мебурд. Пардаи ашк чашмонашро печонида, Фарҳод дар қабзаи тарсу ваҳм монда, даст рӯйи шикам фиғон кашид:

- Бибӣ, бибиҷон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Пиразан зери лаб ғурғуркунон чашм боз кард, сӯйи набера нигаҳи ҳайрат, ки тавъам бо маломату норизоӣ буд, дӯхт.

- Бибӣ, бибиҷон! Ҷонма даст гир! Мемирам. Вой, войе.

Ин дафъа садои ҷонгудози писарак батамом кампирро ҳушёр сохту ба худ овард.

- Чият шуда? – даст ба пешонии Фарҳод гузошта пурсид бибӣ ва ба чашмони вай, ки дард мавҷ задаю тӯфон меангехт, бо изтироб нигаҳ афканд:

- Куҷоят дард мекунад? Шикамат?

- Шикамам, бибӣ шикамам, - нолиш кард Фарҳод, боз... дилам, ҷигарам. Ҳама ҷоям.

- Воҳ, рӯм сиёҳ. Дар куҷоҳо гаштию чӣ хурдӣ, як Худо медона. Неке...

- Бибӣ, ягон дорую даво кун, мемирам охӣ.

- Дорую даво? Ҳозир, бачам, як дам сабр кун, дига...

Пиразан миёнашро дошта, аз ҷо бархост ва берун баромад. Вай худ ба худ чизе мегуфт ва оҳи сард аз ҷигар кашида, хаёлаш парешону дилашро тирагие истило карда, дар зарфи шишагие равғани зард баргашт аз ошхона.

- Равғани куҳнаи зард овардамат, - гуфт, - зуд-зуд фурӯ мебарӣ. Ин равған ба ҳазору як дард давоҳай. Ҷонат мераҳа. Эҳ, ҷони бибӣ, дилам раг зада буд. Вай равғанро бо чумча ба даҳони набера мерехт.

Аммо Фарҳод баъд аз фурӯ бурдани ду - се чумча равғани зард рӯяшро бо чашмони пӯшида ба дигар тараф гардонд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Намехом, бибӣ, намехом. Дилам мешӯраду коса мезанад. Берун барма.

Пиразан сару калобааш гум, аз дастони набера дошта, ҳамроҳ ба берун баромаданд ва аз зинаҳои сементӣ фароям - нафароям садое аз шиками Фарҳод баланд гардид, то гулӯ омаду ҳиққосу зад вай ва хуноба аз даҳонаш шорид. Хуни сиёҳфом буд, лахта - лахта гӯшт андарунаш. Дигарбора садое аз шикам бархост, ин садо, то даҳон омад, сар хам кард набера ва… моеъи сабзранги тирафом аз даҳонаш шоридаву пош хӯрда, рӯйи поғундаҳо рехт. Гӯиё андар зарфи шикам ғайру хуну моеъи сабзранг чизи дигаре вуҷуд надошт. Ҷисми лоғари Фарҳод аз фишори дарду қай кардан ба назар хурду наҳифтар гардида буд. Деви дарди маргбор аз дарун узв-узви бадани писараки оҷизу нотавону дармондаро ҳамоно пора мекарду мебалъид ва ҳисори тани ӯро ба ларза меовард. Фарҳод шабеҳи он ки ба ӯ шамоли тарма расида бошад, дарақ -дарақ меларзид, дандонҳояш ба ҳам бархӯрда, шароққос мезаданд. Чашмонаш монои олуболу сурх гардидаву аслан чизеро дидаву пайхас намекард. Вай вазнашро ба бибӣ ҳавола карда, сар ба оғӯши ягона муттакояш гузошта, ба нолиш даромад:

- Бибӣ, бибиҷон!

- Ҷони бибӣ, - оҳанги алам дошт овози пиразан, аммо вай мекӯшид ба он навозишу меҳрубонӣ зам кунад.

- Мемирам, бибӣ, ҷонма даст гир!

- Ин хел нагӯ бачам, Худо хоҳад, нағз мешавӣ. Ягон чизи вайрон хӯрдӣ, ё...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Не, не, ҳеҷ чиз нахӯрдам, ба ғайр аз…

- Аз чӣ, бачам?

- Чормағз хӯрдам, дастом доруқатӣ буд. Доруи марги муш.

- Дастота нашуста будӣ? Оҳ, воҳ, ин бало ай куҷо хест?

Пиразан набераро ба такяи худ гирифта, оҳиста - оҳиста қадам зада, ба хона даровардаш ва рӯйи ҷогаҳ хобонд.

- Як дам хоб рав, - гуфт, - нағз мешавӣ. Аммо…

Пиразан пай намебурду дарк намекард, ки фариштаи марг дар ин хона меҳмон гардидаву ором - ором давру бари Фарҳод чарх мезанаду чарх мезанад. Фарҳод лаҳзае базӯр чашм во карда, бефарқ ба шифти хона чашм давонда, худ фариштаи маргро бидид, ки даст афшонду фиғон кашид:

- Мемирам, бибӣ. Кош очаву отама як бори дигар медидам. Оча, очаҷон, отаҷон.

- Оҳ…

Бибӣ «Худо бигирад ҳушма, равам ҳамсояро фарёд кунам. Отаи Фарҳод занг бизана. Мошин ёфта, набераи азизама ҳарчи ҳадаҳатар ба духтур бибарем. Эҳ…воҳ…» - гӯён набераро ба ҳоли худ бигзошту бо шитоб берун давид. Дари ҳамсояи дасти ростро кӯфт. Ба Шоҳину ҳамсараш асли воқеаро нақл карду гирёну дареғгӯён бозпас ба хона баргашт. Фарҳод, пайкараш дар тасарруфи дарди лоилоҷ ҳамоно дод мегуфт, овози гиряомезонааш чунон баланд буд, ки мегуфтӣ ҳамин ҳоло боми хона чаппагардон мешавад. Дигар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

чашм во накарда, дасту по мезад, аз Худо имдод металабид:

- Худо, Худоҷон, дилу ҷигарам сӯхт, ҷонма даст гирее…ее…

Шоҳин, ки маъюб ва аз як пояш дар ҷанги дохилӣ маҳрум шуда буд, ба пиразан маслиҳат дод, ки рафта Ҳоҷисайдарро гуфтан даркор, ки мошинашро гирифта биёяд.

- Вақти фикри зиёдатӣ нест, - хулоса кард ӯ, - бачара тез ба духтур расондан лозим.

Ва ба ҳамсараш нигарист:

- Ҳамроҳи кампиру набера ҳамин ҷо бош, ман бо Сайдар расида меоям.

Хонаи Ҳоҷисайдар дар назди хирманҷой воқеъ гардида, тақрибан 300 метр фосила дошт. Баъди чанд муддат Ҳоҷисайдару Шоҳин омаданд ва аз дидани манзараи шигифтовар, фиғону нолаи пурдарди Фарҳод, ки ҳолиё рӯяшро ҷониби девор гардонидаву зонувону дастонашро ба шикамаш пахш карда, чиррос мезад, музтару ҳайрон монда, дар лаб оҳанги дареғ сар ҷунбонданд.

Ҳоҷисайдар ба пиразан суоломез нигарист:

- Хола, ба падараш телефон кардед?

- Не, аз куҷо, - дастон дар миён ҷавоб дод пиразан.

- Занг зада вазъиятро фаҳмонданд даркор. Мегӯем, ки мо ба роҳ баромадем, шумо тайёр шавед. Ҳамин ки ба маҳаллаи шаҳрӣ расидем, якҷоя ба бемористон мешитобем.

Ҳоҷисайдар рақами телефонро чида (аз куҷое пиразан дар вароқе рақами бо қалам навишташударо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ёфта ба ӯ дароз кард) ба падари Фарҳод занг заду тамоми воқеаро нақл кард ва…

- Мо ҳамин ҳоло ба роҳ мебароем, - гуфт. - Шумо тайёр шуда истед.

Ба роҳ баромаданд. Соат ба 12 дакка хӯрда, насиме вазидаву ба шохҳои дарахтон мепечид, бехигӯшӣ чизе мегуфт, ки баргҳо шип-шип овоз мебароварданд. Кӯчаву тангкӯчаҳо равшану озода, дар ин ғояти шаб ҷонзоте ба чашм намерасид. Фарҳод дар оғӯши бибӣ фарёду фиғон мекашид. Чашмонаш пӯшида, ту гӯйӣ, деви дардро оҳиста – оҳиста дар ҷанинаш буғиву маҳв кардан мехост.

Аммо ин тасаввури умедзо имконнопазир, балки хаёлу саробе беш набуд. Баъди чанде ба шоҳроҳ баромаданд, Ҳоҷисайдару Шоҳину пиразан банди хаёлҳои мағшушу навмедона дар ин озмоиши сарнавишт оҷизу ҳайрону нотавон монда буданд. Дарду нолаи ҷонситон фазои дохили мошинро фаро гирифта, ба кас тазъйиқ меовард. Дилро мефишурду нафасгириро душвор мекард. Ингуна хеле масофаро тай карда, ба даромадгоҳи шаҳр – дарвозаи маҳаллаи «Обшорон» наздик шуданд. Чароғҳои ду тарафи роҳ бо нури дурахшони худ ба гирду атроф фурӯғи афзун мебахшиданд. Як лаҳза Фарҳод чашм во кард, бо алам, бо рамзу муаммое ба чеҳраи бибӣ нигарист. Пасту хафиф овоз баровард:

- Бибӣ, бибиҷон, ман мемирам. Ба отаму очам қоил нашав, ки ман бо дастони доруқатӣ чормағз хӯрда будам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ҳар хел фикри бечо накун, бачам, - тасалло дод ӯро пиразан.

- Ана, ба шаҳр расидем, камтари дигар монд, отаву очата аз микрарайон савор мекунему дар чашм задан ба духтур мерасем.

- Не, не, бибӣ. Корам шуд. Ана, ҳозир, мебинӣ, ки...

Суханонашро ба охир нарасонида, набера дар оғӯши бибӣ карахту лол монд...

- Воҳ, бачам, воҳ берӯзии бибӣ...

Пиразан чунон фарёд кашид ки Замину Осмон ба ларза даромад. Вай беҳуш гардида, сараш ба қафо ғеҷида, дароз кашид.

***

…Нисфи шаб садои нолаю фиғони саг оҳиста - оҳиста паст гардид ва ба гӯши ҷавонмард як овози ҳуштакмонанд, ки аз соатҳои вопасини умри ҷонвар дарак медод, канда-канда расид ва ӯ аз ҷойгаҳ бархоста, рӯ ба ҳезумхона овард.

Чун ба ҳезумҳои бе тартиб болои ҳам хобида, ки дар ковокии яке аз онҳо саг дард кашидаву оламу одамро ба гирдоби яъсу навмедӣ мувоҷеҳ месохт, дида дӯхт, сабраш сар рафта, ҷавонмард аламу ҳузни дилашро, ки ба сурати қатраҳои ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешуд, дошта натавонист. Ҳис кард, ки ҳамин ҳоло аз таъсиру зӯрии ҳасрати бепоён деворҳои дилаш таркида, аз ҳам мерезанд. Саг (ин рухдод бас ногаҳонию пурмуаммо буд) ба душвор аз байни ҳезумҳо ғеҷида, пайкари наҳифашро қашолакунон то назди ҷавонмард расид ва давру бари пойҳои ӯро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бӯйкунон сар ба замин гузошт. Дигар хомӯш шуд ҷонвар…

***

…Аммо шигифтовару тасаввурнопазир ҳолате буд, ки бо ҷавонмард дар мотамхона рӯй дод. Вай ваҷҳи марги дилрешкунандаи писаракро аз забони чанд тан аз ҳамдеҳагон шунида, фикр мекард, ки муаммою рози ин олам ба инсон ҳароина пӯшида буда, илло Яздони пок, ки асрори коргоҳи ӯ кас надонаду ба ғаври он таҳаққуқ наёбад. Пиразан менолиду мӯя мекашид, фалакро сақф бишкофтан мехост, шикваю шикоят ба Холиқи якто мекард:

- Э Худои беайб, хонаам сӯхт. Набераҳакам дар пеши чашмам сӯхта-сӯхта, обу адо шуд. Ё Парвардигор, насибааш ба ҳамон доруи муш будааст, дилу ҷигарашро сӯзонда, аз ҳалқаш овард. Чаро ҷони ширини наберама қавс кардӣ, э Худоҷон, чаро? Мани аҷузаи солхӯрдаро дар пеши пойи ӯ мекӯштӣ, намешуд?

- Ин замину осмон, ин обу ҳаво, ин ҳавлию хонаи дара дигар ба сарам занам?

- Кош ҷони маро мегирифтӣ, Э Худоҷон, кош бераҳмӣ намекардӣ…

- Э, вой, айби ман шуд, - сар ба сутуни пешайвон гузошта, даст дар ҳаво афшонда, ба гиряву фарёди ҷонхароши пиразан ҳамроҳ шуда, садо баланд кард падари писарак.

- Гӯшаи шаҳра макон карда, писарчама тани танҳо, ба ҳоли худ гузоштам. Худо зад маро. Ҳафтаҳо, боре хабаргирӣ меомадам модари пираму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

писарчама. Кай парвои марг доштам. Кай ба хотир меовардам, ки гурги аҷал дар паси дари хона писарчама пойида гаштааст. Агар худам ҳамин ҷо мебудам, шояд ин воқеа рӯй намедод, намегузоштам, ки писаракам ба таҳхона даромада, ба чормағзҳо даст бизанад. Эҳ, дардам зӯр аст, мардуми маҳалла, қавмо…

- Аз писараки ман доим шикоят мекарданд, хайр, вай шӯху шангу беқарор буд, - бо остини куртаи сафед ашки бари рӯ пок карда, ба нола даромад модари Фарҳод. Бачам мегуфт, ки маълимо дӯғу дарангам мекунанд, ҳамсояҳо доду вой мебардоранд, ки ман ягон лаҳза қарор надорам. Худо оқибати ҳамин бачаро ба хайр гардона. Хайр, ина ҳаматон аз бачаи шӯху беқарори ман халос шуден. Дигар ғамтон наметия. Неке дардам зӯри зӯр аст, охир, ман модарам! Осмон чаро ба сарам фурӯ намеафта, ман дар рӯйи замин бо чӣ ҳол зиндагӣ кунам? Э Худои бузургу ҳамадон, хонаам мотамсаро шуд, вой - дод…

Ҷавонмард дигар таҳаммулу бардошти навҳаи модари писаракро накарда, хост аз мотамхона берун бароyad. Дар ҳамин ҳол, бо амри тасодуф чашмаш ба ҳавлии васеи соҳибхона афтид, ки дар зери дарахтони себ мурғобие ваҳшӣ ҳаросону ҳайрон ба анбуҳи мардум ва мотамзадагон, хешону пайвандони писарак нигариста, беҳаракат меистод. Гӯё бо нигоҳи моломоли ҳайрат пурсидан мехост: чӣ воқеа рӯй додааст, эй мардум?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ИМТИҲОНИ ҚИСМАТ

Мӯйсафед сар аз болин саҳл ғеҷондаву бадани афсурдаву абгорашро ёзонид, андаруни кӯрпа, ки шабеҳи гӯр ба чашмаш мерасид, дасташро ин сӯву он сӯ ҷунбонид ва пас-он лахте ба тиреза, ки аз паси шишаҳои он дарахтони анҷиру шоҳтуту олуболу, зардолу ва себи сурхи солманд зери нурҳои тиллогуни хуршеди нимрӯзӣ ҷилову дурахше медоданд, нигарист. Оҳе бадарду ҳасратзо аз ҷигар кашид, хонаи дилашро эҳсоси навмедию тарс пур кард, пойҳояшро бо азоби алим ба ҳаракат даровард, дасти рост боло бардошта, магаси хираеро, ки дар рӯяш биншаста, роҳат аз ин оромие, ки насибаш шуда буд, ноҷунбон ҳатто пар намезад, пеш кард, баъд ришашро палмосид. «Эҳ Худои бузург, - аз дил гузаронд мӯйсафед, ки ҳамакнун ба хонаи ҳаштод қадам мегузошт, - чӣ ҷурму лағзиже бузург аз ман гузашта, ки ин гуна ҳолам харобу ҷонам дар панҷаи азоб, рӯзҳои сангину бемаъниямро бо дарди тавонкоҳ ба шом мерасонам? Ман, ки як дам қарор надоштам, ман, ки аслан хобу хӯру фароғатро намедонистам, ман, ки беҳуда дар хона пойҳоямро дароз карда нишастанро аслан намеписандидам, ман, ки ҳатто ба маъракаҳои хурсандӣ ва ё оши худоии ину он ҳамдеҳагон на ҳама вақт ҳозир мешудам, вақтҳои охир ба он андоза дар замини деҳқонӣ ба дарави алафу об мондани кишти гуногуни зироат, каланд задану хишова банд будам, ки хабари марги нафаре



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

аз ҳамдеҳагон ва ҷанозаву гӯру чӯби ӯро қарибиҳои шом, ҳангоми аз сари замин, ки дар фосилаи басо дур, дар марзи ҳамсоядеҳ ҷойгир шуда буд, баргаштан мешунидаму фикрҳои сиёҳу мағшуше мағзамро фаро мегирифт, якбораву ногаҳонӣ аз пойи равону забони гӯё мондам. Эҳ фалак, аҷаб ҷабру ҷафое бар ҷонам раво дидӣ!»

Мӯйсафед дасти дареғ бар зону зад, хорияш омад. Чаро чунин танҳову бечора шудааст? Чӣ, магар писарону ҳамсараш ва келинҳою наберагон аз ӯву ҳоли дилрешкунанда ва сару сураташ безор шудаанд? На, аслан ин гунае ки мӯйсафеди бемор мепиндораду дар замираш шикваю норизоӣ мекунад, набуду нест. Писарбузургаш, ки дар гӯшае аз қаламрави деҳ зиндагӣ мекунад, субҳ медарояду хабар мегирадаш, ба кораш рафта, бегоҳ боз аз дар медарояд, анвои меваю хӯрданиҳои шодобу сершираву болаззат дар халтаҳо, ба назари падари пираш, ки аз ҷаҳони дуре афсонавӣ ба пайдо омада бошад, ҳолу аҳвол мепурсадаш.

Писари дувум доиман ҳамин ҷост, ҳарчанд бо занг заданҳову супориш доданҳои сардораш гоҳу ногоҳ савори мошин мебарояду меравад, аммо тавре эҳсос мешавад, ки ҳузураш ҳамвора бо ин хонаву ҳаёт бастагӣ дорад. Мӯйсафед ҳамин гуна хаёл мекунад ва гоҳе дар набудани ӯ низ аз даҳон овозҳои мутафовит мебарорад ва бо ишораҳои мармуз фарёд кардан мехоҳад. Овозу ишораҳои аҷибашро илло фарзанди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

дувум дигар касе аз пайвандонаш амиқу дақиқ фаҳму дарк карда наметавонанд. Розҳои дилу эҳсосу ниёзҳои ниҳонию махуф ва маҳрамонаашро танҳо Фаррухрӯз тавони фаҳмидан мекунаду аз пайи тадбирандешӣ мешаваду чорасозӣ.

Ҳамсари мӯйсафед, зани миёнаумри ҳамеша андешаманду хомӯш, ки пайваста, орому нарму бесадо аз дар медарояду наздаш менишинад, дар илоҷу ҳалли муаммоҳои соҳиби сараш оҷизу нотавон аст. Вале, инак чандест, ки (шояд ду ҳафта шуд) мӯйсафед одати дигаре пайдо кардааст: гоҳу ногоҳ, баҳудаву беҳуда ҳангоми хонаро холӣ дарёфтану худро танҳою забун ҳис кардан садои ваҳмангезе мебарорад, ин садо ба тадриҷ иртифоъ мегирад, аз дару девор гузашта, ба берун нуфуз мекунад, рӯ-рӯи шохаҳои пурбаргу пурмеваи анҷиру шоҳтуту зардолу, олуболую хавозаи токи ангури тоифӣ ва себи сурхи куҳансол ҳаракату чарх зада, ба фазои деҳ густариш меёбад, ингуна баланду баланд гардида, оҳанги бонгу ниҳеби тарсзо ба худ гирифта, ҳамсоягонро ба ташвишу таҳлука мувоҷеҳ месозад.

- Э, ееееее, э-ҳе, ҳе, ҳей… аъ-а-а-а-а… - баланд мешавад садои мӯйсафед ва гӯшҳоро ба қомат меораду дилу ҷонро асири ҳузни навмедизо месозад. Ин садо, ангор аз ҷаҳони дигар меояд, исёну эътирозест, як садои додхоҳист, шикояту шиква ва ранҷиши ошкорое ба даргоҳи Холиқи яктост. Ибтидо ҳамсоягон ба ин садои ғайримунтазираю ҷонкоҳона



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ва то андозае имдодталабонаи мӯйсафед, ки рӯз дар миён, тақрибан ним соат идома меёфт, гӯш фаро дода, даст афшондаю сар ҷунбонда, ба таври худ хулоса мебароварданд:

- Азобаш зӯр аст, як одами сип-сиҳат, якуякбора аз пову пар ва забони гуфтор монаду баҳузуру бафурҷа, табъи дил, озодона гаштугузор карда натавонад, дигар аз дасташ ғайри фарёду фиғон чӣ ҳам меояд?

- Э ба Худо, бобои Исо бас чобуку ҷалду серҳаракат буд. Синнаш ба таки 80 расида бошад ҳам, чунон алафу гандум дарав карда, дарза мебаст, ки ҷавонҳои ҳозира дар даҳ сари сол аз уҳдаи ин амалҳо баромада наметавонистанд.

-Ҳо, ҳо, гектар-гектари гандуму ришқаро худаш танҳо саришта мекард. Э ба ростӣ, бақуввату қайиш буд, мӯйсафед. Ё чашми баду бало расидаш? Кӣ медонад?

- Чанд соли охир дар қатори дигар ҳамдеҳагон ба кишту парвариши тути заминӣ машғул буд. Каланд мезаду заминро нарм мекард, аз худи доманаи кӯҳи Сизор об баста меовард. Сатил-сатил тути заминиро яклухт ба шаҳри Калон бурда, бо майли дилаш ба савдо мезад. Э бача, шабҳо хоб набуд, боло медавиду поён, ҳеҷ қарору ором надошт.

- Хости Худо, ин ҳама суханони мо беҳуда, аз қавли кампири Оламбибӣ, «фолбиние» беш нестанд. Ба тахмини ман, мӯйсафеда дуои зани аввалааш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

(Худо ҷоша ҷаннат кунад!) гирифт. Чӣ азобҳоеро аз сар гузаронд раҳматӣ. Мӯйсафеди Исо то дами марг даст аз сари раҳматӣ набардошт, адиру дашт пеш-пеш карда мебурдаш, дар 40-50 дараҷа гармии тоқатфарсои фасли тобистон маҷбураш мекард, ки ҳамроҳаш гандум бидаравад. Ҷонаша хуб дар азоб монд. Ғазаби Худо...

Садои ваҳмангези мӯйсафед, ки гоҳ субҳгоҳон, гоҳе нисфирӯзӣ, гоҳи дигар вақти намози аср ва ҳатто шомгоҳон баланд мешуду чун раъд фазои ороми деҳро меларзонд, розҳое ниҳон дар худ дошт. Ба ғаври исёни мӯйсафед писари дувум Фаррухрӯз интиҳо расид, донист, ки қисмат як чунин рӯзи сиёҳу фоҷиаро ба қиблагоҳаш ҳавола кардааст. Ба ҷуз ӯ дигар пайвандон ҳеҷ аз таҳту фавқи дарду алам ва ранҷишу озурдагиҳои мӯйсафед пай намебурданд ва бо оҳанги дареғ сар меҷунбонданд:

- Дарди дилашро гуфта наметавонад. Чиҳо аз сараш мегузарад, ғайр аз худашу Худои тори сар кас надонад. Мо дар илоҷу кушоиши ин гиреҳи сарбаста бечораем, дасткӯтоҳем.

Бори аввал, ки садои вахими мӯйсафед бошандагони хонадонро ба таҳлукаю тарс мувоҷеҳ кард, ҳамсараш аз хонаи дигар осемаю шитобзада аз дари бемор даромад, наздаш нишасту ба дастони мӯйсафед, ки гоҳ боло мебардошту гоҳ поён мефаровард, нигариста, аслан чизе нафаҳмид. Ба маънии «гурусна мондаӣ?» сӯйи «хӯҷаини худ»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ишораҳо кард. Аммо мӯйсафед бадтар оташи ғазабаш шуълавар гардидаву чашмонаш ба таври даҳшатангез ба ҳамсараш дӯхта шуда, бонг зад, ингуна мехост Замину Осмонро дарҳам бизанад, силсилаи мураттаби ашёву мавҷудоти ҳамарӯзаи ҳавлию хонаи хоби худ, аз дарахтони анҷиру шоҳтуту зардолую олуболую себи ширини сурхи фосилае дуртар воқеъ буда, то як пора осмони ахзаргунро, ки хиратоб аз пушти шишаи тиреза ба чашмаш мерасад, чаҳор девори якранги хона, шоҳчароғи болои сараш овезон, гуна-гуна доруҳои аз кадом мулку кишваре истеҳсолшудаю то ба зодгоҳаш, ба хонаи ӯ омада расидаро, ки болои тоқчаи тиреза мехобиду дар дил яъсу навмедӣ тавлид мекард, ҳамаро қудрате медошт, аз ҳам рехта, рӯфтаву бурда ба ғори бетаги Лӯлиён ҳаво диҳад.

Ва… чашм пӯшад… ба таври абадӣ, касеву чизеро дигар надида…

Ҳамсар, ҳаросе панҷа бар деворҳои қалбаш зад, ларзида бархост зи ҷо ва дармондаю ноилоҷ хост пуштнокӣ, оҳиставу ором аз дар барояд. Дар ҳамин лаҳза ғавғою шӯре берун рехт аз даҳони шавҳар, вай сарашро ковок карда, хост нимхез шуда, сирри дил ошкор созад. «Э занаки бефаҳм, -аз дил гузаронд мӯйсафед, - чият шуда, ки худро гум кардӣ? Ақлат намегирад, ёрдамам кунӣ? Якумр сусту мусту карахту кунда будӣ, ун раҳматӣ мешуд, рӯ-рӯи даст мебардошт маро. Эҳ… воҳ…» Зан пакару парешону



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ваҳмзада дубора ба шавҳар наздик шуда, болиштро каноре тела дода, аз дастонаш дошта, ёрияш расонд, ки нимхез шавад ва филфавр болиштро ба тахтапушташ гузошт, то роҳату озод нафас бигирад.

Иттифоқо, Фаррухрӯз, ки пайи коре ба шаҳри Калон рафта буд, дар остонаи хона пайдо шуду оташи ғазаби чашмони падар бо дидани ӯ андак-андак фурӯ биншаставу коста гардида, гӯё омадани ӯро аз дер интизор буд, ки овозҳое нарму мулоим баровapда, даст ба поёни бадан, ба ноҳияи нофаш бурд, ишора кард, ки шадидан ин қисмати бадан месӯзаду азобаш медиҳад.

- Ҳо, ҳамааш маълум, роҳи пешоб банд шуда, шошида наметавонад, - гуфт Фаррухрӯз ва назди падар биншаст. Лаҳзае ба чеҳраи заҳири падар бингарист, ингуна нигоҳаш дар нигоҳи бағоят маъюсонаю малолатомези қиблагоҳаш тамаркуз ёфт.

Пас аз он ки Фаррухрӯз пизишки шиносро ба хона оварда, падарро дорую даво карду роҳи пешоби вай кушода шуд, мӯйсафед нафаси озод кашида, шукрона дар лаб ба берун, ба дарахтони анҷиру шоҳтуту зардолую олуболу ва себи сурхи пир, ки дар фосилае дуртар, дар баландие воқеъ буданд, нигарист ва чун дар тансиҳатияш эҳсос кард, ки ин ҳама дарахтон чӣ шукуҳманду муҷалло метобанд ба чашмаш! Танҳо тафовут дар он буд, ки мӯйсафед аз сари заминҳои кишт бардаму солор ва хушҳолу хандон, дурахше дар чеҳраи офтобияш намоён



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

баргашта, ба зери ин дарахтон меомад, шохаҳоро меафшонду аз меваҳои пухтаву расида дона-дона чида, дар оби ҷӯйчаи ҳота шуста, бо кайфияту роҳат ба даҳон мебурд. Маззаи зардолуи фалғарию олуболуи пайвандӣ ва себи сурхи хушбӯйро, ки ёд аз замони дури бачагияш меовард, амиқ ҳис карда, мепиндошт, ки олам бағоят зебову диданист, агар як зӯр занаду талош кунад, дасташ ба боми осмон мерасад. Чӣ олами рангину хаёлӣ, чӣ тасаввури сеҳромези афсонавӣ!

Аммо ин оламу пиндорҳои афсонавии ширин умри кӯтоҳе доштанду магар ду-се рӯз беш идома намеёфтанд. Боз ҳамон бонгу ниҳеби раъдосои мӯйсафед баланд мегардиду иртифоъ мегирифт.

Исёни мӯйсафед оғоз мегардид. Дигар ба ин садои тазъйиқовари бемори солманд ҳамсоягон таваҷҷуҳ намекарданд, чун ба он одат карда буданд. Пайвандонаш, писарбузургу писари дувумаш – Фаррухрӯзу ҳамсарашу келинҳо ва ҷумлаи духтаронаш, ки аз деҳаҳои дуру наздик ба хабаргирияш меомаданд, ба дарду азобҳои мӯйсафед, аз қабили зуд-зуд банд шудани роҳи пешобу ҳазм карда натавонистани ину он ғизои тановулкардааш низ оҳиста-оҳиста одат карданд. Хешу таборонаш, ки ба аёдаташ меомаданд, баъд аз аҳволпурсию қадре дар наздаш нишастан панҷу даҳ маблағе ба дасташ медоданд ва ин лаҳзае буд, ки мӯйсафед аз оҷизию



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

нотавонии худ паст-паст мегирист, афсӯсу дареғ мехӯрд. Вай, охир ба ҳеҷ гуна маблағ ниёз надошт.

Омада-омада ба чӣ рӯзҳое расид!

Боре чун ҳамешагӣ мӯйсафед ғарқ дар олами тасаввуру пиндор ва хаёлҳои бесарунӯги хеш дар танҳоӣ гузаштаҳоро пеши чашм зинда муҷассам месохт, падару модару ҳамсар ва хоҳару бародари кайҳо дар як канори деҳ, дар зери пуштаҳои пасту баланд ба хоби абадӣ рафтаашро ба ёд меовард. Ва аҷабаш меомад, ки чӣ рӯзҳои сангину ваҳшатзоеро бо шуруи ҷанги дохилӣ аз сар гузаронда, зинда монд. Модарашро чун момодоя мешинохтанду нуфузаш аз деҳа баромада, то қаламрави рустову навоҳии дигар густариш ёфта буд ва аз дуру наздик суроғ кардаву ҷуста-ҷуста меомаданд ба дари онҳо, ки кампири Мамлакат ҳамин ҷо зиндагӣ мекунад? Ҳунару маҳорати зотии пиразан ба он дараҷа буд, ки занони нозою, аз қавле, «кӯрпистон» бо муолиҷаю табобати ӯ баъд аз муддате бор мегирифтанд, ингуна шикастабандӣ анҷом медоду узвҳои сӯхтаву ҷароҳату омосҳои бедаворо шифо мебахшид. Тифлакони беморро ҳеҷ кас чун ин пиразан табобат карда наметавонист. Халтаҳои алафу гиёҳҳои ваҳшию кӯҳии табобатии ӯ ҳанӯз дар хона маҳфузанд. Қиблагоҳаш, бобои Мӯсо аз тақводорону рӯҳониёни донишманд буд дар ин қаламрав, вале хоксорию фурӯтаниро ихтиёр кардаву касеро озор намедод, бо илму дониши худ ҳавобаландию мутакаббирӣ намекард, бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳама баробар буд. Вале… дунё чаппа шуду қиёмат қоим. Ҷанг сар заду бародарашро дастае савори «Жигулӣ»-и худаш ба ситодаш бурд. Вай дигар барнагашт. Ҷасадашро пас аз суроғу пай дар он зимистони пурбарфу замҳарир аз дараи Лолазор ёфтанд. Баданаш сахту сангин, палтои кабудфом дар бар, ҳатто телпакаш аз сараш наафтидааст, тирҳо чаккаи сарашро сӯрох карда гузаштаанд. Аз тарси камонбадастон шабона ба хок супурданд се-чаҳор тан ҷасади бародарашро. Баъд… ҳамсараш як субҳи мусаффою дурахшони айёми баҳорон ин олами зеборо падруд гуфт. Дарди куҳнаи дил… Мӯйсафед ӯро фаришта меҳисобад. Аммо қадри фариштаро надонист, ки вой бар ҳолаш!

«Уф-ф…, оҳ», - садо дардод мӯйсафед ва бештар андуҳзадаю дилтанг гардида, ба хулосае расид, ки як рӯз не, як рӯз фариштаи марг ҷонашро қабз мекунаду ӯ ҳам аз чанголи ин азобу дард халос мешавад ва дар радифи падару модару ҳамсару хоҳару бародараш зери пуштае ором мегирад. Косаи давр, аз мурдан ҷойи гурез нест. Ва ӯ эҳсос кард, ки аз марг метарсад. «Ё Худоё, чӣ тавр, дар кадом вазъ ҷон медода бошад? Ақаллан қадам зада метавонист…» Худоё, Худовандо, шармандаву хандасори худиву бегона нашавам. Муддати ду соле, ки бо ин ҳол дар бистари беморӣ хоб аст, чӣ қадар гапу овоза кардаанду чӣ ҳангомаҳое набардоштанд! Ва мӯйсафед аз марг тарсида, мехост, балки орзу мекарду аз даргоҳи Худованд илтиҷо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

дошт, ки он рӯзро қафоюю қафо партояд. Балки... он рӯз ҳеҷ гоҳ фаро нарасаду пайки аҷал мушт ба дараш накӯбад. Охир, вай чӣ гуноҳ дорад? На дуздӣ кардаасту на ғаррӣ, на қотил асту на ҳаққимардумхӯр. Як умр, 50 баҳору 50 зимистон ва 50 тобистону 50 тирамоҳи умр ронандагӣ мекард, аввалҳо бо мошини боркаши «Маз», пас-он «Камаз» молу амволи давлатро аз маркази шаҳр ба навоҳии дурдаст мекашонид. Заҳмати ҳалол кардааст. Не, гап дар ин ҳама набудааст. Вай, чӣ ҷойи пинҳон кардан, воқеан ҳам, ба қадри ҳамсари нахустинаш нарасид. Боре ба худ нагуфт, ки бечора бемори дил аст, фишори хунаш пайваста баланд мешавад. Ҳатто охирин маротиба, дар як рӯзи тафсону гармсели тобистон ӯро маҷбуран ба адир баровард. Дарзаҳои гандуми даравидаро то намози аср бо маркабу пушт кашонданд. Бо шиками гурусна. Шаб дарди ҳамсараш боло гирифт, аз даҳону бинияш хун фаввора зад... Ва субҳи зебои айёми баҳорон...

«Мани бадбахт, кӯри бераҳм, золим, - оҳ кашид мӯйсафед. Сазои сарам, ана, ҳамин тавр по дароз карда... то он рӯз (!) мехобам».

Вай мехост аз аламу ҳасрати ҷонгудоз ва гуноҳҳои бешумораш фарёду фиғон кашад, бо садои бадвоҳимааш гӯши Оламу Одамро кар кунад, даст ба сӯйи Осмон бурда, аз Худованд илтиҷо созад, ки гуноҳҳояшро бубахшад, ҷонашро бе дарду азоб биситонад...» Аммо... аз чӣ бошад, оби шарм ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

рӯяш давид, хиҷолатзада рӯ ба девор гардонд, дигар риштаҳои андешаҳои мағшушу дилзанандаашро раҳо карда, ба хоб рафт.

Чанд муддат хобаш бурдааст, ёд надорад. Овозе хафиф ва мавҳуму ноошно аранге ба гӯшаш расид, пас-он касе башаст аз оринҷаш кашид. Хоболуду рамидаву тарсида чашм боз карду... рӯ ба рӯяш Компрони девонаавзоъ, аз қавли мардум «паривара»-ро дида, ҳуш аз сараш парид, фикре мағзашро такон дод, ки ин писари ақлбохтаи Мирзоюсуф, ки 6-7 хона он тарафтар зиндагӣ ба сар мебурду тақрибан 17-сола буд, ҳарф намезад, чӣ тавр, бо чӣ шева ба хонаи хоби ӯ даромадааст у касе аз бошандагони хонадон аз ин ҳол хабар наёфтаанд? Тарсе ногаҳонӣ ба ошёни қалбаш нуфуз кард, донаҳои араqи сард дар ҷабинаш пайдо шуд, хост нафире кашида, аҳли хонадонро аз омадани «дарди сар»-и дигаре хабардор созад, аммо бархилофи он, садои гунгонае аз байни кому вораҳои дандон ва забонаш берун баромад, ки худ ҳайрону бухтзада гардид. Компрон ишораҳои мухталиф мекарду «а...а» гӯён овоз мебаровард. Баъд даст ба пойҳои мӯйсафед расонда, боз ҳам ишорае рамзомезу пурасрор кард. Мӯйсафед лаҳзае ба худ омадаву ором шуда, бо дасти рост низ ишора кард, ки вай қафотар бишинад ва даст аз пойҳояш бардорад. Компрон моҳияти ишораи беморро рамузгирона дарк карду ғеҷида-ғеҷида канортар нишаст. Дигар ҳаракатеву амале анҷом надод вай ва чӯбаки росту



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

суфтаеро аз ҷайбаш баровварду ба лабон гузошт ва бо даст ҷунбондан гирифт. Ин яке аз одатҳои дерину доимии ҷавони ақлбохта буд, ки ҳамдеҳагон кайҳо мушоҳида карда буданд. Аммо барои мӯйсафед, ки баъд аз ду сол тоза бо ӯ рӯ ба рӯ шуда буд, ин амали ӯ нав ҳисоб мееёфт. Ингуна мӯйсафед оламу одамро ба боди фаромӯшӣ дода, то ҷое хушҳол шуда буд, ки ҳамнафасу ҳамнишине пайдо кардаасту дигар танҳоӣ чу деви сиёҳи даҳшатангез ба ӯ фишор намеорад, рӯҳашро мубталои азияту озор қарор намедиҳад. Як лаҳза фикри даргузар будани умру ваҳшати маргу чашм аз зебоиҳои ин олам ба гунаи абадӣ пӯшидан аз мағзаш дур шуд, ҷойи онро завқу нишоти зиндагии пурфурӯғ, ки аз осмони каб-кабуду дарахтону навою сафири мурғони гуна-гунаи шохсорон, хандаи софу содаи кӯдакон, овози гуфтори аҳли хонадон, ана ҳамин тавр наздаш нишастани бигузор ақлбохтае чун Комрон таркиб ёфта буд, фаро гирифт. Гиреҳҳои қалби пур аз бухсаш аз ин манзара кушода шуда, ба чаманзори ниҳодаш оби шавқу шодмонӣ ҷорӣ гардид, роҳи нафасу садояш ҳамчунон боз шуда, пиндошт, агар бо тамоми неруву ирода саъй кунад, озод ҳарфҳои дилашро ба лаб меорад, гап мезанаду суҳбат мекорояд. «Э Худои ҳамадону тавоно, вай бояд гап занад, бояд ҳаракат кунад, бояд дар «таъмири ин ҷаҳон» ҳисса гузорад. Бояд…»

Комрон чӯбчаро дар лаб меҷунбонду ба мӯйсафед бетафовут ва бепарво менигарист. Дарро кушода,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Фаррухрӯз ба хона ворид шуд ва Комронро дида, ҳайрону назарногирона сӯяш теғи нигоҳ кашид:

- Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ, ҳа?! Аз куҷо пайдо шудӣ? Ҳамин як ту намерасидӣ? Болои сӯхта намакоб.

Ва бо алам ба падараш нигариставу дафъатан сари Комрон ғазаб кард:

- Ку, зуд бихезу бирав аз ин ҷо. Марш. Дигар сару суратата набинам. Фаҳмидӣ?

Мӯйсафед гардани наҳифи беқувваташро баланд карда, сар ҷунбонд, даст бардошта, ишорае кард, ки маънии «ба вай кордор нашав, бигузор ҳамин ҷо, назди ман шиштан гирад»-ро дошт. Ҳамчунон, овозҳое аз даҳон бароварда, ба Фаррухрӯз ин андешаи худро таъкид карданӣ шуд.

- Хайр, бишин! Ба хотири падарам, вагарна як дақиқа меҳмонат намекунам.

Фаррухрӯз паси сар хорида, аз падар ҳолу аҳвол пурсид, даст бар шикамаш бурд:

- Дард намекунад?

- А-а…а, э-э-эъ…

- Мегӯм шикам ғамат намедиҳад?

- А-а…а, э-э-эъ…

Мӯйсафед дасти рост ба тарафи чапи бадан бурда, бо овози ларзон, ашк дар чашмонаш тӯфон барангехта, маъюсу малул овозҳои гуногун баровард, бо ишора фаҳмонд, ки ҳамон қисмати баданаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

шадидан месӯзаду дард мекунад. Фаррухрӯз қисмати чапи бадани қиблагоҳашро муоина карду палмосид:

- Дард мекунад?

- А…а-а… э-э-эъ…

- Сахт дард мекунад?

- А…а-а… э-э-эъ…

- Духтур оварда нишон додан даркор, - пеши худ гуфт Фаррухрӯз, - варам кардааст. Грижа ворӣ ва гӯё андешаҳои дар мағзаш зуҳуркардаро хулоса мекарда бошад, аз канори рости падар ҷо гирифту чашм аз гулҳои қолин наканда, афзуд:

- Агар грижа бошад, ҷарроҳӣ бояд кард.

…Бад-ин ҳолу ҳаво Комрони ақлбохта чанд рӯз пайи ҳам ба хонаи барояш шинос, ба назди мӯйсафед омад, аммо хонаро холӣ ёфту мутааҷҷибу даҳонво, навмеду ошуфта аз дар баромад. Ҳамсари мӯйсафеду келинаш ба ӯ фаҳмонданд, ки мӯйсафед дар беморхона асту ҷарроҳияш мекунанд.

- Дигар наё, - бо оҳанги сарзаниш, ки тавъам бо ғаму ҳасрат буд гуфт ҳамсари мӯйсафед ба Комрон. – Мӯйсафед касал аст, дардаш вазнин, омада вайро ғаму ташвиш додани ту шарт аст?

- Рав, рав, чӣ магар дигар ҷойи рафтан надорӣ?

Ва аммо Комрон парвои ин суханону аламу дард ва норизоиятии аҳли хонадони мӯйсафедро надошт ва ҳамарӯза гоҳе субҳ, гоҳе нисфирӯзӣ ва гоҳе вақти намози шом ба хонаи шинос меомад, дари ҳуҷраи хоби мӯйсафедро мекушод ва чун онро холӣ меёфт,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ғамзадаю маъюс, шармидаву хиҷолат кашида, сархам, бозпас аз дари ҳавлии мӯйсафед мебаромад.

Ниҳоят, ҳафтае пас Комрон бо савқи табиӣ аз дари ҳавлии мӯйсафед даромадаву мустақиман сӯйи хонаи хоби вай қадам зада, сар ба ҳуҷра даровард ва… мӯйсафеди беморро хобида дар бистар дид, ки бо рӯймоле магасҳоро аз сару рӯяш меронад.

Чашмонаш лабрези хушҳолию масаррати беинтиҳо, вай зуд худро назди мӯйсафед гирифт, рост ба чашмони андешаманди вай нигарист ва овозҳое номафҳум баровrouteда, ишораҳое анҷом дод.

Мӯйсафед олами танҳоиву алами талху вазъи нохуши худро фаромӯш карда, шакарханде дар лаб низ бо ишора ба Комрон фаҳмонд, ки дуртар бишинад, куртаашро боло бардошта, қисмати чапи баданашро нишон дода, ҳушдораш дод, ки «ҷароҳӣ шудааст, мабодо наздик наояду балоеро ба по нахезонад. Бе ин ҳам ҷонаш дар азоб».

Комрон ба думболи ишораҳои мӯйсафед вазъи вайро пайхас карда, қафотар менишаст, чӯбчаи росту суфтаро аз ҷайб бароварда, бар лаб мегузошт ва ҳаракатҳои links мармуз анҷом медод. Ба ӯву ҳаракатҳои бемоҳияташ таваҷҷуҳ карда, мӯйсафед амиқ ба андеша мерафт, пеши худ мепиндошт, ки ин ҷавонаки девонаавзоъ бо рафтору амалҳои худ аз фарзанди инсон будани хеш дарак медиҳад, ингуна пайки аҷалро бо ҳузури худ ба дуртар меронаду ба дуртар ва риштаи умру бақои ҳастии мӯйсафедро дарозтар мекунаду дарозтар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Ё Холиқи Ҷаббор, - аз дил гузаронд мӯйсафед, - ба назарам чунин менамояд, ё... ё дар воқеъ, сирру асрору муаммои корхонаатро бандаҳои осӣ аз куҷо донанд? Тавба кардам, тавба ба даргоҳат». Аммо, на, ҳеҷ неруе, ҳеҷ муъҷизае нестандарҷаҳон наметавонад пеши роҳи маргро бигирад. Мӯйсафед ин ҳақиқати талх ва дар айни ҳол маълуму муқаррариро дар ҳамин бистари беморӣ, ҳангоме ки аз радиои масҷид гоҳу ногоҳ хабари марги нафаре аз ҳамдеҳагон (ҷавон, миёнаумр, солманд ва ё пири мафлук, хоҳ зан бошад, хоҳ мард)-ро мешунаваду дар рагу решаҳои ҷонаш ба дард ҳис мекунад, дарунакӣ мегиряд, оҳи дареғ аз сина берун мекашад. Навбати ӯ низ наздик аст, оқибат он рӯз фаро мерасад. Ҳамин гуна аз радиои масҷид рӯзе дар бораи аз олам даргузаштани ӯ низ хабар медиҳанд. Ва... э... хайр... Вале аз чӣ бошад, ҳузури Комрон ба мӯйсафед неруе ато мекард, умеду бовару эътимодро ба фардои умр меафзуд, манзараи аз тиреза ба чашм намоёнро зеботару дилангезтар ҷилва медод. Дигар осмони аз тиреза ба чашм намоён дар нигоҳи мӯйсафед каб-кабуду тобону зебо ва дарахтони анҷиру олую зардолую шаҳтут, хавозаи токи ангури тоифӣ ва себи солманди дар баландӣ ҷойгиршуда бо шукӯҳу ҷалоли худ дар ин фазою муҳит зиндагиро дар пиндору тасаввури бемор абадию пур аз нишоту дурахшу масаррат мегардонданд. Вай гумон мекард, ки аз ҳар кунҷу канори ҳаёт, аз буни ҳар ашёю мавҷудот, аз фазо, аз чакомаи мурғони сари шохаҳо, аз ҳамаву ҳама ҷо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

оҳанге рӯҳнавоз зуҳур мекунад, неруи булаҷаб ба пайдо меояд, ки воқеияти яъсу ғамандуд – ҷогаҳи бемориию дарди лоилоҷи мӯйсафед – аз пою забони гӯё мондани ӯ, азобҳои тавонкоҳи аз як паҳлу ба паҳлуи дигар бо ҳазорон азоб худро ҷунбондану рӯзону шабони дерёз чашм кушодану дар як маҳдуда – хонаву бистари беморӣ дарёфтанашро пахш месозаду андак-андак аз олами рӯъёии мӯйсафед рӯфтаву ба дуриҳои дур мепартояд.

Аз дарёфти ҷаҳони тозаи зиндагӣ мӯйсафедро завқу ҳоле рух додаву дигар нолишу ғавғои норозиёнааш рӯз ба рӯз камтару оташи исёну ошӯби замираш паст мегардид. Комрон бо ваҷду рӯҳе барозанда ҳар рӯз, ҳамин ки хуршед аз гиребони уфуқ сар баровардаю оламро бо нурҳои тиллогуни хеш пурдурахшу музайян месохт, ҳамин ки олами кунду карахт бо бонги хурӯсону навои ҷонфизои парандагони дар интизори дамидани субҳ осемаю беқарор ба ҳаракату чархиш медаромад, ҳамин ки модараш аз ин писари ҳардамхаёлаш нигарону маъюсу малолатманд, чашмонаш мамлу аз андуҳи лобаёни талх пешаш дастархон мекушоду чою нону ширинию маска мегузошт, Комрон бо ба даҳон бурдани як пора нону як пиёла чойи ширин дарсоат роҳи хонаи мӯйсафеди беморро пеш мегирифт. Вопас, рӯзҳову ҳафтаҳову моҳҳову солҳои қаблӣ назди мағозаю бунгоҳи саломатӣ намерафту бачагону ҷавонони ҳангомаҷӯ давраш ҷамъ намешуданду бо шӯхию ҳазлҳои мутафовит, ки ҷавонакро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бармеангехт, таҳрикаш намедоданду ӯ бо садои дурушту нохуш сӯяшон эътироз намекард. Чӣ хушрӯзу бахтиёру фараҳманд эҳсос мекард худро!

Ҳамрозу ҳамнафаси пиракии бемору танҳо будан, соатҳо хомӯшу хаёлӣ дар наздаш нишастан, хаёлу пиндорҳои маъшумро аз мағзи мӯйсафед бехӣ дур андохтан – ин магар амали андак аст? Рисолати бузурги Инсон дар назди Инсони дигар нест магар?

Аз он ҷониб, мӯйсафед низ, ки ба ҳузури Комрон одат карда буд, бо дамидани субҳу фурӯзон гардидани чароғи офтоб ва равшан шудани Замину Осмон носабуронаву беқарор омадани Комронро интизорӣ мекашид. Ин интизории мӯйсафед он қадар дурдаи ширинӣ дар таҳти зарфи дилаш дошт, ки ғалаёну шӯру шавқеро дар хунаш бармеангехту дар мағзаш фикри абадияти Замину Осмон ва ин олами беохиру зиндагиро устувортару собиттар месохт. Нуре умедворкунанда бар кулбаи ҷонаш нуфуз мекард, меангошт, ки омили бақои умри ӯву ҳаёт бо аз дар даромадану сабуку нарм гом ниҳодану омада чу ошнои дерин наздаш орому нарм нишастани Комрони ҳардамхаёл иртибот дорад. Ва Комрон ҳамарӯза меомаду рӯзашро дар назди мӯйсафеди бемор ба шом мерасонду ғубору зангори аламу дардҳои ӯро аз синааш мезудуд. Аммо боре иттифоқе рух доду ин робитаи аҷиби ду дӯсту ҳамнишинро аз ҳам гусехт, хонаи дилҳоро ғамзадаву пур аз яъс кард. Касе аз аҳли хонадони бемори пир



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

аммо ба худ суол надоду сари ин рухдод тамаркуз накард, ки муҷиби ин рафтору амали Комрон чӣ буд?

Во дареғо!

Рӯзе Комрон омаду пеши мӯйсафед нишаст, хеле фикр кард, ба бемор наздик шуду ба чеҳраи заъфаронии ӯ, ожангҳои канори чашмонаш, ки дастагулҳои хушкидаро мемонд, тӯлонӣ нигарист, баъд сар хам карду… паст-паст ба гиря даромад, мӯйсафедро низ ҳолат дигаргун гардид, дасти навозиш бар сари Комрон бурд, косаи чашмонаш лабрези сиришки талх оҳе ҷигарсӯз аз ниҳод берун кашид. Чанд муддат давом ёфт ин ҳол, касе ҷуз ин ду бандаи Худову худи Офаридгор надонад, чун ҳамсари мӯйсафеду писараш Фаррухрӯзу наберааш Ҷовид, ки пайваста назди мӯйсафед нишаста, ба шуъбадабозиҳои телефони мобилияш машғул мешуд, ба корҳои зиндагию ташвишҳои ҳамарӯзаи худ банд буданду ҳузур надоштанд. Ва аммо ин маънӣ дар матни рухдод сабт асту дақиқ аст, ки пас аз чанде бо ин хаёли дардолуду сангини ҷонкоҳ мӯйсафедро, рӯ ба девор, хоб ба тасарруфи худ дароварду вай аз вуҷуди Комрон ва ин Замину фазои беохир бехабар монд. Қарибиҳои намози аср буд, ки ногаҳ садои имдодталабона ва ғиреви мӯйсафед замину замонро ба ларза дароварду баландтару баландтар гардид. Ҳамон овози даҳшатангезе, ки замоне ҳамсоягонро ба ҳайронӣ мувоҷеҳ карда буду чанд гоҳе дар фосилаҳои вақт дигар баланд намешуд. Инак… ин садои ҷонгудоз аз рухдоде мегуфт, ки нохоставу ногаҳонӣ ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

сари мӯйсафед омадаву ӯро заҳракафу шигифтзада кардааст. Даме ки Фаррухрӯзу ҳамсари ӯ ва писарону модарандар ба думболи ин овози ваҳмангез дарсоат ба хона ворид гардиданд, Компонро диданд, ки каноре ҳайкалвор рост меистоду мӯйсафед дастонаш ҳаворо бурида, чашмонаш аз ҳадақааш ҳамин ҳоло мегуфтӣ ҷаста берун мебаромада бошад,овозе номафҳум аз даҳон баровbooарда, сӯйи Комрон ишораҳо мекард, ту гӯйӣ, ӯро дар ин воқеа муҷриму сабабгор медонист. Фаррухрӯз барфавр назди падар нишаст ва дастонаш ба даст гирифта, тараҳҳумомез нигаҳ афканд ба сӯяш. Мӯйсафед ҳамоно садоҳои номафҳум мебароварду гоҳ ба пойҳо ва гоҳ ба дастонаш ишорат мекард ва ниҳоят, ҷониби Комрони даҳонво нигариста, сар меафшонд.

- Ҳамааш маълум, - вазъашро дигар накарда гуфт Фаррухрӯз ва афзуд:

- Ин девона ба падарам чаққа шуда, аз дасту пойҳояш кашиданӣ шудааст.

- Ин корро вақти дар хоби маст будани падарам анҷом додааст, ки тарсу изтиробаш аз ҳамин сабаб аст. Баъд ба писарашу модарандараш рӯ оварда, оташи ғазабашро сари онҳо рехт:

- Чанд бор гуфтам, ки ягон дақиқа падарамро танҳо намонед. Не, шумо бояд кори худатонро кунед. Мебароеду ғайб мезанед, медонам, ки аз бемору нигоҳубини вай қимоб шуда, роҳи гурез мекобед. Ана, падарам дар хобаш сахт тарсидааст.

Эҳ...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҳамин воқеа «пайю пойи» Комрони ақлбохтаро аз хонаи мӯйсафед канда кард. Ӯро пеш карданд ва огоҳаш сохтанд, ки дигар ба остонаи ин хонадон по нагузорад, вагарна аз сад ҷон як ҷонаш амон нахоҳад ёфт. Комрон аз дар баромадан замон то хамгашти кӯча ба қафо нигариста, бо оҳанги дареғу дилкашолӣ оҳиста -ҳиста қадам зад, танҳо сар ҷунбонду овозе набаровард. Вай ба сарнавишт тан дода буд.

***

Аммо чанде нагузашт, ки овози мӯйсафеди бемор дубора баланд гардида, гӯши замину осмонро ба қомат овард. Ин овози бас ҷонгудозу дилрешкунанда иртифоъ мегирифту аҳли хонадонро ба ташвиш гирифтор мекард. Боз чӣ гап шуда? Кадом узви мӯйсафед ба дард даромада? Ё ягон хоҳиши дигаре дорад? Ҳангоме ки Фаррухрӯзу ҳамсару писараш ва модарандар ба сарвақти бемор расиданд, вай чашмонашро калон-калон кушода, ба атрофаш менигарист, баъд сарашро ғеҷонда, ба сақфи хонаю шоҳчароғ, ингуна домани нигоҳашро ғундошта, ба берун, ба дарахтони анҷиру шоҳтуту олуболу ва себи сурхи пир чашм медӯхт. Фаррухрӯз наздаш нишаста, хавотиромез дастонашро ба даст гирифта, бо имову ишора фаҳмидан мехост, ки сурати ҳол чист? Мӯйсафед даст афшонда, ба кунҷи хона бо ангушт ишорат мекард, канда-канда овозҳое номуайяну номафҳум мебаровард. Пас-он хафаманду норизо чашм ба девор медӯхт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Намефаҳмам, чӣ мехоста бошад? - банди ҳайрату изтироб сар ҷунбонд Фаррухрӯз ва сукут кард.

Модарандар, ки гоҳ-гоҳ овоз бароварда, пеши худ чизе мегуфт, маслиҳатомез ба Фаррухрӯз хитоб кард:

- Аниқ намедонам, лекин дилам гувоҳӣ медиҳад, ки… вай ин ҷо ҳозиру нозир будани Комрони парирвараррo талаб дорад. Норизоию хафагияш аз ҳамин сабаб аст.

- Охир, бо Комрон одат карда буд. Боз… надонам, кори Худо.

- Пас, чӣ бояд кард? - пурсон шуд Фаррухрӯз ва хаёлманд ба падар нигарист. - Бовар кунед, сару калобаамро гум кардам. Гоҳе доду фиғон мебардорад, ки девона дар хобаш тарсондааст ӯро, гоҳе ана ин тавр меранҷаду хоҳони дидори ун беақл мешавад.

- Як бало карда, Комронро, овардан даркор, - гуфт модарандар ва ба Ҷовид, набераи мӯйсафед нигарист.

- Ҳаминаш намерасид, - ғурунгос зад Фаррухрӯз. - Рафта як девонаро зорию тавалло карда, назди бемор биёрӣ.

- Дигар чора нест.

- Хайр, чӣ илоҷ, аз пояш мешавем. Вагарна падарам то саҳар фарёду фиғон мебардорад.

- Ҳо, айб аст, мардум чӣ мегӯянд?

Модарандар хомӯш монд.

Даме, ки Фаррухрӯз ба хонаи Мирзоюсуф расида, ба падари Комрон асли воқеаро фаҳмонд, вай хеле ба фикр фурӯ рафт, оҳ кашид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Дар пешониямон навишта шуда будааст. Сарнавишти талх. Эҳ... Лекин, агар мӯйсафеди падарат бо Комрон унс гирифтаву ҳузури ин бечора тасаллои хотираш бошад, боке не. Ин ҳам имтиҳони Худост. Ман як илоҷ карда, Комронро роҳӣ мекунам. Лекин... ҳоли ҳозир наметавонам. Вай чанд рӯз аст, ки касал шуда, дар ҷогаҳ хоб аст.

- Касал? - ҳайрон шуд Фаррухрӯз. - Куҷояш дард мекунад?

- Фаҳмидан душвор. Неке, нағз мешавад. Ин бори аввал нест.

Бемори бистарӣ шудани Комрон дар деҳ овоза шуд. Аммо бо гузашти ҳафтае вай дубора дар назди мағозаю бунгоҳи саломатӣ пайдо шуд. Чеҳрааш ғамзадаю нигоҳаш маъюс, меомаду рӯйи харак менишаст. Баъд чӯбчаи суфташудаеро аз ҷайби шалвораш мебароварду шабеҳи найнавоз ба он лаб мебурду меовард, лаб мебурду меовард. Аз чӣ бошад, баъд аз он руҳдод роҳи хонаи мӯйсафедро аз ёд бароварда буд. Ва...

Ва як нимарӯзи айёми гармиҳои тобистон касе надиду пай ҳам набурд, ки чӣ тавр Комрон хомӯшу бесадо аз дарвозаи бузурги оҳанини мӯйсафед даромада, сӯйи хонаи хоби бемор гом ниҳода, ҳамчунон нарму ором ба ҳуҷра ворид гардид ва...

Вақте Фаррухрӯз савори мошини тамғаи «Опел» аз Душанбе баргашту фаромадан замон ба хонаи хоби падар даромад, аз ҳайрат дар ҷояш шах шуда, ҳатто овоз бароварда натавонист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Вай ба ин манзара ҳеҷ бовар кардан намехост, аммо...

Компрони ҳардамхаёл дастони мӯйсафеди бемор дар даст, ҳар ду бо чашмони бози қаноатманд аз худу аз зиндагӣ, дар паҳлуи ҳам ба хоби абадӣ рафта буданд.

## ИНТИЗОРӢ

Аз қатора мефароем. Сумкаи ман вазнин (андарунаш як халтаи калони пур аз кулчаи ширмол, ки занам пухтааст, қанду мағзу мавиз), гоҳ ба ин китф меандозам, гоҳ ба китфи дигар. Истгоҳи роҳи оҳан чунон серодам аст, ки беихтиёр гоҳ ба ин ва гоҳ ба он одами ношинос бармехурӣ. Қадам мезанам бо аҷала, то аз ҳамроҳон намонам қафо. Метапад дилам, худро дар шаҳри бузурги Маскав бегонаю бечора ҳис мекунам. Ку деҳа, ку хонаи гилини ҳақиронаам, ку кӯчаи пур аз чангу хок?! Ҳамсараму кӯдаконам пеши назарам. Боз мактаб, муаллимону хонандагон. Яке садои муаллимаи Латофат дар бехи гӯшам баланд мешавад:

- Хайр, рафтӣ, моро (вай сурх мешавад, аниқ ба ҷои «моро» гуфтан, «маро» мехост гӯяд) аз ёд набарор. Агар тавонӣ, ягон атри хушбӯйи фаронсавӣ савғо биёр.

Бале, атри хушбӯйи фаронсавӣ! Ва ҳоло ман ҳамин лаҳзаро аз чӣ бошад, ба ёд меорам. Шаш нафарем, пасопеш равонаем. Банди ҳазорон фикру



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

хаёл баногаҳ онҳоро гум мекунам. Зудтар бояд қадам занам, ҳо, ана, дидамшон. Не, не, ҳамаашонро не, танҳо бародарон Салиму Ҳалимро, тамом. Чор нафари дигар куҷо ғайб заданд? Мо, се нафар, инак, хомӯш ба роҳи зеризаминӣ медароем. Аз он тараф мебароем ва ба толори барҳавою равшани вокзал ворид мешавем. Гарм аст ҳаво, чунон гарм аст, ки аз бадан арақ мерезад. Ман яке ҳис мекунам шиддати гарморо. 26 май. Толори вокзал моломоли одамон аст, равуои бисёр, одамони бешумор қатор-қатор дар навбати хариди чипта истодаанд. Ҳадаҳа мешавем. Чӣ бояд кард? Сумкаҳо вазнин, ягон ҷо нишаста, интизор шудан лозим. Ва аммо ҳамроҳони мо чаро дер карда истодаанд? Куҷо шуданд онҳо? Ё роҳро гум карда саргардонанд, ё... Намедонам. Мардуми ин шаҳр, писару духтар, зану мард, ҷавонону солхӯрдаҳо ба мо-се тан мусофири ошуфтаҳолу хаста бо чашми ҳайрат менигаранд. Ду тан ҷавони қадбаланди шиму кастуми кабудранг ба бар ва мӯйсараш бо ҳавсала шоназада ва духтари миёнақади кулчарӯ, ки чашмони хандон дорад, бо ҳам дар чӣ хусус гап мезананд ва механданд. Ногоҳ нигоҳи озмоишкоронаи онҳо ба мо меафтад ва баланд механданд. Механдандy механданд, боз, боз... Ва ман худро гум мекунам, дастпоча мешавам. Арақ мерезад аз рӯям. Шарме фаро мегирадам. Ҳо, яке мебинам, ки дар ҳамин гармои охири моҳи май пӯстини чармӣ дар бар дорам. Ба одамон менигарам. Ҳама либоси нафиси баҳорӣ ба тан кашида. Ман бошам... Эҳ...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Пӯстинро каш, маълим, - рамузгирона мегӯяд Салим. - Ҳо, бикаш аз тан, инҳо (ба русҳо ишора мекунад) айб мекунанд. Мекашам пӯстини чармиро аз тан ва болои сумка мемонам. Ин дам эҳсос мекунам, ки гурусна мондаам, сахт гурусна. Дилам мегӯяд, ки сумкаро кушояму ягон кулча бишканам. Кулчаҳои ширмоли танӯрӣ, кулчаҳои бо сад ҳавас пухтаи ҳамсарам. Аммо…

Боз ҳам дар байни анбуҳи афроди ношинос наметавонам даҳони халтаро боз кунам.

- Биёен, ягон ҷо бишинем, - маслиҳат медиҳад Салим.

Мешинем дар курсиҳое, ки баногоҳ холӣ шудаанд. Ба Ҳалим (бародарбузурги Салим), ки соле аз ман калонтар аст, менигарам. Парешонҳолу ғамзада менамояд. Яқин нороҳат аст. Мо ҳама нороҳатем. Оҳ, деҳаи азиз, хонаю дари обод, ҳамсару фарзандон. Поятро ба чор тараф дароз мекунию ҳаловат мебарӣ. Бигир, бихӯр, ҷавлон бизан, роҳҳои хокӣ аз ту, адиру пуштаҳои сабзфом аз ту, заминҳои кишти гандум аз ту ва боз… осмони кабуди беабр, офтоби нурполо, садои мурғони хушнаво…

- Чӣ ба хаёл рафтӣ, маълим? - мепурсад Салим. - Хаёл накун, дар Расия бори аввал нестӣ-ку!

Ҳалим ҳамоно хаставу парешон аст, ҳарфе намегӯяд. Вай дар чӣ бора фикр мекарда бошад? Чаро хомӯш аст? Ман низ хаставу беҳолам, чашмонам худ аз худ пӯшида мешаванд. Охир, то Маскав тӯли се шабонарӯз дар қатора омадем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Омадем, азоб кашида, аз хоб монда, андар вагони №8. Қимоб шудам аз ин вагону роҳбаладони беинсофу дар муомила хашини он-зани миёнасоли ғафс ва ҷавонмарди ҳузарбе, ки танҳо дар фикри пул буд ва ҳама «муллояш» мегуфтанд.

Ҳо, муллои роҳбаладӣ тақрибан 30-35-сола, Эҳ, ин як қиссаи дарози дигар аст.

Хоб пахшам мекунад. Рафтам дигар, рафтам. Мебинам: дар замини деҳқонӣ, дар байни ҷӯяҳои саропо сабзфоми қулфинайҳоям. Суп-сурх пухтаанд, хам мешавам, аз байни баргҳо як мушт мечинам, мечинаму ба даҳон меандозам. Яке хоку чангу ғубор бармехезад. Ардашеру Наврӯзу Ҷовид меоянд. Харсавор. Харсавор-пешу қафо. Ҳай гарм аст ҳаво. Офтоб чу кураи зардфоми гардон болои сар. Месӯзоним бисӯзон. Дар нурҳои гармат ҷонам. Қурбони зарҳали рӯят».

Боз мебинам ё мешунавам:

- Эҳей ота, -фарёд мезанад писарам Ардашер. - Амакӣ й-й-й, ҳо амакӣ, -овоз баланд мекунанд Наврӯзу Ҷовид, ҷиянҳоям.

- Биёен, ёрдам кунед, дарзаҳои алафро ба харҳо бор кунем.

Меравам ҷонибшон. Бӯйи ришқаи навдаравида мезанад ба димоғам. Қадам мезанам, наздик мешавам. Як дарзаро мебардораму ба кадом харе бор кардан мехоҳам.

- Бардорен, бардорен, -амр медиҳам ба бачаҳо.

Ҳа…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ҳа, маълим, -овозе дар бехи гӯшам баланд мешавад ва ба ҳуш меорадам.

- Чӣ гап, хоб-поб дидӣ, чӣ бало? - хандида мегӯяд Салим. «Бардор, бардор» гуфта, дод мезадӣ. - Не-е, наход? Хоб буд? Хоб буд, хоб.

Сахт андуҳгинам. Абри ғам фаро мегирад осмони қалбамро.

Чӣ бояд кард? Намедонам, аммо Салим маслиҳат медиҳад, ки ба қабати дуюми бино бароем.

- Ин ҷо равуо бисёр, милисаҳо ҳам тез-тез пайдо мешаванд, -фаҳмонд вай ва афзуд:

- Биёед, сумкаю халтаҳоро бардорему боло бароем.

Ҳалим гиреҳ бар абрувон зада, ноҷумбон менишаст. Чӣ хел ба қабати дуюм бароем? - норозиёна ғурунгос зад вай. - Охир, ҷиянҳоям - Алию Нуралӣ номаълум дар куҷоянд? Агар ба дасти милисаҳо афтода бошанд, онҳоро халос кардан лозим. Чӣ, фақат ғами худамонро хӯрему шинем?

- Онҳо танҳо нестанд-ку, ранҷишомез мегӯяд Салим, ҳамроҳашон Аҳрор, гурги борондида аст вай. Наход ки…

- Э, аз дасти Аҳрорат чӣ меояд? – ба ғазаб омад Ҳалим. -Агар дар чанги милисаҳои ганда афтанд, Аҳрор ҳам ҳеҷ кор карда наметавонад.

- Хайр, ба фикри ту мо бояд ҳоло чӣ кор кунем? - як сумкааш дар дасту сумкаи дигар дар китф Салим ба бародарбузургаш назари суол дӯхт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Маълим дар назди сумкаю халтаҳо меистад, - маслиҳат пеш овард Ҳалим, -ҳардуямон ба берун баромада, ин тарафу онтарафа ҷустуҷӯ мекунем, Алию Нуралира ёфтан даркор. Онҳо бори аввал дар Расия, дар ин шаҳри калони ношинос, боз…раҳгум назананд?

Вай лаҳзае ба анбуҳи одамон ҳамчунон парешонҳол нигариста, давом дод:

- Онҳоро ёфта оварда, аз пайи хариди билет шудан даркор. Ку, бубинем, ба самти Санкт-Петербург кай, дар кадом соат рейс ҳаст? Пуламон кам, ба поезди арзонтарин бояд билет ёбем. Ё не? Салим дафъатан сумкаю халтаҳояшро ба замин гузошт ва оҳ кашид.

- Эҳ, заб коре шуд-а, -гуфт вай ва маънидорона ба сӯи ман нигарист:

- Маълим, ман худам сумкаҳоро нигоҳубин мекунам, шумо ҳамроҳи акаи Ҳалим ба кофтукови он се нафар бароед. Илтимос.

Ман посухи рад дода натавонистам ва ҳамроҳи Ҳалим оҳиста-оҳиста қадам зада, бо эҳтиёт аз дари толори фурӯши чиптаҳо ба берун баромаданӣ шудем. Фикре ба мағзам фишор меовард: онҳо куҷо шуда бошанд? Агар милисаҳо гирифта бурда бошандашон, пас ба кадом шуъба? Магар Аҳрор намедонад? Аз уҳдаи бо он милисаҳо забон ёфтан намебароянд? Ё тавба, тақрибан 40-45 дақиқа аз он ҳангом, ки онҳо ғайб задаанд, сипарӣ гардидааст. Вақти кам ҳам не. Ин тарафу он тараф гом ниҳода, бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

таанн̄и ба гирду гӯша дида медӯзем. Аммо… дар байни чеҳраҳои зиёд симоҳои шиносро ҳеҷ намеёбем. Москва гӯянд ин шаҳрро. Деҳаат набошад?! Ҳай бузургу бавусъат аст. Ҳалим маъюсу навмедона даст меафшонад:

- Ба кор пай ғалтид. Дер мешавад. Ҳоли билет нагирифтаем.

Ва ба ман рӯ меорад:

-Рафтем, маълим. Агар соқу саломат бошанд, Худо мерасонад онҳоро. Ҳамин замон мебин̄и, ки милисаи дигаре пайдо мешавад. Бало занад онҳоро.

Ва фоли дидаи Ҳалим рост баромад. Ҳангоме ки ба толор баргаштан̄и шудем, рӯ ба рӯямон ду милисаи яке қадбаланди харобандом ва дигаре ғафси пакана дар кадом бобе гапзанон пайдо гардиданд.

- Ҳуҷҷатҳоятон! - даршаст амр дод ғафси пакана ва рӯбоҳвор ин сӯ-он сӯ чашм давонд:

- Зудтар, ку бубинем, меҳмонҳои куҷоиед?

Мо танҳо чиптаҳои қатораи Душанбе-Маскав ва шиносномаҳоямонро нишон дода тавонистем. Пакана гоҳ ба шиносномаҳо ва гоҳ ба чиптаҳо нигариста хандид. Туркхандаи нофораме!

- Ба шуъба мебарем шуморо. Қайди зисти муваққат̄и надоред.

Ҳарчанд ба ӯву ҳамроҳаш фаҳмондем, ки мо ба Санкт-Петербург равонаем, бо нишондоди қонун се рӯз ҳақ дорем, ки озодона дар ин кишвар гаштугузор кунем. Бефоида. Ба ин милисаҳо гап фаҳмондан ба масал бо сӯзан кӯҳи хоро канданро мемонд. Ҳуҷҷатҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

дар даст ба самти офтобшин қадам зада, ингуна аз мо хеле дур шуданд милисаҳо.

«Болои сӯхта намакобаш ҳамин, - пичиррос зад Ҳалим ва пешниҳод кард, ки ба милисаҳои хира расида гирем ва мушкилро ҳал кунем.

- Чӣ тавр? - ҳайрон шудам ман.

- Ягонсӯмӣ медиҳем, дигар илоҷ нест.

- Чаро бояд пул диҳем? Қонунӣ ҳал мекунем қазияро.

- Эҳ маълим, як гапҳое мегӯӣ, ки… Қонун дар куҷост? Барои инҳо мо ба андозаи донаи арзан қадр надорем.

Аз қавле, «ҳафту ҳашт»-и барзиёд ҳам накардем. Сад рублии русӣ бароварда, бо «ду дасти адаб» ба нозирони тартиботи чашмгурусна додему ҳуҷҷатҳоямонро бозпас гирифта, гӯё мушти гароне ба сар хӯрда бошем, афсурдаву бедимоғ баргаштем ба толор.

- Ҳа, чӣ хабар? - моро дидаи замон хитоб кард Салим аз ҷояш бархоста. - Шеред ё рӯбоҳ?

Чун воқеаи руҳдодаро нақл кардем, дуд аз димоғи Салим ҳам баромаду мушти дареғ бар зону зад:

- Гуфтам-а, лозим нест, онҳоро кофтану саргардон шудан. Роҳро ёфта меоянд. Аҳрор бало аст, аз таги замин бошад ҳам, моро меёфт. Ана ноомади корро бин. Пул кам аст, ба хариди билет мерасад ё не, Худо медонад. Омада-омада… Эҳ… Дар ин ҳол дар чашмони Салим фазиҳату ғазаби ошкоро ҳувайдо гардида, вай халтаю сумкаашро бардошта:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Дигар истодани мо ин ҷо ҳеҷ маънӣ надорад, - гуфт ошуфтаҳолона. - Ба қабати дуюм мебароему мунтазир мешавем. Меомадагистанд охир. Кучҷо мераванд. Ба милисаҳо мисли шумо муфтакак пулро бароварда медиҳанду ҷонашонро халос мекунанд. Ҳақиқати маълум. Вақте ба қабати дуюм, ки вазифаи толори интизориро иҷро мекардааст, баромадем, мусофирон як-як, ду-ду дар харакҳо нишаста, ҳар нафаре банди хаёлу андешаҳои худ буданд. Одамон дар ин ҷо дар қиёс бо толори калони ошёнаи якум камтар ба назар мерасиданд. Салиму Ҳалим ба хараке ва ман ба хараки рӯ ба рӯйи онҳо танҳо нишастам. Ҳавои гарм ба кас тазъйиқ меовард, нафасгирӣ вазнин. Ҳолате доштем ногувору ғашовар. Аз чӣ бошад, хоб пахш мекард маро. Аммо гуруснагӣ ба девори меъда панҷа мезад, хастагию заъфе тамоми баданро фаро мегирифт, ҳатто дил беҳузур мешуду сар чарх зада, абри сиёҳе дар пеши чашм ба пайдо меомад. «Ягон чиз бояд тановул кард, -меандешидам ман. - Ба ҷуз шикастани кулчаҳои ширмол чорае нест. Аслан хӯрдании дигаре ҳам надорем». Сумкаро во карда, рӯймолеро, ки андарунаш кулчаҳо мехобиданд, берун баровардам. Бӯе нохоста ба димоғам зад. Аз шиддати гармо кулчаҳо пуркида, ранги сабзи бо сафед махлут рӯяшонро фаро гирифта буд. Мағор зада буданд кулчаҳо. Чанд дона кулчаро болои рӯймол гузошта, ҳайрону пакарнамо ба ҳоли худам дилам сӯхт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net мурочиат кунед

- Чӣ шуд, маълим? -кунҷковӣ кард Салим, ки низ даҳони халтаашро кушода, ба хӯрдание, ки дар селофан печонда буд, озмоишкорона менигарист.

- Кулчаҳо дар ҳавои гарм бӯ гирифта, мағор бастаанд, -фаҳмондам ба ӯ ва афзудам:

- Се шабонарӯз дар роҳ будем, вайрон шудаанд. Боз… ана ҳаво дар ин ҷо ҳам гарму нафасгир.

- Ку, бубинем, - гуфта Салим кулчаеро ба даст гирифт ва пеши чашм оварда, нигаристу нигарист. Баъд рӯймолчаи наву оҳариеро аз халтааш гирифта:

- Ҳеҷ ҷойи воҳимаю ташвиш надорад, - тасалло дод маро. - Қабати мағорро поку тоза мекунем, дигар хӯрдан мегирем.

Ва зуд-зуд кулчаҳоро пок карда, бархосту селофанро кушод. Андаруни он гӯшти бирён мехобид. «Хайрият, ки бӯ нагирифтааст, хӯрдан мумкин, -дилпур кард маро вай ва ману бародарбузургаш Ҳалимро ба тановул даъват кард.

- То ҷиянҳоямон Алию Нуралӣ пайдо нашаванд, чизе аз гулуям намегузарад. Бовар кунед, ин аҳвол одамро сахт асабӣ мекунад, - изҳори норозигӣ намуда, Ҳалим бархосту ба қадамзанӣ даромад. Назди тирезаи барҷастаи дарозрӯя рафта, хиратабъу маъюсона ба берун чашм дӯхт, дастонашро ба пушт ва ангуштонашро бо ҳам қуфлу калид карда.

Пораҳои кулчаро ба душвор хойидаю фуру мебурдем. Гӯшт низ мазза медод, хӯрданаш вазнин буд. Чанд лаҳзае бад-ин минвол пушти сар шуд. Ногаҳ овози Аҳрор баромаду моро ба худ овард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ана, шумо дар куҷо будаеду мо кофта гаштаем.

Дар суханони вай оҳанги ҷасорату эътимод ва як навъ сарфарозӣ эҳсос карда мешуд. Аз думболи Аҳрор ҷиянҳои Салиму Ҳалим-Алию Нуралӣ қадам зада, ба мо наздик шуданд.

- Куҷо шудед, шумо? - якбора барошуфт Ҳалим ва ҳамчунон оташи ғазаб дар хонаи чашмонаш шуълавар ба сӯйи ҷиянҳояш ишора кард:

- Шуморо чӣ бало зад? Ман дар поезд насиҳататон карда будам, ки дар шаҳри Масква, ки фаромадем, ё пеш-пеши мо, ё бар ба барамон қадам занед. Шумо чӣ кор кардед? Барзаговатон гӯям, гӯсфанд гӯям… Эҳ… Алию Нуралӣ, чеҳраҳошон аз шарму хиҷолат арғувонӣ гардида, сархам, ҳарфе ба забон намеоварданд. Аҳрор аз вазъи онҳо рамуз бардошта, даст ба китфи Ҳалим гузошта:

- Ҳеҷ гап не. Охир, ман ҳам, ки Расияро, аз қавле, «об карда хӯрдаам», ҳамроҳ бо ҷиянҳоят ба дасти милисаҳо афтидам, - гуфт бо оҳанги тасалло. - Насиб будааст, вале ҳамааш ба хайр анҷомид.

- Чӣ тавр? - дарҳол суоломез ба Аҳрор нигарист Салим.

- Ҳамроҳашон хеле моро кашола карда бурданд, - ба нақлаш идома дод Аҳрор. - Баъд… воҳимаю ҳангомаро сар карданд. «Мо барои надоштани ҳуҷҷати қайди зисти муваққатӣ шуморо бурда, дар шуъбаи роҳи оҳан маҳкам мекунем, - таҳдид карданд онҳо. Хайр, спектакли маълум. Пул мехоҳанд, вассалом.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҳалим сабру таҳаммулро аз даст дод:

- Даррав пулро бароварда додед?

- Не, аз куҷо, - хандид Аҳрор. - Чапғалат дода, дар байни издиҳоми одамон аввал Алию Нуралиро гурезондаму ба милисаҳо фаҳмондем, ки онҳоро мекобаму меёбам. Тез-тез қадам зада, то ки онҳоро гум накунаму «роҳгум назананд, аз пештар расида, «гурехтем», гуфтаму якбора давидеме. Давидему давидем, инак, ба пеши шумо расидем. Ҳаволаи милисаҳо ба Худои ҷаббор. Ҳалим абругирифта буд, ки абругирифтатар шуда, гӯё балои ногаҳонии осмоние бар сари тамоми бошандагони ин шаҳру дар толори интизорӣ будагон омада бошад, ҷониби Аҳрор, ки миёнақади фарбеҳ ва чеҳрааш сурху варамида метобид, чанд қадам гузошту аз тахти рӯяш нигариста фарёд зад.

-Ҳа, гумон кардӣ, ки ин милисаҳо шуморо намеёбанд? Мисли ин ҷиянҳои ман гӯсфанданд? Охир, шаҳр шаҳри онҳост. Даҳ ангушташон барин ҳар як кунҷу канораи шаҳр чӣ-кӣ, Расияро аз ёд медонад. Чӣ расад ба вакзалҳои Павилетскию Қазони Маскав. Ана, мебинӣ, ки ба ҳамин ҷо мерасанд.

- Хайр? - худро қафо кашид Аҳрор ва ранҷидахотир даст афшонд:

- Аз тақдир ҷойи гурез нест. Ҳар чӣ ки аз дастам омад, кардам. Омаданд, омадан гиранд.

- Ман гуфтанӣ, кӣ дар ин ҷо фиребу тақал фоида надорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Чӣ ба фикри ту ҳадаҳа пулро бароварда медодему халос мешудем?

- Онҳо, ки омаданд, ун пула хоҳӣ-нахоҳӣ, кашида мегиранд. Ин қадар вақта думи гов барин дароз карда гаштан чӣ маънӣ дошт?

- Э, гуфтагӣ барин, ҳоло соат чанд бошад? -ба моҷарои Ҳалиму Аҳрор нуқта гузоштанӣ шуда, лигоми суанро ба дигар тараф кашид Салим ва ба ман рӯ овард:

- Маълим, равем дигар аз пайи билетхарӣ шавем. Вақт беҳуда наравад. Чӣ гуфтед?

Мо барои хариди чиптаҳо сари маслиҳату машварат нишастанӣ будем, ки…

- Ҳа, хостед, ки моро осонакаку муфтакак фиреб дода, ҷонатонро халос кунед? - гӯён ду милиса, ки дар сару сурат аз милисаҳои моро боздошта тафовути казоӣ надоштанд, поғундаҳои ошёнаи толорро боло шуда, ришхандзанон мустақиман ҷониби мо омаданд. Ҳалим ҳолу ҳавое дошт беморгуна. Оҳ кашида ба Аҳрор ишорат кард, ки зуд ҳаққи инҳоро бароварда диҳад. Ба мушоҳида мерасид, ки мардуми дар толорбуда, ки аз халқияту миллатҳои гуногун буданд, ҳеҷ парвои ин бигӯ-магӯву «доду ситади» милисаҳову як гурӯҳ тоҷикон надоранд. Онҳо ончунон дар дунёи худ ғарқ шуда буданд, ки мегуфтӣ, аслан сокинони кадом сайёраи дуранд. Ба болои ин, бӯйи тезу тунди атру гуна-гуна ғизоҳои зудпаз, ки аз фурӯшгоҳи як канори толор ба димоғ мезад, нофораму ноҷо менамуд. Ин фазою муҳити батамом



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бегона аз дунёе мегуфт, ки дар он ба инсон ягон зарра сидқу раҳм гузошта намешуд, ҳама кору ҳама чиз бо пул баркашида мешуд, нафс дар ин қаламрав ҷамеи арзишҳои бузурги инсониро фурӯ бурдаву аз дил, ки махзани дӯстдорию шафқат аст ва рӯҳи инсонро нерую тавон мебахшад, комилан нишоне нест. «Дилмурдаҳо»-пичиррос задам ман. Вақте инсон дили худро фаромӯш месозад, яқин мағзаш ба тоблуи холӣ ва ё дуҳули дар зери борон тару намкашида табдил меёбад. Он гоҳ на аз хонаи дил ва на аз ҳисори мағз садое зиндагисозу ишқгуна берун нахоҳад омад. Вуҷуди шахс ба хоросанг монанд мешавад. Муҳаббат маҳв мешавад, одам ба кирме, ки ғизояш гил аст ва ё мӯре нотавону заиф мубаддал мегардад...» Яке аз милисаҳо ба Аҳрор «часпида», дигаре ба бародарон Алию Нуралӣ, «зуд пулро бароред, ки набошад, шуморо ба ҳамон шуъба мебарем. Гуноҳатон ду баробар зиёд шудааст, ки худатон медонед, гуфта ошкоро дасти тамаъ сӯйи онон дароз карда буданд. Ҳамин дам...

Дар ниҳодам шахсе дигаргуна, ки аз «ман»-и воқеӣ комилан дар фосилаҳо қарор дошт, ба шӯру фиғону ошӯб омада, ҳама садду монеаҳоро убур карда, қад алам кард. Он нафари андаруни ман якбора забон ба даъвию эътироз кушод:

- Шумо аз кадом гуноҳу чӣ гуна қонун ҳарф мезанед? - ба милисаҳо рӯ овард вай. -Киро метарсонеду гӯл мезанед? Кадом ҳуҷҷати зисти муваққат? Охир, мусофири дар роҳ буда, ҳар чӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

зудтар ба шаҳре, ки равона аст, расидан мехоҳад Хоб рафтан барои вай чӣ зарурат дорад? Инак, ин одамони бечора аз Душанбе то Маскав омаданд. Аз ин ҷо чипта меҳаранду ба Санкт-Петербург равон хоҳанд шуд. Қонун чӣ мегӯяд? Се рӯз ҳуқуқи комил доред, ки бо билетатон озодона гашту гузор кунед. Шумо чӣ кор карда истодаед?

Агар аз ин се нафар 100-рублӣ биситонед, 300 рубл мешавад. Гуманизм чӣ мешавад? Пушкину Толстойу Чехову Горкий чӣ мегуфтанд?

- Чикораӣ? - заррае худро бой надода пурсиданд баробар милисаҳо ва ба ҷавоби ман интизор нашуда;

- Философ пайдо шуд, - гуфтанд хандида. -Шояд ҳоло аз таърихи Риму Юнони қадим низ ҳарзабофӣ карда, лексия мехонӣ?

- Муаллимам ман, - рост ба чашмони онон нигаристам. - Ва ҳақиқатро гуфтаму мегӯям.

- Мо аз куҷо медонем, ки ту муаллимӣ. Дар пешоният навиштагӣ набошад…

- Минбаъд дониста монед, зарар надорад.

- Уҳӯ, боз сиёсат мекунад.

- Пул-мул намегиред, тамом-вассалом.

Набошад…

- Чӣ «набошад?» -заҳрханде карданд «нозирони тартибот»

- Менависем.

- Менависӣ? Агар махфӣ набошад, ба куҷо?

- Ба Раиси Ҳукумати Россия, ба Раиси Думаатон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Навис, навис, - асои резинияшро бозӣ доронда киноя кард як нафараш. - Гуманист.

Садои баланд-баланд хандидани онҳо пардаи гӯшро ҳамин ҳоло мегуфтӣ, ки мекафонида бошад.

Ва «мебинед шумо», - гӯён, таҳдидкунон пасопеш аз поғундаҳо фаромада, аз толор баромада рафтанд.

Пас аз рафтани онҳо як сукунати дилгиркунандае ҳукмфармо гардид. Касе лаб ба сухан намекушод. Як даста нури офтоб аз тирезаи дарозрӯя ба дохили толор афтида, сару рӯйро месӯзонд. Салим яхи хомӯширо шикаста, гуфт, ки рафта нархи чиптаҳоро фаҳмида меояд.

- Соат $12^{43}$ дақиқа, -фаҳмонд вай. - Тезтар билет гирифта ба роҳ баромадан даркор. Дер нашавад боз.

- Ба рейсе билет гирифтан лозим, ки аз ҳама арзон бошад, - хотиррасон кард Ҳалим. - Пуламон сар ба сар мерасад, ба фикрам.

Салим рафту мо дар харакҳои чӯбин дубора нишаста, бо вақт муборизаро шуруъ кардем.

...Ниҳоят пулҳоро ҷамъ карда, ба рейси шабона, дар соати $10^{00}$ ба қатори нишастаравон (сидячий) чипта харидем. Ҳамакнун то ба роҳ баромадан расо даҳ соат вақти дигар мунтазир шудан лозим меомад. Маълум, ки интизорӣ дар мулки ғарибӣ амали саҳлу осон ҳам нест. Аммо чӣ чора? Дигаронро намедонам, ман сахт ташна монда будам. Хаёл мекардам деворҳои ҷигарам оташ гирифтаву эҳсоси табу тоби сӯзони дарунӣ хунро мечӯшонад, дасте ноаён ин сӯзишро ба тамоми узви бадан паҳн мекард. Ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

эҳсосу ангезаи ҷоншикор то ба мағз мерасид, аз қаламрави тан сар ба берун задан мехост. Шақиқаҳо ба дард даромада, оинаи чашм хираву тира мегардид. Лабҳо аз итоату идора баромада, низ аз тафсу сӯзиш хушк мешуданд.

Пул тамом шудаву дар ҷайби нафаре аз мо маблағи андаке барои хариди нӯшобае намонда буд. Вазъи сангине домангирамон шуда, аз ҳеҷ сӯву канорае умеди ёрию наҷот ба чашм намерасид.

Даробарои одамон бе танаффус идома дошт. Баландгӯяки радиои вокзал баъди ҳар чанд дақиқа номи ину он шаҳрро, ки қатора ба он ҳаракат мекард, эълон мекард. Хоб рафтан мехостам, вале ташнагӣ чу ҳашарае оби боқимондаи танро мемакиду мемакид. Чашмҳо пӯшида мешуданду ҳамон замон кушода. Дарди сар авҷ мегирифт. Донаи ҳабро ба зери забон ҳаво дода, бо оби даҳон фурӯ бурда, пеши худ мақсад гузоштам, ки хоб меравам. Чашм пӯшиданӣ будам, ки…

Бонуе ду сумкаи квадратшакли сиёҳрангро кашола кардаю ду халтаи дигар ба китфҳояш овезон, як духтари зардинамӯйи тақрибан 3-сола ва писараки 5-сола пешопешаш ба толор ворид гардид. Вай лаҳзае ба саҳни толори бавусъат мушоҳидакорона бингариста, ҷойи нишаст ҷустанӣ шуд ва… оҳиста омаду рӯ ба рӯи ман, андар хараке холӣ биншаст ва халтаҳои китфонашро паҳлуяш гузошт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Шинед, - амр кард ба духтарчаю писарак. - Ҳаракати зиёдатӣ накунед. Бисёр гап ҳам назанед. Мумкин не.

Вай дар тан пираҳани нафису нозуки гулҳояш калон-калони сабзфом дошта, қадбаланду пуррапайкар, ба назар 30-35-сола менамуд. Хирмани мӯйҳои хурмоирангаш то китфонаш мерасид. Нигоҳи чашмони зебои кабудфомаш аҷаб сеҳру ҷозибае дошт. Ин сеҳру ҷозиба тавъам бо ҷиддияти бону ба сурати ӯ шукӯҳ мебахшиданд. Дар пойҳояш кафши сафеди сабуки тобистонӣ дошт. Воқеан ҳам, хушсоқу парипайкар буд нозанин. Ҳусни расои Худодод насибаш гардида, сафи мижгони баландаш дар заминаи чеҳраи сафедгунаш таҷаллии ҷамоли нодири соҳибаш буданд. Як он дар хаёлу тасаввури ман, гӯё дасте ноаён ин бонуи хушгилро аз кадом канори осмон назди мо фуруд оварда, бе ҳарфу садо маҷбурамон карда, худ хулоса бароварем, ки ин мавҷуди отифа, бешак, фаришта аст. Оре, фаришта! «Фаришта» дасти навозиш бар сари духтарчаю писарак бурда, хаёломез ба як нуқта менигарист. Дар ин лаҳза дар оинаи чашмонаш ҳузну андуҳе ба пайдо омада, вазъаш аз он мегуфт, ки дарду мушкили лоилоҷе дар зиндагӣ ба сараш омада. Вай сокиту ором, домани нигоҳашро аз канори толор наканда, ҳамон дар банди хаёл ғарқ шуда, то дер дар ин ҳол қарор дошт.

Ғавғою садои кӯдаконаш безобитааш намуданд, ки андак овозашро баланд кард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ором шавед. Паст-паст гап занед.

Ва бо андешаи он ки садою ғавғои кӯдаконаш дар толорбудагонро нороҳат насохта бошад, хам шуда ба гӯши духтарча чизе гуфту сар бардошта ба чаҳор тараф нигарист. Ва…

Ва нигоҳи ҷозибаш ба ман афтод. Чӣ нигоҳе пуррамзу роз! Торҳои сеҳромези нигоҳи чашмони бону қалби номураттаб ба тапидан даромадаи маро печонида гирифтанд. Ман ин дунёро фаромӯш кардаму ба дунёи дигар афтодам. Азобу машаққати роҳ, кашокашу саргардониҳо, дар оташи гуруснагию ташнагӣ сухтан, лаб зери дандон гирифтану побанди фикри то соати 10-и шаб мунтазири рейси навбатии қатораи Маскав- Санкт-Петербург шудан, ба як сухан, дарду ранҷи мусофирӣ ба гарду заррае дар муқобили офтоб мубаддал гардиданд. Эҳсоси ширину марғубе дар хонаи дил тавлид гардид, ин эҳсоси ҷонгудоз мағзро таҳрик дода, рӯҳи афсурдаро тавону неруе бахшид. Оби нишоту шавқ ба чаманзори хушкидаи дил омад, гулу гиёҳҳои сабзи бовару хушҳолӣ сар кашид, ин гуна хуни ба пиндор аз ҳаракат монда, ба ғалаён даромад. Ҷон аз маъмани азобҳо растагорӣ ёфт, тани хастаю бефараҳ аз бори сангини роҳи дароз озод шуд, сабукӣ ёфт.

На, ман ошиқ нашуда будам. Танҳо вуҷуди ин бону ва маҳз нигоҳи пурмаънияш, аз чӣ бошад, олами воқеиро, ки ман низ афтодае дар канори он будам, тағйир дод. Он олам, ки то ин дам бас берангу моломоли ташвиш ва тазъйиқу фишори рӯҳӣ буд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

андак-андак тобишу ҷило гирифт, дурахши ин нигоҳ гармию нармие ато кард, боварро ба дӯст доштани одамон фузуду фазою муҳитро ғарқи меҳрубонӣ намуд. Аз ғайб ҳотифе тайи гӯшам садо зад:

«Ишқ ҳаст, намемирад, то он даме ки диле бузург ва дар масири эътиқод собиту росихе дар рӯйи олам мавҷуд аст. Ишқро онҳое маҳв месозанд, ки дилро фаромӯш кардаанд. Ғизои ишқ дилу ғизои рӯҳ эътиқод аст. Илҳому ангезаи ин ҳар ду дар болост».

«Вай ба кадом шаҳр сафар мекарда бошад? - аз дил гузарондам ман ва хобам парида, фикр мекардам, ки илоҷе надорам, то бо бонуи зебо сари суҳбат кушоям ва аз ҳолу аҳволи зиндагияш пурсон шавам.

Вай андешаманду хаёлӣ гоҳо ба соати дасташ нигариста, яқин сонияву дақиқаҳоро ҳисобу рақам мезад.

Ман низ ба соатам нигаристам: $14^{35}$ дақиқа. Эҳа, ҳоло то вақти ҳаракати қатораи мо чӣ қадар лаҳзаҳоро пушти сар мебояд кард. Тадриҷан сарам гичу вазнин, хайли хоб ба марзи чашмонам зӯр оварда, ба иродаю ихтиёри ман тасаллут ёфта, дигар ёд надорам, чӣ дидаму надидам дар хобам. Хобҳоям парешону пароканда, гоҳ аранге ба ёдам меояд, ки раҳматӣ модарам дар деҳа аз дарвозаи хонаам даромада, нигоҳаш малолатманд ба вусъати ҳавлиям нигариста, остинҳои васеи куртаи чити гулдорашро бод дода, чизе мегӯяд, аммо ман ҳар қадар талош мекунам, ба маъниву моҳияти суханҳояш сарфаҳм



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

равам, наметавонам. Гоҳ падарам чун дар вақти зинда буданаш аз кадом гӯшаи ҳаёта пайдо шуда, назди ягона дарахти тановари чормағз рост истода, як он ба ман ва пас-он ба модарам нигариста, бо дасташ ишорат мекунад:

- Ана, дар ҳамин ҷойи чормағз хона созӣ, мешавад. Ман ба акаат Беҳзод гуфта будам. Ин суханҳо ба ман тааллуқ доранд, аммо ҳеҷ фаҳмида наметавонам, ки акаам Беҳзод маслиҳати падарамро чаро пинҳон доштааст аз ман? Охир, чормағз ҳоло дар ҷояш сабзу панҷаву шох зада, сар ба гардун кашида истодааст? Пас… Яке бедор мешавам. Аҷиб, тафси ҳаво коҳида, офтоб аз чашми тирезаи дарозрӯяи толор хеле дур, ҷониби мағриб хиромидааст. Анвори гарму нармаш дигар чун пешин муассиру тансӯз нест. Даро-баро ҳамчунон давом ёфта, мусофирони навомада дар харакҳо ҷо мегирифтанд.

Аҳрору Алию Нуралӣ ва Салим дастҳо пеши бар, ғарқи хобанд. Ва аммо Ҳалим бедор асту дилтангона ба одамон менигарад.

Бону куҷое рафта будааст, ки баргашта, халтаҳоро ба китф гирифтаву сумкаҳоро кашола карда, духтарчаю писаракро пеш-пеш андохта, аз поғундаҳо фаромаданӣ шуд. Вазъаш раҳми касро меоварад. Хоҳише дар дилам пайдо шуду зуд аз ҷоям бархоста, ҷониби бону қадам задам. Боз дар пиндорам каси дигаре андарунам ба шӯру ғавғо омад, дунёро пушти по зада, ба хотири инсону арзиши олии ӯ, ишқу сидқи беғаразона ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

тасдиқи мафҳуми «одамият» ба «фаришта» наздик шуда.

- Мебахшед, - гуфт қадре дастпоча шуда, - ба шумо вазнин, биёед, ёрдаматон кунам. Ва ба нигоҳи таҳайюромези зан эътибор надода, сумкаҳоро аз дасташ гирифта, хитоб кард;

- Ана, боратон сабуктар шуд. Меравем дигар, то истгоҳ.

- Лозим набуд. Ман худам саришта карда метавонистам. Охир, ин чӣ хел…- зан сурх шуда, овозаш аз пушти сарам чун дар навори кино ба гӯш мерасид.

- Ҳеҷ ҷойи ташвиш надорад, - тасалло додам бонуро, поезди мо соати 10-и шаб ҳаракат мекунад. Вақт дорем. Аз ин ҷиҳат хотирҷамъ бошед.

- Шумо ба кадом шаҳр равонед? - пурсид бону.

- Ман?

- Бале, шумо.

- Аввал шумо мефаҳмондед, ки ба кадом шаҳр сафар карданиед, боз ин ки…

- Чӣ?

- Ман гуфтанӣ, ки…

- Ҳа, гуфтаниед, ки ин қадар лашу луши бисёрро бардошта, ҳамроҳи фарзандҳоям куҷо рафтанияму чаро танҳоям?

- Шояд ҳаминро пурсиданӣ будам, -гуфтам ман ва дар байни издиҳоми мусофирон ба қафо, ба зан нигаристаму хандидам.

- Шумо, хонуми зебо, дилбин ҳам ҳастед.

Баъд зан нақл кард, ки ба шаҳри Благовешенск, ба хонаи падару модараш равона аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ёд кардаам онҳоро, -гуфт зан. -Лекин зиндагӣ ба дилам задааст. Ҳамааш дурӯғ, фиреб, як афсона. Медонед, расо 11 сол бо шавҳарам ҳаёт ба сар бурдем, Гӯё ҳамдигарро дӯст дошта будем. Лекин… шавҳарам қадрамро надонист. Нафаҳмид, ки дили бузургеро чун зарфи гаронбаҳои булӯрин мешиканаду баъд пушаймон мешавад. Ҳар қадар пофишорӣ карда, хоки пояшро тӯтиё намудам, беҳудаю барабас. Ана, оқибат… ба қарори қатъӣ омадам. Фарзандонамро гирифтаму озими зодгоҳ шудам. Бас аст зорию тавалло. Ман охир, дар раҳгузари шаҳри Маскав як зани бесоҳибу дар кӯча мондае нестам. Вале, афсӯс…

Вай хомӯш монд. Ман низ ҳарфе ба забон оварда натавонистам. Ба назди вагоне, ки бону дар он бояд ҷой мегирифт, расидему ман лаҳзае ба чеҳраи бону, нигоҳи ҳолиё бефарқаш ва хирмани мӯйи хурмоирангаш нигаристам.

- Ҳамааш мегузарад, -якбора аз даҳонам баромад. - Боз рӯзҳои нек фаро мерасанд. Шумо барин олиҳа садҳо харидор меёбед.

- Инаш муҳим нест, -сурхие ба рӯяш давида гуфт зан. - Муҳим фарзандонанд, ки ман онҳоро чу ҷонам дӯст медорам. Умеду бовари монанд онҳо.

Қатора буқ зад. Мусофирон зуд-зуд ба вагонҳо савор мешуданд. Бону ашки чашмонашро пок карда, аз дасти духтарчаву писараш гирифта, ба вагон ворид гардид. Халтаву сумкаҳояшро аз поён ба ӯ дароз кардам.

- Чаро шумо гириста истодаед? - пурсидам.

- Ҳеҷ гап не, - даст афшонд бону. - Медонед, ман ҳамин лаҳзаҳо фаҳмидам, ки дар дунё одамони неку



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

соҳибдил ҳам ҳастанд. Ана, шумо… Ман аз шумо миннатдорам. Хайр.

Қатора ба ҳаракат даромад. Ман даст афшонда, бо оҳиста-оҳиста дур шудани он гӯё як мавҷуди бебаҳо, шояд ганҷи пурқиматеро баногаҳ аз даст дода бошам, ҳайрону даҳонво ва шабеҳи ҳайкал рост меистодам.

Ҳолате бо ман рӯй дода буд, ки дар тафсиру фаҳми он воқеан оҷизу нотавон монда будам. Ман дубора ба олами тамоман ноошно афтода, дар марзу буми он моҳияти ҳастии инсон, ҳадафи зистану талошҳои муқаррарии ӯ, билохира, ғояи абадии ишқ ва меҳру муҳаббатро таҳлил карданию ба хулосае расидан мехостам. Гоҳ Салиму Ҳалим, гоҳ милисаҳои хираи масковӣ ва гоҳи дигар Аҳрору Алию Нуралӣ пеши чашмонам чун дар рӯъё зуҳур мекарданд. Дар канори ин олами хаёлӣ бону бо фарзандонаш пайдо мешуд.

…Ба умқи моҳияту ғояи ин олами ноошно нарасидаму муаммои ҳастии Инсонро хулоса карда натавонистам.

## ҲАСРАТ

Ҷавонмард дубора ҷониби ошхона гом ниҳода, дуди кабудчатоби маҳинро, ки оҳиста-оҳиста боло шуда, аз равзана берун мебаромад, назора кард ва ҳис намуд, ки бӯйи ҳезуми сӯхта, ки аз чӯби зардолу буд, ба димоғаш расида, баробар бо он, ҳасрату дарди ҷигарсӯзе дар дилаш ошӯбе ба зуҳур меорад. Вай аз дар даромада, ҳамсарашу хушдоманашро дид, ки сару рӯ бо рӯймоли сиёҳ печонидаву ҳамчунон ғамзадаю навмед, чашмонашон сурхидаю варамида,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

дар дег об гарм мекунанд. Ба назари ҷавонмард, ки ҷомаи куҳнаи рангбохтаи ҷо-ҷояш дарида дар бар ва тоқии фарсудаи чоргул ба сар дошт, чунин менамуд, ки ин ҷо, дар ошхона оламе батамом ноошно арзи вуҷуд кардааст. Ин олам аз кадом замонҳои дури бенавоӣ, каҳтию гуруснагӣ ва бечораҳолӣ мегуфт. Аз айёме мегуфт, ки қашшоқӣ сар ба хонадони камбағалони бетолеъ даровarда, чун заҳрпечак ба пайкари он бахтбаргаштагон часпидаву обу таровати баданашонро бетараҳҳумона мемакаду мемакад ва нияте дорад, ки оқибат худи бошандагони ин хонадонҳоро бибалъаду ононро ба хоки сиёҳ баробар кунад. Аз равзанаҳои дудзада ришта-ришта дуди кабудчатоби нафис ҳамчунон сар берун мебаровард ва бо фазо даромехта, тадриҷан паҳну парешон ва нопадид мешуд. Чанд ҷавону марди миёнасол, ки аслан ҳаққу ҳамсояи ҷавон буданд, назди пешайвон, дар саҳни ҳавлӣ ҷамъ омада, рост меистоданд. Зоҳиран банди хаёлҳои андуҳзо андешаманд менамуданд. Офтоб дар гӯшаи осмони нилфом, ки бас амиқу муҷалло метобид, қарор дошт ва анворашро нисори заминиён мекард. Бӯйи сабзаи наврустa ва хоки нарм аз роҳи димоғ ба нафасҳо меомехт ва дар мағз-мағзи ҷон менишаст ва тану рӯҳро ангезиши аҷибе медод. Баҳор буду тамоми мавҷудоти оламро ҷӯшу хурӯше фаро гирифта буд. Селаи сочу сор дар шохи дарахти баланди чормағз бепарвою фориғ аз ташвишҳои зиндагӣ биншаста,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

нағмаю навои куҳанро меоғозиданд ва дар ин лаҳзаяке, ки ин озодию сарафрохтагӣ роҳат насибашон гардида буд, назми Замину Осмонро гӯё дигаргун кардаву табиатро мутеи худ сохта буданд. Чашм ин ҳамаро медид, дил ошӯбу туғён мекард, хун дар шарёнҳо ғалаён меангехт, эҳсоси дилангезе рӯҳро менавохт. Аммо ҷавонмард… дилаш номураттаб тапидаву ҷигараш доғ, гӯё дар олами дигар қарор дошт. Дастонаш аз осмон кандаву пойҳояш аз замин, бо дарду мотами худ муаллақ зери чархи барин монда буд. Ангор эҳсосаш хушкидаву чашмонаш ях баста бошанд, на бӯйи махмуркунандаи гулу гиёҳ ба димоғаш менишаст ва на рангорангию ҷилои манзараи бошукӯҳи баҳор дар дидагонаш мунъакис мегардид.

Чашмонаш мутаваҷҷеҳи деги об буданд, ки инак ҳаври нафисе аз рӯйи он боло мешуд. Оташдону деги об, хушдоману ҳамсараш, ҳаври гарми рӯйи оби дег ва бӯйи занандаи дуд мағзашро тазйиқ дода, дар пиндораш аз фоҷеае мегуфтанд, ки онро инсон чӣ ки, Замину Осмон бо ҳама бузургию сутургӣ таҳаммулу бардошт надоштанд. Вой бар ӯ, вой аз бахти сарнагунаш! Ҳамчунон пакару парешон сар берун кашид аз ошхона ва нохоста чун дар рӯъё чеҳраи ҳамсари раҳматияш, ки аз ӯ ду писар нишона мондааст, дар оинаи хаёлаш падид омад. Ҳамсари аввалааш қадбаланд буду рӯйи сафедгунаи моҳтобӣ дошт. Чашмони оташгуну абрувони ғафси сиёҳи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

шигарфаш шарики ёдҳои ғамандуду пурсӯзи ӯянд. Ҳамин гуна ба ёдаш меояд, ки доиман рӯймоли калони ғафсе даври сару гарданаш баста, банди ташвишҳои зиндагӣ ва кору бори рӯзгор аст. Об меорад аз чашма, хамир мешӯрад, дар бухорӣ ҳезум чида алов мекунад, гоҳе досро гирифтаву алаф медаравад аз ҳаёт ва пеши чорпоён меандозад. Хӯроку ғизоҳои таҳиякардааш чӣ лаззате ногуфтанӣ дошт!

Ба қавле, аз даҳ ангушташ ҳунар мерехт, воқеан назирашро касе дар гирду атроф ёд надошт. Фаришта буд аз ростӣ! Фаришта буд, ки дар фосилаи кӯтоҳи умр рафт аз бари ӯ. Рӯҳаш ба малакути осмонҳо пайваст. Чанд сол сар дар як болин бигзоштанду зиндагӣ карданд. Пайи ҳам ду писар ба дунё овард. Башорати модарӣ! Баъд… чашм расид, ки бемор шуд. Омоси вазнини майнаи сар. Дорую даво намонд, табиби мардумию беморхонае намонд; ҳама ҷо бурданд. Барабасу беҳуда. Қисмат бераҳмию номардӣ кард. Дар ҳамин гуна рӯзи офтобии айёми баҳорон чашм пӯшид аз ҷаҳон ҳамсараш.

«Тавба, - пичиррос зад ҷавонмард, - чаро ман дар ин лаҳза ҳамсари ҷавонмаргамро пеши назар меорам? Ҷояш ҷаннат шавад…» Вале ҳоло ҷавонмардро тифли понздаҳрӯза аз олам даргузашта буд. Тифли понздаҳрӯза аз зани дувумаш. Ҷавонмард ба кафшҳояш, ки куҳнаю нӯкашон хеста буд, бо кароҳат назар дӯхт. Насими ҳарҷогард ба домани



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷомаи даридааш бозӣ мекарду сару рӯяшро навозиш. Вай инро пайхас намекард. Бенавоӣ! Рӯзи сиёҳ! Вале замоне буд, ки зиндагии бонишоту шукӯҳмандона дошт. Охир, кор мекард дар радифи дигарон. Дар корхонаи китоббарорӣ. Ёфту тофташ, аз қавле, гирду гузарро ба по хезонда буд. Ҳасад мебурданд ба ӯ. Ана, ҳамин се дар хонаи мунаққашу зеборо ҳамон вақт сохта буд. Падараш, Нозири кабкбоз, дар бистари беморӣ базӯр-базӯр нафас мегирифт ва канда-канда мегуфт:

- Соҳиб, бачем, Худо умри дарозат бидиҳад. Намедонам баъди сари ман дар дунё чӣ гапҳо мешавад. Дуо мекунам, ки як умр ҳамин хел зиндагият шаҳду шакар бошад. Чашми бад дур, Худо ба ту ҳама неъматашро додай. Боз кӣ медонад гардиши ин чарха? Ҳай дареғ! Ҳазорон афсӯси рӯзҳои пурсаодати зиндагӣ!

Ана, баъд… кашокашу гиребонгириҳо сар шуду ҷанг сар зад… Миёни кор шикаст.

Корхонаи китоббарорӣ аз кор монд. Соҳиб сарриштаи зиндагиашро гум карда, аз қавле, «ду даст дар бинӣ» монд. Ҷавоне, ки рӯзгори боамну пурфайзе дошт, якбора дар нимароҳ қарор гирифт ва аз пайи дарёфти ризқу рӯзӣ сар ба ҳар кӯю манзил зад.

Аммо гӯё бахт рӯ тобида буд аз ӯ. Не, аслан ба дасту панҷа буду ҳунару пешаҳои зиёде медонист. Дуредгарию чоҳканӣ, бо арраи барқӣ буридани дарахтони боазамату солманди ҳамдеҳагонро амиқу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

неку медонисту бо хоҳишу илтимосашон зуд анҷом медод. Аз чӣ бошад, бо панҷу даҳ сӯме, ки корафтодагон ба ӯ медоданд, зиндагияш ба сахтӣ мегузашт. Ҳатто ин пулҳо ба дарёфту хариди нонаш кифоя намекарданд. Фарзандонаш-ду писару ду духтар аз ҳамсари нахустинаш ва як духтару як писар аз зани дувумаш, пайваста нон гуфта, гӯшро ба қомат меоварданд. Ва Соҳиб ба фикру тааммули зиёд вақт ҳам наёфта, замоне дарку пайхас кард, ки қашшоқу бенаво шудааст. Як худи ҳамин ҳол, ки рӯзҳояшро ба мардикорӣ дар хонаҳои ҳамдеҳагон ба шом мерасонд, гувоҳи барҳаққи дар назди муқовимату бераҳмиҳои зиндагӣ оҷизу нотавон ва бечора мондани Соҳиб ҳисоб меёфтанд. Ба болои сӯхта намакоб, дар ин байн модараш, ки ба таъбири ҳамсоязанҳо «зеби кӯчаю гузар буд» чашм аз олам пӯшид ва ӯро ғарқи ҳасрату навмедӣ сохт. Аламаш зӯр буд, алами танҳоӣ. На бародарбузургаш, на додараш ва на апаҳояш ба дарди тангдастияш даво шуда наметавонистанд. Санҷиши тақдир, хости Худо!

Инак ҳатто…

- Сони сафедро оварданд? – аз пешайвон шитобзада пурсид. Имомназар, ки марди миёнақади шонапаҳн буда, ҷомаи сабзфоми хиратобе бар тан дошт ва чашмони хурд-хурду нигоҳаш тез, ки дар умқи онҳо асабонияту ҷаҳле хобида буд. Ӯро аслан дар деҳ «махсум» гуфта ном мебурданд, ҳарчанд худ аз ин муроҷиату хитоби ҳамдеҳагон хиҷолат мекашиду ба исмаш ҳамроҳ кардани вожаи «махсум»-ро хуш надошт. Вай олами афкору



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

пиндорҳои хосаи худро дошт, ки ба гуфтору кирдори маъмулию қолабӣ ва анъанавию суннатии мардум ҳеҷ иртибот надошт, балки хилофи фаҳму муҳокимарониҳои одамон буд. Дар ҳамин рӯзи мотам, ки ҳама банди андешаҳои мармузи андуҳзо менамуданд, вай шитоб мекард, беқаророна ба Соҳиб амру супориш медод.

- Сони сафедро зуд биёред, - дафъатан таъкид кард вай ва пурсид:

- Обро гарм кардед?

Соҳиб тез-тез гом ниҳода, ба айвон баромад, ба хонае, ки занҳо дар гирди ҷасади тифл халқа зада менишастанд, ворид гардид ва аз хоҳараш суол кард, ки бародарбузургаш сонро овардааст ё не? Вай ҷавоби рад шунида, қафо гашт, аз дар бозпас баромад ва буғзе, ки дар марзи қалбаш тухм гузоштаву инак якуякбора неш зада, хунашро ба ҷӯш меовард, ба торҳои мағзаш печидаву осмонро пеши чашмонаш тира сохт. Соҳиб охир худаш субҳ, баъди чашм пӯшидани тифлак роҳ ҷониби хонаи бародарбузургаш гирифт.

Хабари доғро ба ӯ расонида, саҳл сар хам карда, косаи чашмонаш ашкполо:

- Ака, - гуфт бо оҳанги бас илтиҷоомезонаю риққатовар, - ман дар хона чизе надорам. Ақаллан сони сафед…

Дард ба дилаш панҷа зад, нафасаш гиреҳ хӯрд, ноумедию варшикастагӣ ғурури ҷавонмардияшро зери по кардаву бар боди фано дод. Ҳарфҳо дар гулӯяш дармонданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Майлаш, ман сонро гирифта аз қафо меравам ба хонаат, - изҳор дошт бародарбузургаш, ки низ зиндагии миёнаҳолонае дошт.-Зиқ нашав…

Аммо… то ҳол на аз бародарбузургаш дарак ҳасту на аз сони сафед.

- Об гарм шуд?

Ин суоли Имомназар бори чандум буд, ки ба хонаи гӯшҳои Соҳиб мерехт.

-Ҳамин ҳоло тайёр мешавад, -посух дод Соҳиб ва хост ба ошхона гузашта, аз занҳо ҳақиқати ҳолро пурсад. Имомназар бесаброна, ҳанӯз аз пешайвон ба саҳни ҳавлӣ, ба ҷавонону мардон ва чанд хеши наздики соҳибхона менигарист.

- Гӯш кун, Соҳиб, ниҳоят «кафид» вай, ба ман нигоҳ кун. Шумо обро дар дег гарм карда истодаед?

- Ҳо, дар дег, -ҳайрон-ҳайрон ба Имомназар нигарист Соҳиб, -ташвиш накашед, махсум, оби гарм тайёр.

- Гап дар ин не, - қадре ба ҷаҳл гуфт Имомназар. - Ақли шумо кай медарояд? Як замонҳое барқ набуду аз плитаю асбоби обгармкунӣ касе хабар надошт. Ҳоло чӣ? Наход алоб кардаю дуд андохта, об гарм карда шинед шумо?

- Чӣ кор кунем, махсум? - ҳамчунон бо таҳайюр пурсид Соҳиб, чашмонаш то остонаи дарвозаи калони чӯбии ҳавлӣ мерафтанду ноумед бозпас мегаштанд, боз шитобон аз хонаашон баромада то назди дарвоза мерафтанду меомаданд.

«Акаи Зикрулло намеояд чӣ бало? Агар наояд, шарманда мешавам. Бе сони сафед чӣ хел мекунем?»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Наход ақлат нагирад, Соҳиб, ошно?

- Чӣ кор кунем, ба фикри шумо, махсум?

- Обро дар зарфе бигиру дар кипитилник мон. Дар панҷ дақиқа гарм мешавад. Дуду гард чӣ лозим? Авратҳоро чаро азоб медиҳӣ? Эҳ...

Соҳиб лаҳзае гарангу пакару карахт ба пеши пояш нигарист. Ҷавонмарди содадил сар бардошта:

- Амаки Имомназар, магар убол нест? - гуфта пурсид. Охир... бобову падарҳомон мегуфтанд, ки обро дар дег гарм карда...

- Бобову бибию падару модарат аз пеши пояшон дуртарро намедиданд, -сар хорида, тоқияшро қафо тела дода гуфт Имомназар. Аслан чӣ фарқ дорад, ки обро дар куҷо, чӣ тавр гарм мекунӣ? Лекин, вақте барқ ҳаст, роҳи осонаш муҳайё... Вақтро беҳуда гузарондан чаро? Ин пилтаи хомро аз гӯшат кашида парто: ҳеҷ хел убол-пубол нест.

Соҳиб ин гуна дубора ба ошхона даромада, сатилчаи оби гармро бо тағорача гирифтаву ба хонае, ки тифлаки номурод гӯё ба хоби ширин рафта бошад, даромад. Апааш остинҳояшро боло карда, сатилчаи обу тағорараро аз дасти Соҳиб гирифт. Дар ҳамин лаҳза нигоҳи Соҳиб ба тифл афтид. Хурдакак, аз кору савдои олам хабар надорад, хоб аст. Хоб аст бепарвою фориғ аз ташвишҳои дунёи дун. Дастчаҳошу пойчаҳояш низ хурдакак, гӯё наққоши азал ҳамакун бо қалами муъҷизаосояш тарҳи лабу даҳон, бинӣ, чашм ва гӯшчаҳои тифлро кашида бошад, ки равшану барҷаста не, хира ба чашм мерасиданд. Соҳиб ошкоро дард кашид. Ҷуръа-ҷуръа



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳасрату ғаме, ки андаруни синааш ҷамъ шуда буд, якбора паймонаи қалбашро пур кард, лабрез шуду хурӯшону сармаст ин фавҷи андуҳ ба ҷумла пайкараш паҳн гардид, бо нафасҳояш омехта то гулӯ омад, мағзашро, ки то ин дам, карахт буд, такон дод. Ва ин ҳама ошӯбу ҳаракати олами даруни сина қатраҳои ашкро дар оинаи чашмони ӯ ба бор овард. Гирист Соҳиб. Як лаҳза ҷасади тифл куҷое ғайб заду ҷойи онро пайкари бузурги падараш фаро гирифт. Вай чашмони аз зӯри дард сурхида, чеҳраи зарду коҳида, лабони парсингбаста ва як қабза риши сафеди падарро дид. Фариштаи марг давру бари қиблагоҳаш баҳузуру бафурҷа қадам мезад. Вай дар чеҳраи падар соя андохта буд. Баъд... пайкари сафедпӯши падар низ ғайб зад. Ҷойи ӯ модарашро дид, ки чашмҳояш пӯшидаву дастҳо ба қадаш рост ба хоби абадӣ рафтааст. Абрувонаш бештар намоён аст, абрувони сиёҳфоми зебояш.

«Куҷо шуданд онҳо? Аҷал омаду як-як гирифту бурд. Ҳай дунёи бераҳм, бевафо...»

- Тифлро шуста, ғусл додед? - Боз овози Имомназар ба торҳои хаёли Соҳиб панҷа зад, афкораш латма хӯрд, парешон шуд.

- Не, ҳоло, - аранге овоз баровард вай ва хамӯшу ғамин, дастҳо пеши бар аз айвон фаромад. Имомназар беқарору ошуфта ва асабинамо даст афшонд:

- О, вақт рафта истодааст. Зикруллои акаат куҷо шуд? Сони сафед канӣ? Сон мебуд, дар як лаҳза пора мекардем. Кореро, ки дар панҷ-даҳ дақиқа иҷро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мешавад, ин қадар думи гов барин дароз кардан чӣ маънӣ дорад?

Вай дигар инони ихтиёр аз даст дода, аз зинаҳои чӯбӣ поён фаромаду ба Соҳиб нигарист. Теғи нигоҳаш аз ҷавшани ҷон мегузашт.

- Бачаат канӣ? - кунҷковона пурсид вай.

- Ҳамин ҷо буд, - нимғурма гуфт Соҳиб ва ба гирду кунҷи ҳавлӣ чашм дӯхт. - Чӣ буд?

- Ба хонаи ман роҳӣ кун вая. Ба занам фаҳмонад, ки як метр ворӣ сони сафед гирифта диҳад. Тез бигираду биёяд. Ҳадаҳа кун! Баъд аз он ки Соҳиб писари калонияшро ба хонаи Имомназар барои овардани сони сафед фиристод, сарашро дошта назди радаи гулҳои хушбӯю шукуфони садбаргу савсан боз ба фикр фурӯ рафт.

«Ба Зикрулло чӣ шуд? Чар дер кард? Шарманда шудам. Эҳ…»

Як муддат эҳсосе чун оби зулол дар рагҳои баданаш ҷорӣ шудаву бо хунаш омехт, ҳал шуд. Эҳсоси бечорагӣ, бенавоӣ, нодорию дилшикастагӣ! Вай бо возеҳият дарк кард, ки ҳоли ҳозир аз ӯ дида дар рӯйи олам, байни Замину Осмон қашшоқу ҳасратзада касе нест. Дар пиндораш ҳама садоҳои атроф якбораву нохоста хомӯш гаштанд, ях бастанд. Сочу сору майна хомӯш шуда, ҳатто ҳаракат ва ғавғою ғалоғула, ки то ин дам ҷаҳонро пур карда буд, бо амри неруи ғайбие қатъ гардиданд. Андарунаш ошӯбу туғёне иртифоъ мегирифт, аммо зоҳиран орому андуҳзаду менамуд. Азоби рӯҳии танҳоӣ бо нодорию навмедӣ омехта гардида, фикреро дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мағзаш ба зуҳур оварда буданд, ки сарашро бигираду аз ин деҳ барояду биравад. Валек ба куҷо? Ё худашро, ҳо ана дар шохи дастраси чормағз, ба банде гулӯҷаф андохта бикушад? Аз ташвишу азобҳои зиндагӣ, тангдастӣ, ғаму андуҳи беохир ба таври абад раҳо ёбаду…

Осмонро бубин: ҳай беканору амиқ ва каб-кабуд метобад, хушҳол аст. Офтоб – чӣ? Анвори нарму гармашро ба рӯйи сабзаву гул, ниҳолакону дарахтон, одамон бедареғ нисор карда, чеҳраи шукуфон дорад. Мурғон чӣ базме доранд? Ҳай месароянд, хонаи қалбашон моломоли нишот, хуррамию шодмонӣ. Ҳамаи ин чашмандози ӯ: осмону офтоб, мурғону одамон дар тасаввураш душмани ӯ бошанд. Ку дилсӯхтаву ҳамдарди ӯ?

- Соҳиб, - овози Имомназар аз айвон баланд гардид. -Ҳо, Соҳиб.

Соҳиб бори дигар ба пешайвон, ба Имомназар нигарист.

- Чӣ кор кунам, амак? - гӯё супориши навбатиро ба сомон мерасонда бошад, пурсид вай ва ба хулосае омад, ки вопас фикри зиёд кардан ҳеҷ маънӣ надорад.

- Ба тифли ғӯрамарг ном монда будед? - таҳқовӣ кард Имомназар ва ҷавоби Соҳибро интизор нашуда, илова кард:

- Ном мондан зарур. Фардо рӯзи қиёмат одамро бо исмаш фарёд карда ба маҳшаргоҳ ҳозир мекунанд.

- Ҳо, ном монда будем, - посух дод Соҳиб ва аз кадом кунҷи дилаш гурги ғам нӯла кашида, дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

саҳрои мағзаш танину ғулғула андохт, ҷону ҷигараш сӯхт, оҳе сӯзон аз нойи гулӯяш берун ҷаст.

- Ҳо, ном монда будем, - пажвок зад вай. - Барои худамон.

- Чӣ ном монда будед?

- Ба хотири рӯҳи бобояш - Нозирҷон.

- Ҳа, фаҳмо, фаҳмо. Афсӯс, ки умраш кӯтоҳ будааст. Хайр, шукри Оллоҳ таъолоро ба ҷо овардан лозим. Реша сабзу бақувват бошад, баргу шоха сабз шудан мегирад, меваҳо ба бор меорад.

- Бо ҳазорон умеду орзу номи бобояшро ба тармарг лоиқ донистем. Умраш вафо накард. Эҳ…

Дар суханони Соҳиб он қадар ҳисси навмедию оҷизӣ ва андуҳи беканора таҷассум гардида буд, ки кас ошкоро пай мебурд.

Соҳиб як пора матои сап-сафеди оҳориро, ки писараш оварда буд, бигрифта, дафъатан қадам зада, ба айвон баромад ва ба Имомназар дароз кард. Имомназар сонро гирифта, бо шитоб ба хона даромаданӣ шуд, ки якбора чӣ фикре ба сараш зад, ки қафо тоб хӯрд.

- Соҳиб, аз ёдам баромадааст, - гуфт вай, - Қайчӣ гирифта биёр, зуд. Боз сӯзану риштаи сафед.

Бо ҳамон ошуфтагию парешонӣ Соҳиб дукордаю сӯзану риштаро ҳозир кард.

- Ана, ҳозир кафанро пора мекунем, - пас-паст зери лаб ғурунгид Имомназар ва сонро кушода, дукорда бар даст ба буридану пора кардани кафан оғоз намуд. Соҳиб, гӯё ки пораи матоъро не, бал дилу ҷигари ӯро ба даст гирифта, бераҳмона буридаву



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

пора-пора мекарда бошанд, як садои хафиферо шунид, ки аз даруни синааш зӯр зада, берун баромаданӣ буд. Аз чӣ бошад, ин садо дар пиндори ӯ, ба роҳи нафасу гулӯ ва оинаи чашмонаш, ки пардаи ларзони обӣ фурӯ гирифта буд, вазн меовард, пойҳояш зери тасаллути гароние тасаввурнопазир монда, бар бори танаш меафзуд. Пиндошт, ки вулқоне сӯзон он ҷо, дар даруни танаш забона мезанад. Ранг бохтаю мувозинаташро гум карда, қариб буд бар замин биафтад.

«Ё Худои бузург, - пичиррос зад вай, - чаро ман худро бой дода истодам? Наход лашкари ғаму бераҳми зиндагӣ маро пахш карда, парчи замин кунад? Наход марг бар зиндагӣ осон дастболо шавад? Пас, қудрати инсон аз чӣ иборат аст? Сари баланд, ғуруру иродаю азамати рӯҳи инсонии ман куҷо шуд? Наход ҳамин тавр, одиякак помоли ҳасрат шавем? Наход…

…Ниҳоят тифлакро дар кафан печонида, болои болиште сафед гузоштанд ва ба рӯяш матои махмалини сурхеро кашиданд.

Соҳиб ҷасади тифлро беозор рӯйи ҳар ду даст бигрифта, оҳиста қадам зада, гӯё ба сарнавишт тан дода бошад, аз дарвозаи чӯбӣ баромад. Ҷавонони ҳамдеҳааш, чанд марди миёнсол сукутманду банди андешаи гарон аз думболи ӯ сархам гом бардоштанд. Имомназар зуд-зуд қадам зада, аз пеш гузашт. Соҳиб қадам мезаду дар хаёлаш дилашро дасте бераҳмона аз қафаси сина канда берун овардаву ба матои сафеде печонда, рӯйи дастонаш гузошта бошад, дарунакӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мегирист. Аламаш зӯр буд. Чӣ ҷойи гап? Бародарбузургаш-ку на танҳо сони сафедро наовард, балки ба хонаи ӯ наомад.

Вай аз бародари хурдӣ низ хафаю норизост. Аз он дар дил ранҷ дорад, ки бародараш чанд сол ба Русия, ба муҳоҷират мераваду кораш бобарор, маблағи хубе ба каф оварда, дар фосилаи 5-6 моҳ ба деҳа бармегардад. Аммо…

Аммо ба ӯ як пули сиёҳ ҳам ёрдам намекунад. Ҳатто чанд дафъа қарз пурсид, надодаш. «Ба ман бовар надорад» - аз дил мегузаронид Соҳиб. Шояд дар ғайбам мегуфтагист, ки аз куҷои ту пуламро бозпас мегирам? Ман, ки ҷойи коре надорам, хӯрданиям бо зану кӯдаконам нони зағора асту пиёзоба».

Боре аз бародараш хоҳиш кард, ки ӯро ҳамроҳаш ба Русия барад, якҷо кор кунанду ӯ ҳам соҳиби чор танга шавад.

- Россия ҷойи ту нест, - барошуфт бародараш, - худое накарда бекор монӣ, рӯзат аз ин ҳам сиёҳтар мешавад. Беҳтараш, аз ҳамин мардикорият дар деҳа намон. Эҳ…

Ана, ҳамсару кӯдакони бародар нони сап-сафеду анвои гуногуни нозу неъматҳоро тановул мекунанду вай… нони аз орди ҷуворӣ пухтаи занашро ба душвор, дандон ба дандон монда, фурӯ мебарад. Ҳамааш ба дилаш задааст.

Ба роҳи калони байни деҳа, ки ба масҷид мебурд, ворид шуданд. Аз ду тарафи роҳ гулҳои қоқу шукуфтаю чашм мебурданд. Соҳиб гумон мекард, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳасрату аламҳои ӯ дар намуди қоқуҳои ҳавошии роҳ дар ин айёми сабзишу рӯйиш аз замин сар ба берун кашидаанд.

«Зикрулло наомад, ки наомад. Чӣ шуд, ки…»

***

Пас аз гузашти 3650 рӯз хабари маъшуму доғе дар деҳ паҳн гардид.

Соҳиб ҳангоми рост кардану бардоштани симчӯби сементӣ зери он монда, ҳалок шудааст. Ин воқеа нисфирӯзии гарми тобистон рӯй додаву мардони маҳалла хостаанд, симчӯбро бардоштаву пояи сементии онро ба замин гӯр кунанду сипас устои барқ ноқилҳоро ба он пайваст намояд.

Фалокату фоҷиаи тасаввурнопазир. Симчӯб ҳангоми бардоштан чаппа мешавад. Ҳама ҳар тараф мегурезанд, Соҳиб дар байн мемонаду фурсати ин ё он тараф давидан намеёбад. Симчӯб ба болояш чаппа мешавад.

Вақте ки Имомназар ба мотамхона омад, писари Соҳибро дар назди дарвоза гирёну нолон, бо чашмони сурху варамида дучор шуд ва дилаш ошкоро ба дард даромад.

«Эҳ, берӯзӣ. Аз олам чӣ дидӣ? Дареғи инсон! Афсӯс». Вай ба расми ҳамдардӣ писарбузурги Соҳибро ба оғӯш кашида, зери лаб пичиррос зад:

- Насиб будааст, бачем. Аз тақдир ҷойи гурез нест. Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд. Шумо давоми умри падар ҳастед…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ТАҚДИРҶУНБОН

Овозаи аз замини иҷора маҳрум гардидани «муаллими китобнавис» дар деҳа паҳн гардид ва дар маъракаю раҳу рӯ, мактабу мағозаҳои деҳа, дар радифи «ҳаллу фасли» дигар масъалаҳо, аз мушкили ба сари муаллим омада низ ҳарф мезаданду сар меҷунбонданд, ки «хуб нашудааст, наход, як муаллим ҳақ надошта бошад, ки соҳиби ақаллан ним гектар замин гардад?»

- Ҳама заминҳои серҳосилу обиро дар вақташ сарватмандону тағодорҳо бо маблағҳои ҳангуфт соҳиб шуда, ҳуҷҷат карданд. Кам не-ғам не, аз 2,3 то 5-10-гектариро ба даст оварданд. Фукашон дар равған,- мегуфт яке бепарвоёна, ки аслан ғаму ташвиши замину об ва гову молро надошт.

- Рост, гирифтагӣ гирифт, мондагӣ мисли маълим ду даст дар почаки бинӣ дар байни аъроф монд,- хулоса мекард бедарди дигар, ки худро гӯё ғамшарики муаллим меҳисобид.

- Э, заб гап мезанед-е, - ба суҳбат ҳамроҳ мешуд марди солманде, ки кайҳо ба нафақа баромада, риш сабзонда, тоқии сафед бар сару ҷома ба бар ва дар даст тасбеҳ дошт. Вай, ки қабл аз ба нафақа баромадан дар кадом идорае кор мекард, ҳоло солору ботамкинона ба насиҳату андарзхонӣ машғул буд:

- Бечора муаллим кай замин дошт, ки акнун заминдор шавад? Ба ӯйи берӯзӣ на замини наздиҳавлигӣ мерасад, на замини иҷора.

- Раиси деҳа, хешу таборони вай, оқсақолу чанд мулло ба воситае заминҳоро соҳиб мешаванду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

муаллим сархаму хиҷолатзада, аз қавле, «қоқу воқ» мемонад. Ё ман дурӯғ мегӯям?

- Не, не, хақ асту рост, - андешаҳои марди солманди носеҳро тақвият медиҳад ҷавоне, ки фурӯшгоҳи шахсӣ дорад. - Ман худам шоҳид, ки дар маъракаи тақсими замин ба ҳама пулдору соҳибвазифаҳо замин расиду ба муаллимон не. Ба онҳо медонед, чӣ гуфтанд? Зиқ нашавед, парво накунед, номатон дар рӯйхат ҳаст. Навбати дигар ба шумо замин медиҳем. Муҳим он, ки номатон қонунӣ дар ҳуҷҷати замингирӣ сабт шудагӣ. Ана, ҳамин хел.

- Лекин «офтобро бо доман пӯшида намешавад»,- бо оҳанги ҳакимона хитоб мекунад омӯзгори физика, ки расо 12 сол боз писараш дар навбати замин қарор дорад.

- Худо шоҳид, ки ин гапи ман овозаю ҳангома не, ҳақиқати мутлақ аст. Раиси деҳа, кадом корманди ҷамоат ду-сетаӣ замин гирифтаанд. Аллакай бӯяш баромад, ки як заминро барои писаронашон нигоҳ доштаву боқимондаашро ба савдо задаанд. Хайр, акнун шумо бигӯед: ҳамин амал аз рӯйи адлу инсоф аст? Мусулмонию намозхонӣ ва амри маъруф барои чӣ?! Э, ба Худо дилам аз амалдор ҳам мондаасту аз мулло ҳам.

- Эҳа, нав фаҳмидӣ? Ё ту аз ягон сайёраи дигар ҳамин ҳоло рӯйи замин фаромадӣ? - нигоҳи норозиёнаю саҳл тааҷҷубомез ба соҳиби сухан афканда мегӯяд ҷавонмарди кулоҳ ба сар, ки чанд муддат пеш аз муҳоҷират, аз Русия баргаштааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Як хел тоҷири навбаромад, бовар мекунед, бачаи динангӣ дар мулки ғарибӣ миёнаравиро ба худ касб карда, «аз боло шонаву аз поён фона» гуфтагӣ ворӣ бачаҳои қишлоқа ба таври худ ба кор таъмин мекунаду баъд… ана, сар мешавад. Фоизи ҳаққи худро бигирад, майлаш, ин як дарди бахайр, лекин аз маблағи кори анҷомдодаи ҳар як ҳамдеҳаи худ ҳар қадар нафсаш хурӯҷ кунад, бе пош-пош ба ҷайб задан мегирад. Ёбу гир!

- Бачаҳалок, имону мусулмонира фаромӯшу ҷавонони содадилро хонасалот мекунад. Баъд, ҳамин ки ба деҳа баргашт, ба насиҳату амри маъруф сар мекунад: яъне, бузургтарин гуноҳ ин ҳаққи муъмини бечораро хӯрдан аст, - мегӯяд ва раиси деҳаву имому хатибу директори мактаб рӯз дар миён дар хонаи ин тоҷири миёнарави судхӯр, гирди хони шоҳонаи пурнозу неъмат ҷамъ мешаванду парвона.

- Э садқат, гапа дигар тараф бурдӣ,- изҳори норизоӣ мекунад пиракие, ки ҳанӯз бардаму бақувват менамояд.

- Расия дур аст, биё, ҳоло ҳамин масъалаи деҳаро, ки дар пеши чашмамон аст, бубинем,

- Хайр? - кунҷкобӣ мекунад касе аз ҳозирбудагон. - Ғайри масъалаю моҷарои замин дигар гап надорен шумо?

- Э мардак, аз ҳама масъалаи асосӣ ҳамин аст, - шӯридаву ранҷишомез мегӯяд пиракӣ ва меафзояд: - Хабар дорен ё надорен? Як қисм замини қабристона ба савдо задаанд? Як пулдори беинсоф қариб 40 сотих замини бармолаи мазора соҳиб шудааст. Мову шумо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бошем, дар ғайби «калонҳо» фиш-фишу миш-миш карда гаштаем.

- Хайр, ба фикри шумо, бобо, бояд чӣ кор кунем? -мепурсад марди миёнаумри харобандом, ки зоҳиран аз ин гуфтугузор хеле дилгир шудааст.

- Ба ягон ҷо арз барем?

- Набошад-чӣ? - нигоҳаш барқвор, қоматашро рост гирифта, ғолибона ба мард муроҷиат мекунад пиракӣ.

-Магар дунё бесоҳиб аст? Меравем, ба боло арз мекунем, пеши роҳи ин хурӯсчӯҷаҳои белаҷоми баднафса мегирем. Баъд… як маслиҳати дигар.

- Ку, бишнавем, - садо баланд карданд чанд нафар,

- Э, айб нест дар шаъни мо? Ба Худо, айби айб аст. Наход, як муаллими баобрӯи соҳибқалам солҳо боз барои як порча замини иҷора поёну боло давида, ҷонаш ба ҳалқаш ояду мо, сокинони як деҳаи калон, ба ӯ дасти мадад дароз карда натавонем? Э бача, дар дигар макону мавзеъ ин хел муаллими соҳибқаламу соҳибкитоба тори сар мекунанд. Мо бошем, шиштем, ранги кампиро оҳу ҳасрат карда.

- Рост, рост, - рӯҳ гирифт фурӯшандаи ҷавон ва афзуд:

- Кампири Оламбибӣ агар зинда мебуд, ба ҷойи мо барин мардҳо кайҳо даводав карда, масъалаи замини муаллими китобнависа ҳал мекард. Худо раҳматаш кунад, дилсӯзу ҳамдарди мардум буд. Э, дареғ…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Рост, Худованд гуфтааст, ки «аз ту ҳаракат, аз ман баракат». Мана, панҷ сол боз амаки Саъдулло аризаву мактуб навишта, ба идораҳои ҳукуматӣ барои сохтани бемористони замонавӣ муроҷиат карда истодааст. Қарори ҳукумати ноҳия, архитектура, вазорати тандурустӣ ва лоиҳаи нақшаи беморхонаро гирифтааст. Ҷояшро муайян кунед, сохта медиҳем, гуфтаанд ба ӯ, бо оҳанги боварию эътимод, - гуфт омӯзгори физика.

- Ҳаминаш намерасид, ки барои як муаллим шуда, ҷонамона дар азоб монем, - ғурунгос зад пирамарде, ки дар даст тасбеҳ дошт. -Ба худаш чӣ шудааст? Дар газито менависад, чанд китобаш баромад. Бо ин ҳол, ки аз чор тарафи дунё хабар дорад, вай ҳаққи худашро соҳибӣ карда натавонад, магар гуноҳи мост?

- Э, монед-е.

- Ана, диден, шумо чӣ хел фикр мекунед, - киноямезона гуфт ҷавони фурӯшанда ва рӯяшро дигар ҷониб гардонд.

- Магар муаллим ҳақталошӣ карда, барои ободии деҳа ва қаламрави ҷамоат ҷон накоҳондааст? Роҳҳои байни деҳаҳоро, аз қавле, «на шаб хоб рафтаю на рӯз ором гирифта, кӣ мумфарш кард? Бинои бунгоҳи тиббию мактаби нава кӣ сохт? Чорасозу тадбирандеши ҳамаи мушкилии ҳамдеҳагон магар ҳамин муаллими китобнавис нест? Қадрношиносӣ хуб нест, амак.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Э, заб фалсафа хондӣ-да, - бари ҷомаашро каме боло бардоштаву бо нӯки ангушт таконда «ғуррид» тасбеҳбадаст.

- Вай одам барои туву ту баринҳо ҳақталошу китобнавис аст. Дар ҷамоат бошад…

- Чӣ «дар ҷамоат?»

- Ҳама аризабози гузаро ном мебарандаш.

- Хайр, ба фикри шумо, касе барои адлу инсоф овоз баланд кунад, вай аризабоз будааст?

- Ман инаша намедонам. Лекин мардума ором гузоред. Муаллим худаш роҳашро ёбад.

- Аз ин ғавғою шӯру мағали мо на ба муаллим фоида мерасаду на ягон проблемаи деҳа ҳал мешавад, - аз дари фурӯшгоҳ берун шуда гуфт пиракие, ки аз муаллим ҷонибдорӣ мекард. - Рафта аз пайи ягон каму кости зиндагӣ шавем, беҳтар аст.

Ҷамъшудагон аз дари фурӯшгоҳи маводи ғизоӣ берун шуда, як-як пароканда шуданд.

***

Баъд аз сипарӣ гардидани чанд рӯз дар деҳа овозаи тоза паҳн шуд, ки муаллими китобнавис тасмим гирифтааст, хонаю ҳавлӣ ва гову молашро фурӯхта, ҳамроҳи фарзандонаш (чор нафар писар, чун чор духтарашро хонадор карда буд) ба шаҳр мекӯчад. Азмаш қатъист.

- Дар деҳа зиндагӣ карда, як порча замин надошта бошӣ, гову мол парво карда натавонӣ, ширу ҷурғоту чаккаю маска, гашничу пиёзу шибита пул дода бихарӣ. Аз ин ҳазор мартаба беҳтар нест, ки дар шаҳр зиндагӣ кунӣ? - гуфтааст муаллим.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҳарчанд директори мактаб пофишорӣ намуда, насиҳат ва таъкидаш кардааст, ки «аз ин раъйят гард, аздусар ҳеҷ кас парвои кӯчиданатро надорад, масъалаи замин вазнин аст, бе пул ба ту намерасад», эътибор надодааст муаллим ва ғазабнок ба моҷаро нуқта гузоштааст:

- Мекӯчам, тамом-вассалом. Равед, аз пайи ҷустуҷӯйи муаллими забон ва адабиёти тоҷик шавед! Ана, ҳамин гуна гапҳо.

Тасодуфро бинед, ки субҳи рӯзи ҷумъаи ҳафтаи охири моҳи ноябр, ҳангоме ки харидоре аз ҳамсоядеҳ дари муаллимро кӯфта, дар асоси маслиҳати пешакӣ бастаҳои пули дар рӯймоли албонӣ печонидаро шумурдаю ба ӯ супурданӣ буд…

- Муаллим, ҳо-о-о муаллим, - гуфтани касе муаллиму харидори хонаи ӯро ба ташвишу ҳайрат мувоҷеҳ сохт. Кӣ бошад? Тинҷист ё…

Дарро кушода, муаллим рӯ ба рӯяш марди тақрибан 50-55-соларо, ки соле қабл аз кадом деҳаи дурдаст кӯчида омада, дар қисмати болоии деҳа зиндагӣ ба сар мебурд, дид. Мегуфтанд, ки вай соҳиби гову моли зиёд ва рамаи гӯсфандон буда, 5 гектар замини фермерӣ ҳам дорад. Муаллим гоҳ-гоҳ бо ӯ дар маъракаҳои тӯю худоӣ ва ҷаноза вомехӯрд. Дар ин субҳи барвақт ӯро дар назди дарвозааш дучор омада, вай дар ҳайрат монд, ҳатто пурсупоси муқаррариро фаромӯш кард.

- Мебинам, ки маро дида, дар ҳайрат мондед, - чашм аз муаллим наканда, лаб ба сухан кушод мард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Медонед, муаллим, ман се рӯз пеш аз сари мол, аз мавзеи Чашмасор баргаштам ва аввалин хабареро шунидам, он буд, ки шумо хонаю дару ҳавлиятонро фурӯхта, ба шаҳр кӯчиданӣ ҳастед. Худоё, Худовандо, -гуфтам пеши худ, кош муаллим хонаю даращро ба савдо назадаву харидор пайдо нашуда, ё дер карда бошад. Кош…

Муаллим ба пеши пояш нигоҳ дӯхта, якбора:

- Дер кардед, ака, - гӯён сухани мардро бурид. - Мана харидор ҳамин ҷо, маблағро овардааст. Мо пешакӣ маслиҳат карда будем. Узр, узр, ака.

Садои хандаи баланди мард муаллимро бағоят шигифтзада кард. Мард механдиду механдид, ҳатто аз чашмонаш ашк ҷорӣ шуд. «Чӣ шудааст ба вай, - аз дил гузаронид муаллим. -Ақлашро бохтааст чӣ бало? Ё ба ҳоли ман механдед? Эҳ, болои сӯхта намакобаш ҳамин-да».

- Бахшиш муаллим, - узрхоҳӣ кард мард ва ба муаллим рамузҷӯёна нигарист.

- Маблағро гирифтед?

- Ҳо, гирифтам, - посух дод муаллим ҳамоно банди ҳайрату тааҷҷуб.

- Акнун, баргардонед, ман ҳамаашро ба шумо мефаҳмонам.

- Не, мебахшед, лафзи мард якта, мо савдо кардем. Дигар ҳоҷати гапи зиёдатӣ ва қилу қол нест.

- Медонед, даст ба китфи муаллим гузошта изҳор намуд мард, ман барои харидани хонаю ҳавлии шумо наомадаам. Савдоятонро вайрон карданӣ ҳам нестам. Гӯшам бод гирифта буд, ки чанд сол боз шумо барои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

соҳиб шудан ба замини иҷора банди ташвишу такудав ҳастеду хоҳишатонро иҷро намекунанд.

Ва ана, ҳоло аз ҳама дилатон мондаю хонаву ҳавлиятонро фурӯхта, ба шаҳр кӯчиданиед. Ман намегузорам, ки шумо барин омӯзгори донишманду соҳибкитоб, ки барои мактаб шахси аз ҳама даркорӣ ва сарсупурдаед, аз деҳа баромада равед.

Мард лаҳзае ба хаёл рафт ва пас аз он сар бардошта афзуд:

- Бовар кунед, дар мактаб ягон писару духтари ман таҳсил намекунанд. Ман барои худам не, барои наслҳои оянда мегӯям. Охир, дилам месӯзад. Наравед, муаллим. Шумо одами даркориед, ба Худо, аз сари сидқ мегӯям. Ман дар ин субҳи солеҳон барои он омадам, ки ба шумо дасти ёрӣ дароз кунам. Охир, мегӯянд – ку, некӣ куну дар об андоз.

- Хайр? - назари суол дӯхт ба мард муаллим. - Ман, ба фикри шумо, аз деҳа наравам?

- Не, ҳеҷ гоҳ, - ҳанӯз даст аз китфи муаллим набардошта буд мард. -Аз ҳисоби заминҳои фермерии худам як гектарашро ба шумо ҳуҷҷат карда медиҳам. Ба Худо қасам мехӯрам. Ба лафзи мард бовар кунед. Илтимос!

- Ҳафтаи оянда ман ба ноҳия рафта, замини ваъдагиро ба номи шумо ҳуҷҷат мекунам.

Муаллим ҳайрону даҳонво, пушти сар хорида, дудиланамо ба харидор менигарист.

- Акнун баргардонед пулҳои харидора, - гуфт мард ва чанд қадам қафо гузошт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Гармии кор дар сари кор гуфтаанд, ҳамин хел не? Аз ман хафа нашавед, боз. Муаллим, шуморо ба ҳеҷ ҷо рафтан намемонам. Гапи мард якта!

***

Дар чорроҳаи деҳа мардум ҷамъ омада, дар хусуси навигариҳо суҳбат ороста буданд.

- «Муаллими китобнавис» соҳиби замини фермерӣ шудааст.

- Ҳо, ба туфайли Мардон. Аз ҳисоби заминҳояш як гектарро ҷудо карда ба муаллим додааст.

- Ба Худо, мард будааст, мардак. Дар ин давру замон, кӣ ин хел дилу гурда мекунад?

- Акнун гап сари ин ки муаллим кай зиёфат медода бошад?

- Мо, мардум, ҳамин қадар ҳунар дорем.

- Чӣ ҳунар?

- Ҳунари хӯрдану ишкам дамондан.

_...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## БАРОДАРАМ

Чашмонамро кушоданӣ мешавам. На, наметавонам. Боли вазнини хоби нимишабӣ ҳанӯз рӯйи пилкҳоям вазн меоранд, чашмонам дар чашмхона давр мезананд. Аммо… аммо гир афтида дар чанголҳои гирои мурғи хобанд. Ва аҷиб аст, ки даричаи гӯшҳоям бозанд, садоҳо аз роҳи гӯш ба хунам меомезанд, ин гуна тадриҷан ба мағзам рафта мерасанд. Эҳсоси дарк ва чизеро шунидану фаҳм кардан дар таҳтушуурам барангехта мешавад. Ва аммо боли сангини мурғи хоб ҳеҷ аз пилкҳоям бардошта намешавад. Садоҳо аз кадом роҳу кӯйи дуре меоянд, ларзидаву пареш хӯрда, оҳанги кунди яъсу навмедӣ ба ин садоҳо ҳамроҳ мешаванд. Як фазои парту тиҳӣ дар сандуқи синаам ба зуҳур меояд, нафаси сарду ноҳангоме беморгуна ба аҷзоям мепечад. «Ман беморам? Ё ин рӯъёст, ё кобус, ё…? Не, дорам кам-кам ба худ меоям, ҳастам, ҳастам. Манам мавҷуде дар фазои кайҳони беохир. Инсоне бо силсилаи мақсадҳову ғояҳои воқеӣ дар моварои замину осмони воқеӣ.

- Хез, хез, то чанд мехобӣ? Акаата куштаанд. Хез, хез, эй бачаи ғафлатмондаи оча!

Овоз мустақиман ба гӯшам мерасад, дар мағзам ангезише ба зуҳур меорад. Овози модарам аст, ки ҳама садду деворҳои чинию сикандарииро рахна кардаву аз пироҳани тирагуни шаб гузашта, то ба хонаи гӯшам мерасад. Эҳсосам такон мехӯрад. Меандешам, чӣ андешидане. Дунё чӣ зебову сутуданӣ буд. Хуршеди тиллогун, моҳи равшану ахтарони нурафшон ва уфуқи лоларанг дар марғзори сабзи осмон. Зебо, дилангез.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Бародарам инсони неку дардошное буд. Агар, воқеан ӯро куштаанд, пас дунё касифу зишт шуда. На дурахшу ҷилое аз хуршеду маҳтобу ахтарон монда, на уфуқи лоларанг дар марғзори сабзи осмон. Осмон тираву хира, зишту бадрӯ гардида. Эй вой бар мо, эй лаънат ба афроде, ки зебоиро маҳв кардаанд. Ва аммо ҳеҷ фаҳму тасаввур намекунам, ки чаро ӯро, бародари азизамро куштаанд? Агар куштаанд, пас барои чӣ? Ингуна инсонҳоро аслан бо нохун озор набояд дод. Чӣ ҷойи… Мувозинати замину осмон ва оромишу осудагии ҷаҳонро бо фазли Худо бародараму монанд ба ӯ инсонҳои некрою хирадманиш нигоҳ медоранд.

- Хез, хез, чӣ хоби сахту сангине бурдааст туро. Хез, аката куштиян. Ҳамин хел хабар оварданд, хабари маъшум, ки ҳеҷ дар пиндору тасаввур намеғунҷад.

Бародарам! Ҳеҷ бо беадолатию зулму бетараҳҳумии камонбадастон дар муросо набудӣ, мардуми деҳ ҳамвора хомӯширо ихтиёр кардаву овозашон дар гулӯ ях баста буд. Ба бедоду ваҳшатгариҳои «дастаҳои боло» аслан парвое надоштанд. Сар ба дарун кашида, чу сангпушт аз тарси сар ба бод надодану ҷонро дар бодияи бало наафкандан ҳарфе ба забон намеоварданд. Ва аммо ту як тан дар ситезу муқовимат будӣ бо он бадгавҳарон. Онҳо табли озодӣ мезаданд, аз дунёи наву нобуда сухан дар миён андохта, ҳамҳамаву ҳангома мебардоштанд. Ва ин дунёяшон аз он таркиб ёфта буд, ки ҳамаи заминҳои обиро аз худ карда, рӯзону шабон ба хонаҳои мардум зада медаромаданд. Гову гӯсола, бузу бузғола, гӯсфанду мурғу мурғобӣ, ин гуна ҳар неъмате, ки ба дасташон муфт меафтод, мегирифтанду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мебурданд. Ва бонг мебардоштанд: мо ҳукумати ин қаламравем. Рӯймолҳое сиёҳ бар сар баста, ришҳо расида, андоме зишту номуборак доштанд. Ва чун духтарону дӯшизагони аҳли деҳро таҳи чашм кардаву оҳиста-оҳиста сар ба хонаҳои ҳамдеҳагон заданд, хунат ба ҷӯш омаду қалбат лабрези андуҳ, бо ғуруру нангу номуси ҷавонмардӣ як тан бо саркардаашон даровехтӣ. Саркардаҳошон кӯру калу шалу дингу песу махав буданд ва ин айбҳо бар номашон бастагӣ дошт.

- Маро кушед, ҷисмамро пора-пора кунеду ба духтарони мардум дасти татовул дароз накунед,- бо шӯру қаҳр фаҳмондӣ ба саркардаашон ва афзудӣ, ки мову шумо аз як минтақаем, оё ҷойи айбу фурӯмоягӣ нест, ки ба сокинони маҳалли худ зулмро раво медорем? Кушед маро, парронед, пеш аз он ки номуси дӯшизаеро доғдор мекунед. Саркарда, хонаи дилаш лабрези изтироб, мардумони чашмонаш дар бозӣ, якбора тире аз таппончааш сӯйи само партоб кард, чунон ки Шаддод ҷониби Худованд партоб карда буд тире.

- Шарти қозӣ то се маротиба, - садои хашинаш баромад, ки овози нобаҳангоми паланги тирхӯрдаро мемонд.-Аз гуноҳат гузаштем.

Ҳо, ҳамин тавр буд. Модарам месӯхту фиғон мекашид, ки бачем, бо уно сар ба сар нашав. Сари сабзата ба бод медиҳӣ. Худо нигаҳ дорад. Ту муаллим будӣ, баъд дар идораи ҷамоат ба кор даромадӣ. Ҳеҷ чашми дидан надоштанд туро.

«Мо ин ҳукуматира ахир сари як тир мекунем»- мегуфтанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Хез, хез, бачем, нахо бовар накунӣ? Охи, аката куштиян, мурдаша овардестиян. Дар роҳанд. Эҳ, воҳ…

Чаро ман бовар намекунам? Дар марзи қалбам хорҳои ғам неш мезананд, дар хунам ҳал мешаванд, ҷӯшидаву лабрез гардида то ба мағзам мерасанд. Нафасам то гулӯ меояд, берун намебарояд. Ҷигару шушу гурдаву дилам монои он, ки шикаставу даридаву пораву талқон шуда бошанд, ҷонам дар панҷаи дарде лобаён метапад. Як колбаде бо рӯҳе захмину ошуфтаам.

…Бори дигар он дастаи хуношом аз осиёби Сафари ронанда бӯ бурда, ба таракаи халтаҳои орди осиёбаш даст заданд. Вай осиёи гунаи чиной сохта буд. Бист халта ордро хостанд ба мошин бор карда ба кӯҳ - қароргоҳашон бубаранд. Писари осиёббон афтону хезон ба хона, наздат омад.

- Отам гуфт, ки шумо биёеду ҷонашро раҳо кунед. Халтаҳои орди мардум аст, охир.

Ту андешаманд ба роҳ афтодӣ, ҳарчанд модарам пофишорӣ кард, ки қафо гарду сарата дар бало намон, ҳарфе дар посух нагуфтӣ, бесадо ба роҳат идома додӣ.

- Ё ин халтаҳои орди мардума мебаред, ё аз болои мурдаи ман қадам монда мегузаред! Охир, ба мардуми минтақаи худ ҳеҷ дасти некӣ дароз карда наметавонед, ақалан нони даҳонашона кашида нагиред. Чаро луқмаи одамонро дар комашон хун мекунед? Нангу номус доред? Оё шумо ҷавонмардед?

Садои гирову раъдмонанди ту дастаро карахту пакару саргаранг сохт. Ин ба он, вай ба дигарӣ… ин тавр ба якдигар нигоҳи роздор афкананд. Ниҳоят, тири нигоҳашон дар шишаи беранги чашмони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

саркардаашон тамаркуз ёфт. Саркарда чӣ мегуфта бошад?

- Ба хотири ин ҷонфидоият гуфта будам-а, шарти қозӣ се бор, аз гуноҳат гузаштам. Боқӣ, ту медонию ҷонат.

Инро гуфта, боз ҳам тире аз таппончааш ба боло, ба сӯйи фалак партоб кард. Чу Намруд, чу Шаддод, чу Фиръавн…

Ҳамакнун баданам тасф кардаву гӯйӣ хунам аз ҳаракат монда бошад, кунду карахту сангину ноҷунбон аз болин сарамрову аз ҷогаҳ пайкарамро бардошта наметавонам.

…Кабӯтарон, кабӯтарони ман! Онҳо сафеду кабудфому хокистарию ҷола-ҷола бо як ҳуштаки ман ба парвоз меоянд. Аз рӯйи чӯби салибшакл ба боло, болои боло мепаранд, чапу рост давр мезананд, ҳаракатҳои булаҷабе ба сомон мерасонанд, сарозер мешаванд, нимдавра тоб мехӯранд, худро оҳиста-оҳиста болову поён меоранд. Мечарханду мечарханд. Аҷаб чархише зебову диданӣ. Пару болашон ба ҳам бармехӯрад, садое чу садои чапакзании одамон дар анҷуманҳо мебароранд. Кабӯтарони ман! Аммо… садои тир баногаҳон баланд мешавад. Тире аз ғайб аст магар? Кабӯтарон як-як ба замин сарозер омада меафтанд. Ваҳ, чӣ фалокате ваҳшатзо. Кист ин бераҳми ақлбохта? Кист, кист?

… Аммо… маротибаи сеюм туро набахшиданд. Онҳо анҷумане ба фаҳмиши худ оростанд дар масҷиди калон ва мардумро гирд оварданду раисони ҷамоату колхозро пеш андохта, назди мардум рост монданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Мо бо раисонатон машварат карда, ба хулосае омадем, ки ҳамаи заминҳои обӣ дар ихтиёри мо қарор мегирад. Шумо бошед (вай ба мардум, ки ҳайратзадаву даҳонво ба ӯ менигаристанд, чашм дӯхта) дар зери дасти мо дар ин заминҳо кор мекунед,-таъкид кард саркардаи даста ва фаҳмонд:

- Ғулом нею, чӣ мегӯянд, паймонкор ё чӣ буд, иҷоракор. Танҳо шумо ба ҳуҷҷат дар ин хусус имзо монед, ҷонатон халос.

Одамон (чӣ тарсуву хомтамаъ буданд) дарсоат аз ҳар ҷониб садо бароваранд:

- Мо розӣ, мо розӣ. Ба мо замина тақсим карда диҳед, шудан мегирад.

Ҳатто Мирзои мӯйсафед, иштирокдори Ҷанги ҷаҳонӣ бо ҳамон ҳайати сутургу воҳиманокаш аз саркардаю дастаҳояш ҷонибдорӣ карда:

- Ман аз номи ҳамаи ин мардум мегӯм, ки мо сад дар сад бо қарори шумо розием.

Якбораву нохоста, гӯё дар рӯзи офтобӣ раъд ғурридаву барқ дурахшида бошад, ту ба байн баромадӣ ва ҳамаро ба тарсу ларзу парешонию сардаргумӣ мувоҷеҳ сохтӣ.

- Ҳеҷ касе ҳақ надорад аз номи халқ сухан кунад. Ин як. Дуюм, шахсан ман ба ҳеҷ санаду ҳуҷҷат имзо намегузорам. Сеюм, заминро ҳар сокини деҳ, ки шароит дорад, соҳиб шудаву хату чак карда, ҳамчун соҳибкор истифода карда метавонад. Чорум, шумо бо ярокҳоятон одамонро натарсонед. Ман ба ин худсариҳо ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Оҳанги суханонат қотеъона буд ва чун тир аз ҷавшани ҷони даста гузашт. Ин ҳама ҳафт рӯз пеш воқеъ шуда буд. Ва туро шаб аз хона фарёд карда бурданд…

Оқибат пилки чашмонам кушода мешаванд. Осмонро тираву хираву абриву ғарқ дар сукути сангине мебинам.

Бародарбузурги ман! Оё туро куштаанд? Модари ҷон! Ҳарчӣ ба сарамон меояд, хости қазову қадар аст. Наход бародарамро кушта бошанд? Вай неруманду паҳлавон ва боирода буду рӯҳи барозанда дошт. Наход ки…

- Ҷасадашро оварда истодаанд, - гирёну ваҳмзада гуфт модарам ва дар ҷояш такон хӯрд:

- Тайёрӣ бинед, барои ҷанозаву гӯру чӯбаш, гуфтанд. Кӣ гуфт? Кай? Ҳо, ҳо, деҳдор ин шумхабарро расонда.

Аммо маро бовар намеояд, ки намеояд. Сонияҳо мегузаранд, дақиқаҳо, ниҳоят, соатҳо… Рӯз нисф мешавад. Баъд… азони намози аср садо медиҳад. Ва ниҳоят, қабл аз ғуруби рӯз кӯчаву ҷодаҳои деҳ аз ғавғою шӯру ҳангома пур мешавад.

- Маълим омад, маълим омад. Худи худаш, зинда. Ана, ана…

Мо ба берун мебароем. Бародарамро мебинем. Ҷон бародар! Вай бо рӯе кабуду пур аз захму ҷароҳат, дандонҳои шикаста, дасти бар гардан ҳамоил, ки бо куртааш бастааст, лангида-лангида ба мо наздик мешавад. Хун дар рухсораҳояш шах шудааст. Чеҳрааш варамидааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ту зиндаӣ, ака? - мепурсам ман.

- Бачем, дар хоки пот садқа, зиндаӣ? - овози модарам мебарояд.

- Зинда аст, зинда, - бо шукуфтарӯйӣ мегӯяд раиси деҳ. Дар тақдираш зинда мондан навишта шуда будааст.

- Шарти қозӣ се дафъа гуфта, бурданд маро. Як ҳафта азоб доданд. Мепаронемат гуфтанд. Ба як шарт ҷавобат медиҳем. Бимон, ки мардум ба ҳуҷҷати замин имзо гузоранд. Бардурӯғ ҳиларо ба кор бурда, ман розӣ гуфтам. Аммо бовар накарданд. Ҳафт шабу ҳафт рӯз зарбу лат карданд маро. Дастам шикаст, дандонҳоям шикастанд, устухонҳоямро орд карданд. Ҳамин шаб кӯҳро садои ваҳмоваре чу таркиш фаро гирифт. Аз зиндонашон базӯр фирор кардам. Хомӯш монд бародарам ва оҳ кашид.

- Онҳо чӣ? - суол дод кунҷковона раиси деҳ.

- Шаб тарма хамида, садои ғулғуламонанди ҳамон будааст, - фаҳмонд бародарам. Ва онҳо… камондорони хомхаёл зери тарма монданд. Ана, ҳамааш ҳамин.

Модарам чу парвона давродаври бародарам мегашт.

- Исфандиёри рӯинтани оча! Ту мемурдӣ, ҳоли мо чӣ мешуд? Э, дар қадду бастат ҷонам, паҳлавони оча!

***

Аввал борон борид. Баъд оҳиста-оҳиста абрҳо тунук шуда, офтоб бо шукӯҳи азалияш чеҳра барафрӯхт. Аз як канор то канори дигари осмон рангинкамон ба пайдо омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Одамон ба рангинкамон менигаристанд. Гули шодмонӣ дар шохаи лабонашон шукуфта. Олам зебову равшану дурахшону муҷалло гардида. Ҳама мегуфтанд:

- Дунё чӣ зебову диданист.

Ман кабӯтаронамро дар авҷи осмон дар парвоз мебинам, ки иртифоъ мегиранду иртифоъ мегиранд. Бародарам дар зери ҳалқаи рангинкамон бо чеҳраи бозу чашмони хандон дурудароз ба ману модарам менигараду менигарад.

## «ҶАЗО»

Онҳо тақрибан 10-12 нафар буданд. Саропо мусаллаҳ, масту бехуд. Хандаи осмонкафашон фазои корхонаи шаробпазиро ба ларза меовард.

- Мепаронем! - бо ғазабу нафрат бонг зад оне, ки риши дарози сиёҳ дошту нигоҳаш барқвор буд.

Вай пештар гом ниҳода, аз дасти ӯ кашид.

- Ту моро писанд накардӣ. Дарзаи алаф дар пушт, ҳарчанд фарёд бардоштем, худро ба карӣ задӣ.

- Паронед, - ором ва қадре бепарво посух дод ӯ.

- Наметарсӣ?! - нигоҳаш дар хонаи чашмон ба бозӣ даромад саркардаи дастаро.

- Чаро тарсам? Мурдан ҳақ аст!

- Аммо мо туро осонакак паронда, ҷонатро халос намекунем.

- Ҳар чӣ мехоҳед, кардан гиред. Фақат…

- Чӣ «фақат»?

- Охир, шумо худро ҳомии шариат меҳисобеду барои ҳифзи манфиати мардум даста ташкил кардаед. Ҳамин тавр не?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Хомӯш! Ҳам ғаррию ҳам пешхезӣ.

- Чизе надуздидаам. Ғаррию пешхезӣ ҳам накардаам. Шукри Худо…

- Фалсафатарошӣ бас! Бигӯ, ки дарзаи алаф аз куҷо?

- Аз як дашти бесоҳиб. Аз ин канор то он канор алафаш хушк шудаву сӯхтааст. Агар дарзае алаф аз он ҷо гирифтаем, магар гуноҳ аст?

- Дастатро мебурем!

- Бибуред!

- Поятро мешиканем!

- Шиканед!

- Чашмонатро кофта мегирем!

- Кофта гиред!

- Маҳмаддоно, забонатро мебурем.

- Буред!

- Ҳоло азобу уқубатат дар пеш, зорию тавалло ҳам мекунӣ. Мебинем.

Тире аз болои сари ӯ виззос зада гузашт. Наҷунбид аз ҷо. Хомӯш ба сӯйи осмон нигарист. Каб-кабуд, дилрабо, офтоб ҳам дар миёнаи осмон зебову раъно. Вай овози боли парандаҳоро шунид: шип-шип…

Аз тарафи чапи ӯ парвозкунон селаи кафтари ваҳшӣ гузашт, паст гузашт.

Мушти сангине ба болои абрувони чапаш хӯрд. Як он осмон тира шуд, офтоб тира шуд. Зебоӣ рафт аз байн.

Мувозинаташро нигоҳ дошт, то наафтад. Вай дар умри худ ҳеҷ гоҳ ба замин ба тахтапушт наафтода буд. Ҳатто дар сабқатҳои гӯштӣ. Мушти вазнини дигаре бар ҷоғаш расид. Ларзиду такон хӯрд. Аммо наафтид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Саркарда пештар омад. Аз зери манаҳи ӯ бардошт.

- Ба зону зан!

- Хестӣ, ки хобат.

- Ба нағзӣ ба зону зан!

- Афсона нагӯ, кӯдак, ки нестам.

Саркарда силоҳи «Калашников»-ро аз дасти як тан аз ёронаш бо қаҳр ва бо чашмони аз косахона барҷаста чанг зада гирифт ва бо думи он бо тамоми неру ба даҳони ӯ фаровард. Сахт буд зарба. Вай дид, ки дандонҳояш шикаставу омехта бо хун чу донаҳои офтобпараст ба сӯе париданд. Вораҳои дандон дарида, порае гӯшти коми боло кандаву овезон шуд. Хун бо шиддат равон гашт. Ҷоғаш шикаста буд.

- Акнун, мепаронемат, - қадре қафотар рафтаву ба замин туф карда гуфт саркарда. - Халос мешавӣ, лекин…

- Чӣ «лекин?»

- Азоб дода мекушемат.

Дастҳояшро бо банд ба пушт бастанд. Андар даҳонаш латтаи ғафси алвонии чиркбастаеро хастанду ба чалаки бузурги корхонаи шаробпазӣ рост гузоштандаш.

Саркарда тавре рафтор мекард, ки гӯйӣ аз осмону офтобу кӯҳҳо, аз замин, ҳатто аз оне, ки ин дунёву он дунёро офаридааст, болотару қудратманду қавитар бошад. Сояи дарози қадди дарозаш рӯйи замини пурхок афтида буд. Чу Фиръавн менамуд… Салобату ҳайбаташ зердастонашро меҳаросонд.

- Аввал худам мепаронам, -заҳрханда дар лаб ғурунгид вай. - Ку, ба кучҷояш мерасида бошад тирҳоям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Шаракқо - шуруқи «Калашников» баромад, пасон садои тирҳои паёпай.

Аз болои сари ӯ гузаштанд тирҳову чалакро сӯрох карданд. Вай наҷунбид, наларзид. Танҳо садои вахими тирҳо пардаи гӯшҳояшро дариданд.

Баъд аъзои даста бо навбат тирпаронӣ карданд. Тирҳо аз болои сари ӯ мегузаштанду дар як турфатулаъйн садояшон хомӯш мегашт.

- Ҳозир ба болои сарат бутали холӣ мегузорем,- туркханда кард саркарда. – Ана, баъд нишон мегирем. Аҷаб тамошое мешавад.

Зарфи шишагиеро болои сараш гузоштанд.

Боз тир ва ҳадаф, боз тирпаронӣ… Тирҳо ба шиша расиданд. Пояш ногаҳ раг кашид. Шиша афтиду шикаст. Офтоб андаруни шишапораҳо ба зарраҳои алоҳида табдил ёфт.

- Тамошо бас! - наздиктар омада хитоб кард саркарда. - Мепаронему аз ту халос мешавем. Фақат...

Чизе ба хотираш расид, ки лаҳзае таҳаммул кард саркарда ва дафъатан аз таги манаҳи ӯ бардошт:

- Ман фаҳмиданӣ, ки ту чикораӣ.

- Муаллимам, - ҷавоб дод ӯ ва хомӯш монд.

- Лаънатӣ, ҳамина барвақт нагуфтӣ.

- Мегуфтам - чӣ?

- Аздусар таги мушту лагад мемондӣ. Мо ба ҳеҷ кас раҳм надорем.

- Паронед, охир, - бо сари баланд гуфт ӯ.

- …..

- Чӣ фикр карда мондед?

- Дафъ шав аз ин ҷо, бо ними борикият.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

...Ӯ баъди дастонашро кушодан оҳиставу гаронборона қадам зада, қад-қади сангоб аз оби сой гузашт. Дастаи «муҷоҳидон» сӯйи адир роҳ гирифт. Муаллим ҷон ба ҳалқ талу пушта ва тангноҳои махуфро сипарида, аҳд кард, ки ба қароргоҳи дастаи «Боло», назди «Ҳазрат» меравад ва ошкоро, бе ҳеҷ тарсу ваҳм воқеаро нақл мекунад. Дараву подароҳҳоро гузаштаву ҷодаро миёнабур карда, қарибиҳои намози аср ба кӯҳи Мағм расид. Суроғ карда қароргоҳи «Ҳазрат»-ро, ки дар хонаи навсохти бомаш сурхи тунукапӯш воқеъ буд, дарёфт. Узв-узви баданаш шадидан месӯхт. Рӯяш дармегирифт, ташнагӣ азобаш медод, нафас дар гулӯяш гиреҳ мезад. Пайкари вай оҳанӣ набуд, фарзанди бобои Одам буд. Гили бобояшро аз як пора хок сириштаанд. Фариштаҳо ба ин мавҷуди офаридаи Худованд саҷда карда буданд, илло Иблиси мағрур. Пас, вай фаришта нест. Чаро тану баданаш насӯзад? Чаро аз даҳонаш хун заҳида набарояд? Чаро ҷоғи шикастааш бо дарди шадид ҷонашро ба ҳалқаш наорад? Чаро...???

Назди дарвозаи оҳанӣ ду ҷавони мусаллаҳ арзи муаллимро шуниданд.

Якеш рафту зуд баргашт. Ӯ пеш-пешу камонбадаст аз қафо вориди саҳн шуданд.

«Ҳазрат» дар байни гулҳои аз беобӣ пажмурдаю тароваткоста қадам мезад. Бедимоғ буд. Нигоҳи сатҳие сӯяш афканду ғуррид:

- Хизмат?

Ва ба ҷавоби муаллим мунтазир нашуда, афзуд:

- Говатро дуздиданд? Ё харатро? Ба зану духтарот чаққа нашуда бошанд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Тири нигоҳи сардаш аз ҷавшани ҷон мегузашт. Муаллим оҳиставу канда-канда, бо азоби алим рухдодро ҳикоят карду хомӯш монд.

- Ҳар куҷо бошанд, ҳамин ҳозир пайдо меашванд, - фаҳмонд «Ҳазрат» ва пурсид:

- Онҳоро мешиносӣ?

- Бубинам, мешиносам.

- Лаънатиҳо, - ғазаб кард «Ҳазрат». - Ман чӣ мегӯяму онҳо чӣ кор мекунанд. Садқаи ислому нони ҳамин мардум шавед! Ана, мебинед, чӣ хел ҷазоятон медиҳам.

Офтоб майли ғуруб карда, хирмани абрҳоро оташ мезад. Чанд муддат пас, пешу қафо як-як аъзои даста вориди ҳавлӣ гардиданд. Аз куҷо пайдо шуданд? Магар аз Осмон фаромаданд? Тақрибан 50-60 нафар ҷамъ шуданд. Зуд саф кашиданд, бе ҳеҷ амру фармон. «Ҳазрат» дастҳо дар пушт ин сӯ – он сӯ қадам зада, гоҳе сар бардошта ба дастааш менигарист.

- Ку, маълими азиз, бингар, мешиносишон? - бо оҳанги киноямезу ғазаболуд пурсид «Ҳазрат» ва илова кард:

- Як-як нишон деҳ, ба саҳн барорамшон.

- Ин тавр нашудааст, - рад кард муаллим.

- Чӣ тавр мешудааст?

- Шумо амр кунед, онҳо худашон мебароянд аз саф.

- Хайр.

Гурӯҳе иборат аз 10-12 нафар аз байни саф ҳамчунон пешу қафо ба саҳн баромаданд. Оне, ки муаллимро азоб дода буд, меларзид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Абдулҷон, боз мардума ғам додӣ? -ситезид «Ҳазрат». - Аз болои сари ин мардак, ки муаллим будааст, тир парондӣ?

- Натарсидӣ?

- Ӯро дар сари дуздӣ доштем, - аз замин сар набардошта, посух дод «рищдароз». - Амри моро гӯш накард.

- Чӣ дуздидааст? –нигоҳи суол дӯхт ба ӯ «Ҳазрат» - Охир, вай муаллим аст, наход, дуздӣ кунад?

- Алафи колхоза пушт карда гурехтанӣ буд.

- О, лаънатӣ, аз дасти мардум дар ин ҷанг дар дашту саҳро на гандум монду на ҷав, ту бошӣ, барои як дарзаи алаф… Муаллима азоб додӣ, таҳқир кардӣ.

«Ҳазрат» ишора кард, то «рищдароз» наздаш ҳозир шавад. Сипас, ба «сарбоз»-и миёнақад, ки як бари рӯяш захми амиқ дошт, бехигӯшӣ чизе гуфт. Як он пас «захмдошта» халтаи асбобу анҷомро бардошта омад.

- Муаллима дасташа буриданӣ шудӣ? - асбобу абзорро, ки аз дукордаю болға, дирафш ва меху чанд лавозими дигар иборат буд, аз халта баровард «Ҳазрат» ва хандид. Баланд хандид.

- Ҳозир «ҷарроҳият» мекунем.

- Ку, забоната берун барор. Мебурему ба дур мепартоем.

Ранг дар рӯяш намонд «рищдароз»-ро. Муаллим башаст давид ҷониби ҳарду ва аз «Ҳазрат» хоҳиш кард:

- Накунед ин корро.

- Хуб, набошад, чашмонашро бо дукорда кофта мегирем. Чӣ гуфтӣ, муаллим?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Вай дукорда дар даст ба рищдароз наздик шуда, хост ба «амалиёт» шуруъ кунад.

- Лозим не, ин берахмиро накунед - гуфт муаллим ва аз дасти «ҳазрат» кашид.

- Хуб, ин не-вай не, пояшро мебурем,-корди калонро аз ғилоф кашид «Ҳазрат». - Ба қадри пою дасту чашм расад, бангии Худозада. Ё не?

Муаллим дубора ба байн даромад. Кордро аз дасти «Ҳазрат» гирифтанӣ шуд.

- Хайр, ба фикри ту, мо бо ин Абдулҷони «беспредел» чӣ кор кунем? - фишшос зада ғазаб кард «Ҳазрат». - Тори сар кунемаш? Не, не. Ман медонам шеваи кори худа ва парвонасон даври «рищдароз» қадам зада, ба боди масхара кашид ӯро.

- Мепаронемаш, тамом - вассалом. Хас кам - ҷаҳон пок.

Бо амри «Ҳазрат» Абдулҷонеро, ки муддатҳо қабл аз ин сараш чу Фиръавн ба осмон мерасиду бутали болои сари муаллимро ҳадаф қарор дода, сӯяш тирҳои фаровон партоб мекард, дастҳо ба пушт бастанд. Ба девор росташ монданд. «Ҳазрат» оташи хашм дар оинаи чашмонаш афрӯхта гардида, «Калашников»-ро аз дасти сарбозе чанг зада гирифт ва тақрибан 10-15 метр дуртар рафта, «рищдароз»-ро ба нишон овард. Ҳалқачаро зер кардан ҳамон буду садои даҳшатангезу баланд гардидани тир ҳамон. Чангу ғубор осмонро фаро гирифт. Тирҳо аз болои сари «рищдароз» парвозкунон гузашта, девору нигасаи биноро сӯрох карданд. Пораҳое аз гили девор рӯйи замин афтидаю Замину Осмон чаппа-роста шуд. Тадриҷан фазо рӯшан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гашт ва ҳама бо таҳайюру даҳони боз ба Абдулҷон нигаристанд. Магар мурдаву ба замин парӯ афтодааст? На, вай даст ба гӯшҳо бурда, ҳамчунон рост меистод ва чашмонаш тоси хун гардида буданд. Танҳо… манзараи музҳику асафборе зуд ба чашм бармехӯрд.

Аз тарс «рищдароз» шими сабзи танашро тар карда, шошааш аз пойи шим берун заҳида, рӯйи хок ҷӯй кашида буд…

***

Бомдод хабари аҷибу ғарибе дар деҳаҳои гирду атроф паҳн гардид.

«Ҳазрат» ба «рищдароз»-и Абдулҷон як гектар замини обӣ туҳфа кардаю духтари шонздаҳсолаеро ба никоҳи ӯ даровардааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ДАСТИ БОЛО

Ҷавонмард баъд аз ноништа сару либоси нав ба бар кард, ба оинаи барқад нигарист: мӯйсари сиёҳаш шонахӯрда, куртаи сафед аз таҳи костюм шинаму зебо ба чашм мерасид. Галстуки сиёҳ дар гарданаш, дар заминаи куртаи сафед ҷаззоб менамуд. Вай, ҷавонмарди миёнақад ва нигоҳаш самимию пурмеҳр ва саҳл андешаманд буд. Ба мактаб, ба кор мешитобид. Омӯзгор аст вай чанд сол боз дар дабистони деҳ ва роҳро аз хона то мактаб, ки тақрибан 200-300 метрро дар бар мегирад, зуд мухтасар карда, лаҳзае дар саҳни ҳавлӣ ба гулу гулбутта ва ниҳолакону дарахтони сарсабзу тановар, ки бо шукӯҳу ҳусни худ ба чашм нур мебахшиданд, менигарист. Ба хаёл мерафт, ба олами афсона «ташриф» меовард. Эҷодкор ҳам буд вай. Саргузашт ва ҳодисаҳои дар деҳ ба вуқӯъ пайвастаро, ки дар меҳвари он ҳама одамон бо сарнавишти мураккабу печидаи худ қарор доштанд, аз ғирболи андеша мегузаронд… Аммо ин субҳ, ҳине ки аз дарвозаи ҳавлӣ по ба берун мениҳод, садои канда-кандаеро такрор ба такрор аз баландгӯяки радиои масҷид шунид:

- Мардуми деҳаи Сарчашма, вақти бомдод акаи Маҳмадсалим бандагӣ кардааст. Ҷаноза баъди намози пешин.

Ҷавонмард дар ҷояш шах шуда, гӯё хабари марги инсонеро бори нахуст дар бинои умраш мешунида бошад, «Эҳ наход, раиси замоне боғуруру салобатноки деҳа, ки нигоҳаш заҳраи одамро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мекафонд, абадӣ аз олам чашм пӯшида бошад?- гуфта пичиррос зад: «Худо раҳматаш кунад». Аз чӣ бошад, дарсоат дар оинаи хаёли ҷавонмард ҳамон айёми вазнин, ки бар асари ҷанги бемаънии камондорон мардум дар талаби дарёфти пораи нон ҷон ба ҷаббор месупурданд, зинда гардид.

«Ҳамааш мегузаштааст, - аз дил гузаронд вай. - Вале кирдори бад… намерафтааст аз ёду хотир».

...Ин хабари неку сурурангезро вай, писараки тақрибан 10-12-сола дар кӯча шунид. Шуниду мазрааи дилаш ғарқи гулҳои шукуфтаи ҳавасҳо гардид. Дар як лаҳза аз ин дунёи пур аз ғаму ғусса, дунёи бенавоию нодорӣ ба дунёи хаёлан мамлӯ аз суру шодмонӣ ва орӣ аз дарду ранҷ кашиданҳо, ки бас зебову рангорангу музайяну латиф аст, афтид. Ҳо, ҳо, аз як канори олами тираву ваҳшатзо дуруст ба канори олами дигар, ки чашмҳо пурдурахшу лабҳо дар тасарруфи табассуманд, гом ниҳод. Ҳай аҷиб, ҳай роҳат! Чӣ олами назифу ҷонона! Пас аз шунидану бо ҳамсинони худ хуррамдилу шодон гардидан ва перомуни ин шунидаашон ҳарфҳое бо тасаввуркарду орзуҳои ширин ба лаб оварадан, чун ҷамъияти рафиқон пароканда шуданд, ӯ низ бо хаёлҳои рангин ҷониби хонаашон шитобид ва аз дарбача даромадан замон ба модару бародарону хоҳаронаш мужда расонд;

- Рӯзи шанбе тӯй будааст. Тӯйи Муҳаммадамони бизнесмен!

Модар бо кӯбае чӯбӣ хӯшаҳои гандумро мекӯбиду ос мекард ва донро каноре ҷамъ. Чанги маҳину



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

нозуке, ки бо вазиши бод бармехест, ба рӯю мӯю абрувонаш менишаст. Зан ба назар 35-40-сола менамуд, чеҳрааш гирифтаю ғаме мармуз дар чашмонаш ошён карда, аслан ҳавсалаи ҳарф задану лаб кушодан надошт. Бо ин ҳама, як он даст аз шуғли худ бардошт, сӯйи писараш, ки бо чашмону лабони хандарез, бо ҳайати шодиафзо наздаш рост меистод, рӯ гардонд:

- Бачам, садқат, аз тӯйи як одами пулдору бадавлату сарватманди деҳа ба мову ту чӣ фоида? Ва ба посухи писар мунтазир нашуда, афзуд:

- Дар ин рӯзҳои вазнин, ки ҷанги лаънатӣ ба сарамон овардааст, Муҳаммадамон ягон гард орд ё халтае гандум «ин ёрдам аз мо» гуфта ба мо дод? Дасти бенавою фитодаеро гирифт?

- Эҳ… аз боғи боло гап мезанӣ, бачам. Ҳушам кашоли маъракааш нест: Ҳамин қадарашро медонам, ки рӯзамон ба нони сабӯсӣ мегузарад.

- Ту, оча, маънои гапа нафаҳмидӣ, - ханда дар лаб гуфт писарак. -Барои мо, бачаҳо, мегӯм, тӯй болои тӯй. Оша мезанем, оши палава. Чанд вақт шуд, ки маззаи ош аз даҳону комамон рафтааст. Ростӣ, охирин бор кай оши серӣ хӯрда, будем дар ёдамон нест. Шояд моҳу ҳафта не, сол гузаштааст.

- Эҳ, гушна нон хоб дидааст, - сархам ба кӯбидани хӯшаҳои гандум идома дод зан ва дигар ба писарак эътиное накард. Писарак, ҳамчунон сояи рӯҳе барозанда ва саодатмандӣ дар чеҳрааш таҷассум ёфта, қадам зада аз модараш дур шуд. Аз чӣ бошад, ҳарфҳои навмедонаю оҳанги ҳузнзои суҳбати модар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

хаёлу хотирашро парешон карду рӯйи оинаи орзуҳояш ғубор кашид.

Вай дигар ҳарфҳояшро фурӯ бурда, рафту рӯйи суфачаи таҳи чормағзи пир нишаст. Аз ҷойи нишасти худ чашм ба модар дӯхт. Ва хаёлаш, ки ба димоғаш бӯйи тунду тези нони сабӯсӣ расида, ба роҳи нафас ба поён, ба шикамаш нуфуз кард, заъфу сустие дар ниҳодаш ба зуҳур омад, дар пиндораш хун дар рагҳояш аз ҳаракат монда, дилаш шӯридаву коса зад. Пиндошт, ки ҳамин ҳоло ҷамеи ғизои хӯрдаашро мегардонда бошад. Хам шуду сарашро зер овард. Ҳолати афсурдагию яъс фаро гирифташ. Вай амиқу неку медонад, ки рӯйи дастархони онҳо на ғизои хушлаззат ҳасту на қанду қурс, на чойю нони гандумӣ. Ҳатто… на ҷурғоту чаккаю дӯғу шир.

«Ҳо, оча, - хаёлан ба модар суҳбат оғозид писар, ҳамааш рафт. Гов рафту гӯсола, буз рафту бузғола. Бобом гуфт, зиндагитон бо сар задани ҷанг вазнини вазнин шуда, биёен 8-10 халтаи гандумеро, ки пеш аз шуруи ҷанг дар амборамон нигоҳ медоштем, бареҷу дар осиёби усто Нарзулло орд кунен. Замонҳое буд, ки касе парвои шикаму нон надошт. Магазинҳо пур-пури орди сап-сафед буд. Лекин бобом падараму амакҳоямро маҷбур кард, ки дар замини бекорхобидаи фермаи колхоз гандум бикоранд. Замини бузурге буд.

- Гандум чӣ лозим? - тааҷҷубзада пурсид падарам.
- Ҳама ҷо пури нон, серию пурӣ.

- Ман ҳайрон, ота!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Як рӯз не, як рӯз даркор мешавад, - фаҳмонд бобом. - Дунё ҳеҷ вақт ба як қарор намемонад. Ҳа-а, бачем… Ҷанг сар заду гуруснагию қаҳтиро ба думбол овард. Халтаҳои ордҳои сап-сафед дар чашм задан тамом шуду ҳамон гандуме, ки аз майдони ферма рӯёнда буданд, кор дод. Ҳамаи гандуми халтаҳоро ба тадриҷ орд карда хӯрдем. Гандум ҳам тамом шуд. Ана, баъд падарам маҷбур шуду аввал говро фурӯхт, сипас гӯсоларо. Хайр, бузу бузғола ҳам ба савдо рафт… Инак, рӯзамон ба сабӯс мондааст. Аммо хӯрдани нони сабӯсӣ ба ҷон кандан баробар будааст.»

Дарду алами писарак охир надорад. Аз хӯрдани нони сабӯсии бӯин, ки ба решҳои дандон мехаладу комашро захмин кардааст, кайҳост, ки ба сутӯҳ омадааст. Гумонаш, ки дар зарфи меъдааш заҳру зардоби фаровон ҷамъ шудаву хунаш фосиду пайкараш андак-андак афсурдаву наздик аст, то аз ҳам бирезад. Шириниро-ку батамом аз ёд баровардааст. Шакару қандро гоҳу ногоҳ дар оинаи булаҷаби телевизор мебинад. Чояшон аз гули садбаргу шохаи тари обуболуст. Модараш помидорро бо пиёз таф медиҳаду оби ҷӯшомадаро аз болояш мерезад. Тановули ингуна ғизои обакӣ ҷонашро ба ҳалқаш овардааст. Эҳ Худо, кай ин рӯзҳои маъшуму фалокатзо пушти сар мешуда бошанд? Кай?! Падараш қабл аз озими сафари Русия гардидан аз як рафиқи човандозаш дар сатили човаи калоне ҷав овард.

- Ана, ин ҷавро орд мекунему нони ҷавӣ мехӯрем, - фаҳмонд вай. - Ку бубинем, маззаи нони ҷавӣ чӣ хел



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бошад? Дар ҳар сурат, аз нони сабӯсӣ беҳтар будагист. Модараш аз орди ҷав хамир шӯриду нон рост кард ва гӯё ба дӯшаш кӯҳи Мағм бор шуда бошад, абругирифта наҷво кард:

- Хамираш часпаку бӯйи наму замини рутубат мекунад. Надонам, ки нонаш чӣ хел бошад? Нонаш баъди пухтан рӯйи дастархон аз даст ба даст мегашт ва сафеди пуркидаранг буд. Писарак порае бишкасту ба даҳон бурд ва то дер гоҳ хойиду хойид, ту гӯйӣ, сақич бошад. Мағзи он дурушт буд ва ба милки дандонҳо мехалид. Охир дар гулӯ дармонд хоидаи нони ҷавӣ ва нафаси писарак гиреҳ зад, ҳис кард, ки чашмонаш аз ҳадақааш берун ҷаста мебаромада бошанд. Вазъи сангини ӯро падар пай бурду ба тахтапушташ «тап-тап» зад ва пораи хойидаи нони ҷавӣ, ки бо оби даҳон махлут шуда буд, парида рӯйи дастархон афтид.

Писарак ошуфтаву ғамзадаву беқарор рӯ ба осмон оварда, дар танҳоӣ аз Офаридгор, оҳи ҳасрат аз ниҳод берун ниҳода, мепурсид:

- Моро на нони балаззати гандумӣ насиб мекунаду на ғизои равғании хушмазза. Тамъи ширинию гӯштро кайҳо аз ёд бурдаем. Умрамон бо лаби нони ҷавию пиёз ба охир мерасад.

Барои кадом гуноҳ?!

Аммо аз он боло, аз соҳати чархи нилфом садое дар ҷавоби писарак баланд намешуд ва писарак пеши худ, об дар чашмон такрор мекард:

- Барои кадом гуноҳ?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Рӯзу моҳҳо бад-ин наҳву шева сипарӣ мегардиданд ва рӯзе падар аз Файзи боғбон ду халтаи пур-пури бастадаҳони ҷуворӣ овард.

- Сабӯсу ҷав тамом шуд, аз орди ҷуворӣ нон пухта мехӯрем, - кафҳояшро совида хандида гуфта падар. - Нони зағора аз замонҳои қадим бомаззаву хушхӯр будааст, мегӯянд.

Аммо… сахту дурушт буд нони зағора ва чун ду-се рӯз мегузашт, ончунон вазнин мешуд, ки ту гӯйӣ, пораи чӯян аст ва хӯрданаш ба душвор даст медод. Кадоме аз ҳамсоязанҳо ба модари писарак роҳ нишон дод, ки ба хамири нони зағора пиёз ҳамроҳ кунад, нонаш андак мулоимтар мешавад. На ин нонро хӯрда тавонист писарак, на он зағораи якҷо бо пиёз шӯридаро. Рӯзҳои тираву сиёҳро, мегуфтӣ, ҳеҷ поёне набуд. Писарак наҳифу лоғар буду лоғартар мешуд ва дар олами рӯъёҳову афсонаҳо будану зистан мехост.

Ба ёди писарак боз тӯйи Муҳаммадамон расид. Ду рӯз пас вай дар сургоҳ ҳозир мешавад ва оши палави серравғани сергӯшт хоҳад хӯрд. Оши палави бо биринҷи дона-дона. Нону кулчаи серӣ, қанду шириниҳои ҳархела. Оҳ, оҳ… Аз ин хаёл, ки бас нишотангезу фараҳфизо буд, хонаи дили писарак рӯшан ва олами тасаввуру пиндораш гул кард, аз дунёи воқеӣ, ки бардошти тираю навмедонае дошт, ба марзи рӯъёҳову афсонаҳои ширину рангину шигифтангез гом ниҳод. Ёди ош ба ҷонаш неру бахшид, ингуна тавонманду бақувват гардид. Ӯ чӣ тавр лаб лесидану фурӯ бурдани оби даҳонашро пай набурд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ду рӯзи дигар, ду рӯзи интизорию пазмониҳо, ду рӯзи ширину ҷаззоб. Хоҳаракону додарчаҳояш низ дар орзуи нони чапотию оши сергӯштанд. Эҳ Худоҷон, тезтар рӯз шаваду шаб, шаб шаваду рӯз. Ниҳоят, рӯзи шанбе фаро расиду писарак ҳамроҳи ҳамсолони худ ҷониби тӯйхона, ки поёнтар аз хонаи онҳо, дар назди хирманҷойи пешини пахтахушккунӣ ҷой гирифта буд, раҳсипор гардид Рӯзи гарме буд, ибтидои фасли хазон. Хуршед анвори тиллогунаш рӯйи талу теппаву адирҳо, боғу чаманзору даштҳо бедареғ нисор мекард. Шаъшаи нурҳои офтоб дар дили рӯди Сероби деҳ аксандозӣ карда, чашм мебурд.

Ғози хасрав рӯ-рӯи фазои нилгун ором-ором, чу мурғи сабукбол ҳаракат мекард. Ингуна ришта-ришта хат кашида, дар шоху навдаҳои дарахтон дармемонд. Дармемонду ранги зарҳалӣ ба худ мегирифт ва бас зебову дилангез ба чашм мерасид. Оби рӯдхонаи Сероб нарму орому бесадо аз рухи сангҳо бӯса меситониду чу инсон гӯйи нафасзанон ба сӯйи макону манзили ноошно, дар сар ҳазор фикру хаёл ва пойбанди орзуву мақсадҳои ноаён ҷорӣ мешуду ҷорӣ. Магар он макону манзили ноошно буд, ё роҳ ба сӯйи абадияту ҷовидонӣ? Равон буду равон рӯд ва рӯҳе дар амвоҷаш нафас мезаду нафас мезад.

Ё бехигӯшӣ сухан мегуфт? Ё оҳ мекашид?!

Хонаҳои баландошёнаи рангкардашуда, дару тирезаҳои гаронбаҳо, саҳни ҳавлии ниҳоят васею доманфарох, мошинҳои гуногунтамғаи паси ҳам қароргирифта, гулҳои мулаввани назди даромадгоҳ ва… ва чунонки тӯйю сурро мебояд, бӯйи зирбаки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net мурочиат кунед

ошу пиёзи тафдодаи кабоб бо роҳи димоғ ба хун меомехт ва зарфи меъдаро хориш медоду об мекушод даҳон ва барфавр ин об аз гулӯ мегузашт. Эҳсоси аз ин ғизоҳои равғанӣ ба даҳон бурдану оташи нафсро андак-андак хомӯш кардан дар мағз ангезише ба зуҳур меовард. Хонаҳои дар се ошёна ҷойгиршуда, айвону катҳо аз меҳмонони хоса пур буд, вале мошинҳои сабукрави навбаромад меомаданду меомаданд ва сафи меҳмонони костюму шиму куртаҳои сафеди галстукдор, ки аксаран мӯйсари равғанмолидаи муҷалло доштанд, меафзуду меафзуд. Аз ин рӯ, бо амри соҳиби сур Муҳаммадамони тоҷир аз куҷое катҳои зиёде оварда, дар хирманҷой гузоштанд. Аз ин канор то канори дигари хирманҷой ходаҳои чӯбӣ зада, аз нӯги онҳо ба болои катҳо сони сафеди дароз кашиданд, ки ба сари меҳмонон соя афканад. Рӯҳониёну пирмардони солманд ва камонбадастони либосҳои ало-булои ҷангалӣ ба танро низ дар рӯйи катҳо ҷо карданд. Раисону мудирону, аз қавле, «юф»-ҳо низ дар катҳо такя ба лӯлаболиштҳо роҳат нишаста, чашм аз ин манзараи бошукӯҳ намеканданд.

Чашмони писарак аз дидани одамони сару либосашон тозаю назиф ва анвои нозу неъмати назди онҳо, меваҳои мухталифи сероб, ҳар гуна хӯришҳои болаззат, лаълиҳои тарбузу харбузи шакарин, қанду шириниҳо, обҳои рангоранги ташнашикан нур гирифта, банди ҳайрат лол монда, намедонист, ки ба кадом тараф қадам занаду чӣ кор кунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Рафтем, даҳонат воз меистӣ рост дар як ҷо? - гуфтани як рафиқаш ӯро ба худ овард ва писарак аз думболи ӯ қадам бардошт.

- Як бало карда, ба дегҳои ош наздик шудан даркор, - фаҳмонд рафиқаш ва раҳравон афзуд:

- Ин одама бин, ҳоли ҳозир чор деги ошу боз чанд дег кабоб ҷӯшида истодааст. Монанди ману ту бачаҳои бисёре омадаанд. Ҳама зӯр мезананд, ки шикамсерӣ ош хӯранд.

- Ҳофизӣ ҳам мешавад? - нохоста пурсид писарак. - Агар ҳофизӣ шавад, чӣ хел нағз!

- Ҳофизӣ, ҳофизӣ, - даст афшонд рафиқаш, ки амиқан беқарору бесаранҷом буд. - Ҳофиза чӣ кор мекунӣ? Шикам сер шавад, шикам.

Воқеан, вақте ки онҳо ба қисмати чапи хирманҷой, ки дегҳои ошу кабоб он ҷо гузашта шуда буд, наздиктар расиданд, ҳуш аз сарашон парида, дар шигифт монданд. Дар ин ҳудуд мардону бачагони зиёде ҷамъ омада, интизори ба табақҳо кашидани ош буданд. Хидматкорону дастархончиён аллакай табақҳои кабоби гармро, ки ҳавр аз болояшон мебаромад, пеши меҳмонон мебурданд. Ҷавонмардон саф ороста, табақҳоро даст ба даст ба рӯйи кату хонаҳои дарун мерасонданд. Аз ин манзараи аҷиб, бахусус, бачаҳо ба изтироб омада, пойкӯбон дар атрофи дегҳои ош лигоми оромию қарорро раҳо карда буданд. Писарак як он дар пиндору тасаввури худ ба олами дигар афтод. Оламе, ки дар он нишоне аз гушнагию бенавоӣ, нодорию бечорагӣ, ҷангу паррон-паррон ва бӯйи нони сабӯсию



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

заҒораю ҷавин набуд. Ҳама ҷо серию пурӣ, дастархонҳо мамлӯ аз нонҳои чапотию кулчаҳои сершиpу серравған, ошу кабоб, меваю мағзу қанду мавиз. Меҳмонон кабоб мехӯранду ош, хилоли дандон карда, гӯштриштаҳоро бо нӯги забон бароварда, каноре туф мекунанд. Даст ба шикамҳои дамидаашон бурда, оруғ мезананд. Аз кадом нақли ҳамсуҳбати худ мастонаву бепарво қаҳ-қаҳа зада, баланд-баланд механданд. Дандонҳои тилло ба намоиш мегузоранд. Аз чашмонашон об ҷорӣ мешавад. Аҷаб лаззату кайфияту мастие! Ёди писарак ба модару хоҳарону додаронаш рафт. «Агар рафту ба ман ягон табақ ош диҳанд, мехӯраму баъд илтиҷову хоҳиш мекунам, ки табақи дигаре диҳанд, онро ба хона, барои модару хоҳару додарчаҳоям мебарам. Нағз мешавад. Аз ин хаёли фиребо дар шохаи лабони писарак гули табассум нарму ширин шукуфт. Аммо ҳолу ҳавои воқеият дигаргуна буд. Деҳдору ду-се тан думраваш пайдо шуда, бачаҳоро бо химчае аз назди дегҳои ош пеш карда, ниҳеб ҳам бардоштанд, ки «нодидаҳои шарманда, монед, аввал меҳмонон ошу кабобро хӯрда тамом кунанд, баъд навбати шумо. То меҳмононро аз даст набарорем, ба ҳеҷ кас ош-пош намедиҳем». Оҳанги хашини суханони деҳдор, ки пайкари фаҳӯлу қомати баланд ва риши кӯтоҳ дошта, аз болои ҷома рӯймоли ғафси шоҳӣ баста, арақ аз сару рӯяш ҷӯя кашида, ба гарданаш мешорид, олами ширину марғуби хаёлии писаракро аз ҳам рехт, вай шикастадилу маъюс худро аз издиҳом канор гирифт. Ва аммо нохудогоҳ чашмаш ба деги ош, ки буғи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гарми омехта бо бӯйи равғану гӯшт ба димоғаш мезад, ба гӯштҳои барҷастаи мулоим ва сағалҳои калон-калон афтид, ки ошпаз зуд-зуд бо кафгир он гӯштҳоро боло кашида, бо дастонаш гирифта даруни корсони сафеде мегузошт. Гӯшт! Чӣ хел бомаззаву хӯрданбоб аст! Писарак ба ёд овард, ки шояд вай дар тӯли 12 соли умраш боре ҳам ба даҳон як пора гӯшт набурда бошад. Ҷанг ҳамаро барбод дод. Фикру зикри одамон танҳо ба дарёфти пораи ноне банд буду халос. Дар ин аҳвол гӯшт аз куҷо? Аммо пас аз чанде писарак аҷаб манзара ва амалҳои гӯё махуфу пинҳониро ба мушоҳида гирифт. Деҳдор, чанд муллову оқсақоли масҷиду деҳа аз паси пардаи сафеде, ки кашида шуда буд, шитобзада ба назди ошпаз ҳозир шуда, чизе ба гӯшаш гуфтанд, ки вай дарсоат дар табақҳои сафолини калон пур-пур ош кашида, ба болои он гӯштҳои ҳамчунон калон-калон гузошта, ба онҳо дароз мекард. Онҳо табақҳоро (ба болояшон нони чапотӣ гузоштаву бо рӯймоле маҳкам баста) ба дасти писарони худ медоданд ва писаронашон дар пилк ба ҳам задани чашмон табақҳои ош дар даст сӯйи хонаҳояшон тохта, ғайб мезаданд. Ингуна, ба тадриҷ, бачагони дигар бетартибонаву номуназзам ба дег наздик шуда, табақҳои холии дасташонро пеш бурда, аз ошпазу ёронаш хоҳиш, балки зорию тавалло мекарданд, то ба онҳо ош диҳанд. Ба бонгу фарёди баланду омиронаи деҳдор, ки қоматашро баланд бардошта, дақиқкоронаю айёрона ба меҳмонону мардуми деҳ менигарист, нигоҳ накарда, ошпаз марди миёнаумри



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

зоҳиран дилсофу хайрхоҳ оҳиста-оҳиста ба табақҳо ош кашида, ба бачаҳо дароз мекард ва онҳо гӯё ганҷи бебаҳоеро баногоҳ дарёфта бошанд, табақҳо дар даст рӯйи замини пурхок нишаста, ҳадаҳаву осемасар ба хӯрдани ош шуруъ мекарданд. Шуруъ кардан ба хӯрдан ҳамон буду холӣ шуданаи табақҳо ҳамон. Писарак ноҷунбону ҳайрону даҳонво ба ин манзара менигарист ва шабеҳи он ки пойҳояшро мехкӯб карда бошанд, аз ҷояш намеҷунбид. Ва аммо бачаҳои дигар, ҳамсинону аз ӯ бузургтарҳо пойида-пойида дубора табақҳо дар даст ба дег наздик мешуданд ва аз ошпаз ош мехостанд. Писарак аз ин ҳол хиҷолатзада, ҳис кард, ки оби шарм бар рӯяш давид, нафсаш коҳида, саъй кард, аз анбуҳи одамон худро қафо бигирад.

- Э Сипеҳр, ҳамин хел изо кашида меистӣ? - гуфтани рафиқаш, ки аз ибтидои маъракa ӯро ҳамроҳӣ мекард, ба худ овард писаракро. - Ма, табақа гиру пештар рав, ошпаза гӯй, ки ош нахӯрдаам, ош бидеҳ. Вай мардаки нағз, отата мешиносад, - роҳ нишон дод рафиқаш ва табақро иҷборан рӯйи дасташ гузошт:

- Рав, рав, набошад, мондагӣ оша раисо ба хонаҳошон мекашонанду ту ду даст болои сар мемонӣ. Охир, баъди тӯйи Муҳаммадамон боз Худо медонад, кай рӯйи оши серира мебинем.

Писарак аз суханони рафиқаш рӯҳ гирифтаю ҷасорат пайдо карда, табақ дар даст нарму оҳиста сӯйи дегҳои ош гом ниҳод. Деҳдор ҳанӯз садои ғулгуламонандаш дар фазо печида, арбадаю ғавғо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бардошта, «лаънатиҳои худозада, дубориюю себорӣ ош хӯрда истодаед, дафъ шавед аз пеши дег» - гӯён бачаҳоро бо химчаи тут мезаду пеш мекард. Тавре ба назар мерасид, ки ӯро бо ҳамин ҳайати босалобату бадвоҳимааш танҳо ба хотири чанд тан бача раиси деҳ таъйин карда бошанд. Писарак банди ҳазор фикру хаёл, ҳамчунон шармгинона табақро ба ошпаз дароз кард:

- Амак, дар ҳамин табақ ба ман ош диҳед.

- Ту ҳоле ош нахӯрдаӣ? - миёнашро рост кардаю араqи пешонияшро бо дастмоле пок карда пурсид ошпаз. Вай хастаю лакот менамуд.

- Не, амак, - ҷавоб дод писарак. - Ман нав табақи холӣ ёфта…

- Рӯят сиёҳ, бачаи маълим, бо ҳамин дурӯғат.

Ин овоз монои ханҷари тез пардаи хаёлоти писаракро дарида гузашт, дар хонаи гӯшаш чу тири заҳрогин даромад. Писарак дар ҷояш такон хӯрда, гоҳ ба ошпаз менигаристу гоҳе ба деҳдор. Деҳдор, оҳанги ғазабаш паст нагардида буд, ки ба писарак наздик шуда:

- Чанд бор шуд, ки табақата оварда ош мебарӣ?- гӯён хам шуда, бо чашмони нигоҳаш пур аз нафрат ба ӯ нигарист.

- Росташа гӯ, набошад…

- Ман ош нахӯрдаам, - нигоҳашро гурезонд писарак.

- Рӯт сиёҳ, на фақат дубору себор ош хӯрдӣ, балки ба хонаатон ҳам бурдӣ. Ё не?!

- Ба Худо, ош нахӯрдаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ба хонаатон ҳам набурдаӣ?

- Не, набурдаам.

- Ту мисли отаи «қаҳрамонат» якраву гарданшахӣ. Рӯят сиёҳ.

- Рости гап, ман бори аввал бачаи маълима мебинам, ки барои ош омадааст, - фаҳмонд ошпаз. - Ош хӯрдагию бурдагиҳо бачаҳои дигар буданд.

Писарак аз шарму хиҷолат, чеҳрааш арғувонӣ гардида, азм кард, ки ин дафъа қатъӣ аз байни издиҳом баромада, рост ба хонаашон меравад. Вай аз ҳамааш дилгир шудааст. Аз тӯй баромада меравад, ҷонаш халос. Эҳ, агар ҳоло падарашу амакҳояш ин ҷо мебуданд….

Баногоҳ деҳдор бо дасти вазнинаш аз банди дасти писарак доштаву онро анбӯрвор фишурда, ба саҳни ҳавлӣ кашолакунон баровард.

Деҳдор дасти рости писаракро боло бардошта, ба одамон, ки кунун фориғ аз хӯрдани кабобу ош, нуқлу наво ва меваҳои шодоб аз ҳар хусус суҳбат карда, фароғат доштанд, нигариста хитоб кард:

- Эй мардуми деҳаи Сарчашма, мана, ман ба шумо мегӯям, ки ҳамин бача, писари муаллими Фарҳод айбу шарма надониста, намедонам бори чандум аст, ки меояду дар табақ ош гирифта мехӯраду боз дар назди дег пайдо мешавад. Ана, бинен, дастҳояш равғанин. Э садқаи одам шаве, бетарбия!

Ҳама ба писарак ва дасти болои ӯ, ки деҳдор ҳеҷ онро раҳо намекард, менигаристанд, бефарқ буд нигоҳашон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Аммо писарак ранг бохтаю аъзои баданаш ба ларза даромада, сарашро саҳл боло карда;

- Дурӯғ, ман ош нахӯрдаам, - гуфт шармида.

- Худо занад, ки ош нахӯрдаам. Ба Қуръон қасам мехӯрам, ки ош нахӯрдаам.

Вай мехост баландтару баландтар фарёд кашад, дод занад, ҳақиқати хаётро ба гӯши мардум расонад, вале…

- Бачаҳотона тарбия кунед, қавми Сарчашма, - ба суханони писарак эътино накарда, ба носеҳӣ даромад деҳдор ва афзуд:

- Шароит вазнин гуфта, ҳамин хел баднафсию лӯсакӣ мекунанд? Айб аст, айб. Боз писари маълим. Замин кафад, ки дарояд ҳамин хел бача.

Вай аз чӣ бошад, ҳеҷ дасти рости писаракро раҳо кардан намехост. Ниҳоят, писарак аз шиддати ғазаб, ки бар шарму хиҷолаташ тасаллут ёфта буд, якбора дасташро аз дасти деҳдор кашида, филфавр аз назди ӯ дур шуда, зуд-зуд қадам зада, ба сӯйи чорроҳа раҳсипор гардид. Эҳсоси занандае думболагираш шуда буд, ки гӯё ҳама аз пас ӯро наззора карда, байни худ рафтори ношоистаашро муҳокима мекунанд, ҷонашро ба лаб оварда, ҳар чӣ тезтар гом мебардошт, то ки ин манзараву нигоҳи масхараомезонаи одамонро вопас набинаду насӯзад. Вай қадам мезаду қадам мезад ва рухдоди ба сараш омадаро дар оинаи тасаввур зинда кардан мехост. Чаро ин тавр ҳама чаппаю роста шуд? Айб, айб! Хунаш ба ҷӯш омада, фавҷи ғаму андуҳ қаламрави дилашро фаро гирифт



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ва аз алам, аз оҷизию нотавонӣ дар чашмонаш ашк ҳалқа зад.

Мегирист вай, дард мекашид, ки тамоми орзуҳояш бар боди фано рафта. Гуруснагиро аслан фаромӯш карда буд. Дилаш беҳузур шуда, даҳонаш об мекушод. Чаро ин тавр шуд? Чаро? Эҳ, агар падару амакаш дар ин ҷо ҳозир мебуданд, намегузоштанд, ки деҳдор ӯро таҳқир кунаду сарафканда. Очаи зорашро нишон медоданд! Вале онҳо дури дуранд, дар он канори дунёянд. Вай бошад, дар ин канори дунёи касифу палишту сардмеҳр қарор дорад. Бо панҷаҳояш ашки бари рӯяшро поккунон писарак меандешид:

Ба хона расида, ба модараш чӣ ҷавоб медиҳад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net мурочиат кунед

## ГИРЯИ ПУШАЙМОНӢ

Ҳар чи дил ҷавонӣ кард, кӯдакона хандидам,
Пирӣ омаду овард гиряи пушаймонӣ.

*Нодири Нодирпур*

Мӯйсафед бори дигар тамоми неруяшро ҷамъ оварда, зӯр зад, то қанори нимаи алафро ба пушт гирифта, аз ҷойи нишасташ ба по рост шавад. Аммо натавонист. Натавонист, ки аз ҷо бархезад. Мадораш намондаву нафасаш гиреҳ задаву арақ пахшаш карда буд. Базӯр «уф-ф-ф» гуфт. Не, аз дил гузаронд вай, борро бардошта наметавонад. Вой бар ҳолаш. Бо ин вазъ он рӯз дур нест, ки пирӣ чун кӯҳе пахшаш мекунаду рӯзе аз ҷогаҳ ҳам хеста наметавонад.

«Оқибат аз пову пар монда, дастнигару муҳтоҷи келину писар мешавам. Ҳолам чӣ мешуда бошад? Ҳоло-ку кампир зинда асту дар барам тор танида мегардад. Вай ҳам пири мафлук шуда, қоматаш чанг задааст, бо бинияш ба замин хат кашида қадам мезанад. Ҳамакнун бачаҳои шӯху қайсар «кампири кӯзпушт» гуфта, мазоҳ ҳам мекунандаш. Эҳ… умр барқу бод барин мегузаштааст.

Худоё, дар номат бимирам, хори ҷогаҳ накунӣ. «Лекин ҳоли ҳозир чӣ бало шудааст ба вай, ки қанори нимаи алафро ба пушт бардошта наметавонад? Гову мол гурусна, рӯз нисф шуда истодааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Ё пирам, Ҳазрати Баҳоваддини балогардон! - қуввати худро ба як ҷо тамаркуз намуда, начво зад мӯйсафед ва ба кафи панҷаи росташ туф карда аз як гӯшаи қанор тоб додаву мушт андохта, дафъатан хост қанорро ба пушт кашад. Не, нашуд, зӯраш нарасид. Мӯйсафед аз нотавонию оҷизии худ шармиду чеҳраи ожангбастааш тиратар шуд. Дар ҳамин ҳол рӯ ба осмон овeconсару… офтобро дид, ки шабеҳи кураи тафсон дар байни осмон қарор дошт. Метафсонд замину замонро, талу пушта, ҳашараю ҷондор, бо як сухан, кулли мавҷуди оламро. «Ҳай дер шуд. Ҷонварҳо гуруснаанду роҳи маро мепоянд. Ман бошам…»

Эҳа,замоне буд, ки харро бо хӯрҷину бораш озод бардошта аз наҳри калон мегузаронд. Дасту бозуи паҳлавонона дошт. Дар бригадаи колхоз кор мекард, хирманбон буд.

Гоҳо ҳамсараш, ҳамин ки дар хона танҳо монданд, аз умқи хотираҳо воқеаю рухдодҳои аҷибу завқфизоро, чунонки донаҳои марворидро аз ришта мегузаронда бошад, якта-якта дар зеҳнаш зинда карда, бо ҳарорат ва оҳанги пурзарофат нақл намуда, хаёлу андешаҳоро ангезиш медод.

- Худатро ин қадар болохонадор таърифу ситоиши накун, - пиёлаи чойро ба соҳиби сараш» дароз карда мурочеъ мешуд вай ва меафзуд,ки лофи зӯрию қаҳрамонӣ ҳам назан. Эҳ…дар ҷавониат аз ҷӯй базӯр ҷаҳида мегузаштию…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Оббо, - ранҷидахотир посух медод муйсафед. - Маро паст назан. На кӯраму на шал. Ба таки 80 расида бошам ҳам, ба асо эҳтиёҷ надорам.

Дарвоқеъ, давраҳои аҷибе буданд, хотироти ширину марғуб ва дилангез дар зеҳнҳо боқӣ гузоштаанд. Мӯйсафед амиқу равшан дар ёд дорад, ки серғайрату ҷалду чобук буд. Пахтаи хушки хирманҷойро дар байни шоли бузурге ҷамъ карда, аз чаҳор гӯшаи он озод болои сар бардошта, мебурду ба бордони мошин ё тракторҳо мерехт. Аз ин амали бардавом хасташавиро ҳис намекард. Пахтаро, ки ба мошину тракторҳо бор карда, болои онҳоро бо матои сафед маҳкам мебастанд, аз пайи аз бордони трактор фаровардани пахтаи навакак чидаи колхозчиён мешуданд. Бо ҳамон шасту суръат шохаҳоро бо даст гирифта, пахтаҳоро рӯйи хирман тунук мекарданд, то офтоб хӯрда, хушк шавад.

Баъд... боз болову поён давиданҳои бисёре. Ҳини ҷамъоварии пахтаи таҳрези комбайн ташвиши хирманбонҳо дучанд гардида, ҳатто шабҳо дар зери фурӯғи чароғҳои барқӣ бо ҷӯшу хурӯш ба тоза кардани пахта дар дастгоҳи «Ворух» машғул мешуданд. Ана, ҳамин тавр, аз қавле, як умри азизаш дар колхозу кори саҳро ва хирманбонию пахтахушконӣ гузашт. Аммо...водареғо! Чӣ балои ногаҳонию фалокату фоҷиаи гӯшношунид аз қазои осмонӣ расид, ки чархи айём (воқеан, ба беҳуда каҷраву сифла наменомидаанд онро!), ба таъбири



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«муаллими китобнавис», 180 дараҷа гардиш хӯрду…ҳама амволу мулки ҷомеаи «умумихалқӣ» ба боди фано рафт ва соҳибони нав ёфт. Сухан мухтасар, ҳамин хирманҷои васею доманфарох ва бавусъат, ки дуруст ба як майдони варзишӣ баробар меомад, оқибатуламр ба савдо зада шуд ва марде сарватманд аз ҳамсоядеҳ онро харид. Овозаю ҳангомаи харидории хирманро мӯйсафед аз забони писари хурдӣ, ҳамоне, ки дар як ҳавлӣ бо ӯ зиндагӣ ба сар мебарад, шунида, саравваал ба ин «ҳарза» бовар накард. Вале… баъд такудаву ҷӯшу хурӯши сохтмонро атрофи хирманҷо бо ду чашми сар бидида, кайфаш паридаву димоғаш сӯхта, бовар кард ба ҳақиқати кулл ва дудаш, ба гуфти кампири Оламбибӣ, «ба кабудии фалак дакка зад.» Оне, ки хирманҷойро бо маблағи ҳангуфт харида буд, устову мардикор дароварда, ибтидо хишту регу шағал оварда, ба бунёди девори баланду мустаҳкам, ки ба он сар бардошта нигаҳ афкандан, осон набуду тоқият роҳат аз сарат меафтид, оғозид. Ва дар байни як ҳафта аз чаҳор тараф девори гардунсой, ки аз хишти бетонӣ буд, сар кашид. Хуллас, хирман ҷояшро ба манзили зист иваз кард. Кӯдакони қисмати болоии деҳи Моҳикаш, ки доиман дар саҳни хирман бозӣ мекарданд, сархаму лабҳо фурӯҳишита дигар ҷоеву маконеву мавзее холию беодам намеёфтанд, ки ба бозӣ машғул шаванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Хайр, замин сахту осмон баланд. Чӣ ҳам метавон кард? Вале…мӯйсафедро бетарафию бедардии атрофиён ҷигархун мекард ва аз худ мепурсид, ки чаро ҳамдеҳагон ба тороҷи амволи ҷомеа аз ҷониби гурӯҳе аз сарватмандон чун тамошобин, бепарво менигаранду ҳарфе ба лаб намеоранд? Чаро аз ҳақиқату адолат пуштибонӣ намекунанд? Ба «муаллими китобнавис»-у Раҳматуллои «законник» ва кампири Оламбибӣ, ки бо шӯру ғиреви худ осмонро ба замин мезаду аз риши ҳаромхӯру тороҷгарони мулки халқ мекашид, чӣ шудааст? Ба даҳон об гирифтан чӣ маънӣ дорад? Вай аз ин дарду аламаш дар маъракае маддаи дил кафонд. Беҳудаю бар абас. Ҳатто чанд тан ба насиҳати пиракӣ пардохтанд ва Соҳиби тоҷир, ки дар даму нафасаш «зағора хом мепухт», хандаи мастона дар лаб таъкид кард:

- Ба ҳар кор чаққа нашав, амак. Замонаҳо дигар шудагӣ. Ба бӯйи ҳақро ба ҳақдор расонданат ба худат бало нахарӣ. Бо ин пулдорҳо бозӣ накун. Ҳа, мо як гуфтем-да.

Ранҷид муйсафед ва даст ба табақи ош набурда, тарк кард маъракаро.

Ва аммо ба худи ӯ чӣ бало шудааст?

Эҳ, охир, суханаш ба писаронаш асар надорад…

Шаш писару чаҳор духтарро ба воя расондааст. Се писараш дар ҳамин деҳа рӯзгор ба сар мебаранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Сеи дигар дар деҳи ҳамсоя ва шаҳри калон аз пайи зиндагианд.

Вай бошад, ҳоло ба бардоштани қанори алаф овора. Ба фарзандонаш- Солеҳу Салим ҳамин заминро то ба ноҳия такудав карда, гирифта дод. Замини фермерӣ. Писари нахустинаш донову заҳматкаш аст, ҳар ваҷаби заминро мешиносад. Шабу рӯз дар даруни замин аст. Чашми бад дур, дар байни 8-10 сол аз ҳисоби фурӯшу даромади сабзаҷоти полезӣ соҳиби хонаҳои замонавию мошини навбаромад гардида, аз деҳа занону духтарон ва ҷавонони ниёзмандро ҳамчун аъзои хоҷагии кишоварзияш ба кори замин ҷалб кардааст. Ҳа, охир, панҷ панҷа баробар не, ҳама бою сарватманд намешаванд-ку! Қоидаи азалию қадимии зиндагӣ ҳамин будааст. Яке дар гирди хони пурнозу неъмат, ки ба ҷуз ҷони одаму шири мурғ ҳама анвои хӯрданӣ муҳайёст, мастона рақсу уштулум мекунад, баланд нафир мекашад, гӯши фалакро ба қомат меорад. Дигаре дар талаби нону ҷома миён кӯз кардаю арақ аз ҷабин рехта, зарур шавад, оғилу тавилаи сармоядореро мерӯбаду шукри Яздонро ба ҷо меорад. Шукр, Солеҳ соҳиби нону ном, вале фақат дар ғами ҷону тан ва фарзандон, ба як сухан, манфиату даромади худ. Гоҳ-гоҳ аз ҳоли мӯйсафед, аз қавле, «саридастакӣ» мепурсаду дарсоат «вақтам кам, имрӯз замини 50 - сотихаи қулфинайро аз об баровардан даркор», - гӯён ба пасаш нигоҳ накарда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мешитобад ба сари заминаш. Вақтҳои охир… Эҳ, чӣ гӯяд муйсафед, ки шикваю шикоят аслан барояш бегона аст. Хасис ҳам шудааст вай - писараш Солеҳ. Ҷамъ мекунаду ҷамъ ҳосилро, ба савдо мезанаду пул мекунад. Ошаш шавад. Худо аз ин зиёдаш кунад. Чанде пеш картошкаро чида, ба мошин бор карда бурд. Салим, писари кенҷа паём расонд, ки қариб ду тонна ҳосил бардоштааст. Кадом рӯз як сатилча «кафсанг» гӯён картошка овардааст. Ҳол он ки Солеҳ хуб медонад, ки падараш бо Салими додараш, ки маъюб асту аз як пой маҳрум, зиндагии миёнаҳолонае доранд. Қиссаи аз пояш ҷудо шудани Салим дароз аст. Ӯ ба хизмат даъват шуд ва 6-7 моҳ нагузашт, ки фоҷиа рӯй дод. Замони ҷанги дохилӣ буд. Дар набарде бо гурӯҳҳои ҷангҷӯю пархошгари зиддиҳукуматӣ аз силоҳи вазнин тир хӯрд. Пои росташро аз зону боло бириданд дар бемористон.

Он шабу рӯз вазъи мӯйсафед бас сангин ва аламаш зӯр буд. Гӯё тири сӯзон пойи писарашро не, балки дилу ҷигари ӯро сӯрох карда, захми хунчаконе дар ҷумла аъзои пайкараш гузошта бошад, шабро бо чашмони боз ба субҳ мерасонд. Кам-кам хаёлию навмед шуда, афсурдаю шикастадил дар кӯчаҳои деҳа аз субҳ то шом шабеҳи оворагардон гом мениҳоду сари сахташро намедонист ба кадом дару девор бизанад. Баъд… батадриҷ одат кард ба ин зарбаи тақдир. Охир, аз дасти бандаи хокӣ чӣ меояд? Пойи буридаро сабз кардан, ба масал, ба бод гиреҳ заданро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мемонду халос. Тоб овард, тоқат кард. Гузашт ин бало, ҳарчанд…

Ҳоло ҳам Салим ба рағми душворию азобҳои зиндагӣ нангу номусро парчам карда, ба сари замин омада, асобағал дар даст заминро побел мекунад, ҷӯя мекашад, кишт мекунад. Ҳамсарашу фарзандонаш (хурд ҳам бошанд) дар бараш мададаш мекунанд.

Мӯйсафед аз вазъи писараш дарунакӣ мегиряд. Сӯзиши қалбашро як худаш медонаду Худо. Ба умеди касе нест Салим. Дар шаҳри калон, дар бозор ба савдо машғул аст, Субҳ мераваду шомгоҳ аз дар медарояд. Вале Солеҳ - писарбузургаш гоҳ-гоҳе назди онҳо омада, бо иддаою зардаи гӯё насиҳатгуна ба «фалсафафурӯшӣ» меоғозад.

-Чаро худатонро азоб медиҳед? -баланд мегӯяд вай. - Гову мол гуфта, аз саҳар то бегоҳ ҷонатонро дар ташвиш монда, дар ин дунё роҳат намекунед, падар?

- Зӯратон намерасад, фурӯшед говҳоро! Тамом, ҷон халос. Синну солатон ба ҷое расидааст. Мо, фарзандҳо, чӣ гуноҳ дорем? Ҳамин хел замон шудааст, ки ҳар кас барои худ ҷон меканад. Хандида намешавад бачаҳоро. Ё гапам нодуруст?

Ва ба посухи падар мунтазир нашуда, меафзояд:

- Дасти мо намерасад, ки ёрдаматон кунем, ин ҳақиқати рӯз барин равшан. Ҷумъа (писари дуюми мӯйсафед) як пояш дар деҳа бошад, пойи дигараш доим дар Расия, Таваккал (писари сеюм) бо мошини боркашонаш аз пушти дарёфти ризқу рӯзӣ. Як рӯз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

барояд, се-чор рӯз пас ба хонааш медарояд. Фаёзу Суннатулло дар шаҳранд, гоҳ-гоҳ вақт ёфта, хабаргириятон меоянд.

- Ана, ҳамин хел, падар, чӣ ҷойи гила.

Мӯйсафед, гӯё забонаш ях баста бошад, хаёломез ба вусъати замини кишт менигарад, ба қитъаи каб-кабуди юнучқазор, ҷуворимаккаю гандум, зироати бодирингу помидор, қулфинаю лӯбиё хира мешавад. Оҳ мекашад ва досро гирифта, ба даруктари замин медарояд, алафи пуштаи зироатҳоро даравиданист.

«Дунё чаппа шудааст, -аз дил мегузаронад вай. - Пештар падарҳо фарзандонро насиҳат мекарданд, акнун писарҳо ба падарон андарз мехонанд. Не, вай муҳтоҷи насиҳат набуду нест. Чӣ ҷойи гап, агар дасти фарзандон намерасад, наберaҳо ҳастанд. Ба ин Солеҳ гап фаҳмондан монанди кӯҳи хороро бо сӯзан кандан. Охир, бачаҳоят дар пеши чашмам як раҳ ёрдам намекунанд-ку! Ё шояд оламу Одам, воқеан ҳам, дигар шудаву зиндагӣ ба марҳилаи нав ворид гардидааст? Ҷойи ранҷишу хафагӣ надорад ин ҳаёти пурҳаводис? Минбаъд ҳама ба роҳи худанд,ҳам падарон ва ҳам фарзандон?

Хурд будам, калон кардӣ, азоб кашидӣ, ба воя расонидӣ-раҳмат. Рисолати падариятро адо кардӣ, акнун чор тарафат қибла. Пас, қарзи фарзандӣ чӣ мешавад? Одаму одамгарӣ чӣ? Мо тоҷикем, аз кадом як гӯшаи дунё ба ин сарзамин наомадаем – ку? Ва, алҳамдуллилоҳ, мусулмон! Ё дар тарбияи насли



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

баъдӣ дар кучҷое иштибоҳ рафтааст? Ростӣ, аҷаб муаммое. Ба ғаври ин калобаи гиреҳ расидан ҳай мушкил.

Аммо ҳоли ҳозир, ин муаммои замину кайҳон дигар мӯйсафедро машғул намедошт. Вай банди он фикр буд, ки бо чӣ усулу шева қанори сабилмондаи алафро пушт карда, ба хонааш раҳсипор гардад. Салим дар шаҳри калон, дар бозор, дар ин наздикиҳо касе ба чашм намерасад. Эҳ, хайр, як бори дигар зӯр мезанад, шитоб кардан лозим. Гову мол гурусна, убол аст, убол. Кӯраи хуршеди фасли тамуз бо ламъа-ламъа нури худ месӯзонду месӯзонд замину замонро.

Мӯйсафед баъди андешаи зиёд ба қанори алаф наздик шуд. Дар гӯшаи он кулӯхи сахтеро гузошта, дар байни панҷаҳояш мушт карда, пойҳояшро тиргак намуда, «ё Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам, мададе, шармсорам накун дар дами пирӣ!», гӯён охирин тавону қувваташро ба кор бурда, қанорро ба пушт бардоштанӣ шуд. Нохосту ногаҳонӣ қанори алаф ба тахтапушташ фишор овард ва мӯйсафед, ки нимхез шуда буд, ларзиду такон хӯрд. Калавид. Бо азоби алим чанд қадам гузошта, таъодили ҷисмашро нигоҳ дошта натавонисту ба замин афтид. Қанор дар болояш, рӯ ба замини пурхок мехобид. Ҳарчанд зӯр мезад, қанорро каноре тела дода, аз зери бори бало раҳо шуда наметавонист. Вай дар ин вазъи хиҷолатбор, дар ҳоле ки ба оҷизию нотавонии худ тан дода буд, лаҳзаҳое гирифтор ва бечора монда, ҷонаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ба ҳалқаш омада, зонуҳояшро ба кор даровард. Ғеҷиду ғеҷид, ниҳоят, қанор ба ҷонибе ғелиду вай аз тасарруфи «бало» халос гардид. Бо азоби дандоншикан аз ҷо бархоста, либосҳояшро афшонду зуд ба гирду атроф нигарист. Касе ин манзараро ба мушоҳида гирифта бошад, айб мешавад дар дами пирӣ, айби калон. Баъд мӯйсафед ҷонаш дар панҷаи дарди ногаҳонӣ канори суфа нишаст. Тарокуми андешаҳои бесару нӯг бар мағзаш тасаллут ёфтаву хорияш омада буд. Фавҷи аламу ғам аз қаъри дилаш забона зада, то гулӯяш омад. Ҳис кард, ки нафасаш дарун задааст. Наход, ки…

Вай нафаҳмида монд, ки чӣ тавр дар чашмонаш ашк ҳалқа зада, орому бесадо мегиряд.

Чизе дар синааш канда шуд. Бо хаёли парешон аз паси пардаи ашк ба дуриҳо менигарист. Замину осмон дар пиндораш давр мезаданду давр мезаданд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ЧОРСӮ

Вай бадқаҳру парешону ошуфта як пиёлаи чой ҳам нанӯшидаву пораи нон ба даҳон набурда, бархосту ҷӯробҳои ғафси куҳнаи пашмӣ ва аз болои он пайтобаҳои сафедранги гумазиро ба по печонида, аз кунҷи хона курткаи кабудфоми рангбохтаи зимистониро гирифта ба бар кард ва телпаки нимдошти ҳамчунон куҳнаро ба сар кашид ва даст ба ҷайби шимаш бурд, ки он ҷо қуттии сигораш мехобид. Чун бовар ҳосил кард, ки қуттии сигор барҷосту чанд сигор андарунаш боқист, қаноатманд дарро боз намуда, аз хона берун баромад. Оташи ғазабаш ҳеҷ фурӯ наменишаст, аз ғур-ғури ҳамсар дилгиру хиратабъ гардида, ба худ меандешид, ки то кай ин аҳвол давом мекарда бошад? Тангдастию нодорӣ ҷонашро ба лаб овардаву зиндагӣ ба дилаш задааст. Ҳоло субҳ надамидаву пардаи кабудчаранги моил ба тирафоми он аз шишаҳои тиреза бардошта нашуда, ҳамсараш даруну берун баромада, маддаи дил кафонда, ба сари ӯ борони маломат рехт.

- Имрӯз чӣ кор мекунем? Пиёз нест, картошкаю сабзӣ, рӯғану биринҷ тамом шудааст. Шакар ҳам як пиёла ворӣ боқӣ мондаасту халос. Кӯдако чӣ мехӯранд? Чою нони қоқ? То кай ба умеди кадом муъҷизаи нестандарҷаҳон мешавем? То кай?

Ҷавонзан ба посухи шавҳар мунтазир нашуда, якбора оби чашм кард ва оҳ кашид;



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Рӯйи баҳор гуфтам, ки хезу билет бигиру ба ҳамон Расия рав. Имрӯзу пагоҳ гуфтию тобистон даромад, тобистон пушти сар шуду тирамоҳ омад. То якта-якта баргҳои рехтаи дарахтонро ҳисоб карда баромадӣ, ки зимистон ҳам бо барфу боду боронаш сар даровард. Ба умеди панҷу даҳ сӯми мактабу аловмонии печкаҳо шуда… Эҳ…

- Хайр, чӣ кор кунам? – барошуфт ҷавонмард ва теғи нигоҳ ҷониби ҳамсар кашид. - Худамро овезам? Ризқ азалист, як пора нон аз насибаат зиёд хӯрда наметонӣ.

- Ризқу рӯзӣ гуфта мешинӣ ҳамин хел? Ё ҳолиям ба умеди муъҷизаӣ?

- Кӣ гуфт, ки ман ба умеди муъҷизаам? Ман танҳо ба Худованд такя мекунам.

Худо ризқу рӯзии бандаша медиҳад. -Худо гуфтааст, ки ба умеди ман шавӣ ҳам, буттаро маҳкам дор. Ту бошӣ… аз қафои ин медавию он.

- Хайр, тоқат кун. Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд. Баҳор ояд, андаке гармӣ фарояд, насиб бошад, меравам боз ба Расия. Чӣ ин қадар ба оташи қаҳрам равған мерезӣ? Чӣ мехоҳӣ? Аз Худо зӯр шудан мехоҳӣ?

- Ҳеҷ чиз намехоҳам. То ойликта вақти бисёр аст. Бирав, аз ягон бандаи муъмин қарз гир. Равғану пиёзу картошка бихар, орд ҳам як шӯриданӣ мондааст. Ё хонаи падарат меравӣ?

- Намедонам, - паси гардан хорид ҷавонмард ва хамёза кашид, даҳонашро калон кушода.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Хайр, як бори дигар падарама хабар мегираму….

- Хабар гир, хабар гир, - киноя кард зан ва дари бухориро сахт кушода, хост то хокистари даруни онро холӣ кунад.

- Дигар кор надорӣ? Омада-омада аловмонии печкаҳои мактаба ба гардан гирифтӣ. Бо панҷсад сомонӣ моҳона. Як моҳи дароз меравию меоӣ, меравию меоӣ. Кай сари моҳ шаваду баъд чор танга гирифта биёӣ. Эҳ…

Ҷавонмард вопас ҳарфе ба забон наовард, шикастадилу андуҳзада қадам задаву барфи аз дирӯз боз боридаро, ки инак, зери мӯзаҳояш ғарч-ғарч садо мебаровард, чашмандоз кард, ки хеле баланд буд. Боди сарди зимистон, ки аз ҷониби кӯҳи Мағм мевазид, ба рӯяш расида, ҳушёртараш месохт, ингуна бӯйи сармо ба димоғаш мезад. Вай, ҷавонмарди тақрибан 35-40 - сола, ки панҷ сол мешавад, зиндагияшро аз падару модар ҷудо карда, дар як канори дигари деҳ, дар ду хоначаи хурд-хурд умр ба сар мебурд, якбора ба вазъи мураккабу печида афтод. Бо се фарзанд. Умеду муттакояш мардикорӣ дар Русия буд. Аммо…

Чӣ шуд, ки бахт аз ӯ рӯ тобиду аз он кишвар рондандаш. Кораш ҳай барор дошт. Бо ҳафт-ҳашт нафар ҷавони ҳамдеҳааш дар як рустои наздишаҳрӣ, дар фирмае ба бунёди хонаҳои истиқоматӣ машғул буд. Ҳаққи заҳматашонро сари вақт, аз қавле, araқи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

танашон хушк нашуда, пардохт мекард роҳбари фирма, марди солманди миёнақади кушодачеҳраю ҳамвора табассум дар лаб Иван Семёнов… Ҳамакнун ҳамсараш мегӯяду мегӯяд, дар даму нафаси вай истода намешавад. Хайр, ҳарфи зиёдатие гӯю рӯзата бин! Мард маъно вазифаашро бояд иҷро кунад. Ҷойи баҳонаю узр надорад ин ҳол. Вай амиқан дарк мекунад ин абри сиёҳандуди ғаму ғуссаи ба сараш овезонро. Чораю роҳи растагорӣ чист? Намедонад. Балки роҳу шеваи мушкили ба сараш омадаро донистанаш кам аст, бояд амал кунад. Амал аз куҷо? Алов мондани бухориҳои дабистонро дар се моҳи сардиҳои зимистон падараш бо мудири мактаб суҳбат кардаву бо илтимосу таваллои зиёд барояш пайдо намуд. Вале вай ҳеҷ ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард, ки ҳамин пешаро дар пеши чашми омӯзгорону хонандагон ҳар рӯз ба ҷо меорад. Бухориҳоро бегоҳон, баъди хатми дарсҳо аз хокистар тоза намуда, аз ҳезумхона дар сатилҳо ангишту дар таҳи каш ё халтае парахаҳоро бардошта, дар бухории синфхонаҳо болои ҳам чида, барои рӯзи дигар омода мекунад. Субҳ, чунонки ҳамин ҳоло зуд-зуд гом ниҳода, ҷониби дабистон шитоб дорад, ба мактаб ҳозир шуда, оташро дармедиҳад, пас-он синфҳоро як-як хабар мегирад. Лӯлаҳои бухориро дақиқан аз назар мегузаронад, тарзи сӯхтани ҳезуму ангиштро муоина мекунад. Одамӣ-да, мабодо лӯлаи бухорие дар синфе аз ҷояш ғеҷаду дар синфи дигаре оташ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

кӯрдуд сӯхтаву оқибат ҳаво нарасида, хомӯш шавад. Ана, баъд ҳангомаи хонандагонро мебинию ғур-ғуру шикояти омӯзгоронро. Эҳа, хонандагоне ҳастанд, ки замину осмонро ба сарашон бардошта, чунон воҳима мекунанд, ки мегӯӣ, кадом бача ё духтаре аз бӯйи ангишт дамгир шуда, ба фалокате дучор шуда бошад.

-Синфҳоро ҳар лаҳзаю соат хабар гирифтан даркор, -таъкид мекунад мудири дабистон ва ба оҳанги эҳтиёт меафзояд:

-Ин сағераҳо парво доранд? Дар хонаашон тарбияи дуруст нагирифтаанд. Худашон чӣ бефаросатанд, ки падару модарашон. Ҳайвонанд ба Худо. Як рӯз дар даруни синф бозӣ карда, трубаи печкаро чаппа кардаанд. Дар як дам синф пури дуд шуда, чунон дуди ғафс печонд синфхонаро, ки одам одамро дида наметавонист. Хайрият, шитоб карда, ҳамаро берун баровардему лӯлаҳои бухориро ба ҳам пайвастем. Ҳа-а…

Ана, ҳамин гуна ҳолу ҳавоеро мушоҳида мекунӣ дар айёми сардиҳои зимистон. Адҳам аз байни роҳи мазористон гузашта, ба ҷониби рост тоб хӯрда, ба кӯчаи дигар, ки аз назди мактаби куҳна мегузашт, ворид шуд. Осмон ҳанӯз тира менамуд. Садои аккоси саге аз кадом ҳавлӣ нолишомез ба фазо мепечид. Вай, марзи дилаш моломоли сабзаву гиёҳи андуҳу навмедӣ, ҳоло фикр мекард, ки ба кадом кӯю дар сар занаду маблаға ба даст орад. Ба хонаи падар рафтану дасти ниёз сӯяш дароз кардан ҳеҷ маъниву моҳияте



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

надорад. Як бор бошад, ду бор, се бор… Ингуна ба таври мудовим роҳ ҷониби хонаи падар гирифтан айб асту расвоӣ, охир! Чӣ кунад? Сарашро ба кадом девор бизанад? Вай ҷавонмардест, ки аз қавли мӯйсафеди Ибод, мушт бизанад, кӯҳи Мағм талқон мешавад. Ба як шиштан як табақи калони пур аз қурутоб ба шикамаш «алек» ҳам намешавад. Адҳам шикваю заифнолиро бад медид. Аз одамон низ дурӣ меҷуст, аз суҳбату рафторашон бардошти хуб надошт. Вай танҳоиро хуш дошт. Ба пиндораш, мардум (албатта, на ҳама) бахилу ҳасуданд, ғайбат кардани ҳамдигарро дӯст медоранд ва ҳатто аз ин амалашон кайфияту лаззате тасаввурнокарданӣ ҳосил мекунанд. Ба ҳоли вазнини касе ришханд задану масхара карданро ҳай табъи дил медонанд. Гӯё онҳоро Холиқи якто маҳз барои гуфтори бад, пиндори бад ва рафтори бад офарида бошад.

«Чаро ин тавр? Ба одамон чӣ шудааст? Пич-пичу гӯшакӣ кардану аз дур касеро нишон дода, «ҳа-а, шунидем дар борааш, рӯзе, ки ба сари вай омадааст, ба сари мурғони ҳаво наояд, эҳ, касофатзада, ки ҳаст, Худо ба вай зулм кард, мана қудрати ман мегӯяд, бечораи номуродеро мазаммат карда киноя мезананд. Дар ҳаққи Адҳам ҳам гуфтаанд, бисёр гуфтаанд, вай ҳатто як пагоҳӣ, даме ки ба мактаб мешитобид, бо писари деҳдор рӯ ба рӯ омад. Холназар беэътиноёнаю муғамбирона сӯяш чашм дӯхта, хандаи сохтакоронае дар чеҳрааш зуҳур карда:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ҳа, аловмон, ба мактаб шитоб дорӣ? - писханд зад ба ӯ ва имкони посух гуфтанаш надода афзуд:

- Худованд ҳанӯз дар вақти дар батни модар будан ризқу насибаи одама дар пешонияш навишта мемонад. Дар сарнавишти ту, ошно, ҳамин азобу тангдастӣ сабт шуда будааст. Ҳа-а, чи хеле мегӯянд, «Маҳмадамин, ҳолат ҳар сол ҳамин». Агар ҳамин тавр набошад, аз ҳоҷатхонаву чоҳ кандан дар хонаи мардум халос нашуда, боз аловмони мактаб мешавӣ? Хафа нашав, Адҳам, хатти азалии тақдира ҳеҷ кас дигар карда наметавонад.

Вай лаҳзае дирангу тааммул карда, боз ба носеҳияш идома дод:

-Ман ҳайрон, ки ба пули аловмонӣ чӣ тавр рӯзғората саришта мекунӣ?

- Се вақт бо чойю нони қоқ ҷоната дар азоб монда, боз ба ягон балову беморӣ гирифтор нашавӣ? Худо паноҳ диҳад, яке мурӣ монӣ, бачаҳоро сағира, янгара…

- Раҳмат, раҳмат, - гуфт бурид Адҳам, ки одати сухани заҳрогин заданро дар рӯйи кас надошт. Вале ин дафъа аламу нафрате нохоста дар маъмани қалбаш туғёну туфоне барангехт, сӯзиши он то ба мағзаш расида, дилаш заъф кард. Ошкоро ранҷид.

- Мо ба ҳамааш шукр мекунем. Худо кама диҳаду ғама не. Дунё ба умед гуфтаанд. Боз рӯзҳои нек фаро мерасанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Адҳам мехост ба Холназар наздик шуда, мушти обдоре ба рӯяш фарораду сахт карда гӯяд, ки «ту аз ҳаво ёфта, ба василаи падарат, ки заминҳои обиро ба савдо зада, пули ҳароми бедардимиён меёбаду аз болои ҷомааш ду миёнбади шоҳӣ баста, бечораю муъминеро даҳон кушодан намемонад, карру фарру калонгирӣ дорӣ. Моли ҳаром ба ҳаром. Аз ҳаво омада ба ҳаво меравад. Як рӯз не, як рӯз осмон ба сари падарату ту барин маҳмаддоно фурӯ меояду баъд мефаҳмӣ, ки ризқи азалӣ чисту ҳаромхӯрӣ чист? Аммо муҳри хомӯшӣ бар лабон зад, ба пеши пояш туф карда, ба роҳаш идома дод. Вай, охир, аз хурдӣ ҳамин тавр ба воя расидааст. Нафрату бахилӣ, моли касеро аз худ кардан, мӯреро озор додан, ба рӯйи нафаре сухани сахту наштардор гуфтан, дар роҳи ҳирсу нафс даҳ ангуштро ба даҳон тиққондан, аз дари ҳамдеҳае даромада, бо пиндору назари бад ба сӯйи духтаронаш нигаҳ афкандан батамом ба шахси ӯ бегонаю ноошно ҳастанд. Ҳамин содагию дили фарохаш дар назари баъзеҳо ӯро гӯлу бечора ҷилва медиҳад. Вагарна чоҳи касеро канда, пули ҳалол ба даст овардан магар айб аст? Охир, вай дуздию ҳаромхӯрӣ накардааст-ку? Эҳ, дунё, дунёи булаҷабу пурмуаммо! Дар табиату сиришти вай аз даврони бачагӣ аз одамон дур будан амиқан ҷой гирифта буд. Танҳоиро дӯст медошт. Танҳоӣ олами мамлу аз рамзу роз ва дар айни ҳол ширину дилангезе буд, ки ҳамвора мафтуну маҷзубаш мекард. Ҳатто аз хона



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ором‌у бесадо ва нохоставу ногаҳонӣ фирор мекард. Субҳ мехестанд, ки ҷогаҳи ӯ дар шафати бародаронаш холист. Ба ҷустуҷӯяш меафтоданд. Роҳравон аз ҳамдеҳагон мепурсиданд, ки Адҳамро надидаанд? Аз ҳамин роҳ ё кӯча нагузаштааст? Хайр, оқибат бо азобҳои алим, хаставу лакот шуда, ӯро аз Ғори Лӯлиён меёфтанд, ки зери сояи зарбеде нишаставу ба як банд оби ҷӯйи сабзфом, ки аз ҷомаи ғукҳо ранг бардошта буд, хаёлманд менигараду менигарад. Ҳарчанд пурсуҷӯяш мекарданд, ки чӣ фикре ӯро ба ин ҷо кашола карда овардаасту вай, Адҳам, аз ба Ғори Лӯлиён омадан чӣ қасду ҳадафе доштааст, ҳарфе дар ҷавоб намешуниданд.

- Барои чӯҷаи кафтаро омадӣ?

- Ё фохтаҳоро аз ҳечаашон доштан мехостӣ?

- Хоб-поб дидӣ? Сиёҳӣ пахшат кард?

- Эй, бача, ҷину парӣ ёрат нашуда бошад?

На ҳарфе, на посухе. Кашола карда, банди ҳазор фикру хаёл ва шакку тардиду гумонҳо меовардандаш ба хона. Ва тадриҷан ғайб задан аз хонадон барои Адҳам ба амали муқаррарӣ табдил ёфт. Ӯро гоҳ аз болохонаи бибияш пайдо мекарданд ва гоҳе аз таҳхонаи амакаш. Аммо бештарин ҳангом, баъд аз пурсу суроғу ҷустуҷӯ ва талошу заҳматҳо аз боғи деҳа меёфтандаш, ки ҳамчунон зери дарахти себ, нок, олуболу ва ё анҷиру гелоси пургул нишаставу банди хаёл ба дуриҳо менигарад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва ингуна, боре падар дар сутун бо банди ғафс маҳкам баст ӯро ва бо химчаи тару вазнин задаш.

- Чаро аз хона доим мегурезию моро сарсону овора мекунӣ? - арбада бардошт падар ва бо овози баланду гиро бо ғазаб химча ба сару рӯву ҳар ҷои баданаш, ки рост меомад, мезаду аламаш зиёдтар мешуд:

- Бигӯ, чаро диламро хун мекунӣ? Охир, маро, падари агрономатро на танҳо дар тамоми рустои худамон, балки қаламрави ноҳия мешиносанд. Обрӯямро нарезон, сарамро ба замин назан. Адҳам, Адҳам.

Адҳам хомӯшу сокит сар бардошта, ба рӯйи падар наменигарист, гӯё ҳеҷ воқеа рух надода бошад. Ниҳоят, бинои сабру таҳаммули падар аз ин хомӯшии сангини писар барбод рафта, вай бо танаффур даст афшонд:

- Адҳам, рост ба чашмони ман нигар. Шармандаам накун, паривара нестӣ.

- Чият шуда? Имрӯзу пагоҳ мактабро тамом мекунӣ. Айб аст, мефаҳмӣ?

- Ман рост ба чашмони шумо нигоҳ карда наметавонам, падар, - гуфт дар посух Адҳам ва илова кард:

- Намедонам, танҳо буданро хуш дорам. Аз одамон, аз хона фирор кардан мехоҳам. Дилам майдону боғ ва хилватҷой мехоҳад. Намедонам, чаро? Маро бубахш, падар!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва танҳо вақте ки ӯро аз банд раҳо карданд, падар, ашк дар чашмонаш мавҷ зада, аз сару рӯйи Адҳам бӯсид ва ҳис кард, ки хунаш аз ҳаракат мондаву дилаш ба як пора хоросанг табдил ёфтааст.

- Туро дӯст медорам, бачем. Чӣ қадр беозорӣ, хоксору баинсофӣ. Дилеро нашикастиву сухани сахте ба рӯйи кас нагуфтаӣ. Фақат... ҳамин феълата парто. Писари фалонӣ савдоию девонаавзоъ шуда, ба кӯҳу пушта баромадааст, мегӯянд. Тобу тоқати суханони заҳрогини одамонро надорам.

Оҳанги гуфтори падар моломоли меҳру навозиш буд ва мегуфтӣ, ки аз ким-кадом олами дуру ноошно ва афсонавӣ ба хонаи гӯш мерезад. Чӣ шуду чӣ монд, ки аз он ҳодиса ба баъд Адҳам фикри аз хонаашон фирор кардану аҳли оиларо ба ташвишу оворагӣ ва сарсониҳо мувоҷеҳ сохтанро бехӣ аз сар дур намуд, аммо ҳамчунон хомӯшу сокит дар суҳбатҳо менишаст, танҳо гоҳо лабханде мезаду нигоҳи поку назифашро аз пеши пояш намеканд. Вай баъди дабистонро ба поён расондану дар ину он корхонаю кадом маркази савдо кор кардану панҷ-даҳ сӯм пул ёфтан дарк намуд, ки иштибоҳи авфнопазире аз ӯ сар задааст. Оре, оре, ин хатои зиндагиро баъдҳо бо ҳеҷ амалу шеваи дигар ислоҳ кардан имкон надошт. Вай хонданро идома надод ва дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрону даҳонво монд. Пас аз он ки падар хонадораш карду соҳиби тифлакони хушсурату зебо гардид, ҳис намуд, ки зиндагӣ дар панҷаи бераҳми худ ӯро афсурдаву



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

нотавону хурд месозад. Чун рӯзҳои пурфурӯғу нишотангези замони Шӯравӣ гӯё дар хобу хаёл ё афсонае ширину рангин якбораву нохоста аз байн бардошта шуданду ба болои сӯхта намакоб ҷангу низоъҳои дохилӣ шуруъ шуд, Адҳам батамом худро афтода дар халоби тақдир пиндошт, ки аз он раҳо шудан дар оинаи тасаввураш намеғунҷид. Хайр, ана, баъд дар қатори дигар ҳамсолу ҳамсинфу ҷавонони ҳамдеҳааш иҷборан роҳи Русияро пеш гирифт. Ҳақиқати талхи маълум. Инак, вазъаш бағоят сангину рӯҳаш парешон, ҳатто дар назди ҳамсинфаш Ҳакими Ҳалим, ки ҷалду чобук асту савори мошини чиноии «Портер» бор мекашонаду аробаи зиндагияшро роҳат кашола карда пеш мебарад, ноилоҷу забун аст, ҳарфе ба лаб оварда наметавонад. Кадом рӯз Ҳакими Ҳалим ба мактаб ҳезум овард ва Адҳамро дар назди поғундаҳои дари даромад дида, ҳолпурсӣ кард.

- Ҳе, бало занад корҳота, Адҳам, - ханда дар лаб гуфт Ҳаким хитобан ба ӯ. - Омада-омада аловмон шудӣ дар мактаб? Дар дунё кору касабае намонд, ки ту накарда бошӣ.

Адҳам хомӯш, ҳамон хандаяке дар гирди лабҳояш сайркунон андешид, ки ҳамаи одамон як хел гап мезананд. Хайр, вай муваққатан аловмонии синфхонаҳои дабистонро ба зимма гирифтааст. Агар ин корро вай ба гардан намегирифт, ҳатман каси дигар иҷро мекард. Охир, ин қонуну низоми зиндагист. Пас, вай гунаҳкор аст? Ба андешаи ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

худбехабарони аз нашъаи чаҳоррӯза дороию давлати ба каф оварда масту ғофил, вай, Адҳам, набояд ба ин пеша даст мезад? Шояд писари Асрори агроном (охир, ин ному обрӯи баланде буд замони Шӯравӣ) аловмон шуда, шарафу нуфузи падарро коста гардонд, ки ин амалаш аз бенангию беҳимматӣ ва беиродагию коҳилӣ ҳеҷ тафовуте надошту надорад? Ҳо-о, решаи муаммо ана дар ҳамин ҷост, дигар ҳамааш гапи беҳуда.

- То рӯйи баҳор, то гармиҳо кор кунем, баъд он тарафашро мебинем, - посух дод Адҳам ва дарзаҳои ҳезумро аз мошин фароварда:

- Ин кор муваққатист, ошно-гуфт. - Се моҳи зимистон, тамом.

Ҳакими Ҳалим, ки дастҳо дар кисаи шим аз каноре ба ҳезумфарории Адҳам бепарво менигарист, ҳамчунон гули ханда дар шохаҳои лабонаш шукуфон, ба чархи қафои мошинаш бо пояш тап-тап зада, гӯё маслиҳат медода бошад, гуфт:

- Рӯйи баҳор Расия рав, ошно. Ҳоҷӣ Аврод объекти бисёр дорад. Як вақтҳо дар таҳи дасти Хоҷӣ кор мекардӣ-ку? Аввалаш кори Худо, лекин чени ризқу насибат пул ҷамъ карда метавонӣ. Ё гапам нодуруст?

- Хоҷӣ Аврод? - қадре бо оҳанги тааҷҷуб овоз баровард Адҳам, ки лаҳзае аз фаровардани дарзаҳои ҳезум даст кашида, нафас рост кардаву араќи пешонӣ пок месохт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Худе, ки Ҳоҷиро намедониста бошӣ. Миёнарав, аждаҳои одамхор шудааст вай. Ҳиссаи пулро фоизи кори миёнарав гуфта ба киса занад, дарди бахайр, ба болои ин, ҳар қадар ки дилаш хоҳаду нафсаш хурӯҷ кунад, аз маблағи мардикорон рӯирост ба ҷайб мезанад. Аҷиб, ки на аз Худо шарм мекунаду на аз бандааш.

- Ҳо, ҳамин хел мегӯянд, - тасдиқ кард Ҳаким ва афзуд:

- Ҳама ҷавонони деҳа сирри қаллобию муфтхӯрияшро панҷ-панҷаашон барин донистa гирифтаанд. Дилашон аз ҳоҷӣ ҳам мондаасту аз мулло ҳам.

- Аз Расия, ки баргаштанд, дар деҳа амри маъруфа сар мекунанд. Дар охири маъвизаҳошон хулосаи валиёна мебароранд: ҳаққи мардумхурӣ накунед. Худо мезанад одама.

- Ҳа, аҷобат дар он аст, ки ҳама ҳушу гӯш ба суханони Ҳоҷӣ медиҳанд. Ҳаромхӯрию найрангбозияшро гӯё дар як чашм задан аз ёд мебароранд. Раиси деҳа ҳам дар хонаи Ҳоҷӣ бологузару директори мактаб ҳам, хатибу панҷ-шаш муллои кунҷакии мачит ҳам…

Эҳ… Ҳаким ба дард оҳ кашид ва мунтазири посухи Адҳам нашуда, рост ба рӯи вай нигарист.

- Медонӣ-чӣ, ошно, -гуфт вай, - ба ту, писари акаи Асрори агроном, аловмонӣ карда дар мактаб гаштан намезебад. Як бало карда, бо омад-омади баҳор рав ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Русия. Дар Санкт-Петербург бачаҳо кор меёбанд ба ту. Коргари баҳунарӣ, ту барин падсобники бақуввату паҳлавона русҳо аз куҷо меёбанд? Хайр, он тарафаша боз худат медонӣ…

Ҳоло Адҳам ин гуфтугузорро ба хотир оварда, меандешид, ки бояд ба Русия сафар кунад. Ҳарчанд ки як умр дар ким-кадом шаҳру музофоти он кишвар, дар ғарибкорӣ ҷон коҳондану азоби дӯзахро кашидан, ба болои он, ҳасрату алами дурию маҳҷурӣ аз хонаю дар, ҳамсару фарзанд ва падару модару бародарону хоҳарон, ба як сухан, ҷумла хешу пайвандонро таҳаммулу бардошт кардан амали саҳлу осон ва сода набуду нест. Банди хаёлҳои парешон вай чӣ тавр ба дабистон расиданашро надониста монд. Осмон андак-андак рӯшан шуда, ахтарон ранги сафедчатоб ба худ гирифта, замини пурбарф дар шаъшаи нури маҳтоби пурра медурахшид ва аммо ҳанӯз ранги тираи охири шаб накоҳида буд. Сармо ҳамчунон ба бадан панҷа мезад ва ин сардӣ бо роҳи нафас ба шуш ворид мегардид, ба хун меомехт ва ангезаи он торҳои асабро таҳрик медод. Ин эҳсос хобу карахтию коҳилиро аз бадан дур ва рӯҳу ҷонро ба дарду аламе номафҳуму ғайримунтазираву ногаҳонӣ мубтало месохт. Адҳам саравval ба хоначаи посбони мактаб, ки дар қисмати охири бинои дабистон ҷой гирифта буд, сар даровард. Посбони мактаб, марди 60-65-солаи миёнақад, ки пӯстини рангбохта ба бар дошту айнакҳои калоншишаи сиёҳи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

болои чашмонаш ба ҳайаташ салобате мебахшид, чанд парахаро ба бухорӣ ҳаво дода, дастонашро ба ҳам зада, ба кат нишаста, дастархон кушод.

-Омадӣ? -ба Адҳам нигарист вай.-Биё, мана чой ҳам тайёр. Навакак дам кардам.

-Дилам ҳеҷ чиз намекашад, -аз рӯ ба рӯйи посбон лаби кат нишаст Адҳам ва хомӯш монд. Бо вуҷуди ин, посбони дабистон Гулмаҳмад маҷбураш кард, то як пиёлаи чойро бо бурдаи нон тановул кунад. Онҳо ингуна аз ҳар хусус мухтасар суҳбат намуда, хулоса карданд, ки зимистон нисбат ба соли гузашта хунуктар омада, ҳоло аз чиллаи калон 10-12 рӯз нагузашта, барф болои барф борида, сармо рӯзафзун шиддат карда истодааст.

-Ангишту ҳезумамон то баромадани зимистон кифоят мекунад, -қаноатманд гуфт Гулмаҳмад. -Аз порина зиёдатӣ монда буд. Лекин синфҳо, ҳарчанд алов дар печкаҳо сӯзад ҳам, табъи дил гарм намешаванд.

-Солҳои пеш аз ин батар буд, -гуфт Адҳам ва чун коргари таҷрибадор ба суханаш идома дод:

-Ҳезуму ангишт намерасид. Ёд дорӣ, талабаҳо аз хонаашон чӯбу чахсу таппак меоварданд. Эҳ, ҳоли зоре доштанд. Хайрият, он рӯзҳо паси сар шуданд.

-Субҳ дамида истодааст, - аз тиреза ба берун чашм дӯхт Гулмаҳмад. Ва аз ҷояш бархост:

-Як беруну даруна хабар гирам…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net мурочиат кунед

Адҳам, аз чӣ бошад, дар гирдоби ғаму ҳасрати лобаён афтода, гумон мекард бағоят хаставу афгору нотавон шудааст ва пайкараш сусту карахт, майли хоб дорад. Сараш шабеҳи тӯбе буд, ки онро дам кардаанду дам кардаанд ва андаке дигар мондааст, ки фассос зада, кафида равад. Ҳавсалаю неруяш аз даст рафта, пеши дидагонаш гоҳ сиёҳ мезанаду гоҳ пулакчаҳои рангаи сабзу бунафшу зард, норинҷию кабуд атрофашонро печонида мегирад. Заъф мекард дилаш. Вай бори нахуст ҳис кард, ки тамоми олами беинтиҳо, замину осмон, дар ҳамин маҳдуда, ки як хонача асту дар кунҷе бухорӣ дораду гармияш ба тан ҳаловат мебахшад, ҷой гирифтааст. Ва ҳамин қаламрав, ки ӯ низ як бошандаи он аст, пур аз талу пуштаҳои ғам асту дард, кӯҳ-кӯҳ нотавонию беилоҷӣ, обшори яъсу навмедӣ. Ва рӯҳи озорхӯрдаи вай дар ин қаламрави кӯчак саргардону овора аст. Эҳсосу дарки азобҳои зиндагӣ ончунон қалбашро мефишурду рафта-рафта ба дарди лоилоҷе мубаддал мегардид, ки ту гӯйӣ, ҳеҷ аз ин вартаи махуф роҳи бурунрафтро дарёфта наметавонист. Нотавонӣ, оҷизию забунӣ, дармондагӣ… Вай гумон мекард, ки дар гирду атроф ҳама шоду бод зиндагӣ доранд, аз худу аз сарнавишт хеле-хеле қаноатманданд, танҳо ӯ дар баробари муқовимату озмоишҳои ҳаёт ба мавҷуди роҳгумкардаву бадбахте табдил ёфтааст. Аламу дардаш тадриҷан афзуда, мехост ин калобаи гиреҳхӯрдаи ғамро бо ягон роҳу шевае берун



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

афканаду андаке ҳам бошад, худро сабуку роҳат ҳис кунад. Магар аз Худо зорию илтиҷо созад, ки ба ҳолаш тараҳҳум намояд, дари афсонавии бахтро ба рӯяш боз кунад? Ё баланд-баланд бигиряд? Эҳ, Худо, ба вай чӣ шудааст? Ин ҳолат дар бачагӣ, ҳангоме ки дар ана ҳамин мактаб дарс мехонд, бо ӯ рӯй медод. Аз кадом як рафтору амали ноҷо гоҳе омӯзгоре сарзанишу мазаммат ва таъзираш мекард, алам мекашид, дарде вуҷудашро фаро мегирифт. Ё гоҳи дигар, вақте бо ягон ҳамсинфаш ба кадом сабабе ҷанҷол мебардоштанду занозанӣ мекарданд ва он рафиқи тундхӯю нотавонаш модарашро ном гирифта, дашном медод, дилаш ба дард медаромад, гӯё тире ҷигарашро сӯрох карда гузашта бошад, рӯзҳову ҳафтаҳо дар гирдоби ғам афтода, афсурдаҳолу бедимоғ мегашт. Аммо ҳамаи ин бархӯрдҳо ва дарду аламҳо, аз чӣ бошад, оҳиста-оҳиста фаромӯш мешуданд, ҷойи онро хушҳолию нишоти бачагии беғамона мегирифт. Гӯё он дилмондагию ранҷишҳо аслан вуҷуд надоштанд. Ҳоло бошад… Не, ин дарду андуҳ дигар аст. Ҳолати тазъйиқовари шадидест, ки дилашро ғарқоби хун кардааст. Эҳсоси ба одамон эътимод варзидану фиреб хӯрданҳо, озмоишҳои сахту бераҳмонаи зиндагӣ, шубҳаву гумонҳо ва ба як сухан, зистан! Оре, одамвор зистан! Ва аммо чаро ӯ чун дигарон аробаи зиндагияшро кашола карда, пеш бурда наметавонад? Чаро? Ҳамон айём, айёми бачагияш, ки зуд-зуд аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

хонаашон фирор мекарду падару бародаронаш ӯро аз ину он мавзеъ ёфта, бозпас ба хона меоварданд, боре омӯзгори солманди риёзияшон Абдуқаҳҳор (рӯҳаш шод бошад!) ин рафтори Адҳамро дар назди қиблагоҳи Адҳам ба таври худ маънидод кард.

-Медонед, ҳамин хел бачаҳое, ки хаёлиянду аз хона гурехта, дар ғору боғу назди сойи деҳа соатҳо банди фикру андеша мешинанд, оянда одамони шинохта мешаванд, - таъкид кард муаллим. -Аз онҳо шоир ё нависанда мебарояд. Ман инро дар китобҳо хондаам. Адҳам шоир ё нависанда мешавад. Ана, мебинед.

Аммо вай на шоир шуду на нависанда. Пешгӯии устодаш ғалат баромад. Ана, ҳоло…

Адҳам аз паси шишаи тиреза андак-андак сафед шудани ҳаворо мушоҳида карда, коҳилона бархост аз кат ва берун баромад.

«Сабил, субҳ кайҳо дамидаасту ман бепарво нишастаам. Боз директор ғур-ғур мекунад».

Вай оташи бухории понздаҳ синфхонаро дардоду аз ҳезумхона парахаҳои чӯбро дар зарфе оварда дар назди бухориҳо гузошт, оташи бухории дафтари омӯзгорону мудири дабистонро низ равшан кард. Ба ҳезумхона рафта барои нисфирӯзӣ ҳезум майда кард. Дар сатилҳо ангишт гирифт. Пас-он дилпуру қаноатманд ба хонаи посбони мактаб омада, лаби кат нишаст. Ниҳоят, хонандагон пешу қафо дар мактаб ҳозир шуданд, садои онҳо саҳни ҳавлӣ ва синфхонаю



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

раҳравҳоро фаро гирифт, ҷӯшу хурӯше ба зуҳур омад. Муаллимон низ китобу дафтарҳо таҳи каш як-як аз дари мактаб ворид шуда, зуд ба дафтари худ медаромаданд. Ҳа, охир, сармои зимистон сахту сӯзону халанда, мегӯйӣ, аз ҷавшани ҷон мегузашта бошад. Адҳам баъди чанде бо директор вохӯрда ҳолу аҳволпурсӣ намуд. Мудири дабистон оне баъд хонандагонро дар майдончаи назди мактаб саф ороста, ниҳеб бардошт:

-Ҳамин ҳафта барои шумо охирин срок. Рафта ба отаву очаатон фаҳмоне. Лаънатиҳо, ҳеҷ фикр мекунед ё не? Охир, январ даромад, январ. Пули китобҳои дарсию рӯзномаҳоро кай ҷамъ карда, расчут мекуне? Ҳаъ? Фаҳмида гирен, аз ман так-проста халос намешаве. Ман маблағи китобу рӯзномаҳора аз чаккаи сари отаҳотон кашида мегирум. Ман, медоне, дар Афғонистон тарҷумони ҳарбӣ будам. Дар ҳама кор парядок бояд бошад, парядок. Фаҳмиден?! Акнун, марш ба синфҳоятон.

Адҳам ҳайрону тааҷҷубзада ба ин манзара, ки барояш нав набуд, нигариста аз мактаб баромада, роҳ ҷониби хонаи падар гирифт.

Вай фикр мекард, ки роҳи дигар ҷуз ба хонаи падар рафтану орду картошкаю пиёз талабида гирифтан надорад. Хайр, шакару равғану биринҷро аз мағозаи Аслиддини писари Тоҳири раҳматӣ як дафъаи дигар таваллою зорӣ карда, қарз мегирад. Агар…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Агар, -аз дил мегузаронд Адҳам, -раҳмашон омадаю дилашон сӯхта, падару модараш каме орду картошкаю пиёз ва Аслиддини писари Тоҳири раҳматӣ «қарзат бисёр шудааст» гуфта, баҳоначӯйӣ накунаду нархи шакару равғану биринҷро дар дафтар навишта, ҳамаи ин маводи ғизоиро қарз ҳам бошад, бароварда бо ситеза (ба ин ситезаю кинояҳо-кайҳо одат кардааст) ӯро аз фурӯшгоҳаш ба зудӣ «гусел» кунад. Дар акси ҳол…. Чӣ мешуда бошад?»

Ғаму ноилоҷӣ ба деворҳои қалбаш панҷа зада, вай роҳи морпечи гоҳ нишебу гоҳ ҳамворро, ки то хонаи қиблагоҳаш тақрибан ним километр меомад, бо ҳазор фикру хаёл мухтасар карда, ниҳоят аз дарвозаи оҳании кабудранги кӯҳнаю зангхӯрда ворид шуд. Ҳавлию хонаю дари падарияш, ки хушиҳову фархундарӯзиҳои айёми бачагию ҷавонияш аслан дар ин даргоҳ пушти сар шудааст, дар баландие, ки то ба он ҷо расидан зина- зина роҳи борикеро тай зада, бо азобу дамгирӣ ва нафасросткарданҳо мерасидӣ, ҷой гирифта буд. Адҳам дар даромадгоҳи пешайвон мӯзаҳояшро тап-тап зада, барфи телпакашро афшонда, бо падараш рӯ ба рӯ омад, ки тирезаро во намуда, ба вусъати барфистони ҳавлӣ хаёландуд менигарист. Лаҳзае баъд модараш низ аз хона дар даст сатили холӣ ва ҷорӯб берун омад. Адҳам бо онҳо вохӯрдаву аз аҳволи зиндагияшон пурсон гардида, дигар ҳарфи зиёдатие ба забон наоварда, нигоҳашро гурезонда хомӯш монд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Чӣ ҳол дорӣ бо зану кӯдакот дар ин сардиҳои зимистон? –пурсид модар. -Ҳезуму кумурат то баромадани зимистон мерасад?

-…

-Гӯш кун, Адҳам авқотӣ доре? -кунҷковияшро идома дод модар. -Шаб хоб дидам… дилам ба сад кӯча даромада шом хӯрд.

Адҳам сар бардошта, бо оҳанги нарму мулоим, гӯё дар назди падару модар ҳисобот медода бошад, як-як фаҳмонд, ки орду равғану картошкаю пиёзаш тамом шудааст. Дар бораи шакар ҳоҷати гап нест. То маош бошад, тақрибан ду ҳафта вақти дигар мондааст.

-Эҳ, бачаи берӯзии оча, -алам кард модар. -Аввалаш, хости Худо, кору борат дар Расия дигар буд. Мeёфтӣ пулу роҳӣ мекардӣ. Чӣ шуд, ки бахт аз ту рӯ тофт. Эҳ… Хайр, ғам нахӯр, ин рӯзҳо ҳам мегузаранд.

-Ба додарат Ҷаъфат занг назадӣ? -пурсид падар аз ӯ, ҳангоме ки дар хона назди бухорӣ нишаста чой менӯшиданд. Аз чӣ бошад, абру дарҳам кашида, бедимоғ буд қиблагоҳаш

-Занг задам, занг задам, -гуфт Адҳам, ки аз хиҷолат сурхие ба чеҳрааш давида, худро дар ин вазъ гунаҳкор меҳисобид.

-Чӣ мегӯяд вай?

-Ҳеҷ чиз. Саломатияш хуб. Лекин…

-Ман аз сиҳатию саломатияш напурсидаам. Кор карда истодааст ё не?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Не, объекта супоридаанд. Як моҳ шуд, ки бекор хобанд.

-Дар бораи пулу мул напурсидӣ?- хафаманд хитоб кард падар.

- Мегуфтӣ, ки ягон сӯм роҳият кунад. Аз дасти мо чӣ меояд? Як бору ду бору се бор… набошад. Ҳар ҳафтаи Худо ҳолат ҳамин. Ин хел рафтан гирад, мо ҳисоби зиндагиямонро гум мекунем.

-Медонӣ-ку, -афзуд падар, -шукр, дар ин хонадон ҳам се оила зиндагӣ дорад. Мо аз куҷо ёбем?

-Рост мегӯӣ, падар, -тасдиқ кард суханони падарро Адҳам. -Дар бораи пул пурсидам Ҷаъфарро. Гуфт, ки ҳоло фиристода наметавонад. Кор мешавад-намешавад, номаълум.

-Ман намедонам, ту медониву очаат. Агар ин хел маҳсулоти хонаро бароварда додан гирад, минбаъд ҳоли худамон чӣ мешуда бошад?

Адҳам ранг бохтаву дил дар қафаси синааш номуназзам ба тапидан даромада, аз суханони ошкоро киноямезонаю хашин ва ранҷишомези падар маъюсу навмед оҳиста аз ҷо бархосту берун баромад. Баромаду мӯзаҳо ба по карда, шикастадилию яъсу ноумедӣ дар оинаи чашмонаш мунъакис гардида, сархам аз пешайвон берун шуд. Модар, ки оташи танӯрро метафсонд, то бо ёрии келинҳояш нон бипазад, ӯро ошуфтаю пакару карахт дучор омада, тааҷҷуб кард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Куҷо хестӣ, бачам? Бишин, нона мепазему шакароб мехӯрӣ. Баъд…

-Не, оча, -гуфт Адҳам, -дилам ҳеҷ чиз намекашад. Равам, аз бомдоди баромадагим ба хона надаромадаам.

Ва як лаҳза ба рухсораҳои ожангбастаи аз таъсири оташ гулгуни модар нигарист:

-Раҳмат, оча. Вақт надорам, бахшиш.

Вай аз даричаи чӯбӣ, ки роҳи дигари ҳавлияшон ҳисоб меёфт, баромада, аз кӯтал сарнишеб шуд. Ҳарчанд модар аз думболаш садо баланд мекард, ки як дам тоқат кунад, дар халтаҳо картошкаю пиёз гирифта ба ӯ бидиҳаду дасти холӣ ба хонааш наравад, Адҳам дигар ба пасаш нанигаристаю ба суханони модар эътиное накарда, ҳамчунон қадам зада, аз хонаи падарӣ дур шудан гирифт. Вай қадам мезаду қадам мезад. Барфи зери пояш чун дар бомдодон ҳоло ҳам ғарч-ғарч садо мебаровард. Аз офтоб нишоне набуд. Осмон тахти абр буду абрувонаш гирифта, қасди боридан дошт.

Як села зоғи сиёҳ аз сари симчӯбҳо парида, ба дуриҳо парвоз карданд. Адҳам боз ба фикр фурӯ рафта, пеши худ тасмим гирифт, ки аз роҳи калони мошингард қадам зада, ба мағозаи Аслиддини писари Тоҳири раҳматӣ медарояд. Қарз ҳам бошад, равғану шакар, картошкаю пиёз мехарад.

Хайр, Аслиддин ҳам шири одам хӯрдааст. Ду ҳафта пас пули қарзатро оварда медиҳам, мегӯяд ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ӯ. Наход, ҳамин вазъи вазнини ӯро нафаҳмаду дарк накунад? Чанде баъд аз хамгашти роҳ клуби пешинаи ҷамоат, ки акнун хонаи кадом сарватманд аст ва дар шафати он фурӯшгоҳ ҷойгир шудааст, намоён шуд. Адҳам ба назди фурӯшгоҳ расида, аз чӣ бошад лаҳзае дирангу тааммул кард.

«Ба мағоза даромаданам ягон маънӣ надорад, -аз дил гузаронд вай. -Хоҳ-нохоҳ Аслиддин дафтарашро баровarda, қарзҳои гирифтаамро як-як ҳисоб мекунаду ба таги биниям оварда, дигар «қарз дода наметавонам мегӯяд» ва дар байни одамон, хусусан, ҷавонони бекору ҳангомаҷӯ маро дар хиҷолат мемонад. Як бору ду бор набошад… Беҳтараш, бори миннати ину онро накашаму аз роҳам намонам. Вай тан ба ризои тақдир дода, аз канори роҳи мумфарши мошингард ба қадамзанияш идома дода, мерафту мерафт, то ин ки ба идораи куҳнаи ҷамоати деҳот, ки низ соҳибсарвате онро харидаву аз худ карда буд, расида, сармои шадидро, ки бод аз ҷониби сойи деҳа ба рӯву гӯшҳо оварда мезад, эҳсос кард. Даме панҷаҳои дастонашро бо ҳам соиш дода, гарм кардан хост. Аз роҳ гоҳ як-як, гоҳ ду-ду мошин болову поён гузашта мерафтанд. Адҳам ин роҳу роҳи дигареро, ки аз паси идораи ҷамоат тоб хӯрда, ба назди мазористони деҳа мебурд, амиқ медонист. Баъди чанде ба роҳи паси ҷамоат мегузарад ва ба сӯйи хонааш оҳиста-оҳиста гом мениҳад. Аммо дар ҳамин ҳол, ки ӯ банди андешаҳои мағшушу бесомони худ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

буд, чашмаш ба кӯдаки тақрибан 3-4-солае афтид, ки аз дари боазамати кабудфоме баромада, базӯр-базӯр қадам зада, нохудогоҳ дар байни шоҳроҳ қарор гирифта буд.

Ин лаҳза, чун дар навори филме, аз поёни шоҳроҳ мошини сафедранг, ки аз тамғаҳои нав маҳсуб меёфт, ба пайдо омад, ки бо суръати ниҳоят баланд ҳаракат мекард. Адҳам як он ба мошин нигаристу кӯдакро дид, ки ҳайрону даҳонво, ноҷунбон ҳанӯз байни роҳ рост меистод. Фосила аз мошин то кӯдаки ба таври аҷибу муаммобарангез дар ин ҳангом дар байни роҳ пайдошуда хеле-хеле кам монда буд. Оламу одамро фаромӯш карда, Адҳам тохту тохт ва замину осмон дар ноҳияи чашмонаш давр задаю ҳама гуна андеша дар мағзаш фурӯ мурда, худро ба кӯдак расонда, ӯро канори роҳ ҳаво дод, вале…

Вале дер шуда буд. Мошин ба пайкари Адҳам бархӯрда, тахминан 15-20 метр ӯро кашолакунон пеш бурд. Танҳо тормози сахти мошин, ки гӯшҳоро ба қомат меоварду дар фазои деҳа густариш ёфт, аз он пайки нохуш мерасонд, ки одам зери чархҳои он мондааст. Нақши тасмамонанди сиёҳи чархҳои мошин дар рӯйи роҳи аз думбол мумфарш равшан ба чашм мерасид. Адҳам дар хун оғӯшта, назди мошини «Лангровер» мехобид.

…Пас аз сипарӣ гардидани ду ҳафта, ки сар ва қабурғаҳои Адҳамро ҷарроҳӣ кардаву дӯхта буданд, вай ба худ омада чашм кушод. Аммо ёрои сару



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гардан ё пой ҷунбондан надошт. Сару дастон ва баданаш докапеч буд. Эҳсос мекард, ки тамоми баданаш месӯзад, сараш сих мезанад, табаш баланд мешавад. Дилу ҷигараш, шабеҳи он ки рӯйи лахчаалов гузошта бошанд, сахт месӯхт. Вай паҳлу гашта наметавонист, вале мардонавор, лаб таҳи дандон оҳу воҳ намекард. Хира-хира аз дуриҳои дур пеши чашмонаш манзараи кӯдакро канори роҳ ҳаво доданашу бархӯрдани мошин ба пайкараш ҳувайдо гардид. Зинда мондаам, -аз дил гузаронд вай ва дафъатан хонаву дару ҳамсару фарзандонаш ба ёдаш омад.

«Чӣ ҳол дошта бошанд? Занам рӯзгорро чӣ тавр саришта мекарда бошад? Эҳ…»

Даме ки ҳамсараш аз дари палата ворид гардида, наздаш қарор гирифт, Адҳам бо ҳасрату пазмонӣ сӯяш нигарист. Дар оинаи чашмони ӯ ҷамеи аламу дард, азобҳои аз сар гузаронида, тангдастию нодорӣ ва ба чунин як рӯз расиданаш возеҳу равшан таҷассум ёфта буд.

-Чӣ ҳол дорӣ? -пурсид аз ҳамсараш.

- Ҳамааш нағз, тинҷ-посух дод зан.

-Насиб будааст, хости Худо…

-Худоро шукр, зиндаву саломат мондӣ.

-Чизе дар ёдам намонда

-Ба ёд овардан лозим ҳам нест.

-Ба ҳар ҳол… зиндагиятон чӣ тавр?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Медонӣ, Адҳам, -лаб газид зан. -Соҳиби мошин бизнесмени калон будааст. Ду халта орду ду бақлашқа равған оварда дод. Боз… 200 доллар.

-…

-Писарак, набераи Маҳмадюнус, сиҳат-саломат. Бобову бибӣ, падарашу модараш хеле дар хиҷолатанд, ки чунин як воқеа сар зада. Лекин…

-Чӣ лекин? -пурсид Адҳам.

-Лекин аз худат аз замин то осмон миннатдоранд. Ду халта гандум доданд.

-Ана, дидӣ, занак,- аранге овоз баровард Адҳам, -хости Худо будааст, орду нон ҳам пайдо шуд, равғану шакару биринҷ ҳам. Аз ҳама муҳим, доллар ҳам…

Лаҳзае роҳи нафасаш банд шуда, сулфиду сулфид вай. Пас аз он дасташро ҷумбонда:

-Саломатӣ чизи дигар, -гуфт оҳиста, сарвати бебаҳо. Ҳама пулу дороӣ, нозу неъмати олам пеши тани сиҳат ҳеҷанд.

Зан нигоҳашро аз Адҳам гурезонда, сархам монд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ДЕВОР

Ман деворам, ҳамагӣ девори пушти бино. Бинои як дабистон, ки паҳноиям 100-120 метрро ташкил медиҳад. Аз азал бебахту номурод будаам, ки ҳамчун девори паси бино мавқеъ пайдо кардам, вагарна… мешуд, ки пеши биноро зеб медодам. Эҳ, азобам бисёр, сад чандон аст. Ана, як гурӯҳ толибилмони ба синну сол хурдтар дар наздам ҷамъ шуда, бо меху шикастапораҳои шишаю оҳан, ту гӯйӣ амали муҳим ва калидиеро анҷом медода бошанд, танамро мехарошанду мехарошанд. Оҳ, дард мекашам, фиғонам ба гардуни гардон дакка мехӯрад ва аммо садоямро касе намешунавад. Чи шуд, ки дарди ҷонситон панҷа бар пайкарам мезанад. Боз чӣ гап, чӣ воқеа? Эҳ, эҳ, ду тан хонанда мехҳоро бар танам мекӯбанд. Бо сангҳои баробар бо мушташон мекӯбанд мехҳоро, ингуна оҳиста-оҳиста як мех пайкарамро сӯрох карда, жарф бар танам медарояду медарояд. Мехи барҷастаи 100 будааст, ки хиштро корагар омаду аз ҷавшани ҷонам гузашт. Аммо ду мехи дигар, ки яке зангзадаи куҳнаи аз замонҳои Нӯҳи набӣ бозмонда ва дигаре кучактари миёнаш камон гардида буд, ҳарчанд толибилмон кӯбидаанду кӯбиданд, хиштҳои танамро ба гунаи амиқ кора накард. Дард аъзои баданамро фаро гирифта, то мағзам рафта расид. Охир, ман девори яксолаю дусола не, расо 20-солаам. Бист сол қабл дар ҷойи бинои оғили чорвои колхоз мактаби нав сохтанӣ шуданд. Ман, ростӣ, як девори бе рӯҳу ҷон, хушку фалакзадаам дар нигоҳи одамон. Аммо ин тоифа ҳеҷ намедонанду дарк намекунанд, ки аз ҳама воқеоту ҳаводиси дар дабистон рухдода воқифаму бас фиребу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

домдории роҳбаронашро медонам. Гоҳе ки таҳкурсии бинои нав рехта шуд, муддате дар идомаи сохтмони дабистон фосила пайдо шуду масъулон аз чӣ бошад, таҳаммул пеша карданд. Муҷиб чи буд, ки онон чун ҳакимону файласуфони ҳамадон сар ба ҷайби тафаккур кашиданд? Ҳо, ҳо, сукуташон шабеҳи ҳакимону файласуфону ҳамадонҳои замонҳои қадим буд, аммо тафовут дар зоҳирашон ба чашм мерасид. Инҳо ришу фашу дастор не, балки костуму шими яллаққосӣ, кафшҳои сиёҳи гаронбаҳои ҳамчунон рангашон чашмхиракунанда ва дар гиребон галстук доштанд. Пироҳанашон сафеди дорои тугмаҳои чаҳоркунҷаи барҷаста буд. Кулоҳҳояшон тӯр-тӯрии лапардор... Баъдтар ба умқи фосила гирифтанашон дар сохтмони бинои навини дабистон сарфаҳм рафтам. Сукуташон ҳазор розу рамз ва маъно доштааст. Яъне дар сохтмони бино бо хомчӯташон агар ҳазору ҳазору анд дона хишти пухтаи навакак аз оташдони зовут кандашуда сарф гардад, метавон он ҳазору ҳазору анд дона хиштро дар ин сохтмон бо таҳияи як санад сарф накард. Мазмун, ба таври расмӣ гӯиё ҳазору ҳазору анд дона хиштро харида, дар бунёди бинои дабистон сарф кардаанд. Бале, гӯё! Аммо воқеияти талх ин аст, ки ҳазору ҳазору анд дона хиштро нахаридаанду маблағашро... (муҳим маблағ аст, охир!) санад карда, ба ҷайб заданд. Чӣ тавр? Эҳ, ин боз як қиссаи тӯлонии дигарест, ки «муаллими китобнавис» дар чанд асараш аз доду бедод ва ҳирси нафсу манфиатхоҳии як тоифа масъулони кулоҳбасар, ки бинои оғили фартуту фарсудаву моломоли бӯйи тааффунро ба таъбире, «рангу бор карда» ба мактаби



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

якқабатаи замонавӣ табдил доданд, бо дарду ғами бепоён ривоят карда буд. (Дар омади гап, қавму хешу пайвандони як кулоҳбасараш (раиси эшон) муаллимро ба додгоҳ низ кашиданд, аммо дар фарҷом асрору муаммои ҳаромхӯрияшон рӯйи об баромаду бо чӣ найрангу ҳуққабозӣ ҷонашонро аз чанги мақомот раҳо карданд). Хуб, тавсифи ин моҷароро ба вақти дигар вомегузо-рему аз воқеияти ҳоли ҳозир рухдода ҳарф дар миён меандозем. Масъулони галстукбагардани шикамдамида меомаданду мерафтанд, меомаданду мерафтанд. Ин ҳама рафту баргаштҳояшон ба он анҷомид, ки гиреҳи сарбастаи мушкилро бо як амри гӯё валиёнаи худ дарсоат боз намуданд. Яъне, хиштҳои пухтаи нимасраи деворҳои оғилро, ки (дар боло тавзеҳ додем, ки ба мактаб табдил дода буданд) дар он тобистони гарму тафсон бо як маслиҳату машварати хеш амр ба кандан доданд. Ва мардуми деҳи Моҳикаш дар ҳашари бузурге се рӯзу се шаб бинои оғил (мактаб)-ро аз ҳам рехтанду хиштҳои сахту сангини аз давраҳои тиллоии Шӯравӣ барҷойро, ки силликаташ ном мебурданд, як-як ҷудо ва дар каноре ҷамъ карданд. Хишти бисёре буд, ки тақрибан ба нисфи девори бинои нави мактаб мерасид. Ана, ҳамин хиштҳоро дар бардоштани девори дабистони нав истифода карданд, ки банду буғумҳои тани бечораи ман ҳам аз ҳамон хиштҳо таркиб ёфтаасту бо гузашти 20 сол (50 сол аз давраи Шӯравӣ, 20 сол аз давраи навин, ҷамъ 70 сол!!!) батамом афсурдаву фатарот ва дар ҳоли фурӯ афтодан аст. Қисса кардем, ки маблағи хиштҳои тоза аз зовуд истеҳсолшударо ҳамон масъулони кулоҳбасари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

шикамдамидаи галстукҳо ба гардан бе ҳеҷ тарсу ҳарос ва ташвишу андешае ба ҷайб заданду бар ивази он хиштҳо деворҳои дабистонро аз хиштҳои оғил-мактаби қаблӣ бардоштанд. Аввалҳо барои ман, ки девори паси бинои мактаб ҳисоб меёфтам, он қадар вазнин набуд, чун пайкарамро рангу бор карданду ҳусни тозае пайдо намудам ва аз ин хеле-хеле хушҳолу шодон ҳам будам. Атри бӯйҳои мутафовит аз пайкарам ба ҳар кӯю ҷода паҳн мешуду пареш мехӯрд ва одамон гоҳу ногоҳ (чун ба қафои мактаб мутаваҷҷеҳ мешуданд) бо амри тасодуф аз ин раҳгузор мегузаштанд, нигаҳе сӯям медӯханд ва ба рангҳои мулаввани пайкари ман, ки дар зери нурҳои офтоб ҷилою дурахш медод, чира мешуданд ва ба ҳунармандоне, ки бинои дабистонро сохтаанд, каф бар каф зада, аҳсан мехонданд. Аммо… тадриҷан, бо сипарӣ гардидани рӯзу ҳафтаю моҳу солҳо маро - девори паси бинои мактабро комилан ба боди фаромӯшӣ супурданд ва ингуна нахуст чеҳраамро чангу ғубор пахш кард, болои сарам, зери нигасаҳои боми дабистон мурғону парандагон лона гузоштанд ва бароҳат он мурғону парандагони гуна-гуна болои сару рӯям фазлаву шоша карданд. Нафасам гиреҳ задаву танг шуда, эҳсос мекардам, ки вазъам нохушу вахим ва пайкарам доғдору дар чашми одамон зишту номуборак ҷилва менамояд. Чӣ бахтбаргаштаи номуроде будам, ки фоҷеа болои фоҷеа ва фалокат болои фалокат ба сарам омадан гирифт, ки вой аз ин гардиши нобаҳангоми чархи фалак! Ба гунаи возеҳ ба самъатон бирасонам, ки се-чаҳор қадам аз мавқеи ҷойгиршавии ман ҷӯйбори пуробе мегузашт, ки ҳаёту ҳавлиҳои мурдуми деҳаро,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ки дар он ҳар гуна зироат кишта буданд, шодоб менамуд. Аввалҳо ин мардум бо ҳавсалаю ғайрат ҳар баҳор ҷӯйборро бел зада, ба гунаи жарф дохилашро меканданду хокашро лабмарза мегузоштанд, то об аз канораҳои ҷӯй берун набарояду беҳуда ба замини мактаб ҷорӣ нашавад. Ва аммо рафта-рафта он саъйю азму иродаашонро чашмзахме расид ва ё коҳилу бепарво шуданд, ки дигар ҷӯйбор ба ёдашон, нарасид, ки баҳорон ба он бел бизананд. Онон танҳо ба об бастан иктифо мекарданду халос. Бад-ин наҳву шева, ҷӯйбор аз лойю ҳар навъ палиштиҳо пур шуда, об аз канораҳои он убур мекарду ҷорӣ гардида, то ба пойи мани бетақдир, девори пушти бино мерасид. Оби ҷамъшуда ба таҳкурсии бино зӯр меоварду ингуна бо гузашти солҳо бар пайкари ман нуфуз мекард. Наму рутубат он қадар бар пайкарам тасаллут ёфт, ки андоваи танам сабук – сабук ва нарм -нарм ба рехтан оғозид. Гоҳи даррасидани мавсими хазонрез ва сармои замҳарири зимистон, бо вазидани бодҳои тунду сард оқибатуламр андоваи пайкарам пурраги рехту урён шудам ва дигар устухону банду буғумҳоям – он хиштҳои кунун фарсудаи аз оғил – мактаби пешин кандашуда возеҳу намоён гардиданд.

Ҳамакнун тундбод бар баданам чу наштар мехалид, барфҳои паёпай бар хиштҳо мечаспиданд, сӯзиши захмҳои танам пас-он шадидтар мешуд. Ҳангоми аёсҳои шабона танам ях мебаст. Тасаввур мекунед: бист тирамоҳу бист зимистон рӯзҳоро бо ин вазъи асафбор ба шом ва шабҳоро ба рӯз расонидаам. Тиккаҳои лухти пайкарам шоҳиди рӯзгори нобасомони mананд. Шумо шояд бипурсед, ки нафаре аз раҳбарони дабистону деҳа



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ва ҷамоат ин ҳоли дилрешкунандаи маро боре бо ду чашми сар надидаву пайи таъмирам тадбирсозӣ анҷом надодаанд? На, на, боре чанд мудири дабистон бо муовинаш (шояд бо амри тасодуф бошад ё баҳри шишаҳои тирезаҳои синфхонаҳоро аз наздик санҷидан) дар паси бино пайдо шуданд ва нигоҳашон ба гунаи сатҳӣ ба рӯйи мани фалокатзада афтид.

- Эҳа, ин девори пушти бино аз бенигоҳубинӣ фатарот гардидаву қариб аз ҳам рехтааст, - таассуфу дареғ хӯрд муовини мудири дабистон ва бо ташвиш афзуд:

- Як бало карда, онро андоваю рангу бор ва ба тартиб овардан даркор. Мабодо чаппа шавад?!

- Э, чӣ зарурат дорад? – даст афшонд мудири мактаб ва миёнашро дошт:

- Пули зиёдатӣ канӣ? Баъд ин ки, ба девори пушти бино чашми кӣ меафтад?

- Корҳои аз ин заруртар дорем, ки иҷро нашуда мондаанд. (Кадом корҳо буданд он корҳои «зарур», то имрӯз нафаҳмидаму дарк накардам ман!)

- Ба ҳар ҳол…

- Натарс, ҳеҷ бало намезанад ин деворро, чаппа намешавад, аз қавле, «сагҷон» аст он. Бояд тавзеҳ дод, ки ҳар тобистон, бо ба таътил баромадани мактабиён дар саҳни дабистон ҷамъомаде бо ҳузури падару модарони хонандагон ташкил мекарданд роҳбарони мактаб ва бигӯ-магӯю баҳсу фарёдзаниҳои иштирокдорон саранҷом ба тариқи зайл хулоса мешуд: ҳар хонавода маблағ месупораду бинои дабистон таъмир мешавад. Ва мардум маблағ ҷамъ оварда, ба мудири мактаб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

месупориданд. Ва мудири мактаб он пулҳоро бе ҳеҷ андеша ва тарсу ҳарос ба ҷайб мезад. Танҳо дар арафаи соли таҳсил чанд қуттӣ ранг мехариду девори қисмати пеши дабистонро рангу бор мекарду халос. Расо 20 сол бо ҳамин сабку усул гӯё мактабро таъмир мекарданд. Ва аз мардуми деҳ касе ҷасорату иродат намекард, ки садои додхоҳӣ баланд намуда, аз директору муовинаш бипурсад, ки маблағҳои ҷамъшударо куҷо карданд?

Чаро синфхонаҳо, мизу курсиҳо, ҷевонҳо ранг нашуда мемонанд? Чаро саҳни дабистон бо талабу дархости чандсолаи мардум сементпӯш намешавад? Чароҳо зиёд, вале бе посух буданд. Шигифтовар он буд, ки тӯли 20 сол касе аз ҳоли ман воқиф нагардид, ҳадди ақал пайкарамро рангубор накарданд. Инак аз як тараф, таъсири фалокатбори оби ҷӯй, аз тарафи дигар, барфу боронҳои паёпай баданамро харобу абгор намудаанд. Рӯзҳои вопасини умри худро аз сар мегузаронам. Бовар намекунед? Оҳ, боз баданам дард кашида, ба сӯзиш даромад. Кадом хонанда мехи навбатиро зӯран бар пайкарам мекӯбад... Миёнаҳои моҳи январ, як субҳи сарди зимистон миёнам аз чанд ҷояш дарз оварда, ногаҳон гурумбасзанон чаппагардон шудам. Дигар ба сарнавишти хеш тан дода, бо ҳасрат ба дохили синфхонаҳо менигаристам, ки дар ҳамин ҳол овози тааҷҷубомези мудири дабистонро шунидам:

- Наход, девор худ аз худ чаппа шавад-а?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ЯК САТИЛ ГАНДУМ

Вай чашмонашро боз мекунад. Гӯё он воқеаҳои ғамангезу навмедкунандаро дар наворе медида бошад. Чун дар рӯъё, хобу хаёл ё афсона. …Ибтидо гандум тамом шуд. Пас-он, мардум ба кунҷораю сабӯс ва ҷуворимакка рӯ оварданд.

Ба нони зағора гузаштанд. Аммо нони зағораро тановул кардан чӣ амали душвор, таҳаммулнопазир ва тавонкоҳ буд. Занҳо, то ин ки нони зағора хӯрданбоб гардад, ба хамири он пиёз ҳамроҳ мекарданд. Бо ин шева пухтани нони зағора ба он хотир буд, ки он мулоимтар омода мешуд. Дар ҳар сурат, хӯдани ин нон вазнину мушкил буд, чун зағора ба зудӣ сахту сангин мешуд. Аммо тадриҷан…

Тадриҷан ҷуворимакка ҳам ноёбу ба тухми анқо табдил ёфт ва одамон ба орд кардани сабӯс гузаштанд. Сабӯс бошад, пӯчоқе беш набуд, аслан гарди орде ҳам надошт. Вақте муаллим ду халтаи пур-пури сабӯсро ба хонаи Раҷаби Furqon Бобоҷон, ба осиёбаш барои орд кардан бурд, осиёббон сабӯсро каф-каф гирифта, сар ҷумбонд, мазмун, дар пӯчоқи он тамоман орд нест. Сабӯсфурӯшҳои беинсоф чандин маротиба онро аз элак гузаронида, баъд ба бозор, ба фурӯш баровардаанд.

- Намедонам, аз ин халтаҳои сабӯс ягон сатил орд мебаромада бошад ё не, - бо таҳайюр гуфт осиёббон ва бо ҳасрат халтаҳоро ба осиёб даровард. Муаллим бомдоди рӯзи дигар роҳ ҷониби хонаи осиёббон гирифт ва ним халта зиёдтар орди сабӯсиро пуштора карда ба хонааш баргашт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Нони сабӯсӣ чӣ гуна бошад?» - раҳораҳ аз дил мегузаронд вай ва ба ёди рӯзҳои серию пурӣ ва фаровонӣ, ки нони дурӯзаю серӯзаи обаш саҳл паридаро тар карда, пеши молҳо мегузоштанд ва аз хӯрдани ин гуна нон парҳез мекарданд, дилаш гум зад. Ҳангоме ки орди сабӯсиро нон карда, ҳамсараш рӯйи дастархон гузошт, бӯйи сабӯс димоғҳоро ба хориш овард. Кӯдаконаш пораҳое аз нони гарм бишкаста ба даҳон мебурданд. Аммо хоида-хоида аз даҳон берун меоварданд. Ашк дар чашму нигоҳҳо моломоли ҳасрат, ки дар тасвири ин нигоҳҳои пуррамзу муаммоомез ба ростӣ, қалам оҷизӣ мекашад. Ва муаллимро бо ба даҳон бурдани луқмае аз нони сабӯсӣ фермаи колхоз, ки дар миёнҷои деҳа ҷой гирифтаву падараш он ҷо молбон шуда кор мекард, ба ёд омад. Вай сареҳану равшан дар хотир дорад, ки дар анбори ферма сабӯсу кунҷора, дерту комбикорм ва шулха барои сарфи ғизои говон кӯҳ-кӯҳ мехобид. Ему атола таҳия карда, ба говони колхоз медоданд. Бӯйи сабӯс тунду тез буд ва тамъу лаззати нони он турш. Хӯрданаш амри муҳол. Эҳ… шикамро фиреб карда, ки нашавад.

Ва тадриҷан ба тановули нони сабӯсӣ низ одат карданд. Одат карданду шукрона дар лаб ба ёди рӯзҳои неку файзбор дуо карданд. Бошад, ки ин рӯзҳои пурнакбату маъшум зудтар аз байн бардошта шудаю чун дар афсонаҳои дурӯғин боқӣ монад. Вале то он рӯзҳои масарратбор ҳоло роҳ дур буд, дури дур. Вале рӯзҳои вазнинтарин фаро расидаву пул аз байн рафт. Маошро моҳҳо дастрас карда наметавонистанд. Пул, ки ба даст наомад, сабӯс ҳам дигар харидорӣ намешуд. Бад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳолатест, балки вазъи муҳлику ҷонгудозест, ки дар талаби нон дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрону лол ва пакару парешон бимонию касе ба додат нарасад. Ва мушкили омӯзгору дигар ҳамдеҳагонро Ҳасан, ронандаи «Камаз» гӯё осон кард. Воқеан, ҷонашонро аз гуруснагӣ раҳонд. Дар деҳ овоза паҳн шуд, ки амаки Ҳасан як мошини «Камаз» пур-пур хлеб меовардааст. Аммо ин нони хлеби пора-пора боқимондаи корхонаи нонбарорӣ будааст, ки ба қисми ҳарбӣ медодаанд барои гӯсфандону моли майдае, ки дар он ҷо нигоҳдорӣ мешудааст.

- Хез, чӣ нигоҳ карда шиштаӣ, - арбада бардошт зан ва муаллимро ба хонаи Ҳасани ронанда фиристод. Ва таъкид кард аз қафояш:

- Дасти холӣ наоӣ боз…

Чун муаллим ба поёнтари деҳ, ба хонаи ронандаи «Камаз» расид, гӯё ба маҳшаргоҳ афтида бошад, ҷонаш дар панҷаи азоб, сиёҳ заданд чашмонаш. Чӣ манзараеро дид. Боварнакарданӣ, тасаввурнопазир. Рӯйи майдони сементӣ пораҳои хлеб паҳну парешон мехобиданд ва мардум, зану мард, кӯчаку бузург, пиразанону пирмардон ҳамагӣ талош кардаю пораҳои комилтари хлеби қоқу обаш гурехтаро ба халтаҳошон ҷо мекарданд. Гоҳҳо овозҳо баланд мешуд. Барои пораи калонтар ҳамдигарро сахту носазо мегуфтаанд. Муаллим ҳайрону даҳонво каноре меистод ва қалбаш номуназзам метапид. Вай тиҳидасту бедимоғ баргашт ба хона, ба пурсиши ҳамсараш бо нигоҳ посух гуфт. Мазмун, рӯзи сиёҳ, ба ҳама нарасид пораҳои хушку сӯхтаи хлеб «Чӣ бояд кард?»-меандешид муаллим. Ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

яке ба хотираш расид, ки дар кадом кунҷи анҷомхонааш як халтаи гандуми пур аз дони кадом рустанӣ, ки ғелааш мегӯянду сип-сиёҳ аст, хобида буд. Он гандумро аслан орд накарда буданд, чун баробари дони гандум дони ғела доштy хӯрданаш номумкин маҳсуб меёфт. Ва муаллим «Ҳар чӣ бод» - гӯён халтаро берун баровард. Се рӯз дони ғела тоза карданд аҳли хонадон, аммо ин кори осон набуд. Дигар чора набуд, донаҳои сиёҳфоми ғела дар гандум омехта шуда буду онро дар осиёби амаки Пирмаҳмад орд кард муаллим. Рӯзе, ки баҳри овардани орд ба хонаи хеши падарияш рафт, ҳуш аз сараш парид. Дар осиёбхона бӯии нохушу тааффуне паҳн шуда, ба он ҷо даромадан имкон надошт.

- Гандумат барбаробар дони бӯгини ғела доштааст, - фаҳмонд амак. Орд кардам, лекин бӯю тафро бин. Сип-сиёҳ аст ордаш. Худо медонад, ки ордашро хӯрда метавонед, ё не. Ҳарфе дар ҷавоби амак ба забон наовард муаллим ва халтаи вазнину пур-пури ордро ба ароба бор карда ба хона овард. Бӯйи нохуши орд димоғашро месӯзонд.

«Боз ин чӣ балое буд?» Наход ин рустанӣ (ғела) ҳамин хел бадбӯй бошад? Нонаш чӣ ранге дошта бошад? Эҳ Худо, вақте ки хамирро шӯрида, нон пухт ҳамсараш, бӯйи нохуш атрофро фаро гирифт! Нонҳо шабеҳи ангишт сиёҳметобиданд. Гуруснагӣ фишор меовард. Луқмаеро ба даҳон бурд муаллим ва дилаш, аз қавле «коса зада» беҳузур шуд, қай кард. Дигар касе аз аҳли хонадон порае аз нон ба даҳон бурда нотавонист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

…Рӯзҳо мегузаштанд. Ба думболи бенонӣ бемории хоришак паҳн гардид дар деҳа Пас-он варақа, зардпарварин, ҳатто домана. Собун набуд, ки сар бишӯянд мардум. Равған набуд, ки дар дегашон биандозанд. Нон ҳамчунон ноёбу нодир буд.

Ва муаллим роҳ ҷониби корхонаи хиштбарорӣ гирифту ба шаҳри калон омад. Як ҳафта кор кард, ду ҳафта кор кард, се ҳафта, билохира, як моҳ пушти сар шуд. Аммо ҳаққи хизматро пардохт намекарданд. Хӯҷаин мегуфт, ки ба хиштҳои рехта харидор бояд пайдо кард. Аз деҳа кадом ҳамдеҳааш хабар овард, ки ҳамсараш бемор шудааст. Дар хона на нон асту на ягон хӯрдании дигар. Гуфтааст, ки муаллим ягон сӯм роҳӣ кунад, аҳвол тамоман бад аст, ки бад. Ба бемории табларза (варақа) гирифтор шудааст ҳамсараш. Ҳанӯз дар ёд дорад муаллим. Як ҳамдеҳааш, ҷавоне, ки касе бо ӯ ба мӯҷиби бефаросатию беҳамият буданаш сари суҳбату дӯстӣ надошт, оби даҳонаш паридаю бо чашми коҷаш нигоҳи нописандона карда, дар саҳни корхонаи хиштрезӣ пайдо шуд.

- Ман ба хиштҳоятон харидор ёфтам,-як каф носро ба зери забон партофта мужда расонд вай ва интизори посухи сардори корхона гардид. Сардор розӣ шуд. Хиштҳоро то шомгоҳ ба мошинҳои «Маз» ва «Камаз» бор карданд. Харидор «боевики» савори мошини нави хориҷӣ хиштҳоро гирифту бурд. Сардор аз деҳаи Карсанги Ваҳдат буд. Қабл аз он ки ба хонааш равон шавад, ба ҷавон, ҳамдеҳаи муаллим таъкид кард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Пулро, ки аз харидор гирифтӣ, аввал ҳаққи муаллимро бидеҳ! Вай бояд субҳ ба хонааш рафта, орд бихарад. Занаш бемор…

Аҳмадаки миёнарав баъд аз хуфтан ба корхона омад. Дарзаҳои пул дар дасташ. Оби даҳонаш ба чаҳор сӯ парида, лоф мезаду лоф мезаду лоф мезад. «Ҳаққи муаллимро бидеҳ»-фаҳмонданд ба ӯ ҳамкорони муаллим, ки аксаран ҷавонони рустоӣ буданд.

- Пул-мул нест, - даҳонашро калон кушода, хамёза кашид Аҳмадак ва афзуд:

- Аз сари ин маблағ ман ҳаққамро мегирам То сардоратон наояд, ба ҳеҷ кас пул намедиҳем.

Ҳарчанд коргарон исрор карданд, ки ба муаллим ҳаққи корашро бидеҳ, Аҳмадак хандаи хунуке карда:

- Чӣ, муаллим каллаи шер овардааст? - гуфт

- Пул-мул нест, тамом- вассалом.

Ва ғайб зад. Чӣ шуду чӣ монд, ки се рӯзи дигар сардори корхона ҳам ба коргоҳ наомад. Муаллим дар аъроф монд. Рӯзи чаҳорум аз «боевик», ки боз ҳам ногаҳон пайдо шуду хишт хариданӣ шуд, қарз пурсид.

- Чикораӣ? - пурсид вай аз муаллим

- Дар деҳа бачаҳоро дарс медиҳам – ҷавоб дод муаллим ва рӯяшро дигар тараф гардонд

-Мана, бигир ин пулҳоро. Ҳаққи ҳалоли туянд. Ош шавад! Вай як қабза пулро ба муаллим дароз кард.

…Ҳангоме ки муаллим ба деҳа, ба хонааш омад, писару духтаронаш дар назди дарбичаи ҳавлӣ пешвозаш гирифтаанд.

- Модаратон чӣ хел, модаратон? – саросема пурсон шуд муаллим,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Хеле беҳтар шудааст, - гуфт писари калонӣ. Дар сари дастархон чашми муаллим ба нонҳои суп-сурхи гандумӣ афтиду ҳайраташ боло гирифт.

- Нон аз куҷо? - ҳамчунон хайратзада кунчковӣ кард муаллим.

- Амаки Муроди монтёр гандуми ҳавлияшро дарав карда, кӯфтаю бод дода, дар як сатили калон гандум оварда дод, Гуфт, ки хизматҳои муаллим калон аст. Касе, ки қадри заҳматҳои муаллимро намедонад, кӯр мешавад, кӯр. Ва як миқдор пул дода фаҳмонд, ки ба ин пул барои модаратон дору бихаред, - канда – канда воқеиятро тавзеҳ бахшид писари муаллим ва хомӯш монд.

Муаллим рӯи суфаи пешайвон нишаста, ба андеша рафт.

Вай намедонист ба ин некии Муроди монтёр, ки дар ҳамсоягии ӯ мезист, чӣ тавр ҷавоб гардонад.

«Воқеан, - аз дил мегузаронд ӯ, Аҳмадаки фисин куҷою Муроди монтёри дасткушод куҷо?»

***

Ҳар гоҳ ки муаллим аз назди мазори деҳа гузар кунад, ба манзили хомӯшон даромада, сари қабри падару модар ва Муроди раҳматӣ (вай бар асари тасодуми барқӣ чашм аз ҷаҳон пӯшид) дуое хонда, ба рӯҳу арвоҳашон мебахшад.

- Ман назди рӯҳи ту як умр қарздорам, дӯсти азиз, Муродалӣ, - зери лаб пичиррос мезад муаллим. Некии туро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накардаам. Хонаи охиратат обод бошад…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

# ҒАМКУШТА

Тути ҷавон чун солҳои қаблӣ, замонҳое, ки шоху навда бароварда, баргҳои сабзгунаш дар анвори офтоби баҳорон ҷило додаву аз вазиши насими шӯхи форам маҳин-маҳин лаппиш мехӯрданд, дигар омадани навбаҳорону рӯзҳои гарму нарм ва навозишгарро бесаброна интизорӣ намекашид, сархаму андешаманд ва монои шахси кулфатзада ба дарёи хаёлҳои тазъйиқовар ва навмедзо ғарқ мегардид.

Гоҳ-гоҳ ҳазорон дарду алами беинтиҳо дар сина бо гӯшаи чашм менигарист ба ягона беди маҷнун, ки дарахти тановаре буду чандин газ қадду қоматаш аз вай болотару баландтар ба чашм мерасид. Ҳарчанд гесӯвони маҷнунбед ба таври муназзам ба шонаҳояш афшон гардида буданд, ҳарчанд як инсони тафаккурманду бофазилатро ёдрас мекард, бо ин ҳама, шукӯҳу зебоӣ ва таровату назокати хосаи худро дошт. Ҳар гоҳ шамолак мевазид, хирмани мӯйҳои сабзфоми беди маҷнунро парешон мекард ва як овози пичир-пичири маҳину нозук, ноаён меомаду мерехт ба хонаи гӯшҳои тути ҷавон. Тут дар оташи шарму хиҷолат месӯхт, пайкараш оҳиста-оҳиста таб мебаровард. Ҳар қадар зӯр мезаду худро такон додан мехост ва талоши сар ба боло бардоштан мекард, чунонки решаҳои кӯчакаш дар зери замин занҷирбанд гардида бошанд, ҷунбидан наметавонист. Ҳасрату ғам дар гулӯяш зиндонӣ гардида, боре ҷон коҳондаву пайкар ларзонда, ба боло, ба умқи осмони нилфом ва кураи хуршед, ки бас пурдурахш ба чашм



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мерасид, як нигаҳ афкандан дар вуҷудаш лаззату кайфияти ширину гувороеро ба зуҳур меовард, аммо…

Аммо сар ҷунбондан аслан барояш дарди муҳлике буд. Вай ин гуна соатҳои тӯлонӣ ҳамчу маҳбус дар тасарруфи сукути сангин дарунакӣ месӯхт, об мешуд, мегиристу мегирист. Батадриҷ, якбораву нохоста чашм ба рӯйи роҳи бетонӣ медӯхт, дар бешаи хаёлҳо меафтид ва…

Он рӯзгорони дурро пеши чашм меовард, ки ниҳолаке буду сония ба сония, соат ба соат, рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафтаю моҳ ба моҳ ва бад-ин назм сол ба сол аз нурҳои хуршеди босахо нерую тавон мегирифт, аз як ҷӯй обе, ки пирмарди бағайрат, ки посбони корхона буду ҳамзамон ҳамчу боғбон нигоҳубину ҳифзи ниҳолакону дарахтон ва гулу гулбуттаҳои гуногунрангу гуногунанвоъро ба уҳда дошт, баҳри шикастани ташнагии сабзпӯшони чаман мебаст, нӯши ҷон мекард. Решаҳои он ҳангом кӯчакаш намро ҷаббидаву ба аъзои пайкараш тarовате мебахшиданд. Баргҳояш чу кафчаҳои кӯдакону тифлон бо вазиши насимаке ба ҳам маҳин-маҳин бархӯрда, садое шабеҳи бехигӯшии инсонҳо мебаровարданд. Ва тути кӯчак аз ин иртиботе, ки байни Замину Осмон бо дасти Худованд ҳамчу муъҷизае рух медоду ба сабзишу нуму ва рушди ниҳолак такон мебахшид, ҳайратзада ба давру бари худ менигарист. Аз ҷониби чапи худ гулу гулбуттаҳои садбаргу савсан, наргису зардак, нилуфару наъно ва аз тарафи рост нигоҳаш (бад-ин гуна ҳамешагӣ)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

аввалқадам ба дарахти болобаланду бузурги маҷнунбед меафтод. Ва аз оғоз то бад-ин дам хирмани мӯйҳои сабзфоми афшону парешони беди маҷнун, ки ба рӯйи синаву дӯшаш овезон буданд, тутро ба андеша мувоҷеҳ месохт. Сархам будан, андуҳзадаю мотамӣ намудор гардидани беди маҷнун сароғоз ғамгину навмедаш мекарданд. Вай, ниҳолаки ҳамакнун рӯ ба сабзишу афзоиш, ки аз ояндаи дур умеду таманноҳои фаровоне дошт, бо дили реш фикр мекард, ки ҳароина, Худое, ки ин Замину Осмонҳоро офаридааст, дар халқ кардани ҷондорҳову ҳашара, инсонҳо, рустанию наботот аз як ченаку меъёри муайяну дақиқ истифода накардааст, ҳамаро баробару якранг сурату зоҳир набахшидааст. Дар радифи шамшоду сарв, санавбару сафедор ин гуна дарахтеро офаридааст, ки доиман сарафканда асту кӯҳи ғам дар шона ёрои чашм сӯйи осмон дӯхтан надорад. Чаро? Чӣ гуноҳе аз беди маҷнун гузашта, ки Офаридгор ӯро чу гунаҳкорони осӣ сархаму сукутзада офаридааст? Аммо тути ҷавон ақлу тафаккур ва эҳсоси дарки зебоиро надошт (ё аслан як чунин қобилияти зотиро дошту аз рашку ҳасад ва кинситезӣ дар баробари ҳусни чашмгири отифаи беди маҷнун он шукӯҳу латофату зебоиро нодида мегирифт) ва бад-ин сабаб пайкари раъно ва гесӯвони ба сари дӯш ҳамоили маҷнунбедро, ки манзараи нодиру нотакрор ва олами ғайримуқаррарии назокату фаттонӣ маҳсуб меёфт, бо чашми дил дида наметавонист. Оҳиста-оҳиста тут сабзишу нуму ёфта, қад мекашид, аз баҳор то баҳори дигар пайкараш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

пурратар гардида, шоху баргҳояш бузургтар мешуданд. Ва барои ӯ писанду хушоянд он лаҳзаҳое ҳисоб меёфтанд, ки вай бо вуҷуди қадкӯтоҳ будан, озодона сар боло мекарду баҳузуру бафурҷа ба осмони ахзарфом менигарист. Парвози мурғони ҳаво, шабонгаҳ манзараи дилангези осмон, моҳ ва хирмани ситорагон, рӯзонаҳо сипари офтобу лангари абрҳо ба чашмаш нур мебахшиданд. Хониши парандагони гуногун бо ҳазор савту лаҳн ба гӯшаш монои мусиқии хобовар мерасид. Ва тути ҷавон худро сарбаланду гарданфароз меҳисобид. Пеши худ соатҳои тӯлонӣ меандешиду тафохур мекард, ки аз ин ҳама имконот маҷнунбед бенасибу маҳрум аст. Доиман сархам асту ғарқ дар баҳри хаёлот. Бечора! Аз куҷо маҳтобу офтобро назора кунад? Оё беди бахтбаргашта (дар тасаввури тути ҷавон) фаҳму дарк мекарда бошад, ки болои сари ӯву кулли мавҷудоти замин, осмони беҳадду канор амсоли уқёнуси паҳновар бо ҳама зебоию ҳусну ҷамолаш муаллақ истодааст?

Не, Худованд беди маҷнунро аз ин гуна неру ва қудрати лаззатбахш маҳрум гардонидааст. Ва аммо тут дар қиёс бо ин дарахти сархаму сукутзада аҷаб афзалияту дастдарозиҳое дорад, ки Худо лоиқаш дидааст. Ин ҳама дарди бахайр, ки маъмулан ба рушду инкишоф ва афзоиши рустанию наботот иртиботи амиқ дорад.

Тут як баҳор падидаи ногаҳонии табиатро дар ҷону тан ва раг-рагу пайвандаш ғайримунтазираю ногаҳонӣ эҳсос кард. Хун дар рагҳояш ба таври ошкоро ҷӯш задаю номуназзам ба ҳаракат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

медаромад, пайкараш аз таппиши набзаш ҳисси ба зуҳур омадани воқеаеро, ки лаззату роҳат мебахшидаш, дар худ таҷриба мекард. Бештар аз ҳама оташе дар тану бадани тут ҳамчу вулқон аланга мезад. Вай дар муддатҳои умр бад-ин андоза гармии тасаввурнопазирро дар пайкараш ба мушоҳида нагирифта буд. Ҳатто резиши боронҳои паёпай ва гоҳо шабурӯзию аз қавли мардум, «ҳафтақарор»-и баҳорӣ шиддати рӯзафзуни гармию тафси бадани тутро паст намекард. Пирамарди обмон рӯзҳое, ки борон аз боридан монда, хуршеди босахо бо анвори нарму гарм ва навозишгаронааш ҳайвоноту ҳашара, паранда, чаранда, буттаю дарахту рустаниҳо ва хирадмандтарину боақлтарин мавҷуди Замин – Ҳазрати Одамро андак-андак месӯзонду аз хобу карахтӣ ҳушёр месохт ва морҳову сангпуштҳоеро, ки таҳи алафу гиёҳу буттаҳо хоб буданду хобҳои аҷибу ғароиб ва рангоранг медиданд, такону ангезиш медод, бел дар даст ба боғ об мемонд. Ва туту беди маҷнуну сафедорону шамшоду санавбар ва дарахтони себу нок, олу, шафтолую зардолу, гелосу олуболу, хурмову анҷир, анору биҳӣ... аз як ҷӯй обе, ки пирамарди заҳматкаш мебаст, дафъатан нӯш мекарданд, ташнагӣ мешикастанд. Аммо бо нӯши ҷон кардани оби ин ҷӯй ҳам оташи қалбу тани тути ҷавон заррае хомӯш намегардид. Гоҳо гармии сӯзони пайкараш ба андозае шиддат мегирифт, ки тут хаёл мекард, кундааш дарз меораду мекафад. Ин оташи ногаҳонӣ аз пешомаде дарак медод. Вале тут фаҳму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

дарк ва тафаккури он ҳодисаро надошт. Маҷолу тавонаш ба тафсири ин ҳол намерасид.

Ва охиру оқибат, чун модари ҷавоне, ки интизори ҳамл аст, тут аз дарди ширине дар ниҳоди худ хабардор гардид. Аз шохҳояш ноаён ғӯрачаҳое дар сурати ситораҳои кучак сар бароварда, ба пайкараш шукӯҳу таҷаллие мебахшиданд. Ғӯраҳо рӯзафзун аз обе, ки решаҳои тут ҷаббида мегирифтанду ба аъзои баданаш чун ғизо тавону қувват медоданд ва аз нурҳои ҷонбахши хуршед ҳаловату лаззат ҳосил мекарданд. Шираю об гирифта, рангу шакл дигар мекарданд. Марҳалаҳои рушду таҳаввулро пушти сар карда, ба меваҳои шодобу ширин мубаддал мегардиданд.

Тут ин ҳама дигаргунию тағйироти булаҷабро дар ниҳодаш мушоҳида карда, ҳақиқати муъҷизаовареро пеши худ кашф намуд. Вай бору самар дорад, мева дорад. Ва аз меваҳои сап-сафеду ҳил-ҳил пухтаи ӯ ком ширин хоҳанд кард одамону парандагон. Ва бо чунин фикру хаёли марғубу шавқфизо тут ба беди маҷнун, ба гесӯвони ҳамчунон афшон ва сукути сангини вай, ки марди ба муроқиба рафтаро ба хотир меовард, хира шуд. Бечора, оҷизу нотавон! Бесамар аст вай, бебаҳра! Ба болои он ки умре сараш хаму хирмани мӯйҳои сабзгунаш ба рӯйи замин мерасанд, «болои сӯхта намакоб» мева надорад. Зани нозою кӯрпистон барин… Ва хандид тути ҷавон ба ҳоли маҷнунбед, ба масхара гирифт варо.

«Берӯзӣ». Ҳеч маълум нест, ки Эзиди якто ин дарахтро бо як чунин шаклу намуд баҳри чӣ офарида



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бошад? На самаре аз вай падид аст, на ғуруру виқору сарбаландӣ дорад. Вуҷудаш ғам аст, андуҳи муаммобарангезест, ки фаҳму ташреҳи онро як худи Худованд медонаду халос. Ва бар дилҳо ғам ҷо мекунад. Саропо муҷассамаи ғаму ҳасрат аст».

Ин гуна андешаҳо дар сар дошт тути ҷавон ва ба тадриҷ кирми ҳасад ва ғурурмандию мутакаббирӣ дилу ҷигарашро хӯрда, вай гоҳо ба дигар дарахтони боғистон – сафедору шамшод, сарву санавбар, ар-ару ақоқиё чашм дӯхта, бо ҳасрат аз дил мегузаронд, ки чаро чун онон қадду қомати сар ба гардун кашида надорад? Чӣ хушбахтанд он дарахтони гардунсой!

Ва он баҳор парандагон бо пухта расидани меваи тут аз бомдод то шомгоҳон, то фаромадани торикӣ дар сари шохаҳои вай чириққос задаю ғавғою ҳангома бардошта, ба тутҳои сафеду сершира нӯл мезаданду нӯл мезаданд. Ҳангоми танаффуси корӣ ва бегоҳон коргарони корхона, ҷавонону мардон ва духтаракону занон ба сайри боғ баромада, аз меваҳои тут даҳон ширин карда, хурсандона каф ба каф мезаданд:

- Ҳамин тут соли аввал аст, ки мева мебандад. Шукри ҷонаш. Ҳар кӣ онро шинондааст, савоби ин дунёву охират дар дафтари аъмолаш навишта мешавад. Худо аз офату балоҳои заминию осмонӣ нигоҳ бидорадаш…

Вале балову офати заминию осмонӣ чун аждаҳои оламу одамдаркаш оқибат қадамҳои наҳсу накбатборашро ба ин марзу бум гузошт. Дигар тирамоҳон касе аз коргарони корхона рӯзҳои шанбе



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

чун ҳарсола ба ҳашар баромада, дар боғ заҳмат намекашид. Ҳар сол, аммо айёми хазонрез ва меваҳои дарахтонро ғундоштан, ки боди сард вазида одамонро ҳушдор медод, аҳли корхона, русу ӯзбак, қирғизу қазоқ, белорусу молдаван, латишу немис, яҳудию карес, тоҷику хахол… ханда дар лаб ва кадом суруди ба майли дил мувофиқашонро замзамакунон ба ҳашар баромада, иддае (асосан занону бонувон) хазонҳои рехтаро бо хоркаш ҷамъ оварда оташ мезаданд. Ҷавонони ғаюр ва чусту чолок бехи буттаҳои гул ва ниҳолу дарахтонро бо бел нарм мекарданд, мардону солмандон шохаҳои зиёдатии дарахтонро бурида, дарза баста, каноре ғун мекарданд. Баъд аз кори аҳлона ва бобаракату файзрези коргарон боғ чун арӯс зебову пероста гардида, ҳусни чашмгире ба худ мегирифт.

Аммо ин тирамоҳ…

Ҳама гӯё воқеаи ногаҳоние чун фалокат ба сарашон омада бошад, ба кори ҳаррӯза бо дили гарму шавқи бепоён намебароянд. Парешону ошуфтасар, ғаму ҳасрат дар умқи чашмонашон лона мондааст. Корхона дар ин кишвар калонтарин маҳсуб меёфт ва коргаронаш дар ду бинои бошаҳомати ба ҳам пайваст рӯзномаю маҷалла ва китобҳои илмию бадеӣ чоп мекарданд…

Тирамоҳи сарду ғуборолуд ноаён ба зимистони замҳарир ҷой холӣ мекарду зимистон ба баҳори музайяну нозанин. Ва дар зимн баҳсу гуфтугӯҳои олуда ба кинаю нафрати ҳамдигарии одамон, ки забонӣ сурат мегирифт, рафта-рафта ба ҷангу ҷидол



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ва даст ба гиребон задану кашталгирӣ табдил меёфт. Ва гиребонгирию дашному сақатгӯйиҳо дар як рӯзи равшан ба муқовимати одамони алоҳида, ки дар ду сангар муқобили ҳам ҷой гирифта буданд, анҷом пазируфт. Ҷанҷолҳои даҳонӣ ва бигӯ-магӯҳо аз байн рафта, ҳама гиреҳҳои чигил ва мушкилию нофаҳмиҳоро яроқ ҳал мекард.

Ин баҳор тути ҷавон ҳис мекард, ки муҳиту фазо тағйир ёфта, ҳаво моломоли бӯйи дуди тиру борут аст, нафас кашидан барояш ба душвор даст медиҳад. Хуршеди босахо дигар паси абрҳои хокистарии дуди ғализ монда, заҳиру ғамзада менамояд ба чашм. Аз ҳар гӯшаю канор садои «Калашников» ба гӯш мерасаду ғурросу гурум-гуруми зиреҳпӯшу танкҳо. Ва як нимарӯзи баҳорон дастаи низомии саропо мусаллаҳи либосҳои ало-булои ҷангалӣ дар тан дар боғ пайдо шуда, ба ҳар тараф бо нигоҳи ваҳшатзои ҳарисона нигариста, қадамзанон чӣ кор карданашонро надониста, ба беҳуда, бе ҳеч мақсаду хаёл ба боло, ба сӯи осмон тирҳо партоб карда, «лаззати» пирӯзӣ мешикастанд. Аз ин ба баъд боғи сарсабзу дилкушо ба макони буду боши доимии онҳо хоса, ҷойи таҳияи хӯроку ғизояшон қарор гирифт. Тути ҷавон медиду мушоҳида мекард, ки дар ин мавзеи биҳиштӣ рӯзгори талху тираю ғамангезе доман паҳн мекунад.

Муҳите ба зуҳур меояд, ки пур аз оҳангҳои бераҳмӣ, сангиндилӣ ва бедодгарию зулм аст. Ин гуна дастаи чун балои осмонӣ ба пайдо омада, дар ҳуҷраҳои корхона, ки ҳамакнун комилан аз кор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мондаву коргаронаш, ки ҳамчун «оилаи намунавии интернатсионалистӣ» шуҳрат пайдо карда буданд, ба ҳар тараф фирор намуда буданд, машқу тамрин анҷом медоданд. Даста рӯзонаҳо ба мошинҳои берақам савор шуда баромада мерафт ба кӯчое ва шомгоҳон бармегашт…

Бад-ин ҳолу ҳаво баҳор бигзашту тобистон бигзашту фасли хазон даррасид. Як субҳи салқин, вале дар айни ҳол сарднафас гурӯҳе аз паҳлавонони даста табару арра дар даст ба даруптари боғ даромада, бо шавқу иштиёқи лаззатомез даст бар пайкари чанд сафедору шамшод, сарву санавбар, арару ақоқиё ва чанорҳои тановари пир бурда, ба буридани ин дарахтони шукӯҳманду сар ба чарх кашида шуруъ карданд. Тут медиду ҳасрат мехӯрд, ки наход, чунин дарахтони сарбаланди сабзро, ки зебу зинати ин боғанд, бад-ин бераҳмӣ бурида, қурбон кунанд?

«Сари баланду қомати расо ва пайкари ҷаззоб ҳам дарди сар будааст дар зиндагӣ. Инак, мебуранду ғӯла мекунанду месӯзонанд. Буд-набуд…» Бо омад-омади зимистон ба ҷуз чанд гулбуттаю ниҳоли навбар ва ду-се тан дарахти назарногир, ки туту беди маҷнун низ дар ин радиф қарор доштанд, ҳеҷ дарахти сабзе боқӣ намонд дар боғи бавусъати корхона.

Ва рӯзҳои бағоят сарду сармои тоқатшикан тут манзараи басо ғамангезу тасаввурнопазирро бо ду чашми сар бидиду аз Ҳазрати Инсон дилмондаю навмед гардид. Боре даста гурӯҳ-гурӯҳ аз дохили корхона бастаҳои рӯзномаю маҷалла ва қуттиҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

калон-калони пур аз китобҳои наву оҳараш нашкастаро бароварда, дар саҳни боғ болои ҳам чун ҳезум ғарам намуда оташ заданд. Коғазҳо бо расидани донаи фурӯзони гӯгирд даршаст вағғӣ даргирифтанд ва шуълаҳои оташ дар чашм задан сар ба само кашида, дуди кабудчатоб фазои боғи холиро фаро гирифт. Даста бо ин қаноат накарда, дубораю себора ба дохили корхона ворид гардида, бастаи рӯзномаву маҷаллаҳо ва китобҳои муқоваашон зарҳалиро ба халтаҳо андохта, ба майдон меоварданд. Меоварданду оташ мезаданд.

Замоне даррасида буд, ки касе ба касе кор надошт, оламу одам бесоҳиб ва рӯ ба раҳми Яздон монда буд. Ё қиёмат қоим шуда буд? Дар пеши чашм хираду фазилати инсонӣ сӯхта хокистар мешуд.

Ва рӯзе аз рӯзҳои охири зимистон, ки тӯдаи барфҳои даруни боғ, лаби ҷӯйбору майдони сементӣ андак-андак об шуда,офтоби хиратоб бо чашмони хунбор оҳиста-оҳиста ҳаракати азалии хешро дар соҳати само анҷом медод, се-чор нафар дар китф табару арра дар назди тут пайдо шуданд. Якеаш, ки ҷавонтару фарохшона менамоид, табар ба ҳаво бардошта, ба пайкари чандири тут бизад. Тути ҷавон дарди сӯзонро, ки якбораю ногаҳонӣ ба тамоми баданаш паҳн гардид, бо азобҳои лотасвир таҳаммул карда фурӯ бурд.

- Кирои ҳезум нест ин тути пакана, - табар дубора ба китф гузошта гуфт ҷавон ва даст афшонд: - Сахту қайиш аст, баъд ин ки зеби дасти ман нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Онҳо ғур-ғуркунон қадам зада ба назди беди маҷнун ҳозир шуданд.

«Ё тавба, - аз дил гузаронид тути ҷавон, - оқибат маҷнунбеди бечораро бурида, ҳезум мекунанд ва дар оташи вай гарм мешаванд. Чӣ хубе, ки Худо раҳмашро хӯрд, вагарна ӯро низ қурбон мекарданд. Аммо вай ҳоло дар айни гулшукуфти ҷавонӣ мурдан намехоҳад. Не, не!»

Ҷавон сароғоз, дурударозу батаанӣ аз зер ба боло, ба шохаҳову навдаҳои сутурги беди маҷнун озмоишкорона нигаристу нигарист. Пас-он, ба ҳамроҳонаш чизеро фаҳмонда, ба дарахт часпида, хез зада-хез зада, аз навда ба навдае то ба байни маҷнунбед расид. Вай дар ин ҳол акробатҳои ҳунарманди сиркро ба хотир меовард. Ибтидо табар ба яке аз навдаҳои бузургу барҷастаи беди маҷнун, ки ҳанӯз дар поён таги чашм карда буд, бизад. Хеле бо табару навда андармон шуд, саранҷом арраро аз миён бигрифта ба буридани навда оғоз кард. Буриду бурид ва яке…навда қарсосзанон ҷудо шуду якҷо бо ҷавон сарозер омаду ба замин зад. Садои гумбурросзанон афтидани навдаи бузурги маҷнунбед ва ҷавон дигар садоҳоро, ки дар фазои боғ паҳн гардида буданд, пахш кард.

Сонияҳо, дақиқаҳо сипарӣ гардиданд. Ва дар боғ пас аз чанде оромию сукунати тӯлоние ҳукмфармо гардид. Гӯё аслан ҳеч воқеае рух надода бошад. Ёрони ҷавон дартоз ба пеши ӯ расида, навдаи вазнинро аз болояш кашида, ба сӯе ҳаво додан мехостанд. Аммо билкул барои дур андохтани навда зӯрашон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

намерасид. Якеаш ҷониби ҳуҷраи хоби силоҳдорон давиду ононро хабардор кард аз фоҷеа. Даҳ-понздаҳ тан осемаю даршитоб ба маҳалли фалокат ҳозир гардида, навдаро аз болои ҷавон, ки садои нолиши паст-пасташ базӯр ба гӯш мерасид, кашида, каноре ҳаво доданд ва ба муоинаи рафиқи худ пардохтанд. Ҷавон хир-хир нафас гирифта, овози ношунавою гунгонае бароварда, чизе гуфтан мехост, вале наметавонист ва навмеду оҷизона бо ангуштони дасти рост ишоракунон фикрашро баён карданӣ мешуд ва… дар як чунин вазъи асафбору шигифтангез чашмонаш боз якбора ороми ором гардид. Вай ҷон ба ҷонофарин супурда буду ёронаш ғарқ дар сукути гаронбору вазнин дареғу афсӯс мехӯрданд. Аз мушоҳидаи ин манзара ба тани тут мурғак давида, пайкараш таб бароварда месӯхт. Ғаму дард, хастагию нотавонӣ ва рӯҳафтодагию маъюсӣ ҷонашро ба ҳалқаш оварда, тут гумон мекард, ки ба дарахти пири ҳазорсола табдил меёбад.

Вале…

Вале ин ҳузну ҳасрат дар рӯ ба рӯи марги пирмарди посбони корхона, ки нигоҳубину ҳифзи боғро низ бар уҳда дошт, гӯё аз баҳр қатрае буд.

Аввалҳои баҳор буду ниҳолону дарахтон ва гулу гулбуттаҳо аз хоби ширин сар мебардоштанд. Рӯзе овози ғурроси мошину кадом техникаи вазнин фазои боғро ба тасарруфи худ даровард. Тут ба саҳни бетонпӯши назди корхона нигарист ва чанд камазу экскаватори зардрангро бидид. Даста нақшаи дигар кашида буд. Бинои зебою мустаҳкамро валу вайрон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

карда, хиштҳои пухтаро ба мошинҳо бор намуда, ба хонаҳояшон бурдан мехостанд. Садои шароққосу тароққос задану ба девор бархӯрдани соғуи экскаватор ваҳмангез буд. Чангу ғубор бармехест ба ҳаво. Девор чаппагардон шуда, хиштҳо ба замин пош мехӯрданд. Ин гуна ба мошинҳо хишт бор мекарданду ҳамчунин дару тирезаҳои бинои корхонаро канда каноре ҷамъ меоварданд. Аммо зӯрашон ба кандану беҷо кардани дастгоҳҳои мустаҳками оҳании чопӣ нарасиду сардори гурӯҳ, дасташ ҳаворо шамшервор бурида, наъра кашид:

- Вақташояд, ин дастгоҳҳоро ҳам канда бурда пул хоҳем кард. Ҳа, ҳа, ҳа, ҳа.

Аз ин гирумону такудав, ки даҳшатангез ба чашм мерасид ва аз садоҳои гуногуни аъзои даста бӯйи ҳирсу нафс ва бераҳмии ошкоро ба димоғ мезад. Дар ин оҳангҳои фоҷиаомези зиндагӣ садои ақлу шуур хомӯш гардида, вопас корагар ҳам намеомад.

Ин тавр, шабону рӯзон даста деворҳои хиштии бинои чаҳорошёнаро кандаву пош дода, хишту чӯбу оҳан ва боқимонда дару тирезаҳои хушсохту мустаҳкамро ба самти номаълум андар мошинҳо кашонда мебурданд. Фавҷи чангу ғубор бо кандану чаппа гардондани деворҳо ба ҳаво бархоста, оҳиста-оҳиста паҳн гардида, рӯ-рӯи боғ пардаи тунуке ба вуҷуд меоварду ва тут, баргҳою шохаҳояш зери қабати чангу хок монда, ба гунаи озод нафас кашида наметавонист. Гоҳе ба ин тарафу он тараф чашм медӯхту аз вазъи беди маҷнун, чанд ниҳолаки оҷизу нотавон, ки аз беобӣ, инак, баргҳояшон ба зардӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

моил мегардиданд ва гулу гулбуттаҳои хору зор, ки тайи ду-се соли ахир рӯйи қайчиро надида буданду ҳамчунон таҳи чангу ғубор монда буданд, оҳе амиқ аз ҷигари сӯхта берун мекашид. Ва гоҳо ба назари тут чунин мерасид, ки ин ҳама овозу садоҳои пурғулғулаю мастонаи одамон ва шақарросу тақарроси шикастани чӯбу тахта, оҳанҳои арматурии боми бино ва гурумбас зада афтодани деворҳои чандиру қавӣ аз кадом олами дигар меояд, ё аз жарфи қарну замонҳои гузашта. Замони зулму бедодгарии Темуриён, Чингизиён.

Ва тут нафасгардон шудаю пайкараш ба сӯзиш даромада, сар ба боло кашидан мехост. Мехосту наметавонист. Хайрият, ки вақт-вақт насимаки ҳарҷогарде аз кадом макони дуру ноошно беғаму бепарво вазида-вазида то ин мавзеъ мерасид, байн-байни ниҳолакону гулбуттаҳо давр зада, ҳамзамон андак-андак чангу хоки болои шоху баргҳои беди маҷнуну тутро ҷорӯб зада мегузашт. Тут сардии ништотангезу роҳатафзоеро дар тану пайкараш ҳис карда, меосуд ва шукрона дар лаб, ба ёди рӯзҳои афсонавию биҳиштгуна, ки аз як ҷӯй оби бастаи пирмарди боғбон решаҳояш ҳаловат мебурданду вай ташнагии хеш мешикаст ва аз айёме, ки тутҳои сап-сафед дар шоххояш пухтаву гунҷишкону бачагони гирду ванои корхона аз субҳ то шом аз меваҳои шодобу ширинаш мехӯрданду ғавғою ҳангома мебардоштанд, дилаш гум зада, охиру оқибат гирифтори ҳазорон ғуссаву ҳасрат меорамид. Субҳ чашм боз мекарду гӯё аз кадом хоби кобусии вазнин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бедор шуда бошад, манзараи якранг-фазои пурчангу ғубор, садоҳои даҳшатовар ва боғи урёну сабзаҳояш зарду сӯхта ва муҳити кулфатзадаи гунгу карро ба мушоҳида мегирифт. Боре ин гуна дилаш лабрези ҳасрат ба ёди пирмарди боғбон афтод. «Куҷо шуда бошад вай? Магар аз ин макону диёр кӯч бастааст?»

Ва… гӯё ки даста аз андешаҳои тут хабар ёфта бошад, як замон фарёду фиғон бардошта, дашному нафринкунон, калашниковҳо сари китфу дар миён ва ҳам сӯйи замин овезон аз дохили бино берун шуданд. Пеш-пешашон пирмарди боғбон, бо дастони баста ва рухсораҳои кафидаю чашмҳои каб-кабуду варамида ва лабу даҳони хуншор бехудона қадам мезад. Ҳарфе ба лаб намеовард пири солманд, ки куртаи сафедранги ба зардӣ моилаш пур аз доғи хун буду дар торҳои риши низ сафедфомаш қатраҳои арғувонӣ гӯё ях баста буданд.

Ба сари пирмард борони дашному таҳқир мерехт. Вай гоҳе мекалавид, меафтод рӯйи саҳни бетонпӯши назди боғ. Бо автомат ба тахтапушташ зарбаҳо мезаданд, аз миёнаш дошта, рост бармехезондандаш. Бо ин ҳол даста мӯйсафедро то ба пеши тут овард.

- Лаънатии худозада, пиракии беимон, - ниҳеб мезад сарвари даста, ки дар чашмонаш аз раҳму шафқат нишоне мавҷуд набуд. Садояш омирона ва моломоли бадбинию кинаварона, вай ин тавр ба Ирод - император монандӣ пайдо мекард, ки қасди ҳалоки ҳазрати Исо дошта бошад.

- Хиёнаткор, - бонг мезад сардори даста. - Хабаркаш, косалес. Буз, бузи ҳилагар. Айба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

надонистӣ-а? Рафтию ба боло хабар додӣ, ки яроқбадастон дар километри 99-уми шаҳр корхонаи китоббарориро вайрону хароб карда, хишту оҳану чӯб ва дару тирезаҳояшро канда, ба хонаҳояшон дуздида мебаранд. Ҳамин тавр?! Ман ба ту мегӯям, ҳамин тавр?!

Вай бо таппончааш аз зери манаҳи пирмард бардошт, аммо сари мӯйсафед дубора хам шуд.

Сардор беқарору ошуфта ва осемасару ғазабнок рост, барқвор ба чашмони боғбони пир дида дӯхт ва норозиёна сар афшонд:

- Сукут – аломати ризо! Хабарро бурдаӣ, нарезондаю начаконда. Акнун бигӯ: бар ивази ин «хизматат» чӣ мукофот доданд ба ту? Ҳа, бигӯ, бигӯ, беимон. Орден, медал, мошини хориҷӣ, дамашний кинотеатр? Чӣ доданд охир?! Намегӯӣ? Ҳа, ҳа, пули бисёрат ваъда кардаанд. Пул, доллар! Хоин, кӯрнамак! Мусичаи бегуноҳ ворӣ як пайдо мешудию ғайб мезадӣ. Эҳ, каждум, каждуми таги бурё.

Пирмардро оварда ба танаи тут (воаҷабо, меандешид тут, чаро маҳз ба танаи ман?) рост монданд.

Ва сардор ба аъзои даста, ки тақрибан 8-9 нафар буданд, бо густохию дағалӣ ва овози баланди ғафсу ғулғуладор амр дод:

- Паронед ҳайвони пирро. Вай бо ин ҳол дигар ҳаққи дар рӯйи замин зистанро надорад. Зиндагӣ барои ин пирлоша ҳаром аст, ҳаром!

Ва даст ба ҳаво бардошт:

- Як, ду, се. Оташ!!!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Садои бетанаффуси паррон-паррон аз калашниковҳо ва виззосзанон аз масофаи наздик ба пайкари боғбони пир расидани тирҳо ба қомат меовард гӯшҳоро. Замину замон ларзид.

Дами ҷонварону ҳашара, ҳайвоноту мурғони ҳаво гирифт. Овози бетартибонаю даҳшатангези тирпарронӣ дигар овозу садоҳоро батамом пахш карда, аз як бераҳмии тасаввурнопазири бани Инсон ҳикояти бадарду талхе мекард. Тирҳои бешумор синаи пирмардро ғалбер кардаю пешонию абру ва дасту пойҳои ӯро сӯрох карда гузашта буданд. Пирмард дар ҳамон вазъ, дастонаш баста, парӯ ба замин афтид. Аз ҷӯяи хуне, ки аз бадани боғбон ҷорӣ мешуд, алафзор доғдор гардида, дар як лаҳза магасҳою хомӯшакҳо ба ҷасади пирмард менишастанд. Пайкари тути ҷавон низ пур аз хун гардида, вай аз ваҳшати нохостаю ногаҳонӣ тарсидаю ваҳмида, баргҳояш ба таври ноаёну мармуз пичирросзанон, садои гунгонае мебароварданд.

…Баъдҳо, бад-ин гуна, рӯзгороне бо фоҷеаю даҳшатпароканӣ ва ваҳмоварию хатарзоӣ пушти сар гардиданд. Силоҳдорон низ, он гуна ки дар як рӯзи гарму нарми офтобии баҳорон ба пайдо омадаву чун мӯру малах ба боғ рехта буданд, дар як рӯзи баҳорони дигар ғайб заданд. Замин кашид онҳоро ё ба осмон парвоз карда рафтанд, кас намедонист. Оромӣ ҳукмфармо гардид. Одамони дигар омаданд ба ин макон ва аз пайи таъмири корхона шуданд. Деворгарон девор мебардоштанд, кафшергарон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

оҳанҳоро кафшер мекарданд, дуредгарон дару панҷараҳои нав месохтанд ва…

Ва зиндагии тоза шуруъ мешуд. Як субҳи атромезу кофурии баҳорон коргарони нав ба ҳашар, бо ободонии боғи урёну сӯхта баромаданд. Заминро аз алаф ва гиёҳҳои хушкида тоза бинмуда, чуқурчаҳо канда, гулу гулбутта ва ниҳолҳои сабзу гуногуннавъ шинонда, ҷӯйбори қадимаро кандаю фарох намуда, аз Канали Калон об бастанд ба боғ. Боз чун рӯзгорони дури гузашта туту беди маҷнун аз як ҷӯй обе, ки коргарон баста буданд, нӯши ҷон карда, ташнагии хешро бишкастанд.

Ва аммо…

Тути ҷавон рӯз ба рӯз пажмурдаю сархам гардида, ҳеҷ тасаввур намекард, ки шабеҳи беди маҷнун аз аламу дарду ғами бепоён, ки аз сараш гузаштааст, шохҳои сербаргаш ба дӯшаш афшон мегардандy дигар ёрои сар ба боло афрохтан намекунад. Чӣ рӯзи сиёҳ, чӣ бахти шум!

Ва дар як рӯзи гарми тобистон ба тут чунин намуд, ки нами решаҳояш бухор гардидаю оби баданаш хушк мешавад. Баргҳояш яку якбора фишурда гардида, монанди коғази нодаркор шараққос мезананд. Шохаҳои хамзадаи тут чу сихҳои тезу сахти ҷайра оҳиста-оҳиста хушк гардида, бо вазиши бод овози ҳазин мебароранд. Тут дарк намуд, ки нафасҳои вопасину умраш ба сар омада. Ҳарчанд талош мекарду аз иродааш мадад металабид, ҳамааш беҳудаю абас буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Вай барои охирин дафъа ба вусъати боғ дида дӯхт. Гулу буттаҳо, ниҳолакони сабз ва обаки ҷӯй, ки орому бесадо аз васати боғ ҷорӣ мешуд, ба чашмонаш нуру неру мебахшиданд.

Вай меандешид, ки баъд аз сари ӯ, бо гузашти рӯзу рӯзгороне ниҳолҳои ҷавони боғ ба дарахтони тановари бошаҳомате мубаддал мегарданд. Муҳиту фазо тағйир меёбад, гулҳо мешукуфанду бо роиҳаи атромези худ саҳни боғро муаттару хушбӯй месозанд.

«Вале, - фикр мекард тут дар нафасҳои охирини худ, - Худо кунад, ки дигар он фоҷеаҳои хунин, ки аз дасти фарзандони Ҳазрати Инсон ба вуқӯъ пайвастанд, ба амал наоянд. Дар он сурат ҳоли боғу дарахтон чӣ мешавад?»

... Чанд рӯз баъд тут хушк шудаву ин ҷаҳонро падруд гуфт.

Резабаргҳои шохаҳои беди маҷнун аз вазиши насими даргузар пичиррос мезаданд бо як ҷаҳон розу рамз:

- Тутро ғам кушт, ғам, ғам, ғам.

*соли 2016*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ҒАЗАБКУШ

- Омада буданд? – аз дар даромадан замон пурсид мард аз занаш ва халтаи нимаи ордро рӯи суфа гузошт.

- Ҳо, омада буданд, - ба шавҳараш, ки хаста менамуд, нигариста сар ҷунбонд зан.

- Чӣ гуфтанд?

- Чӣ меган? Меган, ки бачатона ҳолиям сари вақтай равон кунед ба мактаб. Набошад…

- Чӣ набошад? – бадқаҳрона сухани ҳамсарашро бурид мард ва ин тарафу он тараф қадам зада, бештар оташин шуд:

- Рӯз медиҳанд ё не? О, нагуфтӣ, ки…

- Чӣ гӯям? Ҳар рӯз…

- Чӣ гӯям? Чӣ гӯям? – даст афшонд мард норозиёнаю бедимоғ ва нигоҳашро дар дарахтони қатори хурмои хавлӣ «шикаст» ва афзуд:

- Мегуфтӣ, ки гапи падараш яктост. Намеравад минбаъд ба мактаб,тамом – вассалом.

- Чӣ донум? – ба ғур-ғур даромад зан. - Ҳар рӯзи Худо як маълим ба сарма меоя. Худат бираву ҷавобашонро бидеҳ.

– Меравам, меравам. Боб мекунамшон. Худат фикр кун: бо шиками гурусна чӣ хел меравад ба ҳамон мактаб Шамсулло. Вай гурусна, додаракону хоҳараконаш гурусна. Ҳамаашон дар ҳасрати як пора нонанд. Эҳ…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ин дам писари мард Шамсулло, ки дар синфи нуҳум мехонд ва шалпару лакот менамуд, ҷониби ҳота равон шуд, ки алаф бидаравад барои говҳо.

Эҳ, ҳоли ӯву фарзандонашро чӣ медонанд муаллимони мактаб. Охир, як соли расо мешавад, ки баҳри дарёфти ризқу рӯзӣ дар азоб аст вай. Дар адирҳо ранҷ кашиданд аҳли хонавода. Дигарон, ки пулашон мерасид, трактор дароварда шудгор карданд заминҳояшонро ва дар чашм ба ҳам задан кориданд гандумро. Ӯ бошад, ҳамроҳи ҳамсару духтарон ва писаронаш як ҳафтаи дароз замини худро побел намуд.

Осон аст магар як гектар заминро бо даст побел кардан? Ва корид гандумро. Шамсулло дар ҳамаи ин корҳо ёрӣ медод ба падар. Баъдҳо, бо омад – омади айёми баҳорон дон неш зад, сар кашид, оҳиста – оҳиста сабз шуд. Вале… вале борон наборид. Аз охири моҳи феврал то оғози моҳи июн гоҳ-гоҳ борони андаке бориду халос. Дуруст аст, ки гоҳу ногоҳ шамоли тунде бархоста, абрҳоро дар ин ё он канори осмон ҷамъ мекард ва қатраҳои боронро ба рӯ мезад. Ва ҳамон дам ғайб мезаданд он қатраҳо. Аҷаб соле омад. Хушк, камбориш. Ва гандум авҷ накард, сарак шуд. Ҳа-а, соли вазнине. Ва ниҳоят, ҳосил пухта расид. Ва дарав карданд гандумро. Аз як замини бапаҳно ҳамагӣ шаш халта гандум гирифтанду халос. Ба як оилаи калон, ки ҳашт хӯранда дорад, шаш халта гандум чӣ мешавад? Рафт ҳамааш. Охирин халтаи гандумро як моҳ пеш орд карда хӯрданд. Баъд… баъд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мард дар фикри он афтод, ки чӣ кору амалеро думбол бигирад, то нон ёбаду фарзандонашро бихӯронад. Вай занашро чун дигарон ба бозор равон карда наметавонист, то савдо кунаду орд бихарад бо даромади ба дастовардааш. Бемор аст ҳамсараш. Касали кӯҳна.

Ва мард худ роҳи бозорро пеш гирифт. Як ароба ёфту аробакаш шуд. Ҳо, аробакаш. Хайр - чӣ, дигар он замонҳоеро, ки дар идораи ҷустуҷӯйи нафту газ (корхонаи геологҳо) коргар буду маоши хуб мегирифт, бо шуруи ҷанги бемаънию хонабарандози дохилӣ бебозгашт аз даст дод. Ҳолиё корхонаи азизаш бесоҳиб мондаву тамоми анҷому ҷихоз ва дастгоҳҳои зарурии онро ба яғмо бурдаанд. Ҳатто дару тирезаҳо ва қисмҳои оҳанини мошинҳоро кандаву бурида, ба хонаҳояшон кашиданд ва ё фурӯхта барои рӯзгузаронӣ «пул кардаанд». Афсӯс, дареғи рӯзҳои бафайзу саодатбахши даврони Шӯравӣ! Чӣ кӯтоҳию ношукрӣ гузашт аз бандаҳои носипоси Худованд. Ҳамакнун мард аз субҳ то шом бо ароба бор мекашиду колои харидаи одамони гуногунро мебурд то истгоҳ ё то назди мошинҳояшон. Ва ба ӯ ба ивази аробакашияш гоҳ сад, гоҳ дусад сӯм пул медоданд. Ин тавр ҳам мешуд, ки баъзе одамон ҳатто пул намедоданд, баръакс, ба сараш арбада бардошта, суханҳои қабеҳ мегуфтанд.

Чанд муддат ба-дин минвол кор кардаву маблағи ночизе ба каф оварда, гоҳе нон мехарид, гоҳ қадре орд. Ва аммо мард ҳис кард, ки ба сари танҳои худ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

вай ҳеҷ кор карда наметавонад. Бо пуле, ки ҳар бегоҳ ба хона меорад, шиками кӯдаконро сер кардан амри муҳол. Чӣ бояд кард? Ва ӯ ба хулосае омад, ки писараш Шамсуллоро низ ҳамроҳ мегирад. Дигар илоҷ надорад. Рост аст, ки Шамсулло харобу наҳифпайкар. Охир, бечора писараш нони серӣ нахӯрдаву шикамаш, ба қавле, ҳатто буйи нон нагирифтааст. Чашмонаш нигоҳи андуҳборе доранд, ранги рӯяш заҳир, хароб аст вай. Базӯр ба по рост меистад. Лек чӣ чора? Дигар касе нест, то муттакои мард дар зиндагӣ гардад. Не, мебарад Шамсуллоро ҳамроҳаш ба бозор.

…Аробаи дигаре ёфт вай. Акнун дукаса аробакашӣ мекарданд. Падар бо роҳи худ, писар бо роҳи худ. Ва бегоҳӣ, қабл аз ғуруби офтоб бо ҳам вомехӯрданд ва пули ҷамъшударо ҳисоб кардаю рақам зада, қадре орду равған мехариданд. Агар пештар мард ҳазор – якуним ҳазор сӯм меёфт, ҳолиё ҳамроҳ бо писараш Шамсулло ин маблағ гоҳо ба дуним – се ҳазор рафта мерасид. Аз нигоҳи мард зиндагияшон то ҷое беҳтар шудааст. Лекин… Шамсулло аз мактаб монд. Чанд муддат нарафт ба мактаб. Ва муаллимон суроғаш карданд. Куҷо шудааст Шамсулло? Охир, Ҳукумат ҳаст, қонуну қоида ҳаст. Шамсулло хонандаи мактаб аст, бояд хонад, синфи нуҳро ба поён расониданаш ҳатмист. Ба ташвиш афтоданд муаллимон. Ва рӯз дар миён меомаданд ба хонаи мард ва Шамсуллоро пурсон мешуданд. Роҳбари синфашон меомад. Муаллимон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

меомаданд. Мепурсиданд, ки куҷо бедарак аст Шамсулло? Модар ҷавоб медод, ки дар бозор аст вай.

- Чӣ кор мекунад дар бозор? – дафъатан тагковӣ мекарданд муаллимон.

- Аробакашӣ.

- Аробакашӣ? – ҳайрон мешуд роҳбари синф ва ба ғазаб меомад:

- Охир вай талаба аст, мефаҳмед? Боз хатмкунанда. Бегоҳ, ки омад, ба падараш фаҳмонеду саҳар роҳӣ кунедаш ба мактаб.

Вале… як саҳар чӣ, даҳ саҳар пушти сар мешуд. Шамсулло намеравад ба мактаб. Вай чун одат субҳи барвақт, ҳанӯз сапеда надамида бармехезад аз ҷогаҳи гарм ва ҳамроҳи падараш дилу бедилон равон мешавад ба шаҳри калон. Аз хоб сер нашудаю чойю нон нахӯрда.

- Дер мешавад, - норозигӣ мекунад падар. Ҳадаҳа рафтан даркор. Баъд дар бозор ягон чиз мехӯрем.

- Ота, охи… – гапаш дар даҳонаш нимкола мемонад. Падар бо ҷаҳл дод мезанад ба сари Шамсулло.

- Чӣ, чӣ?! Ту бояд ҳатман аз хона хӯрда равӣ? Намехоҳӣ рафтан – а? Гап зан, гап зан, рӯирост гап зан!

- Не, меравам, - хоболуд пушти сар мехорад Шамсулло

- Лекин…

- Чӣ лекин?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

-Лекин гушнаам. Бо шиками гурусна чӣ хел ароба мекашам?

- Ота…

- Хап кун! Бисёр нанол. Пеш даро! Ва боз ҳам зери лаб худ ба худ ҳарф мезанад падар ошуфтаю пурғазаб:

-«Шиками гушна, шиками гушна. Гӯё дигар одамон ҳай сер бошанд.

Чун ҳаррӯза мераванд ба шаҳр, ба бозор ва қарибиҳои шом бармегарданд. Хаста, парешонҳолу афсурда. Ва боз ҳамон гапро мешунавад мард аз ҳамсараш. Ва боз ба ғазаб меояд, дод мезанад, даст меафшонад. Ва боз Шамсулло, ки аз аробакашӣ китфонаш ба дард омадаанд, ҳайрон – ҳайрон ба падараш менигараду ба модараш. То кай давом меёфта бошад ин ғавғою моҷаро? То кай?! Ва рӯзи дигар директори мактаб бо роҳбари синфаш омаданд ба хонаи Шамсулло. Гуфтанду гуфтанд, ба шӯр омаданд, дафтар кушоданд, чизе навиштанд. Директор ба модари Шамсулло гуфт, ки дар зери навиштаи онҳо имзо гузорад.

- Ман чашми хат надорам, бачем, - фаҳмонд модари Шамсулло. –Чӣ хел имзо монам?

- Чашми хат надорӣ? – бо тааҷҷуб нигарист ба зан директор, ҷавони қадбаланди сабзина ва заҳрханде кард:

- Шумо дар вақташ нахондед, бесавод мондед. Ана, имзо гузошта наметавонед. Ин кам буд, ки…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Бачам, маро гӯш кун, - зорӣ кард зан. – Дар хоки пот садқа. Охир, зиндагӣ вазнин шудаву дар хона аз хӯрданӣ чизе надорем. На пиёз ҳаст, на картошка. Рӯған ҳам надорем. Отаву бача аз саҳар то шом аробакашӣ мекунанд, ҷон мекананд, ба чор тангаи ёфтаашон ягон гард орд мехаранду халос. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не.

- Магар танҳо зиндагии шумо вазнин аст? – кинояомез хитоб кард роҳбари синф. Мардум ҳама азоб мекашанд.

- Гапа бисёр накун, хола, - аз дафтари ғафси дасташ чашм баркандаву қаламро байни ангуштонаш бозӣ доронда гуфт директор. – Шӯта бегоҳ нағзакак мефаҳмонӣ. Пагоҳ, каллаи саҳар худаш Шамсуллоро гирифта мебарад мактаб. Агар набарад…

- Ҳо, агар набарад, - сухани директорро аз даҳонаш гирифтаву ӯро ҷонибдорӣ кард роҳбари синф:

- Вой бар ҳолаш.

- Бар ҳоли кӣ? – косаи чашмонаш аз ғазаб лабрез пурсид зан.

- Бар ҳоли шӯят, ҳафтафаҳм.

- Ин гапа ба худаш гӯен.

- Ба худаш ҳам мегӯем, лекин он вақт дер мешавад, - асабӣ шуда чӣ кор карданашро намедонист муаллим, роҳбари синфи Шамсулло.

- Чӣ кораш мекунед? Ҳаъ? – барошуфт модари Шамсулло. – Метарсонед?

- Чӣ кор мекунем? – ба суол суол дод директор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ба милиса медиҳем. Ба милиса! Онҳо таҳдидомез «мебинед, мебинед, шумо» гуфта баромада рафтанд.

Оҳ кашид зан аз паси онҳо ва ба сукут рафт. «Чӣ гап мешуда бошад? Меоянду мераванд, меоянду мераванд. Сиёсаташона бин. Ягон балоро бармехезонанд, бедардҳо».

Ва боз шомгоҳон баргашт шавҳари зан ҳамроҳи писараш аз бозори шаҳр ва боз чун одат рӯи суфа нишаст ӯ. Ва дурудароз ба саҳни ҳавлӣ дида дӯхт, панҷаҳояшро мушт кардаву ба зери манаҳаш сутун сохта. Гӯё он ҷо чизеро ҷустанӣ бошад. Ҳамсараш хомӯшу ором, ин тарафу он тараф ба кори хона андармон дил намекард, ки суҳбати пагоҳирӯзиро ба шавҳараш қисса кунад. Шамсулло нӯли чойники тунукагии нилфомро, ки чойи хунук дошт, ба даҳон бурда, нӯшиду нӯшид. Пасон равон шуд ба ҳота, то алаф бидаравад барои гову мол. Досро аз шохи себ гирифта, ба дами он чашм дӯхт. Кунд менамуд ба назар. Сари ду по нишаста, досро ба болои зону хобонда, қайроқ кашид.

- Чӣ ин қадар шарах – парах, шарах –парах мекунӣ? – норозиёна ғурунгос зад мард. - Ба гӯшам овози тир барин мерасаде. Хез, бас кун. Рав, тезтар алафа бидарав.

Шамсулло фаҳмид, ки падараш бағоят монда шудааст. Аҳвол вазнин. Имрӯз рӯзи бебарор будааст. Бор нест, харидор кам. Пули кироие ба даст наомад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва рафт Шамсулло даруни ҳота ва шуруъ кард ба алаф даравӣ.

- Имрӯз ҳеч кас наомада буд? - пурсид мард аз занаш.

- Намебиёянд - да, - бо тамасхур посух дод зан, ки дар кӯза оби ширгарм мерехт, то шавҳараш дасту рӯ бишӯяд.

- Омада буданд.

- Киҳо?

- Маълими Сайдуллову директор.

- Боз чӣ гуфтанд?

- Чӣ меган, бачатона ба хубию нағзӣ роҳӣ куне ба мактаб, набошад аҳволатон бад мешавад, - зан барои овардани дастмол рафт. Баъди лаҳзае хотирпарешон баргашт аз хонаи дарун.

- Ина бине, - ба дастмоли сари тор назар дӯхт зан. – Дар пеши чашмонам дар тор овезон асту ман хонаро кофта гаштаам. Чӣ балое шуда ба ман, ҳич ҳушам дар ҷояш нест.

Пас – он, батафсил сухбати байни худу директору муаллим Сайдуллоро нақл кард ва гӯё ба ин моҷаро нуқта мегузошта бошад, об дар чашмон оҳ кашид:

- Сиёсат карданд, ки шӯта ба милиса медиҳем.

- Кӣ сиёсат кард? – бо каҳр аз ҷойи нишасти худ - лаби суфаи айвон бархост мард. Дастони вай меларзиданд, пешонияш аз шиддати ғазаб пурчин мешуд.

- Кадомаш?

- Ҳам директор, ҳам муаллими Сайдулло.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Мебинем, мебинем, оқибати сиёсату дӯғу дарангашона…

Ва сари субҳи дигар боз бархоста, як луқма нон ба даҳон набурда, рафтанд ба шаҳр,ба бозор падару писар.

Ва боз қарибиҳои нисфирӯзӣ овози директорро аз назди даричаи чӯбин шунида, модари Шамсулло парешону дилтанг дастони хамиролудашро шуста, карсонро каноре тела дода, бархост аз ҷо.

«Боз омаданд. Эҳ, ҳеҷ аз инҳо халос намешавӣ. Як бор не, ду бор не, чандин дафъа шуд, ки меоянду асли ҳолро фаҳмида мераванд. Ба ҳоли мо мурғони ҳаво мегирянд. Инҳо дил надоранд магар?»

Банди андеша ба назди дарича, ки аз вазиши бод пешу қафо рафта, ғичирросзанон садо мебаровард, расидани худро нафаҳмида монд зан.

Он ҷо вай директор, роҳбари синфи писараш ва милисаро, ки як ҷавонмарди фарбеҳи чашмкабуди папкабадасте буд, бидиду шах шуд дар ҷояш.

«Ба милиса хабар додаанд. Инҳо ҳазлу шӯхӣ надоранд ба Худо. Чӣ балоеро ба сарамон охиру оқибат меоранд.

Оҳ, Худо, Худоҷон»

- Биёен, биёен, дароен ба хона, - ба пешвозашон баромад модари Шамсулло ва як лаби рӯймолашро таҳи дандон гирифта афзуд:

- Бидароен, марҳамат.

- Мо вақт надорем, - бо лаҳни тунд ва оҳанги хашин хитоб кард директор ва пурсид:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Шамсулло канӣ?

- Шамсулло… Шамсулло, медонен – ку…

- Мо ҳеҷ чизро намедонем. Хуб масхарабозӣ кардед, бас!

- Охи, гуфтам – ку, - тарсидаву ларзида пичиррос зад зан. – Дар бозоранд онҳо, дар шаҳр.

- Шӯят ку? – ин дафъа милиса ба гап ҳамроҳ шуд. – Ба мо шӯят даркор. Вай папкаашро кушода, як варақ коғази сафедро берун кашид. Зан ҳаросон, гоҳ ба милисаи бадқавоқ, гоҳ ба директор ва гоҳ ба роҳбари синфи Шамсулло чашм дӯхта, ниҳоят, сар хам кард, ба пеши пояш нигоҳ афканда, хаёлан шавҳарашро дар дил сарзанишу мазаммат мекард, ки ҳай гарданшахи якрав аст. Як бор гапи ҳамин одамонро гӯш намекунӣ? Хайр, бозор намеравamу ҷавоби инҳоро кӯтоҳ мекунам. Як рӯз бозор наравӣ, дунё чаппагардон мешавад? Бимон, ки як рӯз мову фарзандонат гушна монем, гушна бихобем. Ана, боз омадаанд. Болои сӯхта намакоб, милиса ҳам овардаанд. О, мардаки хона бошиву… Эҳ, хок бар сари сахтам!

-Шӯт канӣ, мегӯям? – дубора дод зад милиса. - Карӣ? Намефаҳмӣ?

- Шум дар бозор.

- Дар бозор?

- Ҳо, бачам, дар бозор.

- Ҳм – м, бачат дар бозор, шут дар бозор, - ришханд кард милисаи чашмкабуд, ки нигоҳаш ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

назари зан лоқайдона менамуд. – Худат ҳам нарафтӣ ба бозор? Мерафтӣ.

- Бачам, - имдодхоҳона овоз баланд кард зан. Вай гӯё гунаҳкори азиме буд, ки ба даст афтода бошад. Мепурсанд, дод мезананд, истинтоқ мекунанд, вай бояд ҷавоб бидиҳад, узру далел орад.

- Бачам, ман ҳамаашро ба ҳамин директору муаллимонаш фаҳмонда будам. Охи, чӣ кор кунам? Куҷо равам? Ина, шумо бигӯед.

Баъд зан бо алам идома дод ба суханаш. Гуфту гуфт. Чӣ мегуфт? Аҳволи зорашро ба ин се нафар фаҳмондан мехост. Мегуфт, ки орду нон надоранд. Дар бораи рӯғану сабзию пиёз ва картошка ҳоҷати гап нест. Фарзандонаш либоси гарму бадоштро фаромӯш кардаанд.

- Бовар кунен, - ба умед ба онҳо нигарист зан. - Шиками кӯдакҳо бӯйи нон намегира. Охи, чӣ кор кунем? Сари зиндаро ба гӯр бурда нашава.

Милиса бепарво дар коғази сафед, ки рӯйи папкааш гузошта буд, чизе менавишт. Менавишту менавишт. Гӯё вай барои дарду азобҳои ин хонадонро дар варақ сабт намудан ба ин ҷо омода бошад. Оқибат варақро бардошта, дафъаи дигар ба он бо диққат чашм давонда, милиса овоз баровард:

- Гапҳота гуфта шудӣ? Тамом?

- Ҳо, бачам, чӣ хел кунам,охи…

- Чи хел мекунӣ? Шӯт ба сараш ҷавоб медиҳад. Фаҳмо?

Вай коғазро ба зан дароз кард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Имзо мон!

- Имзо? - тааҷҷуб кард зан ва нигоҳашро гурезонд. - О, пареррӯз дар як коғаз ҳамин директор «имзо мон» гуфта буд.

- Имзо намонда будӣ – ку, - шиддат кард директор ва норозиёна илова кард:

- Боз забонат дароз, гап мезанӣ.

- Бачам…

- Ҳич хел бачам – мачам не, - даст афшонда хурӯшид милиса. – Мана ручка, тез, ҳо, дар ҳамон поёни коғаз имзо мон. Мо ин ҷо бо ту ҳафту ҳашт карда намешинем. Ку, зудтар.

- Ман чанд бор гуфтам, ки чашми хат надорам.

Милиса асабӣ шуда, теғи нигоҳ ҷониби зан кашид.

- Баҳона наков. Тезтар имзо кун.

- Бачам…

- Ман ба ту бо забони тоҷикӣ фаҳмонда истодаам, ки ба нағзӣ имзо мон. Фаҳмидӣ?!

Зан дар аъроф монда буд. Сараш аз фикру андешаҳои зиёди азиятовар ба дард омада буд.

- Тезтар имзо мон! – ҷаҳл кард милиса. - Меистем ҳамин хел. Э…

- Ҳа, чӣ ба хаёл рафтӣ? – маломатомез ба зан нигарист директор.

- Мон имзо!

- Ҳадаҳа кун, - луқма партофт роҳбари синфи Шамсулло низ.

- Имзоро мон, ҷонат халос.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Очаи Шамсулло» дар поёни коғаз ҳарфи авали исмашро (вай Моҳбибӣ ном дошт) навишт. Як ҳарфи «М» ва аз болояш хате кашид.

- Хooб, - мад кашида гуфт милисаи «кабудчашм». -Имзо мондӣ?! Нағз. Акнун давоми гапро гӯш кун.

Вай варақро ба даруни папка гузошт. Модари Шамсулло эҳсос кард, ки пойҳояш меларзанд.

«Чӣ гап мешуда бошад?»

- Гап ҳамин, - такрор кард милиса. - Ба шавҳарат мегӯӣ, ки пагоҳ ба шуъбаи мо равад.

- Кадом шуъба? – нафаҳмид зан.

- Ту ба шӯят бифаҳмон, вай худаш медонад роҳи шуъбаро. Фаҳмидӣ?

- Ҳо,бачам.

- Агар дар шуъбаи милиса ҳозир нашавад…

Милиса лаҳзае сукут ихтиёр кард. Ба назар чунин мерасид, ки вай бо суханони воҳимаангези худ занро тарсонданист.

- Агар наравад, гуфтама, ба сараш бозӣ мекунад. Дар пеши қонун чавоб медиҳад, тамом.

- Кадом қонун, бачам?

- Қонуни Ҳукумат, ҳафтафаҳм!

Зан эҳсос мекард, ки торафт бемадор мегардаду сараш чарх мезанад, дилаш беҳузур мешавад. Ларзаи пойҳояш зиёдтар гардида, ҳамин ҳоло меафтад рӯйи замин. «Эҳ, Худо, кай пурсишҳои ин бехабарҳо тамом мешуда бошад? Хамир дар карсон кайҳо туруш шудагист».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net мурочиат кунед

- Ана, ҳамин хел, - баргаштаву аз дарича баромадан замон таъкид карданд директор, милиса ва муаллими Сайдулло.

- Охирин бор огоҳ кардем. Дигар намеояд ҳеҷ кас ба дари хонаи шумо.

Зан «хайрият, хайрият, ки рафтанд», - гӯён базӯр пойҳояшро кашола карда, то назди хона расид ва лаби суфа нишаст…

…Шомгоҳон баргаштанд чун ҳаррӯза падару писар аз бозори шаҳр.

Бедимоғу парешонавзо аз дар даромаданд. Кас ба чеҳраи ғамзадаю нигоҳи маъюсонаи онҳо нигариста, пеши худ тахмин мезад, ки бо падару писар чӣ воқеае рӯй додааст. Ва воқеан, мард сатили холии рӯи роҳрав бударо як лагад зад, ки садои тараққоси он занро як қад паронд.

«Боз чӣ гап шуда бошад?» Зан даршаст аз оғил берун баромад. Падари Шамсулло дастҳо паси пушт, бадқаҳрона ин тараф - он тарафи саҳни ҳавлӣ қадам мезад. Бас беқарор ва дар изтиробу ҳаяҷон буд.

Зан суоломез ба ӯ нигарист:

- Чӣ гап, отаи Шамсулло? Тинҷӣ ё…

- Тинҷӣ аз куҷо? Ҳама кора бало зад.

- Чӣ хел? Ку созтар бифаҳмон.

- Эъ…

Алами мард зӯр буд. Магар кори осон аст? Рӯзи дароз бе танаффус бор кашониву омада – омада ба қавле, «ду даст дар бинӣ» бо дасти холӣ ба хона баргардӣ? Ҳамааш дарди бахайр. Лекин ба туҳмат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гирифторат бикунанд, ба кӣ ва ба куҷо арзу шикоят мебарӣ? Ба ӯ чӣ шуд?

Воқеа чунин рух дода буд.

Дирӯз мард молу колои як – ду нафарро бо аробааш то истгоҳ бурда расонду баъд бекор монд. Дақиқтараш, дигар корафтодае пайдо нашуд. Хеле ба умед ба одамон нигаҳ карду нигаҳ кард. Рӯз ба чоштгоҳ наздик мешуд.

«Наход, ҳеҷ кас наояд – а? Чӣ гап шуд?»

- Ҳой, аробакаш, - овозе ӯро ба худ овард.

- Хобат бурдааст магар? Хез, биё, кор ҳаст.

Мард сар бардошта, дар рӯ ба рӯяш ду марди яке тақрибан 40-45- сола ва дигаре 50-55-соларо, ки дар тан либосҳои наву хушдӯхт доштанд, бидид, ки хандида ба ӯ маътал буданд.

- Куҷо ҳай кунам аробаро? – пурсид мард.

- Аз қафои мо биё, - амр карданд он ду тан.

- Орд мебарӣ.

- Орд?

- Ҳо, орд.

Аз фурӯшгоҳе як халта орд хариданд онҳо. Падари Шамсулло ордро ба ароба бор кард.

- Акнун ба гапи мо гӯш кун, - ба мард муроҷиат кард яке аз он ду нафар, ки нисбатан ҷавонтар буд.

- Ҳамин халтаи орда гирифта мебарӣ ба паси муассиса.

- Кадом муассиса? – ба тааҷҷуб афтод падари Шамсулло.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Аз роҳи бозор он тараф мегузарӣ, рӯ ба рӯи бозор бинои боҳашаматеро мебинӣ. Ҳамон муассиса аст. Дар паси ин бино нонвойхонаи мост.

Ордро бурда ба ҳамон нонвойхона мерасонӣ. Фаҳмидӣ?!

- Фаҳмидаму… - бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд падари Шамсулло. –Лекин…

- Чӣ лекин?

- Шумо намеравед ҳамроҳи ман?

- Не, мо кори зарур дорем. Ту орда бурда расон, тамом. Ё метарсӣ? – дар лаб ханда пурсид марди миёнаумре, ки 50-55 - сола ба назар мерасид ва ба ӯ пул дароз кард:

- Ана, ҳаққи хизматат.

Ва қадам зада дар як лаҳза аз дари поёни бозор баромаданд. Ҷойи фикру андеша набуд. Ҳа, охир, ҳамааш аниқ, ба ӯ бовар кардаанд. Аробаро телакунон ба роҳ даромад мард. Аз роҳи асосии мошингард гузашта, ба назди муассиса расид. Аз чанд роҳгузар пурсон шуд, ки нонвойхонаи паси бинои ин муассиса дар кадом самт вокеъ гардидааст? Онҳо китф дарҳам кашида, посух медоданд, ки вуҷуд доштани нонвойхонаеро дар ин гирду атроф нашунидаанд. Шояд аробакаш саҳв карда бошад?

«Чӣ хел, - ҳайратзада худ аз худ мепурсид вай. - О, ҳамин ҷо нонвойхона ҳаст, гуфтанд». Падари Шамсулло пакару парешон ва тааҷҷубзада гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба тарафи дигари бинои баланду боҳашамат менигарист. Чӣ кор кунад? Чаро ягон роҳ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net мурочиат кунед

ба назар намерасад, ки ба воситаи он ба паси муассиса гузашта шавад?

Ё кӯчаи дигаре дар кадом самт мавҷуд асту ӯ аз он хабар надорад? Ногаҳ ба сараш фикре омад, ки ин қазияро аз милисаи дарбони идора пурсон шавад. Милиса дар назди дари бино рост истода, ба марду аробаи ӯ менигарист. Маълум, ки аробакашест аз деҳае омада ва кӯчаю хиёбон ва ҷодаҳои шаҳрро намедонад. Ордро ба куҷо мебурда бошад? Ва чаро гарангу даҳонво ин ҷо қарор гирифтааст? Падари Шамсулло дар навбати худ қадам зада ба милиса наздик шуд, саломаш дод. Дар бораи нонвойхона гап кушод.

- Нонвойхона? – гӯё тааҷҷуб намуд милиса, ки чашмонаш «бозӣ» мекарданд. – Дар ин ҷо хеҷ хел нонвойхона нест.

Чӣ хел набудааст? Охир, онҳо гуфтанд, ки…

- Чӣ гуфтанд?

- Гуфтанд, ки, - ба суханаш идома дод мард, - мебарӣ пеши ҳамин муассиса, дар пушти он нонвойхона ҳаст. Ба ҳамон нонвойхона месупорӣ орда.

- Медони – чӣ, - ба сар то пойи падари Шамсулло нигариста, нигоҳаш беқарор хитоб кард милиса. _ Гап ҳамин. Халтаи ордро ба ман супор . Биёр халтаи орда. Ҳеҷ куҷо гум намешавад.

- Ин чӣ хел мешавад? – забон хойид мард. Боз дар бало намонем. Амонат аст ин халтаи орд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Аз ин боб хотирҷамъ бош, - дилпур кард ӯро милиса. - Парво накун. Шояд дар ин наздикиҳо нонвойхона бошад. Ростӣ, ман намедонам. Хайр, кофтанду суроғ намуданд, аз ҳамин ҷо гирифта медиҳем ба онҳо халтаи ордро. Лекин агар нахоҳӣ, ихтиёрат. Овораю саргардон мешавӣ. Фикр карду фикр кард падари Шамсулло ва бо андешаи он ки вақт беҳуда наравад, оқибат ба маслиҳати милиса розӣ шуд.

Ва онҳо дукаса халтаи ордро бардошта, аз дари идора дарун дароварда, ба кунҷе гузоштанд.

Падари Шамсулло ба милисаи хароби қаддароз суоломез нигарист:

- Тамом?

- Тамом! – бо қатъият ҷавоб дод хароби қаддароз, ки нигоҳи чашмонаш аз чӣ бошад, ба мард маъқул нашуд.

Ин воқеа дирӯз рух дода буд. Имрӯз бошад…

Пагоҳӣ аз дари бозор даромадан замон соҳибони халтаи орд – он ду мард аз пешаш баромаданд. Маълум буд, ки онҳо кайҳо боз ӯро интизорӣ мекашидаанд дар ин ҷо.

«Чӣ гап бошад?»

- Ту орда дина куҷо бурдӣ?

Падари Шамсулло аз ин суоли онҳо ҳайрон монда, дар ҷояш такон хӯрд.

- Чӣ хел ба куҷо? Ба ҳамон ҷо…

- Ҳмм… - заҳрхандае даври лабони онҳо печид. – Мо ба ту бовар кунему ту бошӣ…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Вай бадтар дар шигифт монд. Дилаш аз кадом як воқеаи нобобу нохуш раг мезад.

- Ман ба ҳамон канторaи болои бозор будагӣ бурдам ордро, - гӯё дар назди ин ду мард ҳисобот медода бошад, фаҳмонд мард. – Лекин…

- Ту гӯш кун. Гапа ғоз нате. Мо бегоҳӣ ба нонвойхона рафтем. Ордро гирифтӣ? – пурсидем аз нонвой.

-Не, кадом ордро мегӯед? – тааҷҷуб кард нонвой. Баъдан тавзеҳ дод, ки ягон аробакашу ҳеҷ гуна халтаи ордро надидааст. Мефаҳмӣ, вай қасам хӯрд ҳатто.

- Рост, - хаёломез гуфт падари Шамсулло. Ман нонвойхонаи шумо гуфтагиро наёфтам. Баъд…

- Чӣ «баъд»? Ордро куҷо бурдӣ? Фурӯхтӣ ба ягон касу пул кардӣ ё ба хонаат бурдӣ – а? Эҳ, ҳилагар, ҳаннот.

- Не, Худо нишон надиҳаде. Орда ба милиса додам.

- Ба милиса? – нигоҳи он ду тан чунон пурҳайрату бадвоҳима гашт, ки гӯё ҳамин ҳоло аз ҳадақаашон мебаромада бошад. – Ба кадом милиса?

- Милисаи дарбон. Дарбони «кантора»

- Барои чӣ ба милиса додӣ? Охир, вай чӣ дахл дорад ба халтаи орди мо?

- Намедонам. Вай, милисаи дарбон гуфт, ки ордро оварда дар дохили ҳамин бино гузор.

- Кадом бино? – шӯрид марди калонсолтар, ки паёпай сигарет дардода, бадқаҳрона ба падари Шамсулло назар медӯхт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Бинои… вай, чӣ буд, эҳ… – мард аз чунин ранг гирифтани кор саросема шуда, худро гум карда буд, инак, сухан меҷуст.

- Бинои муассиса.

- Ҳо, ҳо.

- Хуллас, мо ҳамаи инро аниқ мекунем, лекин ту кора расво кардӣ, - гуфтанд соҳибони халтаи орд бо оҳанги таассуф ва таҳдид карданд:

- Агар ёфт нашавад, товонашро медиҳӣ!

Мард аз ин хабари нохуш ва фалокатзо гӯё ақлашро бохта бошад, чизеро фаҳмидаву тафсир карда натавонист.

- Чӣ хел товон? – пурсид вай.

- Пули як халта ордро оварда, бо ду дасти адаб ба мо месупорӣ, - овози ҷавонмарди дигарӣ ба гӯши Шамсулло нохуш расид:

- 28000 сӯм. Фаҳмидӣ? Акнун пеш даро. Рафтем ба ҳамон ҷо. Ку асли ҳодисаро фаҳмем.

Шамсулло бо тараҳҳуму дилсӯзии амиқ ба падараш чашм медӯхт ва дилашро ҳузни ноаёне дар панҷаи худ мефишурд. Аз тарафи дигар, гуруснагӣ… Вай, охир. гурусна аст. «Шикамаш дутор навохта истодааст». Эҳа, ба кӣ мегӯӣ ? Аммо инҳо…

- Ман ҳамин кора аниқ кунам, даррав меоям, - дилпур кард писарро падар ва ба Шамсулло фаҳмонд, ки то баргашта омадани ӯ бо аробааш молу колои одамонро кашондан гирад. – Лекин бо эҳтиёт бош, бачем. Ҳа-а, дидӣ-а, дар як дам чӣ гапу корҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

рух додаст. Ба вазорат омаданд. Ёфтанд милисаро. Падари Шамсулло ба сари мақсад омад .

- Ман орд – порда надидаам, - гарданкашӣ оғоз кард милисаи харобандоми қаддароз ва даст афшонд:

- Ман милисаам. Орди шуморо қаравулӣ намекунам.

Падари Шамсулло аз ин бешарафии милиса батамом дар ҷояш шах шуд.

«Ё тавба, - аз дил мегузаранд вай. Ба ин одам чӣ шудааст – а? Охир, худи дирӯз халтаи ордро гирифта ба даруни бино даровcovered, гӯшае гузоштанд. Ман ҷавобашро медиҳам, гуфта буд».

- Ту мардӣ? – якбора оташин гардид падари Шамсулло. Ва ҷаҳлаш боло хеста афзуд: - Йигит ҳастӣ?

- Хайр? Чӣ мехоҳӣ?

-Қасам хӯр, канӣ? Ку, сари даст бидеҳ, ки халтаи орда надидаӣ?

Соҳибони халтаи орд радду бадал ва сухангӯйиҳову бигӯ – магӯи он ду танро мушоҳида карда чизе намегуфтанд. Тамошобин барин.

- Хайр, шуд, шуд, - саҳл ором шуда, носеҳӣ оғоз кард милиса. – Ин қадар аррас назан, маззаро аз қайла нагузарон. Ин ҷо ягон оғилу сарой не, бинои идораи ҳукуматӣ аст. Аз кадом гӯшаи кӯҳистон меоянду даҳонро мисли деги маърака мекушоянд. Намегӯянд, ки ин ҷо шаҳр аст, пойтахт аст. Тавба, тавба. Ва баъд, дурудароз фаҳмонд, ки дар ҳақиқат, халтаи орд дар кунҷи бино мехобид. Аммо вай хабар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

надорад, ки куҷо шудааст халтаи, аз қавле, «дарди сар».

- Ман ба орд даст нарасонидаам, - норозиёна ғурунгос зад милиса.

- Намедонам, намедонам. Ана кору мана кор. Ғами ин мардака бихӯру боз дар бало бимон. Худат гуфтӣ, ки орда пеши фалон муассиса бар, амр кардаанд ба ту. Ман хаёл кардам, ки орди ягон корманди ҳамин даргоҳ аст. Гирифта мондам, ки соҳибаш пайдо мешудагист.

Милиса хамёза кашид, даҳонашро калон кушода. Рӯяшро молиду молид.

- Сабил, аз хоб мондем, - боз хамёза кашид даҳонашро калон кушода. - Аҳ-ҳ, шаби дароз чашмонат мулӯҳ бедорӣ, бехобӣ – ганда. Ҳа – а…

Ва моҷаро шиддат гирифт. Падари Шамсулло мегуфт, милиса мегуфт. Падари Шамсулло оламу одамро фаромӯш карда буд.

- Халтаи орда ёфта медиҳӣ! – мегуфт баланд – баланд вай. - Ту медонӣ, охир, ман ба ту супурдам онро.

- Ба умед шав, - киноя мезад милиса.

- Меёфтаам- а! Ман боз ба ту мефаҳмонам, ки қаравули халтаи орди ту нестам.

- Меёбӣ!

- Э, бисёр дод назан.

- Меёбӣ. Ман ин кора ҳамин хел намемонам.

- Рав, рав. Ба куҷое, ки шикоят мекунӣ, кардан гир.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Мард аз ин «ходаи қоқ» чизеро умедвор нашуда, аз дари идора баромад. Дилаш номуназзам метапид, гӯшҳояш ғуввос мезаданд. Алами бепоёне дилу ҷигарашро месӯзонд. Вай меандешид, ки чӣ рӯзи баде ба сараш омадааст. Ё дирӯз рӯи ягон наҳсро дида буд? Ба ҷойи фоида, зарар.

Каму ғам не, 28000 сӯм – а! Аз куҷо меёбӣ? Аз куҷо? Не – е, вай то охир такудав хоҳад кард. Ҳақро ба ҳақдор мерасонд. Лекин дар ин солу замона пеши кӣ меравад? Эҳа, кӣ ҳам гапи ӯро гӯш мекунаду ба додаш мерасад? Кӣ? Худоё… Вай карахту хаёлманд ҳамроҳи он ду нафар роҳ ҷониби нонвойхона гирифтанд. Девори сементие тӯл кашида буд дар паси бинои боҳашамат. Аз роғи девор, ки як одам аз он базӯр гузашта метавонист, ба саҳни ҳавлӣ ворид шуданд. Ана, дар ҳамин ҷо, дар гӯшае падари Шамсулло хонаи фарсудаи сафедранги куҳнаеро бидид, ки дар болои ягона тирезачаи бозаш «Нон» навишта шуда буд.

- Дидӣ? – ба ӯ нигариста хитоб кард яке аз ҳамроҳон. – Ана, ҳамин бинои назарногир нонвойхона аст. Ту бошӣ…

Дигар чӣ шуду чӣ монд, аранге дар ёд дорад падари Шамсулло.

Хуллас, ба гарданаш бор карданд: 28000 сӯм.

- Ба ту муҳлат медиҳем, - оромона гуфтанд ба ӯ.

- Аниқ кун, фаҳмида гир, куҷо шудааст халтаи орд. Сахт гир, милисаро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ман ин корро ҳамин хел намемонам. Аниқ мекунам.

- Ҳо, он тарафаш кори ту. Лекин ҳоло товони халтаи орд дар гарданат.

… Ана ҳамин гуна воқеае рӯй дод. Воқеаи чӣ, даҳшат, рӯзи сиёҳ, меандешид мард. Ғам болои ғам омад.

… Инак, вай тамоми ҳодисаи рухдодаро ба занаш нақл карда, ба сутуни пешайвон такя карда менишаст. Гурусна буд, лек дилаш чизе намекашид. Зиқу дилтанг буд, чунон зиқ ки… хаёлаш, ки дилаш ҳамин ҳоло мекафида бошад. Пеши чашмонаш панҷ рақам ҳувайдо мегардид: 28000

«Сабил, дар балои азиме гирифтор шудам – а!»

Ҳамсараш лаб газида чизе нагуфт. Баъдтар, даме ки хӯроки шом хӯрда, телевизор тамошо мекарданд, якбораву нохоста чизе ба ёдаш расидагӣ барин, мард гӯё дар омади гап аз зан оромона пурсид:

- Имрӯз «ғам надоданд?»

- Чӣ хел «ғам»? – нафаҳмид зан.

- Аз мактаб дигар ҳеч кас наомада буд, мегӯм? - хотиррасон кард мард ва хаёлманд илова намуд:

- То кай меоянд? Охир, ҳама кор ҳадду ҳудуд доштагист…

Зан лаб фурӯ баст. Меҳаросид, балки ба ташвиш афтода буд, ки чӣ тавр омадани директору муаллим Сайдулло ва… милисаро ба падари Шамсулло гӯяд. Ба болои ин воқеаи нохуш, ҳамин хабар, ки «милиса омада буд» намерасид. Чӣ лозим? Лекин…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Наомада буд ҳеҷ кас? –дубора пурсид мард ва тараддуди сар ба болин гузоштан кард.

- Чӣ пинҳон кунам, - ғамгин афзуд зан. - Омада буданд.

- Кӣ?

- Кӣ меша? Директор, роҳбари синфи Шамсулло… боз милиса.

- Милиса омада буд? - аз ҷояш парида хеста аз наздик ба чашмони зан назар дӯхт мард.

- Наход? Чӣ гуфтанд?

- Туро пурсиданд.

- Хайр?

- Милиса гуфт, ки пагоҳ шавҳарат ба пеши онҳо равад.

- Чӣ хел «пеши онҳо?»

- Ман чӣ донум, - ғур-ғур кард зан. - Ҷойи кори милисаҳо. Набошад…

- Чӣ «набошад?»

- Ҷазо медиҳанд.

Зан сар ба зер афканда хомӯш монд.

Хоб аз чашмони шавҳар парид. Вай директорро ном гирифта, ҳақорату дашномборон мекард.

- Ҳамааш кори ҳавай, - димоғаш сӯхтаву бо ғазаб сар ҷунбонд мард. - Милиса овардааст. Овардан гир. Ман ба ту нишон медиҳам милисабиёриро. Лаҳзае ба хаёл рафт. Аммо аламаш тадриҷан зӯртар мешуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Бас, бас, - пичиррос мезад вай, то ҳамин рӯз тоқат кардам. Ҷонамро ба ҳалқам оварден. Мебинед, ҳо, ҳо! – ва ба Шамсулло нигарист.

- Пагоҳ намеравем ба бозор. Рафта ба онҳо кӣ будани падаратро нишон медиҳам. Ҳоло шаттаи гови мурдагиро нахӯрдаанд онҳо. Мебинем, мебинем…

Занаш ларзид. Вай медонист, ки ғазаби шавҳараш ояд, ӯро касе нигоҳ дошта натавонад.

«Қаҳраш бисёр ганда. Пагоҳ дар мактаб ягон балоро аз сар накунад боз? Эҳ, Худоҷон…»

***

Пагоҳӣ, пас аз ноништо падари Шамсулло пурғазабу бошитоб аз дар баромад.

- Ман ба ин директор нишон медиҳам, - ғур – ғур мекард вай. - Ҳо, ҳо, мебинем. Милиса овардӣ? Тарсондӣ?

- Отаи Шамсулло, - аз қафо садо кард занаш. Имдодхоҳона буд овозаш. - Ҳо, отаи Шамсулло!

- Ҳа, чӣ мегӯӣ?

Мард ба думболаш нигарист.

- Отаи Шамсулло, биё, мон онҳоро, - илтиҷо кард зан. - Ягон гапи зиёдатӣ нагӯӣ? Ҷангу ҷанҷол набардорӣ? Дилам…

- Чӣ «дилат?»

- Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ягон ғавғою дилсиёҳӣ рӯй медиҳад. Хобҳои парешон дидам шаб.

- Рав, рав, - амр кард мард. – Рав, ба хона. Ин тарафаш кори ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Миёнаҳои тирамоҳ буд. Ҳаво андаке сард. Шамоли ғуборолуде мевазид. Осмон тираву абрнок. Аз офтоб дарак нест Боз воқеаи бозор ба ёди мард омад. «Чӣ бояд кард? Аз куҷо ёбад 28000 сӯмро? Маблағи калонест. Ё қарз гирад? Эҳ, дар ин солу замон кӣ қарзат медиҳад. Чора нест,ягона ғуноҷинро, ки ба умеди як коса шири ҷонвар ҷон коҳондаву азоб кашида, дилаш намешуд, ки фурӯхта зиндагиашонро беҳтар гузаронанд, ба бозор мебараду ба савдо мезанад.

Аз чӣ бошад, аъзои бадани мард меларзид. Махсусан, дастонаш. Духтаракону писарон дар саҳни мактаб ҷамъ шуда, як гурӯҳ байни ҳам суҳбат мекарданд, бархе машғули бозие буданд. Посбони мактаб Саидризо хареро аз ҳотаи дабистон ҳақоратқунон ба берун пеш мекард.

Падари Шамсулло бо шаст дари идораи муаллимонро кушода, ворид гардид. Аммо…

Аммо вай намедонисту ҳатто ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеовард, ки ҳамсараш ҳазорон фикру хаёл дар сар, афтону хезон, ҷигар кабобу чашм пури об бо роҳи дигар, аз байни мазори деҳа бо аҷала қадам зада, масофаро аз хона то дабистон мухтасар карда, аз «соҳиби сараш» пештар ба мактаб мерасад.

… Мард эҳсос мекард, ки аъзои баданаш зиёдтар меларзад. Лабонаш пир – пир парида, хун дар рагҳояш ба ғалаён омадааст. Вай салому алейкро нася гузошта, муаллимонро як – як аз назар гузаронд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ва… директорро дид, ки китобе дар даст рост истодааст. Директор аз авзои парешони мард пешомади бадеро ҳис карда, бо вуҷуди ин, худро орому ботамкин нишон додан мехост.

Ва воқеан ҳам, мард даршитоб ҷониби директор қадам гузошт.

- Ҳа, хӯҷаини мактаб! – хитоб кард вай. - Ту ба сари ман милиса овардӣ? -Милиса?! Ана, бигир, ана ба ту, - гӯён хост ба рӯйи директор мушти обдоре фароварда, оташи ғазабашро паст кунад, вале… Вале нохоставу ногаҳонӣ панҷаи нарми камқуввате мушти гиреҳхӯрдаи мардро аз ҳаво дошт:

- Отаи Шамсулло, отаи Шамсулло, ба худ биё! Астағфируллоҳ гӯй, гардани шайтона шикан. Охир, дунё ба умед гуфтаанд. Ҳамаи корҳо ба некӣ меанҷоманд. Ҳушатро дар ҷояш мон. Ҷон, мардак, шарманда накун худата. Вазнин шав, санги вазнинро об набурдааст, мегӯянд. Дар хоки пот садқа, отаи Шамсулло.

Мард аз ин воқеаи ногаҳонӣ, аз куҷое пайдо шудани ҳамсараш, суханони насиҳатомезаш ва чашмони пурашку пайкари ларзони ӯ дасту по хӯрда, як лаҳза чун дар навори синамо ба чеҳраи директору муаллимон ҳайратзада бингариста, дилаш ба ҳоли зан сӯхт ва беихтиёр дасташро, ки суст шуда буд, ба қадаш сар дода, оҳ кашид.

- Ҳамин шӯру ғавғо чӣ лозим? – гуфт директор ва китоби дасташро рӯйи миз гузошта афзуд: - Мо ҳам ақл дорем. Аз пагоҳ писаратон Шамсуллоро ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мактаб равон кунед. Об ба лаби ҷӯй баробар мешавад…

Падари Шамсулло даст афшонда, чӣ гуфтанашро фаромӯш карда, аз дари дафтари муаллимон берун шуд. Зан аз думболаш.

Мард қадам мезаду қадам мезад. Як эҳсоси мағшуш фаро гирифта буд ӯро. Вай дарк мекард, ки зиқ шудааст. Дар тӯли умраш бад-ин ғоят ғамгин нашуда буд.

«Сабил, - пичиррос зад вай, -ҳамин ғазабу қаҳра ҳеҷ партофта натавонистам. Эҳ…»

Вай қадам мезанад. Чизеро пайхас намекунад. Намебинад, ки офтоб рух намудаву абрҳо тунук шудаанд. Ҳис намекунад, ки шамол ҳам дигар чангу ғуборро ба ҳаво намехезонад. Аз кадом хона садои гиряи кӯдаке баланд мешавад, ки ба гӯшаш намедарояд. Не, вай банди хаёлҳои пуразоб аст. Халтаи ордро мебинад, дар пеши чашмонаш, милисаи фитнагари нигоҳаш беқарори бозингарро ва бозори серғавғоро.

Ва яке тайи гӯшаш, Худо медонад аз куҷо, овози соҳибони халтаи ордро мешунавад:

- Товони орда медиҳӣ! Фаҳмидӣ? 28000 сӯм!

- Ҳар чӣ бодо бод! Бо ғам хӯрдан мушкилат осон намешавад, - мегӯяд вай дар дил. Ғуноҷинро мебарию мефурӯшӣ.

Мард ба хонааш наздик мешавад.

Фикре ногаҳон мағзашро такон медиҳад;

Дирӯз орд наоварда буд. Дар хона орд бошад?..



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## РАНҶИШ

Ҳамеша чун дар воқеият ба хобам медарояд падарам. Бо ҷалолу шукӯҳе, ки хоси ӯст, бардам-бардам қадам зада, мустақиман сӯйи ҳота мешитобад. Ҳеҷ боварам намеояд, ки падарам зинда аст, дар бар куртаи кабудчатоби рангбохта, шими бадошти муқаррарии замони Шӯравӣ дар тан, дар банди дасташ соати одӣ. Нигоҳаш бас рамузгиронаю то ҷое норозиёна.

- Падар! – садо мезанам сӯяш. - Магар ин шумоед? Наход, ки…

Вай оҳиста қафо менигарад.

- Ҳо, ин манам, - мегӯяд тааҷҷубомез, падарат ҳастам. Чӣ, боварат наомад, бачем?

- Намедонаму лекин, охир… Ҳеҷ кас ёд надорад, ки аз ҷумлаи рафтагони ин роҳи дароз нафаре ба ин олами фонӣ баргашта бошад, - дар омади гап гӯё файласуфона фаҳмонданӣ мешавам ҳақиқати бебаҳсро.

- Мана, ман дар наздат ҳастам, аз он дунё омадам, - андешамандона нигоҳашро аз ман намеканад падарам ва саҳл табассум мекунад:

- Омадам ман, бачем. Фикр кардаму фикр кардам, гуфтам баргардам ба он ҷо, то ба корҳоят расидагӣ кунам.

- Охир…

- Ҷойи ҳайрат ва пурсу посухи зиёдатӣ надорад ин ҳол, - ҳамчунон тафаккурманд хитоб мекунад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

падарам. - Ман омадам аз он дунё, дилам кашол, ғам хӯрдам барои ту. Зиндагият вазнин, фарзандони бисёр, ташвишат аз мӯйи сар ҳам зиёд. Охир, аз нӯги қалам пул ёфтану каму кости рӯзгорро саришта кардан осон нест. Боз хонадор кардани бачаҳо, хонаҳои нав сохтану ҷудо намудани фарзандон. Эҳ, саду як савдо. Ва дафъатан гом бардошта ба даруntари ҳота медарояд падарам. Аз думболаш қадам мезанам ман ва яке мебинам, ки дар пойҳояш мӯзаҳои латтагии сабзфом дорад ӯ.

Аз кадом канори ҳота белро ёфтаву дар як тараф ба кандани ҷуқурӣ оғоз мекунад вай.

- Шумо чӣ кор карданиед, падар? – ҳайрон мепурсам ман ва наздиктар шуда, ба мушоҳида мегирам, ки вай бад-ин монанд чуқурчаҳои дигаре кандаву шитобзада ба соаташ менигарад. Ногаҳон ба дастаи бел, чунонки даҳмардаҳо ба асои чӯпонияшон манаҳ гузошта, ба рамаи гӯсфандон дақиқсанҷона бингаранд, такя мекунад ва бо ангушти сиёҳтоби ишоратияш як ришта арақи ҷабинашро пок мекунад ва сӯям менигарад. Дурудароз ва бо як рамзу розе, ки моҳияти онро тафсир кардан бароям бас пурмуаммову имконнопазир аст.

- Ҳавсалаю ғайратат куҷо шуд, бачем? – Якбораву нохоста лаб ба шикоят мекушояд падарам. - Баъд аз сари ман ин боғи сарсабзро ба чӣ ҳол расондӣ? Ку дарахтони себи хубонию зимистонӣ? Хурмоҳоро куҷо кардӣ? Мурдани маро чанд сол шуд? Ҳа?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Баҳор буд, баҳори соли… 1994, - ларзидаву ҳаросида посух медиҳам ман. -Расо 22 сол даргузашта аз фавти шумо.

- Дар тӯли 22 сол чӣ ниҳоле сабз кардӣ? – бедимоғ суол медиҳад падарам. - Себҳову зардолу ва анору чормағзу хурмоҳои шинондаи ман дар ин муддат пир шудаанд. Ба болои ин ҳама, бисёре аз он дарахтонро бурида, ба сарашон об рехтаӣ. Инсофат куҷо шуд?

- Солҳои вазнин омада буданд, баъд аз сари шумо, - далел пеш меорам ман. - Медонед, падар, ҷангҳои бемаънии хонабарандоз, гуруснагӣ, қаҳтӣ, бемориҳои гуногун. Қасд кардагӣ барин, зимистонҳои чор-панҷ соли ҷанг бағоят сарду тоқатгудоз буданд.

- Хайр?!

- Ба ҳамин сабаб, баъзе дарахтонро буридаю решакан карда, алов кардем, - сархам мегӯям ман ва хомӯш мемонам.

- Маълум, ки ҳезуми аловӣ шуданд дарахтони себу зардолу ва хурмою чормағз, - норозиёна ғур-ғур мекунад падарам ва ба ғазаб меояд. - Чаро дар ҷойи он дарахтон ниҳол шинонда сабз накардӣ? Чаро?

- Дигар вақти ниҳолшинонӣ набуд. Гуфтам-ку, қаҳтию гуруснагӣ ҷони одамонро ба ҳалқашон оварда буд. Аз хусуси қатлу куштори ваҳшиёнаи одамони бегуноҳ аз дасти ҳамҷинсони бадгуҳари пеши чашмонашонро ширай банг гирифта ҳарф задан намехоҳам. Қиссаи дарози талхест, ки шояд тасвири он даҳшат дар даҳҳо ҷилд китоб нағунҷад. Тақрибан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

даҳ сол танҳо аз пайи дарёфти луқмаи ноне умри азизи худро бо сахтиҳо гузарондем, падар. Орд ёфт намешуд, чиҳоеро, ки ба гунаи орд, баҳри фиреби шикам истифода кардем… Ёд доред, падар, солҳои охири замони Шӯравӣ дар замини фарохи ферма (паси оғилхонаҳо) бо амри шумо гандум коридем.

- Ёд дорам, нағзи нағз дар ёд дорам, - андешаманд тасдиқ мекунад падарам гуфтаи маро ва боз ба соаташ бингариста сар меҷунбонад.

- Гандумро дар халтаҳо ҷо карда, дар анҷомхона каноре бо тартиб гузоштем. Ман ҳамон ҳангом ҳайрону қадре норозӣ аз шумо суол кардам, ки дар ин давраи серию пурӣ, ки одамон нонро бо баҳонаи он ки «обаш гурехта қоқ шудааст» бо кунҷораю сабӯс омехта, ба гову молашон медиҳанд, гандум ба чӣ кор меояд?

- Даркор мешавад, бачем, - ҳикматомез фаҳмондед шумо ва мавҷи чинҳои пешониатон зиёдтар гардидаву нигоҳатон моломоли андешаи амиқ ва ҳасратзои навмедона илова намудед:

- Вақтҳои охир шабҳо хобҳои ғамовар мебинам, раг-раги ҷонам дар панҷаи ҳасрату андуҳи гарон сӯхта, дилам аз кадом як пешомади талху ногувор дарак медиҳад. Авзои замона хуб нест, дар хобам пора-пора мебинам, ки одамон, гӯё дар маҳшаргоҳ қарор дошта бошанд, доим аз пайи ҷустуҷӯи нонанд, гӯшти бадани якдигарро бо чанголу дандон канда, хомохом фурӯ мебаранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҷонварҳо-ку, умуман, рӯз надоранд аз дасти одамон. Гурбаю саг, гову гӯсола, бузу бузғола, гӯсфанду барра, аспу хару саг ва хазандаҳои даштиро пӯст канда, ҳамчунон мехӯранд. Тарсидаву ларзида бедор мешавам аз хоб ва дар дарёи фикру хаёли малолатангез ғарқ мешавам. Худо паноҳ диҳад, солҳои ҷанги Гирмон ҳамон даҳшатро бо чашми сар дида будем. Наход, ки…

Хайр, фарзанди Инсон бо фазли Худо соҳиби ақлу тафаккур ва амалҳои нек аст. Оламро обод кунад ҳам, бани Одам мекунад, вайрону харобазор ҳам кунад, бани Одам мекунад. Худо тавфиқу инсоф бидиҳад ба мардум, хусусан, ба ҷавонон.

– Эҳ, валӣ будед, падар, - мегӯям ман. -Охир, бо дасисаю иғвои афроди алоҳида, гурӯҳҳои ҷангҷӯю марказситез, чоҳу ҷалолу мансабхоҳ, оташафрӯзони берунӣ ҷангҳои хонабарандоз ба зуҳур омаданд, ки тафсилоташ ногуфтаю нонавишта беҳ. Вале ҳоло гап сари ҳамон халтаҳои гандум меравад. Орд, ки ба тухми анқо табдил ёфт, мо, аҳли хонавода, думболи ба осиёб бурдани гандуму орд кардани он шудем. Як сол ҷонамон раҳид. Баъд… рӯзҳои сиёҳу фоҷиаангез, ки чун фавҷи абрҳои тирагун болои сарамон лангар андохтанд, ҳоламонро табоҳу зиндагиямонро сангинтар сохтанд. Қатори дигарон ба сабӯсу нони зағора гузаштем. Чӣ рӯзҳои сахту мушкил ва тасаввурнопазиреро пушти сар кардем, ки дар тасвири он ҳама азоб қалам оҷиз мемонад. Ба болои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ин, мушту лагадҳо ҳам ба сар хӯрдем. Боре аз дарс, аз мактаб кашола карда бароварданд маро ва бо баҳонаи он ки ба тозагӣ сарамро (баъди реҳлати шумо, падар) тарошида будам, гумони бад бурда, назди корхонаи шаробпазии колхоз кашола карданд, ки дар пойи адири рӯ ба рӯйи деҳа ҷойгир шуда буд, зери мушту лагад гирифтандам «боевикҳо». Бо «Калашников» ба рӯяму даҳонам чунон фароварданд, ки дандонҳоям чу донаҳои хоми сафедгуни офтобпараст ба ҳар тараф пош хӯрданд. Ба девори хоначаи посбонии корхона рост монда, парондан мехостанд маро, ки модарам афтону хезон ба сарвақтам расид. Зинда мондам… Эҳ!... Мефаҳмед, падар, ҳоло аз азобҳои дигари кашидаам сухан дар миён намеандозам, ки дилам ғарқоби хун мешавад. Дар чунин ҳоли «мурда-мурда зистан», ки тамоми фикру зикри одамон барои дарёфти як бурда нон банд буд, «ба болои сӯхта намакоб» зимистонҳо сарду қаҳратун ва тӯлонӣ омаданд. Ҳезум камчин, ангишт умуман мавҷуд набуд. Охирин захираҳои ҳезумро дар бухориҳо алоб кардем. Солҳои баъдӣ ба хотири тифлонамон, ки дар хонаҳои хунук ҳаври даҳонашон возеҳу равшан ба чашм мерасид, маҷбур гардидам, ки як-як дарахтони рӯи ҳавлиро бурида, ҳезум кунам. Маро бубахш, падар, лек дигар илоҷу чорае надоштам.

- Хайр, ҳамааш маълум шуд, - аз ғарами ниҳолҳои сабзи себу нок, гелосу олу, шафтолую зардолу, анору



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

чормағз, хурмою шоҳтут якта-якта гирифта, (аҷабо, ин ғарами ниҳолони сабз аз куҷо пайдо шуданд?) ба даруни чуқуриҳои кандашуда гузошта, ба бехи онҳо хок кашидаву бо пойҳояш сум зада, посух дод падарам ва ғурунгос зад:

- Лекин, наход, дар ин муддат вақт ёфта, се-чор ниҳоли бороварро шинонда, парвариш накунӣ-а? Ё ҳавсалаат пир шудааст, ё дигар зиндагӣ бо фишорҳои худ туро дилсарду ноумед гардонидааст? Дигар канӣ он ғайрату қуввати ҷавонӣ, ки дар як чашм задан ин ҳавлии калонро ба гулистони назаррабо, ки шаҳди меваҳои дарахтонаш гулӯро месӯзонанд, табдил медодем. Боз… чӣ кунам, ки вақтам танг. Бо ин ҳама, ман аз ту хафаю норизо ҳастам, бачем. Бояд ниҳол шинонда, сабз мекардӣ. Аммо…

- Ба ростӣ, ин иштибоҳи нобахшидании ман аст дар назди шумо, - гунаҳкорона мегӯям ман ва нигоҳамро аз падар мегурезонам. Лекин маро дуруст фаҳмед, падар, дигар дастам нарасид. Ба Русия сафар кардам барои мардикорӣ. Солҳои зиёд аз хонаву ҳамсару фарзандон дур, заҳробаи ғарибию ҷудоиро чашида, чор-панҷ танга мефиристодам, то ки ақаллан орд бихаранду шикамашон бӯи нон кунад. Хайр, баъдҳо тадриҷан зиндагӣ рангу бӯйи тозаю умедбахш пайдо кард. Бачаҳо ба балоғат расиданду…

- Акнун ба ман бигӯ, бачаҳоро хононда, соҳибмаълумот кардӣ ё не? - лаҳзае дам гирифта,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

рӯймолчаи албонӣ аз ҷайб баровардa, арақи пешонияшро пок намуда мепурсад падарам.

Ман, аз шарму хиҷолат рӯям тафсидаву лолагун гашта, сукутро ихтиёр мекунам. Ба фикру хаёл рафта, меандешам, ки боз чӣ сабабу омилро чун баҳона шафеъ орам, то ки падар ба ман бовар кунад. Охир, заифнолию шикоят пеш овардaнҳо ба дилам задааст. Воқеан, рост мегӯяд падарам: иродаи ман куҷо шуд? Чаро ба азобу машаққат ва балоҳои зиндагӣ муқовимат карда натавонистам? Чаро?

- Не, падар, - аранге овоз мебарорам ман. - Бачаҳо хонда, ба мактаби олие дохил нашуданд. Дақиқтараш, шароит, ки набуд, бо як азоб мактаби миёнаро хатм карданду халос. Бе маълумот монданд.

- Шармандагӣ, - ғазаболуд белро каноре ҳаво дода, бо овози баланд ниҳеб мезанад падарам. -Чӣ, ту гумон мекунӣ, ки ман дар вақташ азоб накашида будам? Як ятимбача бо сари танҳо дар ферма аз 15-солагӣ подабон шуда кор кардам. Амали вазнин ва тоқатфарсоест подабони фермаи колхоз будан. Ҷон коҳонда – ҷон коҳонда соҳиби як порча замин шудам, бо ҳамин обилаи дастон хонаву дар бунёд кардам. Модаратро, ки дар ферма говҷӯшӣ мекард, дӯст дошта ба занӣ гирифтам. Ана, баъд соҳиби фарзандон – писарону духтарон шудем, ҳарчанд Тоҷинисову Зуҳроро дарди бедармон сахт домангир шуда, часпида, ба хок бурд. Лекин панҷ писарро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

санги осиёби зиндагӣ дар сарамон гардон шуда бошад ҳам, ранҷу азоб кашида, ба камол расондем.

Хонондем, дар мактабҳои олӣ дохил шуданду соҳибмаълумот гардиданд. Ана, якеаш худат, омӯзгори мактаб. Магар осон буд барои ману модарат, ки шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта, ҷаҳду талош мекардем. Ҳамон солҳо низ душворию мураккабиҳои худро доштанд. Солҳои ҳукмронии Хурушоф рӯзамон бо хлеби сиёҳ мегузашт, ки онро ҳам гоҳ ба даст меовардему гоҳ не. Чор-панҷ бузу гӯсфандро шабошаб бо нархи арзон дар бозори Янгибозор фурӯхта, дар кафамон бод баргаштем. Рӯзҳои сиёҳу вазнине буданд. Баъд, оҳиста-оҳиста рӯзгори нисбатан осудаву хотирҷамъона фаро расид. Ту бошӣ, ҳаракат накардӣ, қадаме пеш нагузоштӣ. Чи хеле буд – набуд, писарҳоро, аз қавле, «саратро дар санг зада», бояд хононда соҳибмаълумот мекардӣ. Гунаҳкорӣ, сахт гунаҳкор, бачем.

- Ман, ман, - худро сафед карданӣ мешавам, аммо овозам канда-кандаю гирифта ва хаста мебарояд. Лаҳзае пас, андак-андак неру пайдо карда мефаҳмонам, ки:

- Ба хонондани фарзандон ҳам вақт наёфтам, падарҷон. Расо 10 сол дар Русия ҷон коҳондаву заҳмат кашида, бо як миқдор маблағе, ки ҳар сол аз нӯги пулҳои кор кардаам ҷамъ меовардам, ба сохтмони хонаҳо машғул шудам. Худатон медонед, ки ҳини бемориятон рӯзгорамро ҷудо кардеду ман бо зану се



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

фарзанди хурдсолам ба замини канори ферма кӯчамро бардошта омадам. Аввалҳо дар як хонаи чӯбии финӣ, ки басо тангу хунук буд, мезистем. Баъди 4-5 сол хонаи нав сохтам. Мушкил болои мушкил пешорӯям қарор дошт. Бисёр амалҳоро, ки рисолати падарии ман ба шумор мерафтанд, сад ҳайф, ки иҷро карда натавонистам. Натавонистаму гунаҳкорам…

Падарам хастаҳол тан ба такяи ягона дарахти тановари себи хубонӣ дода, хаёлманд даст меафшонад:

- Медонӣ, бачем, - мегӯяд вай, -ман дар вақти зинда буданам ба таври ҳамешагӣ насиҳататон мекардам, ки дар зиндагӣ инсон бояд бонангу номус бошад. Танҳо нангу номус фарзанди одамро ба қуллаи мақсуд мерасонад, ӯро иззатманду соҳибшараф мегардонад. Алҳазар, аз одами беномусу бешараф! Одам не, махлуқанд ин тоифаи беиззу шараф. Аз дасташон ҳар амали бадгуҳарона меояд. Ҳамон ҷанге, ки рӯзамонро сиёҳ кард, ба василаи дасти ноҷавонмардонаи ҳамин қабил фарзандони бенангу ори миллат афрӯхта шуд. Ту бояд ин ҳикматро дар гӯшат ҳалқаи зар созӣ, ки инсон дар зиндагӣ, дар ҷомеа ва байни мардум бояд ҳамчун шахсият мавқеи хоси худро дошта бошад. Дигарон ҳаваси мисли ӯ соҳиби обрӯю нуфуз гардиданро дар сар парваранд. Барои ин, ҳаракату талош, иродату азм, ҳавсала лозим, ки бо кору кирдори



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

судманду созанда, на фақат рӯзгоратро пеш бибарию ободу зебо намоӣ, балки ҷомеа ва кишварро рушду нумӯъ бахшида, саҳми худро, бигузор андак ҳам бошад, дар шукуфоию сарсабзии Ватан гузорӣ.

Ман кӣ будам? Ҳамагӣ як молбон дар фермаи чорводории колхоз. Лекин бо ранҷу заҳмати ҳалол бо модарат соҳиби обрӯ гардидем. Ману модаратро ҳамчун заҳматкашони асил на танҳо дар деҳаву ҳудуди колхоз, балки дар ноҳияву тамоми ҷумҳурӣ мешинохтанд. Ман ҳоло чӣ гуфтан мехоҳам? Ту бояд чун шахсият соҳиби мавқеи хосаи худ дар ҷомеа бошӣ. Обу нонатро ҳалол ба даст оварда, ҳалол бихӯрӣ. Аз душворию сангиниҳои рӯзгор наҳаросида, пайваста дар муборизаю муқовимат бо кӯтоҳандешону иғвогарон бошӣ. Аз ҳақиқату адолат ҷонибдорӣ кунӣ. Ҳаваси сарвату сарватмандонро хӯрдани иддае аз одамон аз камбинии ҳунару тавонмандии худи онҳост. Бақо надорад пулу сарват, чун ҳубоб дар як нафас бар боди фано меравад. Ана, барои ҳамин ба ҷониби каҷравишон ғелида нарав. Ҳарчанд ин тоифа соҳиби маснаду ҷоҳу ҷалоланду давру даврон меронанд… Ана, ҳамин тавр, бачем.

Хам шудаву белро аз замин бардошта, падарам лаҳзае (танҳо лаҳзае) ба гирду ваной ҳавлӣ ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

вусъату паҳнои он нигоҳи тӯлоние афканда, бо оҳанги дареғ сар меҷунбонад.

- Афсӯс, афсӯс, ки як ҳавлии калон аз ҳосилу самар мондааст. Ақаллан заминро об намемонӣ?

Ва сӯям маъюсона чашм дӯхта, таъкидомез афзуд:

- Ман рафта аз канали калон як наҳр об баста биёям, бачем. Заминро об мондан лозим, охир, вай забон надорад, ки ба ману ту арз кунад, ки синабирён гаштаам. Тахта-тахта кафидаю тарқида, ба ҳоли забуне афтидааст, бечора.

Ва ҳадаҳаю шитобзада, бел дар даст, қадам зада – қадам зада ба дарвозаи оҳанини сурхфом наздик мешавад падарам. Наздик мешаваду даричаи онро кушода баромадан мехоҳад, ки овози тараққоси баланди дарича маро якқад паронда, ба худ меорад.

...Субҳ аз хоб бедор мешавам, аз хоби дидаам меандешам. Пакару парешон ва ошуфтасар бархоста берун мебароям. Шаб аҷаб барфи баланд боридааст, ҳавлӣ, боғу роғ дар зери пардаи ғафси барф ором у сокит, вале дар айни ҳол бас асрорангез ба чашм мерасанд. Сукути яхбастаи атрофро қар-қари чанд зоғи ҳардамхаёл, ки сари шохаҳои баланди чормағзи пир (онро падарам бо дасти худ биншондааст) минқор ба сина халонда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

пайки зимистону сардиҳоро мерасонданд, халалдор мекард.

Ҳамсарам қадре шоху параха зери каш аз ҷониби ҳезумхона омада, гӯё дар омади гап хабар медиҳад:

- Тавба, шаб касе аз байни ҳавлӣ қадам зада, куҷое равона шудааст, ки нақши пойҳояш рӯйи барф мондааст. Пайи мӯзаҳои одами калонсол ворӣ.

Ман саросемавору ҳайратзада мешитобам ба даруntари ҳота ва… воаҷабо, мебинам, айнан дар ҳамон ҷое, ки шаб дар хоб падарам бо бел чуқуриҳо кандаву насиҳатам мекард, пайи пойҳои падарамро. Нақши дандонаҳои тагчарми мӯза, ҳарчанд ки барф рӯяш пардаи ҳарири сафед кашидааст, хира ҳам бошад, ба чашм бармехӯрад. Аз пайи нақши рӯи барф қадамзанон то назди дарвозаи калони оҳанӣ мерасам. Мекушоям дарро ва… дар баромадгоҳ мебинам, ки нақши мӯзаҳо дар рӯйи барф ҳамин ҷо гум шудааст. Соҳиби мӯзаҳо куҷо рафтааст?

Падар, куҷоӣ?

Қафо баргашта, дар хомӯшии саҳаргоҳӣ байни барфистони ҳота ба андеша меравам. Яқин, баъди гузашти солҳо ман ҳам, чун падару модарам ин оламро падруд мегӯяму ба олами фано реҳлат мекунам. Ва шояд замоне, рӯҳам овораю парешон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

як шаб ба хоби фарзандон чун дар воқеият ташриф меорам.

Аз амалҳои неку манфиатоварашон шоду рӯҳбаланд, ҳамзамон, аз танбалию беҳавсалагияшон мепардозам ба насиҳату андарзи онон.

Аҷабо, рӯҳи падарон баъд аз марги ҷисм ҳам дар ташвишу оворагӣ қарор дорад. Ин асрори муаммобарангезро дар моварои Фазою Кайҳон ва ин оламу олами дигар чӣ тавр метавон ташреҳу тафсир намуд?! Намедонам…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## БОЗГАШТ

- Шумо дар ин бора дар китобатон нанавиштаед.

- Дар кадом бора?

- Дар бораи азобҳои кашидаатон дар корхонаи хиштрезӣ.

- Ҳа, ҳа, рост мегӯӣ. Лекин… чӣ лозим дар бораи он рӯзҳои мушкил ва тираю тори зиндагӣ навиштан. Бе он ҳам азобҳои зиёде кашида, ҷонам ба ҳалқам омада буд. Боз…

- Ба ҳар ҳол, бояд менавиштед. Охир, шумо муаллими шинохта ҳастед. Бояд ҳақиқати талхи он айёми вазнинро, ки мардум дар талабу ҷустуҷӯйи як бурда нон ба чӣ корҳое даст намезаданд, тасвир карда, ба одамон ҳушдор бидиҳед, ки…

- Ба рӯзҳои неку босаодат расида, зуд он даврони сангину пурмашаққатро, ки ба фардои зиндагӣ боварӣ надоштанд, аз ёд набароранд. Ҳамин тавр?

-Ҳо, гили одамро ҳамин тавр сириштаанд. Бо гузашти умр, гӯё ҳеҷ воқеае рӯй надода бошад, сармасту бехуд даъвоҳои зиёди осмонӣ мекунад. Камбудӣ меҷӯяд, хӯрдагирӣ мекунад, оташи кинаю ғазабашро бод дода… ҳама чизро рад карда… эҳ…

- Шояд нависам, дӯстам.

***

Дигар хобам парешон мешавад. Чашм мекушоям. Ман дар куҷоям? Ин ҷо чӣ корхонаест? Садои дастгоҳи битоншӯрӣ тайи гӯшам танини дилгиркунандае меандозад. Дар саҳни васеи корхона



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҷавонони деҳотӣ тавассути дастгоҳе аз битони бо аробаҳо овардаи рафиқонашон хишт мерезанд. Ман, аз чеҳраам арақ рез-резон, дар гармои тафсони тобистон бо бели барҷаста (лапотка) ба даруни дастгоҳи битоншӯрӣ шағал ҳаво медиҳам. Як, ду, се, чор, панҷ… даҳ… бист… сӣ… чил… чилу панҷ маротиба. Чилу панҷ бел шағал меандозам ба даруни дастгоҳи битоншӯрӣ ва аз тарафи чап гузашта, ҳамчунон шитобзада кӯҳи регро бо бел ҳаво медиҳам ба даруни дастгоҳ. Як, ду, се, чор, панҷ… даҳ, бист, сӣ… Сӣ бел қум меандозам. Дастгоҳи бузург, ки зарфи барҷастаи даҳонкушодаро мемонад, бо садои муҳаррикаш, ки ба гӯшам нохушоянд мерасад, ҳамчу душмани ҷони ман аст, ки ҳолиё бояд бетанаффус кор кунаду кор кунад. Марҳалаи дигари азоби ман сар мешавад. Оҳанҳои дохили дастгоҳ, ки шабеҳи дастҳои одам ба чашм мерасанд, давр зада-давр зада регу шағалро омезиш медиҳанд.

«Эй аждаҳои оҳанӣ, - мегӯям пеши худ ба дастгоҳ бо нафрат нигариста. - Шағал мехӯрӣ, рег мехӯрӣ, семент мехӯрӣ, об мехӯрӣ. Аммо ҳеҷ сер намешавӣ, ки сер намешавӣ. Боз шағал бирез ба ҳалқам мегӯӣ, қум бирез, мегӯӣ, семент бирез, мегӯӣ. Обам бидеҳ, мегӯӣ. Ва ин гуна беохиру номаҳдуд… Фурӯ мебарию фурӯ мебарӣ сангу шағалу қуму сементу обро…» Сатили калони човаро, ки кӯҳнаю зангхӯрда аст, мегираму аз ҷӯйи канори саҳни корхона зуд-зуд об меораму мерезам ба дохили дастгоҳ. Меораму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мерезам… Яке ба ёдам мерасад, ки семент наандохтаам ба даруни дастгоҳ. Хез зада аз зарфи оҳанӣ, ки андарунаш халтаҳои семент болои ҳам бетартибона хобидааст, даҳони се халтаро кушода, мебардораму ба даруни дастгоҳ мерезам. Чанги семент ба фазо паҳн мешавад, бо роҳи димоғу даҳон ба шушҳоям ворид мешавад. Атсаам меояд, сулфаам меояд. Сахт атса мезанам, паёпай пӯҳ-пӯҳкунон месулфам. Дар чашмонам ашк чарх мезанад.

Ҷорӣ мешавад оби дидагонам. Вақти фикру андешаи зиёде нест. Дубора халтаи сементи дигарро бардошта (ин қадр вазнин аст, кӯҳи Мағмурӯд аст мегӯӣ!) ба даруни дастгоҳ меандозам. Боз чанг, боз атсаю сулфа, боз ашк давр мезанад дар косаи чашмонам.

Душманони ҷони ман: регу шағалу сементу об.

Ман дигар зиндагиямро бо ин аносири табиат амиқан пайвастаам. Аз регу шағалу сементу об халосӣ надорам. Ҳамакнун дар корхонаи хусусии хиштрезии мавзеи Дарёобод, дар канори шаҳри калон, дур аз зану фарзандон хишт мерезам. Хиштҳои калон-калони сементӣ, ки чашмак доранд. Ҳар як хишт тақрибан 25 килост.

Ҷалол, ҷавони миёнақади ҷалду чобук, ки сардори корхона аст, ҳамин тавр мегӯяд: 25 кило аст вазни як хишт.

Аз чашмакҳои хишт нигоҳи писхандомез ба сӯям дӯхта мешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

«Ба ҳоли ман механдӣ, эй хишти баду бало. Дарди сар. Мазоҳ мекунӣ. Ҳо, ҳо, омада-омада ҷанги ғофилгири байнихудии тоҷикҳо сар заду мо ба ту муҳтоҷ шудем. Рӯзи сиёҳ. Кай поён меёфта бошад?? Кай???»

Регу шағалу сементу об!

- Ҳой, маълим, биҷумб, биҷумб! Раствор тамом шуд, - овози Акбари карсангӣ баланд мешавад ва ман аз олами рӯъёву пиндорҳо ба воқеият бармегардам. Овози дилгиркунандаи муҳаррики дастгоҳи битоншӯрӣ ба торҳои асабам ханҷол мезанад: ғув-ғув, ғув-ғув… Дар хаёлам ҳашарае марзҳои мағзамро убур карда, дар косахонаи сарам ҳуштак мекашад: ғув-ғув, ғув-ғув…

Инак, дари оҳанини дастгоҳро мекушоям. Ва битони шӯридаи ман рӯйи майдончаи сементӣ мерезад: тап-тарап, тап-тарап… Эҳа, як кӯҳ бетон шуд. Ана, бигиреду бикашонед. Дар қолаби аппарат хишт бирезед. Хиштҳо. Хиштҳои чу намаки говлес кабудчатоби сементӣ. Дигар гузашти вақтро пай намебарам. Дубора 45 бел шағалу 30 бел қум мерезам ба даруни дастгоҳи битоншӯрӣ. Семент мерезам, об мерезам. Ғув-ғув… ғув-ғув. Белчаҳои дохили дастгоҳ давр зада, давр зада қуму шағалу сементро ба ҳам мехеланду мешӯранд. Ин гуна тадриҷан битон тайёр мешавад. Як лаҳза дам гирифта наметавонӣ. Як пиёла чой нӯшиданӣ мешавам. Аммо…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Эҳей, маълим, биҷумб, биҷумб! Раствор тамом шуд. Мо рост меистем ҳамин хел? - овози Акбар боз баланд мегардад ва ман шонаҳоям сим-сим ба дард омада, ҳадаҳа мешавам. Дастонам ба дард медароянд, пойҳоям, китфҳоям месӯзанд. Ин тарзу шеваи кор ба дилам мезанад. Бардор регрову бирез, бардор шағалрову бирез, сементро бирез, об андоз. Рӯз бегоҳ мешавад, офтоб майли ғуруб мекунад, аз байни шохаҳои зичу анбӯҳи дарахтони ақоқиё, ки дар самти ғарбии корхона қад афрохтаанд, монои тоҷи хурӯс менамояд ба чашм. Наздикии шом кори имрӯза поён меёбад. Бригадир, ки Ҳорис ном дораду марди тақрибан 60-65 –солаест, аз куҷое ҳозир мешавад ва хиштҳои рехтаи коргарон-ҷавонони рустоиро, ки аз Девдара ба ин ҷо ба кор омадаанд ва дар саҳни корхона қаторҳои хушнамуди муназзамро ба вуҷуд овардаанд, ба шумурдан сар мекунад. Ба ангушти панҷаи росташ ба ҳар як хишт ишора карда, пичир-пичир мекунад: як, ду се… даҳ… бист… чил… панҷоҳ… Оқибат дар дафтарчааш қайд мекунад: 1470 дона хишт.

Ҳорис марди миёнақади ғафсабруест, ки дар паси ин абрувон чашмонаш хурд-хурди бозингар метобанд. Вай дурӯғ мегӯяд. Вай мо - коргаронро фиреб медиҳад. Ҳисобро ба майли дили худ анҷом медиҳад. Акбар мегӯяд, ки «маълим, мо борҳо озмудаему санҷидаем, ки ҳангоми ҳисоб кардан як теъдод хишти рехтаи моро хат мезанад. Фиребгар аст,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ҳаққимардумхӯр аст.» Ғазабам меояд. Ман хиштҳои рехтаи бачаҳоро худам ҳисоб мекунам: 1, 2, 3, 10, 50, 600… 1520 дона хишт аст-ку! 50 дона хиштро чаро ҳисоб накардааст Ҳорис? Пул кор мекунад?»

… «Аз рӯзе, ки шумо, маълим, ба ин корхона ба кор омадед, дигар Ҳорис касеро фиреб карда натавонист. Дарунакӣ месӯхт, дуд мекард. Рӯзаш сиёҳ шуда, намедонист оташи ғазабашро ба сари кӣ резад. Хайрият, ба бахти мо шумо омадед, маълим». Ман Акбару Анвару Саиду Ризо ва дар маҷмӯъ, ҳашт нафар ҷавони рустоиро тасалло медиҳам.

-Ҳамааш мегузарад, ин рӯзҳои вазнин ҳам паси сар мешаванд. Ҷанг ҳам поён меёбад. Ба рӯзҳои нек хоҳем расид.

Аммо Ҳорис… чу каждум намедонист заҳрашро ба сари кӣ бипошад. Ҳо, ҳо, ҳамин хел буд, вай аз қавле, аз зин фаромада бошад ҳам, аз узангу хаёли по баровардан надошт.

«Ёд доред, муаллим, як рӯзи тирамоҳон Ҳорис субҳи барвақт ҳамроҳи Ҷалол ба корхона ҳозир шуда, ба шумо дарафтод. Аламаш зӯр буд, чӣ ҷойи пинҳон кардан, сирри рӯбаҳбозияш фош шудаву обрӯяш (вай обрӯ ҳам надошт) ба замин рехт. Саҳнае дурӯғину маккорона ороста, шуморо ба дуздӣ муттаҳам карданӣ шуд. Гӯё (охир нағз дар хотиратон ҳаст) шумо шабона халтаҳои сементро аз анбор, ки дар канори собиқ базаи мошинҳои геологӣ ҷойгир шуда буд, дуздидаву ба ким-кадом шахсе фурӯхтаед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҷалол, ки ҷавони 25-30 сола буду ҳанӯз аз гарму сарди зиндагӣ ба дурустӣ огаҳӣ надошт, ба ҳамҳамаю ҳангомаи Ҳорис, ки чашмонаш бозӣ мекарданду ҳамин ҳоло ту гӯйӣ аз меҳварашон баромаданӣ буданд, бовар карда, бо ғазаби ошкоро, ки олудаи нафрат буд, ба шумо нигариста, ғурунгос зад, ки «ҳайфи шумо, боз ман муаллим гуфта дилпур будам. Бовар атон кардам. Омадеду аз адолат сухан карда, «ҳаққи бачаҳоро бригадир мехӯрад. Пеши ин ноҳаққиро бигиред» гуфта гӯши замину осмонро ба қомат овардед. Худатон бошед… Эҳ…

-Ба шумо ҷавоб, - амр кард Ҷалол ва даст афшонда ба Ҳорис чизе зери лаб пичиррос зад. Ҳорис оташи кину ҷаҳлаш боло гирифта, дафъатан даҳонашро калон кушода, гӯё дандонҳои каҷу килеби зардашро намоиш медода бошад, заҳри дар кадом кунҷи дилаш ҷамъшударо ба пошидан шуруъ кард.

«Шумо, - арбада бардошт вай, аз рӯзҳои аввали ба кор омаданатон ба коштани тухми низову бадбинӣ даст зада, ҷавонҳои ҳалиму сархами меҳнатиро зидди ману раис (Ҷалолро дар назар дошт) шӯронданӣ шудед. Онҳо аз хомию бетаҷрибагӣ даррав ба доми шумо афтиданд, боваратон карданд. Гург будед, гурги борондида. Шумо иғвогаред, лекин, ана ба даст афтодед. Ҳа-а, гуфтаанд-ку «бори каҷ ба манзил намерасад», вале мо ҷасорату иродат ва дилу гурдаи кӯҳ барин собити шуморо ҳамон рӯз пайхас кардем, муаллим.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Шумо аз Ҷалол хоҳиш кардед, ки корро давом медиҳед. Агар дуздии даҳ халта сементро ба гарданам бор кардаед, аз ҳаққи меҳнатам гардонед. Ҷалол тӯлонӣ ба дарёи фикру хаёл ғутавар шуд. Ҳорис зиддият нишон дода, «дасти ин одам қалб аст, ман аз вай метарсам. Боз дуздӣ мекунад. Ин муаллим рӯю риё надорад…»-гуфт. Баъд… Ҷалол шуморо каноре бурда, хеле суҳбат кард.

- Аз амаки Ҳорис узр бипурсед, маслиҳат дод ниҳоят ба шумо ва афзуд:

- Дигар иғвою ҳангома набардоред.

Шумо ошкоро ин маслиҳати Ҷалолро рад карда, «майлаш, ман меравам, лекин ин ҳаромхӯрию ғиромбозии Ҳорисро ба чӣ роҳе набошад, фош мекунам. Ин корро ҳамин тавр намемонам, гуфта азм намудед, ки либосҳоятонро ҷамъ карда, баромада рафтанӣ шавед».

«Ҳо, ҳамин гуна вазъе ба миён омада буд, додарам Акбар. Ман бо шумо хайрухӯш карданӣ шуда, бо дили ғамбор корхонаро тарк намудан хостам. Аммо (ман инро ҳамеша дар хотир нигоҳ медорам ва ба бисёр инсонҳои содиқу боҳамият нақл ҳам кардам), ҷавонмардию нангу номуси баланди шуморо мушоҳида карда, сарам ба осмон расид. Хонаи қалбам аз фараҳ лабрез гардида, ҷонфидоии шуморо, ки аз ким-кадом рустои кӯҳистон ба ин канори шаҳр ба хиштрезӣ омада будеду ман ҳамакнун тақрибан як моҳ бо шумо шинос шуда будам, дар ҷону танам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

эҳсос намудам. Ту, Акбар лапоткаатро сӯе ҳаво дода, ба Ҷалол наздик шуда, нохоставу ғайримунтазира хитоб кардӣ, ки «агар дар ин савдои дурӯғин маълим даст дошта бошаду гунаҳкораш биҳисобед, мо, ҳашт нафар дигар бо шумо кор нахоҳем кард. Бо мо ҳисобӣ кунед. Ҳаволаатон ба Худо. Мо меравем. Аз ин корхона бӯйи фитна, дурӯғу туҳмат ва иғво меояд».

Ҷалол ҳайрону даҳонво монд, гӯё зарбаи корагаре бар сар хӯрда бошад, як лаҳза (вай охир чунин ранг гирифтани корро интизор набуд) ошуфтаву парешон гоҳ ба ман ва гоҳ ба Ҳорис, кӣ аз чӣ бошад, нигоҳашро аз ҳамаамон мегурезонд, нигариста ғурунгос зад:

- Хайр, майлаш, ҳоло-ку шумо пуштии одами нобобро гирифта истодаед, боз мебинем.

«Ҳо, муаллим, мо шуморо нигоҳ доштем ва ин беҳуда ҳам набуд. Ниҳоят, сирри найрангҳои Ҳорис фош ва аз қавли шоир, «ин рози сарбамуҳр» ошкор шуд. Бо талошу такопу ва шарофати шумо, албатта!

Қисса кӯтоҳ, як шаб (баъдтар огаҳ шудем, ки шумо шабҳои зиёдеро бо бедорхобӣ рӯз мекардед), агар хотираам фиреб надиҳад, 6-7 рӯзи баъди он моҷаро моро соатҳои 2-и шаб аз хоб бедор кардеду гуфтед, ки оҳиставу бесадо аз қафои ман оед. Дузди ҳақиқӣ ба даст афтид, ана мебинем. Поида-поида ба анбор наздик шудему Ҳорисро дидем, ки халтаҳои сементро ҳаш-ҳашкунон ба пушт гирифта, ба мошине бор мекунад. Шумо, муаллим, бе ягон фикру



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

андешаи зиёд, бе тарсу ҳарос калон-калон қадам монда, аз гиребони Ҳорис сахт дошта: ҳа, ҳақиқатҷӯ, дузд кӣ будааст, ман ё шумо?»-гуфта гиребонаш вопас сар надодед. Эҳ, шӯрӯ ғавғое бархост. Посбони корхонаро даъват кардем. Пирамарди бечора ранг бохта, қоил шуд. ки Ҳорис ӯро розӣ кунонда (ба ивази чанд сӯм), халтаҳои сементро дуздидаву ба шиносҳояш мефурӯхтааст. Ана ҳамин тавр, муаллим. Хайр, фардо Ҷалол ба умқи масъала сарфаҳм рафта, сарашро дошта, аз пеши пояш чашм намеканд. Танҳо ба шумо хитоб кард, ки «узр, муаллим, одамизод шири хомхӯрда. Дар зиндагӣ ҳар гуна воқеа рӯй медодаасту ҳар хел одам дучор мешудааст. Ман бехабар…»

Дар ин доду гирифт, дар ин битоншӯрию хиштрезиҳо баҳор рафту тобистон омад, тобистон ба зудӣ гузашту тирамоҳ фаро расид.

Мо хишт мерехтем, хиштҳои рехтаамонро рост карда, рӯ ба офтоб мегузоштем. Ҳамин ки хиштҳо хушк мешуданд, болои ҳам ба тартиб мечидем. Ва баъд харидорон меомаданд. Якеш 1000 дона хишт мефармуд, дигаре 2000, саввумӣ 3000 ва нафароне ҳам вомехӯрданд, ки 5000 дона мефармуданд. Дар он айёме, ки мардум барои як пора нон мубориза мебурданд, танҳо пулдорҳо ба харидани хишт имкон доштанду халос. Ба мошинҳо бор кардани хиштҳои сементӣ амали дигари тоқатфарсо буд. Дастҳо беист кор мекарданд. Ба дард медаромаданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Дар чунин вазъ ба дард аз хаёл мегузарондам, ки расо як сол мешавад, ки аз мактаб дур ҳастам. Ростӣ, омӯзгорону хонандагонро ёд карда будам. Наход, ман дубора ба мактаб барнагардам? Наход, дигар дар талоши ризқу рӯзӣ як умр дар ҳамин корхонаи хиштрезӣ ба рехтани хишт машғул гардам? Орзую ниятҳои ман барбод мераванд. Ман бояд ба фарзандони мардум илму маърифат омӯзонам. Наход, ки…

Рӯзҳо ин гуна сипарӣ шуданд. Баҳор даргузашт, тобистон ва…

Охирҳои моҳи август Ҷалол, сардори корхона, хабар овард, ки дар назди дари коргоҳ ду нафар маро мепурсанд.

«Киҳо бошанд? Чӣ гап доштаанд?»- сӯйи дарвозаи корхона равон гардида, аз дил гузарондам ман.

Беруни дарвоза директори мактаби деҳа Убайдов ва ҷонишинаш Назаровро дида, ҳайратам боло гирифт.

Пас аз вохӯрию аҳволпурсӣ директор даст ба китфам бурда, хитоб кард:

- Медонӣ, дӯстам, ту бояд ба мактаб баргардӣ. Муаллимон намерасанд. Барои мо яке аз фанҳои асосию муҳим забон ва адабиёти тоҷик ба шумор меравад. Ба ҳар ҳол, зиндагӣ беҳтар шудааст. Маошро минбаъд сари вақт пардохт мекунанд. Раиси ҷамоат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гандум ваъда додааст. Илтимос, баргард, хоҳиши моро рад накун.

Ҳазору як фикру хаёлу гумон дар сар ба андеша рафтам. Оё зиндагӣ воқеан, беҳтар шуда истодааст? Баргардам ё биистам? Бурд мекунам ё бой медиҳам? Кадом яке?

Аммо рӯзи бо коргарон видоъ намудан андуҳе лобаён ба деворҳои қалбам сар кӯфта, дарди сӯзоне иртифоъ гирифта, то ба мағзам расид. Бо ҷавонони девдарагӣ – Акбару Саиду Ризо, Шоҳину Довар, Малику Муҳаммадзамон ва Камолиддин оғӯш кушода, хайрухуш кардан бароям бас тоқатфарсо буд.

Ман дар оинаи чашмони ҷавонони ҳамкорам ашки яъсомезеро мушоҳида карда…

Гӯё ба олами дигаре афтодам…

Ва аммо нидое аз ниҳодам ба гӯши ақл мегуфт: «Ба мактаб баргаштӣ, бурдӣ. Охир, донишу маърифат омӯзондану насли босаводро тарбияву ба камол расондан рисолати туст. Пас, бояд ба мактаб баргашт. Бояд, бояд! Ва ман ба мактаб баргаштам. Худро дар оғӯши шогирдон вораста аз ҳама ғаму азобу ташвишҳо дарёфтам. Кунун рӯзҳои неку босаодат фаро расида буданд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## КӮРНАМАКҲО

Хоб дидам. Лаълии паррон шабонгаҳ дар айвони хонаам фаромад ва…

Э, ҳоло дар ин бора баъдтар ҳарф хоҳам зад…

Сабил монад, ин дафъа дандонам нагузашт. Дареғ! Нотавонбинҳо, душманон корашонро карданд. О, ин лаънатиҳои худозада чандин сол аз паям давиданду давиданд, пайт ҷустанд, чунонки гурба мушро мепоида бошад. Ба куҷоҳо, ки аризаю даъво набурданд! Ана, оқибат ба муроди дил расиданд, тирашон ба ҳадаф бе хато бархӯрд. Ростӣ, тавонистанд номардҳо. Айби худам ҳам шуд-а! Бепарво гаштам, фукам осмонро мехарошид, назарам намегирифт онҳоро. Гӯшам бисёр ҳангом бод мегирифт, ки ба ину он мазмун аризаи шикоятӣ навишта, ба идораи ҷамоату шуъбаи маориф, ҳукумати ноҳия ва аз он ҳам «болотар» бурдаанд. Аммо «саг меҷакад, корвон ба роҳаш рафтан мегирад» гуфтагӣ барин аслан ин болою поин давиданҳояшонро нодида гирифтам.

Бубинед, кадом гуноҳҳои маро сари даст парчам кардаанд: «Наход як шахс 25 сол дар вазифаи директорӣ кор кунаду ягон кас, ҳеҷ як масъулу мутасаддии шуъбаи маорифи ноҳия пишаки ӯро пишт нагӯяд-а? Ин куҷоя гапаш?

Ротатсия барои чӣ будааст?

Далелу рақамҳояшон беҳадду ҳисоб, ончунон батафсил навиштаанду обу ранг додаанд, ки нависандагони соҳибҳунар ҳам дар назди онҳо ҳайрону лол ва пакару гаранг мемонанд. Директор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

баъди бунёди мактаби нав, аз лаҳзаи қулай истифода карда, дар даромадгоҳи дабистон, аз тарафи дасти чап ба воситаи устоҳо даррав иморатчае сохт, ки баъдтар маълум гардид, ки он мағозаи шахсии худаш будааст. Инак, кам не, ғам не, тақрибан 17 сол мешавад, ки мағоза дар саҳни ҳавлии мактаб ҷойгир асту фоидаю даромадаш ба кисаи директор, албатта! Тасаввур мекунед: мағозаи шахсии сарвари «дилсӯз»-и мактаб дар саҳни муассисаи давлатии таълимӣ. Ин аз рӯйи кадом қонун?! Оинномаи мактабӣ чӣ мегӯяд? Дар ин муддат 5 мудири шуъбаи маориф иваз шуд, аммо ягон нафари онҳо гӯё ин ҳолро намедониста бошад, ҳарфе ба забон наоварду дар ҳаққи «сарвари дилсӯз» чорае наандешид. Маълум, маълум, ки таги коса нимкоса будааст. Беҳуда нагуфтаанд, ки пора дили санги хораро об мекунад.

Директор ҳам бало, охир, вай рӯбоҳ аст, рӯбоҳ. Ҳар гоҳ барои санҷиши аризаи даъвогӣ ба мактаб намояндагон аз шуъбаи маориф меомаданд, пешакӣ хабар меёфту дарҳол молу амволи мағозаро ба анбори он ҷо мекарду мизу курсӣ оварда, хонандагони синферо ба мағоза интиқол медод. Э, балое! Ростӣ, шайтонро дарс медиҳад, қаввол! Намояндагон меомаданду вай ба онҳо бинои мағозаро нишон медод, ки дар дохили он дарс рафта истодааст.

-Ҳеҷ гуна мағоза-пағоза нест дар мактаб, -хандида мегуфт вай. - Душман, ки гап наёфт, думи сагат каҷ мегуфтааст. Бе ташвиш бошед. Ҳамин ки тафтишгарон бо дили пуру хотири ҷамъ баргашта



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мерафтанд, худи пагоҳ мизу курсиву доска ва ҷевонҳоро ба синф мекашонданду молу колоро аз анбор ба рафҳои мағоза мебаровարданд. Ин маккорию ҳилагарриро дидед?

Ақли кӣ мегирад?! Ҳаъ?! 17 сол дар мағоза дар саҳни мактаб хариду фурӯш рафта истодааст. Ӯҳ, лаънатиҳое! Боз чӣ навиштаанд?

Ҳа... «Директор дар тӯли 25 соли сарварияш ягон зарра дар фикри ободию тараққии мактаб набуду нест.

Мисолаш ҳамин ки 15 сол қабл дар атрофи ҳавлии мактаб бо талошу ғайрати омӯзгорону хонандагон ниҳолони сафедор шинонда шуд, ки ба дарахтони тановару бузурге табдил ёфтанд. Ҳамин дарахтонро намешуд, ки бурида, ҳамчун болору васса дар сохтмони бинои нави иловагӣ истифода бурд?

Мешуд, боз чӣ хел? Лекин директор чӣ кор кард?

Дар рӯзи равшан, дар пеши назари коллективи 35-нафараи омӯзгорон ба муаллими таълими меҳнат фармон дод, ки 50 дарахти сарбафалаккашидаи сафедорро бо арраи барқӣ бибуррад. Дар байни се рӯз крану мошини «Камаз» оварда, ҳамаи 50 дарахтро бор карда, рост ба хонааш бурд. Ягон муаллим лому мим нагуфт. Директор худаш дар ҷамъомаде эълом дошт, ки ин дарахтҳоро ман худам шинондаам, ҳамааш моли мананд. Дарахтҳоро дар иморати оғилу ошхонааш истифода кардааст. Барои сохтмони бинои иловагии мактаб бошад, аз мардум пул ҷамъ карда, чӯбу тахта хариданд. Ана, ҳамин хел!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҳа-а… ин гурсӯхтаҳо маслиҳатчию мушовири зӯр доранд, калааш каллаи Ленин барин.

Даъвогарон боз навиштаанд, ки аз кай боз аз қаламрави мактаб замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда медодаанд? Боз ба кӣ? Ба директор! Ёбеду гиред.

Гап сари ин ки даҳ сол пеш даводав карда, 15 сотих замини мактабро аз ҳисоби муассиса баровардам. Хуб?! «Дил ёбу қанд хӯр «гуфтаанд. Бо раиси деҳа забон як карда, ҳамин заминро санад тартиб дода, пинҳонӣ аз худ кардам. Замин замини шахсии худам. Барои писари хурдиям гирифтам онро. Дар ҳақиқат, корро бало зад. Ҳа, боз суханони охиринашон, ки ба навиштаашон ҳусни анҷом бахшидааст. «Дар мактаб директор ҳамаи хешу ақрабояшро ҷамъ кардааст: омӯзгор, китобдор, муҳосиб, ҳатто муовини директор оид ба таълим…»

Ин мудири нави шуъбаи маориф чунон одами «чесний» будааст, ки ба падараш ҳам гузашт намекардааст. Баъди санҷишҳои пайдарпай худаш омада дирӯз маҷлис гузаронд. Аризаро хонд, таҳлил кард.

«Фактҳо пурра тасдиқ шуданд», - хулоса кард ӯ. Директоратон аз кор озод ва ба ҷойи вай… омӯзгори ҷавон Сафо Содиқзода, ки соли шашум аст дар мактаб фаъолият дорад, ба сарварӣ баргузида мешавад.

Ана, ҳамин хел гапу кор. Шаб бошад, аҷаб хобе дидам. Лаълии паррони дурахшоне аз кадом гӯшаи осмон омада, дар айвони хонаам нишаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Се нафар бо ҳайати аҷибу ғариб: каллаҳои дароз, чашмони калон-калон ва либосҳои скафандрмонанд берун шуда:

- Рафиқ директор, шумо ба мо даркор ҳастед, - гуфтанду ҷавобамро интизор нашуда, гирифтанду ба лаълияшон саворам карданд ва парвозкунон ба осмон боло шуданд. Ба сарзамини фароху паҳновари афсонавие фуруд омадем. Бинои мактабашонро дида, ҳуш аз сарам парид. Синфхонаҳои калон-калон, озмоишгоҳҳои фаннӣ, роботҳо…

Аз ман пурсиданд, ки туро дар ҳамин мактаб директор мемонем, ба ивазаш ҳар чӣ ки мехоҳӣ, муҳайё мекунем.

- Дар як гӯшаи мактаб мағозаи боҳашамат сохта ба ман медиҳед, лаб ба сухан кушодам. Ба камияш 50 сотих замини наздиҳавлигӣ ҷудо мекунед барои писарам. Боғи мактабро ба ихтиёри камина мегузоред. Охир, барои сохтмони хонаи зисти писарам болору васса лозим. Ҳамин тавр не? Хайр, боз шароит муҳайё мекунед, ки рафта хешу ақрабоямро гирифта ба сайёраи шумо орам. Маъқул?»

Одамони он сайёра дар қаҳр шуда, зуд маро ба лаълии паррон савор карда, дар як чашм задан ба айвони хонаам оварда фароварданд. Чашм кушода, худро дар хона дида, «дуд аз димоғам баромад». Акнун сарро байни дастонам гирифта, ба фикр фурӯ рафтаам. Хоби дидаам чӣ рамзе дошта бошад?

## «ВОВ, МУАЛЛИМ!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Субҳи рӯзи ҷумъа директори мактаб ба муаллимон хабар дод, ки ҳайати санҷишгарон аз худи Вазорати маориф ва илм ба мактаб меомадаанд.

Оҳанги суханони вай чунон ҷиддию воҳимаангез буд, ки чанд нафар, ба хусус, омӯзгорони ҷавон якбора худро гум кардаю ранг бохта, дар баҳри бепоёни хаёл ғарқ гардиданд.

Муаллимони ҷавон бастаҳои дафтару ҳуҷҷатҳояшонро кушода, аз назар мегузаронданд, ба журналҳои синфӣ, аз фанне, ки дарс медоданд, чашм медавонданд. Ягон ғалат нарафта бошад боз? Оё баҳоҳо дар вақташ гузошта шудааст? Хулоса, ончунон изтиробу ҳаяҷоне фаро гирифта буд омӯзгорони ҷавонро, ки ҳатто нисфирӯзӣ хӯрок базӯр аз гулӯяшон гузашт. Ин ҳолро ба мушоҳида гирифта, омӯзгори куҳансолу собиқадор Зарифӣ, ки табиатан шӯху ҳаззол буд, ба чанд тан омӯзгори ҷавон хитоб кард, ки «аз ташрифи меҳмонон, бигузор аз вазорат ҳам бошанд, тарсидану ба ҳаяҷон омадан лозим нест.

Онҳо ҳам мо барин одаманд, камбудию норасоиҳоро дарёфта, маслиҳату тавсияҳо медиҳанд. Охир, вазифаашон ҳамин аст. Лекин…

Ҳама бо ба забон овардани ин калима ба тамом гӯшу ҳуш шуда, мунтазири давоми сухани Зарифӣ гардиданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Гап дар сари он ки дар ҷавонӣ, дар ҳақиқат, одамро як навъ тарсу ташвиш бо омадани комиссия фаро мегирад,-ба суханаш идома дод муаллим. - Ин ҳодиса аз сари худи ман ҳам гузаштааст. Соли дуюм ё сеюми кориям дар мактаб буд, ки директор ҳаминрӯза барин хабар дод, ки ҳафтаи оянда аз вазорат комиссия меомадааст.

Ва мо шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, аз пайи омодагӣ шудем: дафтарҳои корӣ, иншо, нақли хаттӣ ва диктантҳои хонандагонро (ман дар синфи 3 дарс медодам) аз назар гузаронида, ҳуҷҷатҳои роҳбари синфиро бознигарӣ менамудем. Журналҳоро-ку дар ҳар танаффус варақ мезадему бо дидаи таҳқиқ ба саҳифаҳои фанни худ менигаристем. Чунонки мегӯянд, то гӯш дар ташвишу тараддуд ғарқ шуда будем. Аммо аз ҳама амали асосӣ дарс ба ҳисоб мерафт. Будагӣ гап. Ба заҳмату ранҷи омӯзгор асосан аз рӯйи машғулиятҳои гузарондааш баҳо медиҳанд.

-Аз кадом роҳу усул истифода мекунед, кори шумо,-ҳар лаҳза панд медод директори мактаб, муҳим натиҷаи коратон. Шумо бояд чун актёри саҳна нақшофарӣ кунед. Хуллас, тамоми ҳунару маҳорати худро дар назди санҷишгарон нишон диҳед. Ва ман чун ҳунарманди саҳна хонандагонро баъд аз дарсҳо барои ҳафтаи оянда тайёр мекардам. Аз рӯйи нақшаи тақвимӣ хонандагони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

синфро бо мавзӯи дарсие, ки рӯзи омадани санҷишгарон бояд мегузаштам, шинос кардам. Онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ба шогирдоне, ки бо баҳои хубу аъло мехонанд, бештар саволу супоришҳо дода, ба хонандагоне, ки бо баҳои «чор» таҳсил мекарданд, супориши алоҳида ва хонандагони «сегир» саволҳои ба донишу фаҳмишашон мувофиқ супурдам. Фармудам, ки ҳамаи ҷавобҳоро қориазёд намоянд ва дар назди санҷишгарон тӯтивор сухanронӣ кунанд. Ба хонандагони танбалу суст, ки доим баҳои ғайриқаноатбахш мегирифтанд, умуман супориш надодам. Чӣ лозим худро дар бало гирифтор кардан? Бе ин ҳам аз даҳонашон ҳарфе намебарояд. Хапу дам, наҷумбида шинанд, давлати бузург.

Рӯзи душанбе, воқеан ҳам, санҷишгарони вазорат, ба таъбири машҳур, комиссия ба мактаб омад. Тақрибан 15-20 нафар буданд. Шиму костюми сиёҳ, куртаи сафед дар тан ва галстукҳо дар гардан, ҷузвдонҳои калон дар даст, ростӣ дар дил воҳима ҷой мекарданд. Мо бо садои занг ба синфҳо ворид шудем. Рӯзи якуму дуюм гузашт, касе ба ман ҳарфе нагуфт, ҳатто аз ҳуҷҷатҳоям пурсон нагардид. Хурсанд шудам. «Шояд муаллими ҷавон аст гуфта, ташвишам намедиҳанд,- аз дил гузарондам ман. Вале, на. Рӯзи чоршанбе директор як гурӯҳро, ки аз 10-12 нафар иборат буд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

ба ман муаррифӣ карда, гуфт, ки дар дарсат иштирок мекунанд. Ҳарчанд худро ба даст гирифта, бепарво нишон доданӣ мешудам, натиҷа намедод. Аз чӣ бошад, дастҳоям меларзиданд, мушакҳои чеҳраам «пир-пир» мекарданд, баданам тафс кардаву худ аз худ ҳалқам хушк мешуд. «Мард бош, Зарифӣ,-рӯҳбаланд кардам худро дар дил. - Актёр барин ҳунарнамоӣ кун, бачаҳо ба дарс пурра тайёранд - ку! Ҳайати санҷишгарон бо салобату шукӯҳи ба худ хос дар қафо нишастанд. Дарсро оғоз карда, тибқи «сенарияи пешакӣ» омоданамуда, мавзӯи гузаштаро аз хонандагон пурсон шудам. «Панҷгир»-у «чоргирҳо» худро гум накарда, бо лаҳни буррову баланд ба суолҳо посух дода, супоришҳоро низ табъи дил иҷро карданд. Аз ҷараёни дарс хушҳолу қаноатманд, шогирди «сехоне»-ро, ки низ тайёр карда будам, назди тахтаи синф даъват кардам.

Саволи қаблан тайёркардаамро ба шогирди «сехонам» пешниҳод кардам. Аммо вай хомӯш буду ҳарфе ба забон намеовард. Гӯё ба даҳон об гирифта буд. Зуд-зуд ба қафо, ба санҷишгарон менигарист ва лаблабувор сурх мешуд.

«Тарсидааст чӣ бало,-аз дил гузаронидам. - Корро бало зад».

- Алиҷон, хайр ба дигар саволҳо ҷавоб те,-оромона пурсидам аз шогирдам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Исм чист?

Хомӯшӣ.

- Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешуд?

Хомӯшӣ.

- Алиҷон, ту ақаллан якчанд исмро номбар кун.

Хомӯшӣ.

- Алиҷон, шарм накун, хиҷолат накаш, ягон порчаи шеърӣ қироат кун!

Хомӯшӣ.

Ҷавон ки будам, аз нигоҳҳои синчакоронаи ҳайати санҷишгарон ва хомӯшии сангини Алиҷон ғазабам боло гирифту ба шогирдам наздиктар шуда, баланд хитоб кардам:

- Э, лаънатӣ, чӣ ба даҳонат об гирифтаӣ? Ту ақаллан «вов гӯй!»

Ғайричашмдошт шогирдам ба рӯям нигариста дод зад:

- Вов , муаллим!

Садои хандаи санҷишгарон ва хонандагон дар синф танинандоз гардид. Ҳама механдиданду механдиданд.

Ба Алиҷон ишора кардам, ки рафта ба ҷояш нишинад.

- Шуд, шуд, бас, кифоя, - аз ханда ба чашмонаш об давида аз ҷо бархеста гуфт роҳбари гурӯҳ, марди миёнақади солхӯрда, ки аз шиддати ханда шикамашро медошт. - Ростӣ, ҳамроҳи рафиқон дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бисёр шаҳру навоҳӣ будему дар мактабҳо дар дарсҳои муаллимон иштирок кардем, вале ин хел дарси аҷибу ғайримуқаррариро бори нахуст дидем.

Аҷиб, аҷиб.

Раҳбари гурӯҳ дар назди дари синф ба китфам тап-тап зада, ханда дар лаб

- Ҳеҷ гап не, ин гуна ҳолат дар дарси ҳамаи омӯзгорон рӯй медиҳад, - гуфт. Муҳим он ки дарси шумо ҳеҷ гоҳ аз хотири мо намебарояд. Ҳа, ҳа…

- Ана, ҳамин тавр, воқеаи аҷибу хандаоваре рӯй дод дар дарси ман, - ба нақлаш ҳусни хотима бахшид устод Зарифии куҳансол ва илова кард:

- Ҳеҷ вақт тарсида, ба воҳимаву таҳлука афтодан лозим нест. Шогирдонро низ бо омад-омади комиссия ба тарсу ҳарос гирифтор накунед. Дар акси ҳол, айнан ҳодисаи «вов, муаллим» ба саратон меояд. Омӯзгорони ҷавон баъд аз нақли Зарифӣ ором гардида, нафаси сабук кашиданд…

## «БАЛОГАРДОН»

Дари дафтари кории директор беовоз кушода шуду котиба хабар дод, ки мухбирони нашрияи ҷумҳуриявӣ бо намояндаи шуъбаи маориф омадаанд. Директор Олим Салим гиребон ва галстукашро ба тартиб даровarда, мӯйсарашро шона карда, ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

истиқболи меҳмонон ба роҳрав баромад. Бо меҳмонон гарму ҷӯшон вохӯрӣ карда, онҳоро ба дафтари корияш пазироӣ намуд. Пас аз аҳволпурсӣ вай бо чеҳраи бозу табассуми малеҳ рӯзноманигоронро хуш омадед гуфт ва лаҳзае маънидор ба намояндаи шуъбаи маориф нигарист.

- Журналистони газетаи бонуфузанд. Мехоҳанд дар бораи вазъи таълиму тарбия, сатҳу сифати дониш, дарсазхудкунии хонандагон, иштироки онҳо дар олимпиадаҳо ва дигар масъалаҳо бо шумо суҳбат карда, мақола нависанд, - фаҳмонд намояндаи шуъбаи маориф ва афзуд:

- Дар ҳамин бораҳо маълумоти муфассалу дақиқ пешниҳод кунед. Вассалом.

- Гап нест, гап нест, - хушҳол нидо баровард директор. Мо ба посухи суолҳо тайёр. О, наход дар хусуси мактабу корҳоямон чизе гуфта натавонем? Устухонамон дар кори мактаб шах шудагӣ.

Ҳа-а, бо вуҷуди ташвишҳои зиёдатӣ, ки ба сарамон бор шудааст…

Намояндаи шуъбаи маориф теғи нигоҳ ҷониби директор кашиду вай хомӯш монд.

Яке аз рӯзноманигорон, ки қадбаланду харобандом буд, қалам дар даст дафтарчаашро кушод ва ба суол додан оғоз кард.

- Мебахшед, аввал дар он хусус маълумот медодед, ки дар мактабатон чанд омӯзгор кор мекунад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ҳа, э… а… - директор якбора гап гум кард, забон хойид ва папкаҳояшро кофтан гирифт. - Чанд нафар буданд-а?

- Сиву… сиву дута буд, хаёлам…

Як дам, як дам, - гуфта котибаро чеғ зад ва саҳл норизо амр дод:

- Ҷонишина чеғ зан. Фақат зудтар…

Пас аз чанд дақиқа ҷонишин дар остонаи дар пайдо шуд.

- Ҳалимуф, мо чанд омӯзгор доштем? - пурсид директор аз ҷонишин ва хандаи зӯракие карда:

- Худам медонаму сабил аниқ не-да.

- 38 омӯзгор, ака. 28 марду 10 зан, - филфавр ҷавоб дод ҷонишин ва узр пеш овард, ки дар синфи 10 дарс гузашта истодааст ва баромад аз дар.

Мухбир гуфтаҳои ҷонишинро дар дафтараш сабт карда, боз ба пурсишаш идома дод:

- Чанд нафар хонанда дар мактаб таҳсил мекунанд?

- Хонандаҳоро мегӯед? - ба суол суол дода, саҳл табассум кард директор ва пушти сар хорид:

- Хаёлам шашсаду…шашсаду бист нафар ҳастанд. Аниқашро намедонаму лекин аз шашсад зиёдтар ҳастанд. Як дам, як дам, - гуфта директор ҷониби дар қадам зад ва ба котиба фармуд, ки зуд ҷонишинро чеғ занад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ҷонишин лаҳзае пас дубора дар остонаи дафтари кории директор пайдо шуд ва суоломез ба сарвари мактаб нигарист:

- Ҷеғ задед?

- Ҳа, медонед, ин ҷо шумораи хонандаҳоро мепурсанд, - фаҳмонд директор. - Ман медонаму лекин аниқаш чанд нафар буданд, Ҳалимуф?

- 680 нафар, - посух дод ҷонишин ва хомӯш монд.

- Ҳа, рост, рост. Сабил, гуфтама аз 600 нафар зиёдтаранд. Майлаш, шумо равед, аз дарсатон намонед, - таъкид кард директор ва хандаи зӯракӣ дар лабон ҷонибби ҳозирин нигарист. Мухбир боз дар дафтар рақами гуфтаи ҷонишинро сабт карду суол дод:

- Соли ҷорӣ аз ҳисоби хатмкунандагон чанд нафар тибқи низоми тестӣ ба макотиби олӣ ва коллеҷҳо дохил шуданд?

- Ҳа, ҳа, имсол аз … э… чанд нафар хатм карда буд мактабро? - директор худ ба худ гап зада, гӯё теъдоди хатмкунандагонро дақиқ мекарда бошад, ба ҳисобу китоб машғул шуд. Чанд папкаи дар пешаш бударо кушодаву тагурӯ кард, ҷусту ҷуст. Муроде ҳосил нашуд, ки бо талвоса бархост аз ҷо ва ҷониби дар гом ниҳод.

- Ҳалимуфро ҷеғ зан, -хитоб кард ба котиба ва қафо гашт:

- Ҳозир, ҳозир, ҳамаашро аниқ мекунем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Сабил, дар ёдам буду… - директор хиҷолатомез ба рӯзноманигорон нигарист, аз намояндаи шуъбаи маориф бошад, чашм гурезонд.

- Вақтҳои охир фаромӯшхотир шудаам. Набошад, факту рақмҳоро аз ёд медонистам.

Ҷонишин аз дар сар даровард.

- Ҳалимуф, - ба рӯяш сурхӣ давида, муроҷиат кард директор ба ҷонишин, - ҳамин сол чанд нафар синфи 11-ро хатм карданд? Ман ба ростӣ медонаму аниқ не-да.

- 58 нафар, - ҷавоб дод ҷонишин ва илова кард: - Аз онҳо 36 нафар ба мактабҳои олию коллеҷҳо дохил шуданд.

- Э, маладес, офарин, Ҳалимуф, забон ба ситоиши ҷонишин кушод директор ва боз ба ҳозирин нигарист.

- Дар мактаб синфхонаи алоҳидаи компютерӣ доред? - суол дод рӯзноманигор.

- Не, аз куҷо? - директор гӯё ба шикояту шиква оғоз мекарда бошад, идома дод ба суханаш:

- Дар мактаб ҷойи нишаст намерасад. Аҳволамон бад.

Намояндаи шуъбаи маориф зӯракӣ сулфид, гулӯ равшан кард. Мазмун, ҳаддатро нигоҳ дор, аз камбудию норасоиҳо сухан магӯ.

Директор дар ҷойи нишасташ ҷумбида, ғиҷирроси курсиро баровард.

Мухбир нобоварона ба директор нигарист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Дар умум чанд компютер доред?

- Компютер, компютер, - пичиррос зад директор ва чашм ба фарш дӯхт. Чунон ба фикр фурӯ рафт, ки … гӯё кадом муаммои муҳими ҳастии инсону кайҳонро ҳал мекарда бошад.

- Чанд компютер буд-а? Агар хато накунам, 10, не, не… 8-то буд. Эҳ сабил, хотираам фиребам медиҳад. Ҳозир, ҳозир, - гуфта директор дафъатан бархост аз ҷо ва ҷониби дар шитобид. Боз ба котиба амр дод, ки ҷонишинро ҷеғ занад.

- Фақат зудтар гӯед, ки ояд, - таъкид кард вай ва қафо гашта дар ҷояш нишаст. Шармидаву хиҷолат кашида (гӯё!) боз хандаи зӯракие кард:

- Бахшиш, бахшиш. Камтар нофаҳмӣ шудааст, ҳозир ҳамааш ҳал мешавад. Ҳа, ҳа! Ҷонишин шитобзада дар остонаи дар пайдо шуд ва ба директор ба маънои «боз чӣ гап?» назари суол дӯхт

- Ҳалимуф, мо чанд компютер доштем?- умедворона ҷониби ҷонишин нигаҳ афканд директор.

- 12 компютер мавҷуд аст. Аз ин теъдод 3-тояш корношоям,-оромона посух дод ҷонишин ва лаҳзае ба ҳозирин нигарист.

- О, дуруст, о, ин гапи дигар, - чеҳрааш шукуфта директор аз ҷо хесту ба китфи ҷонишин ба маънои «офарин» тап-тап зад.

- Шумо аз паси дарсатон шавед. Мо худамон ин тарафашро ҳал мекунем. Хуб?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Мухбир низ дар навбати худ муддате ба дарёи хаёлот ғӯтавар шуда, пасон домани нигоҳашро аз манзараи берун барканда, ба директор нигарист:

- Иштироки хонандагон дар олимпиадаҳо чӣ хел? Муваффақияту дастовардҳо ҳастанд ё…

- Э, напурсед, - папкаҳоро каноре тела дод гуфт директор.

- Дар олимпиадаҳо шогирдони мо иштирок карда, ҷойҳои намоёнро ишғол карданд. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, як қопча медал бардошта оварданд, шаҳбозҳо. Ҳа-а… шухӣ надоранд инҳо.

- Дар ин бора мушаххастар маълумот медодед, хоҳиш кард мухбир. Кадом хонандагон ҷойҳои ифтихориро ишғол карданд, чанд медал ба даст овардед? Аз кадом фанҳо…

- Ҳа-а… ҳозир, ҳозир, як дам, як дам, - гӯён директор боз бархосту ҷониби дар қадам зад.

- Ҷонишина чеғ зан, - супориш дод ба котиба ва қафо гашт.

- Ҳозир ҳамааш дақиқу мушаххас мешавад. Ҳозир, сабр кунед… ҳа-а…

Ҷонишин каме хастаю асабинамо аз дар даромад.

- Ҳалимуф, ҳамин сол чанд хонандаи мо дар олимпиадаҳо иштирок карданд? Аз кадом синфҳо? Чанд медал оварданд? - якбора суолборон кард директор ҷонишинро.

Ҷонишин бо таҳаммул як-як ному насаби хонандагонеро, ки дар олимпиадаҳо иштирок



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

кардаанд, ба забон оварда, аз кадом фанҳо соҳиби медал гардиданашонро баён кард. Пас, оҳиставу нарм қадам зада аз дар баромад.

Мухбири дуюм, ки чанд маротиба директорро дар вазъияти гуногун аккосӣ намуда буд, гӯё дар омади гап аз директор пурсид:

- Мебахшед, шумо чанд сол шуд, ки дар мактаб директор шуда кор мекунед?

- Ман? - суоломез хитоб кард директор. - Агар дурӯғ нашавад, 10 сол…

Э... не-не, ё 11 сол шуд. Эҳ, сабил, хотирпарешон шудама.

- Аз соли 2008 буд 2010, э, не, не, соли 2005 буд ё ки…

Вай ба рақамзанӣ оғоз кард, лаҳзае ошуфтаву хаёломез ба берун нигарист ва боз бархост аз ҷо.

- Як дам, як дам, - гуфта ҷониби дар давид. Дарро кушода ба котиба мурожиат кард:

- Тез, Ҳалимуфа чеғ зан. Ҳадаҳа кун, ҳа… Аммо аз ҷонишин дигар дарак нашуд. Директор инони сабру тоқатро аз даст дода ба берун, ба саҳни ҳавлӣ баромад ва бо садои баланд чеғ зад:

- Ҳалимуф, ҳо Ҳалимуф, тезтар биё, куҷо шудӣ? Дар кабинет меҳмонон интизори ҷавобанд. Ба як саволи дигар ҷавоб деҳ, тамом.

Аниқашро гӯй, чанд сол шуд, ки ман дар мактаб директор ҳастам? Илтимос…

Ҳалимуф, Ҳалимуф…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

## ДИВАН

Ҳар шаб, қабл аз хоб маро ғаму ғусса фаро мегирад. Ба диван наздик нашуда дилам сип-сиёҳ, дарунакӣ сӯхта-сӯхта обу адо мешавам. Чаккаҳоямро дошта, дар рӯйи хонаи хоб ин сӯ – он сӯ қадам мезанам, пеши худ дафтари шикояту ҳасрат боз мекунам. *Лаънат*, ҳазору анд *лаънат* ба он рӯзи маъшуму номуборакe, ки ба гапи занак гӯш дода, озими бозори “Султони Кабир” шудаму... балоро бо ду дасти адаб бо маблағи кироие ҳам набошад, дар сурати ҳамин дивани “зиштрӯ” харид карда, дав-давону тохтутозон ба хона овардам. Ҳар шаб ба таври ҳамешагӣ ба рӯйи дивани хоб дароз кашиданӣ мешаваму... ногаҳон ту гӯйӣ дар чоҳи жарфе фурӯ меравам. Як садои шароққосу ғирч – ғирч баланд мегардад ва диван дарун мезанад. Аз ҷоям якқад мепарам, бархоста ба гиребонам туф – туф карда, оҳе бадард аз ҷигар мекашам... Охир, ин чӣ рӯзи сиёҳест, ки ҳар шаб бо ман рӯй медиҳад? Бармехезаму ба рӯи диван чашм медӯзам. Дар ҷое, ки дароз кашида будам, чуқурие пайдо шудааст. Чуқурӣ аз куҷо? Эҳ, садқаат шавам дивани замони Шӯравӣ! Ҳай мустаҳкаму чандир буд. Як умр дар болояш ба роҳат ва хотири ҷамъу дили осуда хоб мекардӣ. Вале ҳоло аз нигоҳ кардан ба дивани истеҳсоли чинӣ беқарору ошуфта мешавам, роҳи фирор аз ин балоро меҷӯям. Ҳамсари доноям кайҳост, ки илоҷи ҳалли муамморо дарёфта, рӯйи гилем ҷогаҳ андохта, ҳар шаб бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

фароғат сар ба болин гузошта хоб меравад, хоби ширин. Аммо ман... дигар ба ҷогаҳу болин ва рӯйи гилем хӯ карда наметавонам. Ман охир одами асру замони навам, инсонвор зиндагӣ кардан мехоҳам. Дивани лаънатӣ боз азобам медиҳад, ҷонамро ба ҳалқам меорад. Кош ба ҷониби бозори "Султони Кабир" бол баровардаю парвоз карда намедавидаму ин балоро намехаридам.

Пас аз ҷустуҷӯю, аз қавле "хомчӯтзаниҳо" оқибат аз дохили бозор, аз фурӯшгоҳе ҳамин дивани дарди сар ва зормондаро интихоб кардему харидем. Ба муҷиби арзонии диван ва маблағи каме, ки дар ҷайб доштам, хулоса кардам, ки ба ҷуз ин диван зӯрамон ба хариди ун диванҳои нарму мулоими шоҳонае, ки дар мағозаҳои бошукӯҳи севу чаҳорқабата бо ҳусну ҷилои худ ба чашм нур мебахшанду қатор – қатор ҷойгир шудаанд, намерасад. Ва аммо... фиреб хӯрдем, ки ин моҷаро як қиссаи тӯлонии дигарест, ки тасвиру нақлаш ношунида беҳ!

Мухтасари ривоят ин аст, ки диванро интихоб намудем, маблағашро бо ду даст бароварда, ба фурӯшандаи зоғчашм, ки бас шитобзада метофт, супурдем ва ӯ ба ҳамроҳаш фармуд, ки инҳоро (яъне моро!) ба мошинаш савор карда, ба анбор, ки дар кадом гӯшаи дигари шаҳр воқест, мебарию аз он ҷо диванро бароварда медиҳишон. Азбаски воқеа дар баҳорон рух дода, абрҳои сиёҳ осмонро фаро гирифта буд, борони реза меборид, ки тадриҷан шиддат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

гирифта, дар чашм задан ба раҳу рӯ ҷӯй кашида, хавфи сел омадан таҳдид мекард. Аз ин рӯ, диванро бо ду чашми сар саҳеҳу дақиқ насанҷидаву дар бағоҷи мошин бор карда, ҳаракат намудем сӯйи хона... Рӯзи нахустине, ки диванро бо рахту появу тахтаҳои зераш ҷо ба ҷо кардем, дар чашмам зебову музайян ҷилва намуд. Худро ба болои он ҳаво додам, ҳаво додаму садои тараққосу шароққосе баланд гардид ва ҳамроҳи рахт шабеҳи он ки ба ғоре фурӯ афтода бошам, ба дарун задам. Ҳамсараму писарбузургам бо чашми ҳайрат ба ман нигариста, дасти худ сӯям дароз карданду бо кумаки онҳо аз ҷоям рост шудам.

- Боз ин чӣ балое буд, ки ба сарамон омад, - чашм аз рӯйи диван, аз ҷойи афтидаам наканда гуфт ҳамсарам ва маслиҳат пеш овард, ки тагу тирези диванро санҷида бинем.

- Даррав номи балоро нагир, - норозиёна ғур-ғур кардам ман ва рупӯши хобро аз болои диван як тараф кашидам:

- Мебинему месанҷем, ки сабаб чист. Бо мадади писарбузургам рахтро, ки сап – сафеди оҳарӣ буд, даст – даст карда дидем. Эҳа, як тарафаш аз вазни баданам фишор хӯрда пачақу маҷақ шудааст.

"Корро бало зад, - аз дил гузарондам, - боз кашокашу даводав сар мешавад. Ҳамин ташвиши зиёдатӣ намерасид..."

- Рахт аз ҳам ҷудо шудааст, - бедимоғ гуфт писарбузургам ва даст афшонд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ноомади корро бин-а, ҳоли як шаб дар рӯяш нахобида, аз истифода баромад.

- Чӣ бояд кард? - суол додам ман, ки бас беқарору осема дуд аз димоғам баромада буд.

- Ҳеҷ, - посух дод писарам. - Ин рахтро мегирему дур мепартоем, тамом вассалом.

- Баъд чӣ?

- Баъд... баъд навашро мехаред, бозорҳо, магазинҳо пур. Лекин бақуввату мустаҳкамашро. Ман оташ гирифтаму "таркидам":

- Ту чиҳо мегӯӣ? Мо ин дивана пул дода харидем, аз раҳ гирифта наомадем-ку! Фурӯшанда кафолат дода буд, ки агар ягон ҷойи диван вайрон бошад, гирифта биёред, мебинем. Масъулияту ҷавобгарияш дар гардани фурӯшанда аст.

- Ва ҳамин рахти пачақу маҷақро гирифта "Султони Кабир" мебарем? – ғурунгос зад ҳамсарам. - Кошки раҳи наздик бошад.

- Ба бурдан мебарему гап дар сари он ки фурӯшанда онро қабул карда, ба ивазаш навашро медода бошад? – рӯйи муаммо равшанӣ андохт писарам. - Ман ин фурӯшандаҳоро медонам, кафолат, кафолат мегӯянду баъд ҳазору як баҳона пеш меоранд.

- Гап ҳамин, ба моҷаро нуқта гузоштанӣ шудам ман. - Пагоҳ, саҳари барвақт рахтро мегирему меравем ба "Султони Кабир".



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Бомдоди пагоҳ барвақт роҳи бозори “Султони Кабир”-ро пеш гирифтем. Мағозаи шиносро бо фурӯшандаи зоғчашми шинос ва ҳамроҳаш хеле интизор шудем. Оқибат аз кадом самте фурӯшанда нохоставу ногаҳонӣ пайдо шуд ва чашмаш ба мо афтида, даршаст нигоҳашро гурезонда, “зоғчашм” худро ба кушодани дари фурӯшгоҳ машғул дошт. Гӯё мо вуҷуд надоштем.

- Чӣ хизмат? – вақте рахт дар даст ману писарам аз думболаш ба мағоза ворид шуда, рӯ ба рӯяш қарор гирифтем, хитоб кард “зоғчашм” ва ҳайрон – ҳайрону саҳл кунҷкобона ба рахти канораш пачақу мачақ дида дӯхт.

Ман рухдоди дирӯзаро батафсил нақл карда, мунтазири посухи фурӯшанда шудам. Як он дар оинаи чашмонаш нафрату ғазаби ошкороро ба мушоҳида гирифтам.

- Хайр, ман ба рахти пачақу мачақи шумо чӣ дахл дорам? – беэътино ғуррид “зоғчашм” ва ба посухи мо мунтазир нашуда, якбора ниҳеб бардошт:

- Шумо аз ман чӣ мехоҳед?

- Аввал ин ки шумо ба ин рахт дахли калон доред, - фаҳмондам ман. - Дуюм ин ки, мо аз шумо чизи бисёре намехоҳем, рахти пачақро бо наваш иваз карда диҳед, тамом. Об ба лаби ҷӯй баробар. Вақти хариди диван “кафолат медиҳем” гуфта будед – ку! Дар ёдатон ҳаст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Фурӯшанда, ки марди тақрибан 55 – 60-солаи миёнақади шикамдамида буда, дастонаш доим дар кисаҳояш, муғамбиронаю мутакаббирона ба берун бефарқ чашм медӯхт, суханони ман нафоридаш, ки шӯрида рафт: - - Аввал ин ки, мо ба худи диван кафолат дода будем, на ба рахту пахташ. Дуюм, ин коре, ки шумо дар атрофи он овозаю ҳангомаю моҷаро бардошта истодаед, бисёр хандаовару масхараомезона аст. Бори аввал бо чунин одам вомехӯрам. Инсоф ҳам чизи хуб!

Баъд маҷаллаеро, ки дар он расмҳои ҷевону диванҳои гуногуни гаронбаҳои хориҷӣ акс ёфта буд, варақ зада, дафъатан "аланга" гирифт "зоғчашм".

- Шумо чанд кило мебароед? – аз бом тароша афтодагӣ барин пурсид вай рост ба чашмонам нигариста.

- Чӣ хел "чанд кило?" – ғазабамро фурӯ нишонда пурсидам ман.

- Нафаҳмидам.

- Вазнатон чанд кило аст, фаҳмиданиям ман.

- Ба вазни ман чӣ кор доред? Масхара мекунед?

- Тану тӯши шуморо бинед. Худро, чи хеле ки рост ояд, ба болои диван мепартоед, баъд мегӯед, ки рахт пачақ шуд ё диван шикаст.

- Ба Худо, ки...

- Чӣ "ба Худо?"

- Комедия, комедияи таппа – тайёр.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Ман ба шумо комедияро нишон медиҳам, - барошуфтам ва фаҳмондам, ки рахти пачақро ба наваш, бе гапу шаф – шафи зиёдатӣ иваз карда диҳад.

- Шумо медонед, ҳамин диване, ки шумо харидед, истеҳсоли куҷост? Истеҳсоли Хитой. Чи хеле ки мегӯянд, “одноразовий” мебошад, даҳонаш гарм шуда, ба “фалсафахонӣ” даромад”зоғчашм”.

- Аз ҳамин сабаб ба сари мо дод назадаву арбада набардошта, гаронбаҳотарашро мехаридед. Арзон бе иллат не, қиммат бе ҳиммат.

- Так что...

Ман лигоми сабру таҳаммулро аз даст дода, сахттар барошуфтам.

Ман барошуфтам, вай барошуфт.

Ман дод задам, “зоғчашм” дод зад.

Ман даст афшонда, ӯро ба адлу инсоф хонданӣ шудам, вай даст афшонда, маро ба адлу инсоф хонданӣ шуд.

Дар ин моҷаро нафаҳмида мондем, ки одамони зиёди ҳангомаҷӯ назди мо ҷамъ шудаанд. Оқибати ин шӯру фарёд ба он анҷомид, ки бар ивази 50 дар сади пули рахт фурӯшанда навашро ба мо медиҳад.

- Ғавғои бисёр чӣ лозим? - маслиҳат дод писарбузургам. – Розӣ шав, падар. Мардум механданд... Рахти навро бо чашмони пур аз нафрат фурӯшанда аз мағозааш бароварда бо зарда:

- Ана, рахти мустаҳкаму чандиру бақувватро, ки ба додарӯсам ваъда дода будам, ба шумо бароварда



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

медиҳам, - гуфт. - Дигар доду вовайло бардошта, пеши ман наоед. Мо охир масхараи шумо нестем.

Монои шахсе, ки ганҷи гумкардаашро баногоҳ аз кадом мавзею маконе ҷуставу дарёфта бошад, шодону хушҳол ба деҳа баргаштем. Рахти навро, ки дар қиёс бо рахти қаблӣ ғафсу мустаҳкам менамуд, болои диван густурдему рӯйпуши гули садбаргдорро аз рӯяш.

- Эҳтиёт карда, дар рӯйи диван дароз бикаш, - маслиҳат пеш овард ҳамсарам. - Якуякбора худро ба рӯи диван ҳаво надеҳ.

Дидӣ, ки чӣ рӯзи сиёҳе ба сарамон омад. Ва аммо...

Се рӯзу се шаб сипарӣ гардиду "балои дигаре бархост". Ҳар вақт, ки ба рӯйи диван барои дамгирию фароғат дароз кашиданӣ мешудам, ончунон оҳиставу нарм ва бесадо паҳлу ба ҷойхобу сар ба болин мегузоштам, ки аз қавле "мӯре озор намеёфт." Ингуна бо тарсу ҳарос ва ташвишу талвоса рӯйи диван меорамидам, ки ҳеҷ ҷонам одамвор намеосуд. Ҳамсари меҳрубону бас эҳтиёткорам ҳанӯз ҳам тавақҷуи дар рӯйи диван хобидану фароғат карданро намекард ва ҳар гоҳ даст афшонда, мегуфт, ки "худат ба танҳоӣ хобидаву роҳат кардан гир, мардак. Ба умеди дар барат хобидан нашавам, ки боз диван дарун занад.

– Монаш, ба Худо!" Бо вуҷуди ин, шомгоҳи рӯзи сеюме, ки рахти навро иваз карда будем, оламу одамро фаромӯш карда, пас аз кор, ки бас вазнин гузашт, хаставу бефараҳ худро болои диван ҳаво



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

додам. Худро ҳаво доданам ҳамон буду шaраққосу тараққоскунон садо баровардани диван ҳамон. Ман гӯё дафъатан ба чоҳе амиқ фурӯ мерафта бошам, ҳарчанд зӯр задаму саъйю азм кардам, худро аз ин “чоҳ” берун кашида натавонистам. Дасту пой задам, пайкарамро ин сӯву он сӯ ёзондам, чу шиноваре, ки дар умри сараш обро аз назик надидаву ҳавасу талоши оббозӣ дар сар худро ба об ҳаво дода ва хавфи ғарқ шудан ба ӯ таҳдид мекарда бошад. Хайрият, бо амри тасодуф, барои сӯзану риштаро гирифтану либосеро бахя задан ҳамсарам ба хона ворид шуд ва ба ҳар тараф худро задани ману овози ғиж – ғижи дивани зормондаро дидаву шунида, якбора “воҳ, баррам” гуфта, нидои тааҷҷубомезе баровард.

- Боз чӣ воқеа? – ҳайрон шуд ба мани дар диван ғӯтахӯрда нигариста.

Ман бо наҳваю оҳанги имдодхоҳона дастонамро ба сӯйи ӯ дароз кардам:

- Ҳоло вақти пурсуҷӯ нест. Як коре кунед, ки маро бархезонед. Шонаҳоям ба дард даромад, поям шадидан раг кашидааст. Азобам зӯр.

- Зӯру тавони ман барои бархезондани ту намерасад, - таассуфомез гуфт ҳамсарам ва ҷониби дар азми рафтан кард:

- Писарамро ҷеғ занам. Ҳардуямон шояд бихезонем туро.

Пас аз чанде модару писар пайи ҳам ба хона ворид гардиданд ва зуд ба ман наздик шуда, аз дастонам гирифта, талоши аз дивани шикаста



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

бархезонданам карданд. Бо азоби зиёди тавонкоҳе ниҳоят бархезонданду рост карданд маро.

- Боз чӣ бало зад ба ин диван? – бо оҳанги шигифтомез ба пасу пеши диван бо дидаи таҳқиқ нигарист писарам. – Охир, се рӯз ҳам нашудааст, ки рахташро нав кардем. Ва рӯйкашро аз болои диван гирифта, ба рахти сафед бингарист:

- Наход рахт дубора аз ҳам рехта бошад? Ин ҳеҷ имкон надорад.

Не, рахт ҳеҷ осебу зиён надида буд. Писарам зуд рахтро бардошта, каноре гузошт ва... аҷаб, аз аҷаб ҳам аҷабтар, яке аз зерчӯбҳои диван шикаста, пояҳои диван аз вазни афтидани ман каҷ шудаанд.

- Ҳазор бор гуфтам, ки мардак худатро ба болои диван ҳаво надеҳ, оромакак дароз каш, - забон ба насиҳат кушод ҳамсарам. - Ана, оқибати корат.

- Аҷоиб ин ки рахт ҳеҷ осеб надидааст,вале чӯб шикастааст, - чашм аз зерчӯби шикаста наканда тааҷҷуб кард писарам ва даст ба ҳам зад:

- Ин дафъа аз ана ҳамин хел тахта харида меорем.

- Дар куҷо мефурӯшанд ин гуна тахтаро? – кунҷковӣ кардам ман.

- Дар магазинҳои масолеҳи сохтмонӣ, боз дар фурӯшгоҳҳои мебел, - фаҳмонд писарам.

- Зудтар аз пайи кор шудан лозим, - дар омади гап ҳакимона хитоб кардам ман ва изҳори нигаронӣ кардам:

- Чи хел ки ҳамин диван аз аввал бефайзу хосият омад. Аллакай бори дуюм аст, ки мешиканад...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Муддате бад-ин ҳолу ҳаво паси сар шуд ва рӯзе писарам чӯби нави хокистарранги муҷаллоро аз фурӯшгоҳи шаҳр харида овард. Дар омади гап, бояд тавзеҳ бидиҳам, ки писарам устои чилҳунари чирадастест, ки имсол ба муҷиби доман паҳн кардани бемории ҳамагиру ҳамахори "Ковид – 19" натавонист ба муҳоҷират ба Русия равад. З-ин рӯ, дар ину он хонадони ҳамдеҳагон ба корҳои сохтмонӣ машғул шуда, аробаи рӯзгорашро ба пеш мебурд. Чӯби нави ялаққосиро ба диван насб карда, рахтро аз болои зерчӯбҳо густурдаву онро ба таври шоҳона пероста, қаноатманд нидо баровард:

- Ана, чӯбро ҳам насб кардем. Боқӣ, ба роҳат болои диван дам гиреду бихобед, падар. Хайр, ба ҳар ҳол, эҳтиёт кунед.
- Модарат чӣ? – назари суол дӯхтам ба ӯ.
- Чӣ "модарам?"
- Модарат ҳам бихобад, зарар надорад, мегӯм?
- Не, ҳар ду хобидан гиред, - қотеъона гуфт писарам ва илова кард:
- Ин чӯб чӯби одӣ нест. Аз дарахти сасна мебошад!
- Хуб, хайр бошад!

Як моҳ, ду моҳ, се моҳ гузашт. Зимистон рафту баҳори сабзҷома ҷойгузини сардиҳои он фасл гардид. Дар ин муддат ҳарчанд ҳамсари меҳрубону муҳибамро маҷбур кардам, ки дар рӯйи диван, паҳлуям бихобаду ҳузуру ҳаловат барад, розӣ нашуд, ки нашуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

- Э мардак, чӣ лозим ташвишу даводави зиёдатӣ, - гуфт ӯ. - Мо хурсанд, ки дигар бо ин диван воқеае рӯй намедиҳад. Худат баҳузур бихобу фароғат кун. Ман розӣ. Ягон фикри зиёдатӣ накун. Хафа, ки нестам... Аммо мани якрав дилам ба “рафиқи якумрии ҳаётам” сӯхта, як шаб рӯйи гилем ҷогаҳ густурдани ҳамсарамро дида, бо лутфу навозиш пешниҳод кардам, ки аз қавли Хайёми бузургвор, – “ин моли ҷаҳон ба кас намонад ҷовид”, биё, ки паҳлуи ҳам андар диван бихобем.

- Наход, як диван арзиши шуморо надошта бошад? Ҳай содае!

Билохира ба нею нестони занак нигоҳ накарда, розияш намудам, ки андар диван паҳлуям биоромад.

Баробари паҳлуи ҳам рӯйи диван дароз кашиданамон, нохоставу ногаҳонӣ садои баланду таҳлукаомези шароққосу тароққос зада шикастану фурӯ рафтани рахт ба гӯш расиду мо якҷо ба ковокии рахт ғелида рафтем.

## ҲАЙ ДАРЕҒ

Ҳай дареғ, сад афсӯс! Медонистем, ки як рӯз не, як рӯз ҳамин воқеа рух медиҳад. Пӯсткандаи гап ҳамин, ки директори мактаби моро пас аз 25 соли сарварӣ аз вазифааш сабукдӯш каданд. 25 сол бетанаффус дар хизмати мардуми деҳа буд, директори азизи мо! Ҳай дареғ, сад афсӯс! Кори хуб накарданд. Ин хел директорро одамон як умр орзу мекарданд. Ҳалим, хоксор, ширинзабон, мисли баъзеҳо сахтгиру якрав



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

набуд вай! Мо, муаллимаҳо, ягон дафъа аз даҳони вай ҳарфи баланду ноҷо нашунидаем.

«Муаллимаҳои меҳрубону ба ҷон баробари ман» гуфта ба мо муроҷиат мекард. Парвои одаму олам надошт. Яктааш ман, тӯли 25 сол конспекти дарсӣ нанавиштаам. Директор умуман ба конспект кор надошт. Чанд дафъа мудири қисми таълимӣ Шоҳаков эътирозу арбада бардошта, дар Шӯрои назди директор шикоят кард, ки муаллимаҳо (аз ҷумла, ман!) бе конспект ба дарс медароянд. Дарсро аз рӯйи талаби замон баргузор намекунанд. «Виҷдон ҳам чизи хуб!»-гуфта ҳай бардорузан кард. Вале директор хандаи ҳамешагӣ дар лаб, маҳину нозук ва хеле мулоим:

- Ҳеҷ гап не-гуфт, - имрӯз нанавишта бошанд, пагоҳ менависанд. Пагоҳ нанависанд, минбаъд менависанд.

- Шумо, Шоҳаков, - ба мудири қисми таълимӣ муроҷиат карда вай, - муаллимаҳоро сахт нагиред. Онҳо азизони дилу дидаи моянд. Ин масъаларо ман худам дида мебароям.

Чӣ, шумо гумон кардед, ки директор дар алоҳидагӣ машварат ороста, моро танбеҳ дод? Не, аз куҷо! Рӯз дар миён ба ноҳия сафар мекард. Маҷлис, шӯрои директорон, шӯрои назди мудир, ҳатто ҷамъомади махсус дар ҳукумати ноҳия бо иштироки раиси ноҳия ва ғайраву ҳоказоҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Директори азизи мо (эҳ, бечора!) ҳатто ҳафтае 12 соат дарси худро ба хонандагон дода наметавонист. Кори нағз нашуд. Роҳат доштем. Ин хел директорро аз куҷо меёбӣ дигар? Ман аз директорамон аз замин то осмон миннатдорам. Ягон маротиба дар дарси ман иштирок накардааст. Вай ба дарсҳои муаллимони дигар ҳам намедаромад. Ташвиш намедод. «Ҳар чӣ дар дег бошад, дар кафлес мебарояд», -мегуфт.

Ростӣ, пашаро озор намедод директорамон

Ман (чӣ ҷойи пинҳон кардан!) ҳамарӯза ба машғулиятҳо дер монда ба мактаб ҳозир мешудам. Як рӯз хамир меҷӯлондам, рӯзи дигар то ҷомашӯйиро ба анҷом мерасондам, ки як соати дарсӣ гузашта мерафт. Мавсими қулфинай бошад, тамоман ба дарсҳо дер монда меомадам. Сатилчаҳои қулфинайро дар бозори шаҳр бурда савдо мекардам. Дер мекардам, чаро дурӯғ гӯям? Аммо директор сухани сахту обдор он тараф истад, боре напурсидааст, ки ба чӣ сабаб дер мондӣ ба дарсҳо. Забонхат, баёнот… ин хел гапҳо барои мову директори азизамон аслан бегонаю ноошно буданд. Чизи дигар: гоҳо, ду-серӯза хапу хумори дидори падару модарам мегирифту дамакак ба ноҳияи Ҷомиобод (зодгоҳам!) раҳсипор мешудам. Саҳари рӯзи душанбе мебаромадаму душанбеи ҳафтаи дигар бармегаштам ба деҳа ва гӯё ҳеҷ гап нашуда бошад, ба мактаб меомадам. Директор баъд аз ҳолпурсии самимона насиҳат мекард, ки «кори хубу савобе



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

мекунӣ. Падару модарро зуд-зуд хабар гирифтан даркор. Бояд дигар муаллиму муаллимаҳо аз ту ибрат гиранд». Ҳай дареғ! Сад афсӯс! Директори олиҷаноб доштем. Кораш аз саҳар то бегоҳ дар кабинеташ, дар дафтарҳои ғафс навиштану навиштан буд. Оламро об барад ҳам, парво надошт. Завучамон Шоҳаков, мегӯйӣ, замоне ҳайкалашро дар саҳни мактаб мегузошта бошанд, бисёр «ғам» медод моро. Барои санҷиши дарси ман, ки бояд дар асоси усули таълими салоҳиятнок мегузашт, ба синфи 3 даромада, бо абрувони дарҳамкашида дар қафо нишаст. Чӣ, хаёл мекунед, ки ман бояд ҳатман дарсамро аз рӯйи ҳамин усули таълим бояд гузарам? Мавзӯи навро аз рӯйи китоб пурра хондам.

Баъд мавзӯи мазкурро хонандаҳо дар дафтарҳои худ навиштанд. Нияти ҷамъбасти дарсро доштам, ки садои занги баромад баланд шуд.

Шоҳаков бо қаҳру ғазаб ба сари ман дод зад:

- Магар дарси шумо аз ду қисм иборат аст?!

- Нафаҳмидам, - посух додам ман, чихелӣ қисм?

- Лексия кардану навиштани мавзӯъ аз китоби дарсӣ.

- Нафаҳмидам.

- Баъд мефаҳмӣ.

Шоҳаков дари синфро сахт пӯшида, баромада рафт.

Ҳай дареғ, сад афсӯс! Дастгиру мададгори мо буд директори азизамон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Дар Шӯрои омӯзгорӣ Шоҳаков ба дарсҳои ман эрод гирифт, ки муаллима аз усули таълими салоҳиятнок хабар надорад. Ба дарсҳо бе тайёрӣ меояд. Мавзӯи навро аз китоб ба таври лексия мехонад. Ба хонандагон супориш медиҳад, ки аз фалон саҳифа то фалон саҳифаро дар хона рӯбардор карда оянд. «Ана, дарси замонавию мана, дарси замонавӣ». Аз дастгоҳҳои техникии нав, амсоли компютер, тахтаи электронӣ ва васоити аёнӣ истифода намекунад.

Хайрият директор ба мададам шитобида;

- Шоҳаков, ҳазор бор гуфтам, ки ба муаллимаҳо сахт наоед, - гуфт. - Муаллимаи азизи мо, агар аз усули муносибати босалоҳият ба таълим истифода накарда бошад, фардо, истифода мекунад, фардо нашуд, дар ояндаи наздик истифода мекунад. Гап дар сари компютеру тахтаи электронӣ бошад, муаллима оҳиста-оҳиста бо ин васоити технологии нави замони муосир кор карданро ёд хоҳад гирифт, имрӯз натавонад, фардо, фардо натавонад, як рӯз не, як рӯз, Худо хоҳад, аз он истифода мекунад. Ана, ҳамин тавр! Ҳай дареғ, сад афсӯс! Ҷони одам буд. директори азизамон. Чанде пеш мактабро аз аттестатсия гузаронда баҳои ғайриқаноатбахш гузоштанд.

Ва…баъди 25 сол директори азизамонро аз вазифа сабукдӯш карданд. Медонед, киро сардари нав таъйин намуданд? Мудири қисми таълимӣ Шоҳаковро! Акнун ба ман лозим меояд, ки хамирро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

дар вақташ ҷӯлондаву ҷомашӯйиро рӯзҳои истироҳатиям анҷом диҳам. Себу ноку гелосу қулфинайро аз хонаам ба таври яклухт ба савдогарҳои деҳа фурӯшам. Ба хонаи падару модарам дар вақти таътилҳо (он ҳам ҷавоб пурсида) сафар намоям.

Ҳай дареғ, сад афсӯси директори азизамон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

МУНДАРИЧА


| | |
|---|---|
| Пешгуфтор...................................................... | 3 |
| Шаби сиву якум.............................................. | 6 |
| Сарнавишти ду тан.......................................... | 21 |
| Имтиҳони қисмат........................................ | 43 |
| Интизорӣ........................................................ | 67 |
| Тақдирчунбон................................................ | 106 |
| Бародарам...................................................... | 116 |
| Ҷазо................................................................ | 124 |
| Дасти боло..................................................... | 133 |
| Гиряи пушаймонӣ........................................ | 150 |
| Чорсӯ.............................................................. | 161 |
| Девор............................................................... | 189 |
| Як сатил гандум............................................. | 196 |
| Ғамкушта....................................................... | 203 |
| Ғазабкуш........................................................ | 223 |
| Ранҷиш............................................................ | 253 |
| Бозгашт........................................................... | 267 |
| Кӯрнамакҳо................................................... | 273 |
| Вов, муаллим! ............................................... | 236 |
| Балогардон..................................................... | 289 |
| Диван............................................................... | 297 |
| Ҳай дареғ........................................................ | 308 |




барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

**ШОДӢ РАҶАБЗОД**

# ДАСТИ БОЛО

Муҳаррири техникӣ:
*Меҳроҷ Назаров*

Тарроҳон:
*Салима Мӯсоева,*
*Санҷари Абунасрпур*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед

Ба чоп 05.12.2022 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 16,5. Теъдоди нашр 300 нусха.

ҶДММ "Меҳроҷ Граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи kitobkhon.net муроҷиат кунед